РУСТАМИ ВАҲҲОБ

# АДАБИЁТ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4-5
В-29

Муҳаррир: *Мубашшир Акбарзод*

Муқарриз: *профессор Худоӣ Шарифов*

В-29 **Рустами Ваҳҳоб. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ.**
– Душанбе, «Адиб», 2011. 224 саҳ.

Ин маҷмӯа, асосан, аз мақолаҳое фароҳам шудааст, ки ба масъалаҳои шинохти рисолат ва ҷойгоҳи адабиёт дар ҷомеа, нақши иҷтимоии адабиёт ва фарҳанги миллӣ, аслҳо ва роҳкорҳои таҳлилу баррасӣ ва бакоргирии осори адабӣ ва арзишҳои фарҳанги миллӣ ихтисос ёфтаанд.

ISBN 978-99947-2-208-2

© Ваҳҳоб Р.И., 2012

# ПЕШГУФТОР

Андешамандони замони ахири мавҷудияти давлати Шӯравӣ бар ин ақида буданд, ки дар ахири солҳои панҷоҳум ва солҳои шастуми асри бистум дар адабиёт ҷунбиши назарӣ ва ҳунарие ба хуруш омад, ки натиҷаи андаке суст шудани кашиши банди мафкураи иҷтимоӣ ва вобастагии идеологӣ буд. Насли нави адибони тоҷик аз ҷумлаи нависандагону шоирон парваридаи ҳамин мавҷи нав буданд ва имрӯз онҳо, гуфтан метавон, ки сутуну пояи нигоҳдори бинои адабиёт мебошанд.

Дар охири солҳои ҳаштодум ва аввали солҳои навадуми асри мозӣ дар рӯйи мавҷи ҷунбишҳои сиёсӣ ва табаддулотҳои давлатӣ насли нави адибон бо қаҳру ситеза аз нобасомониҳои пешомада ба бозори пурошӯру валвалаи адабиёт омаданд. Ин навомадагон ҳар яке на фақат бо хисоли хоси табиати мардумӣ, балки ба даъвоҳои тозаи андеша ва ҳунари эҷодӣ, албатта, ҳар ки соҳиби ва тарбияти касбии адабист, гом мебардоранд. Умумият ва фардияти истеъдод ва ҳадафу мақсадҳои онҳо ошкор шуда, вале ба натиҷагирии тамом нарасидааст. Яке аз намояндагони ҳамин насли нави адибон Рустами Ваҳҳоб аст. Рустами Ваҳҳоб шоир ва муҳаққиқу мунаққиди адабист ва фаъолияти дуҷониба дорад. Дар кадоми ин ду касб бештар муваффақ мешавад, аз вазъи зиндагонӣ вобаста аст. Донишмандони замони гузашта ақида доштанд, ки олим бояд шуғли шоирӣ наварзад, зеро шоирӣ қудрат ва номи ҳакимии ӯро фурӯ менишонад. Барои тасдиқи ин иддао Носири Хусрав ва Анвариро намуна овардаанд, ки ба шоирӣ шӯҳрат ёфта, ҳикмату дониши худро боз доштанд.

Ин сухан дар нисбати Анварӣ дуруст аст, аммо Носири Хусрав дар ҳикмат ва калом низ хеле шуҳрат ёфт.

Шоирӣ пешаи фарогири завқи ом аст ва фаъолияти илмӣ ҳадафи хос ва маҳдудтар дорад. Дар замони мо ҳам касони гирфтори шуғли нақду таҳқиқ ва шеър ҳастанд ва

Рустами Ваҳҳоб намояндаи насли ҷавонтари онҳост. Бегумон табъи шоирӣ завқи дарёфтро дар таҳқиқу нақд такон медиҳад ва бунёди андеша ва тафаккур шеърро ба гирдоби туғёни андеша мебарад.

Рустам то ин замон як рисола дар бораи поэтикаи шеъри Мӯъмин Қаноат анҷом дода буд. Маҷмӯаи ба ихтиёри хонанда пешниҳод шуда китоби дуюми Рустам аст, ки роҳнамои мо ба шинохти баъзе масъалаҳои адабиёти муосир, хосса шеъри замон ва дар айни ҳол салиқа ва ва сабки нақду омодагии ӯ дар ин ҷодаи пешгирифта мебошад. Мо дар ин гуфтори мухтасар имкони зиёде барои таъйини ҷойгоҳи назари адабии Рустами Ваҳҳоб дар протсеси афкори адабии муосир надорем. Аз ин рӯ баъзе аз нукоти мавриди таваҷҷӯҳи Рустам қарорёфтаро ба нишони ишора ба диди ҳунарии ӯ ба ёд меорем.

Мақолаи аввали маҷмӯа «Адабиёт ва масоили миллӣ» унвон дорад. Ин масъалаи бисёр муҳимми баҳси адабист, зеро сурати аз ҳама муҳимми миллият дар маънои нажодӣ ва ҳам мансубияти кишвар фарҳанг аст ва адабиёти бадеӣ ҷузъи бисёр муҳимми фарҳанг аст. Ин мавзӯъ аз ду паҳлу мавриди баррасӣ ва эътибори таҳқиқ шуда метавонад: якум зуҳури миллият дар адабиёт ва дувум муносибати адабиёт ба масоили рӯзгори таърихи миллӣ. Ин ду паҳлу ифодаи миллияти адабиёт ва таҳқиқи онҳо аз ҳам ҷудо нестанд, вале назокати дидро бо худ доранд. Рустами Ваҳҳоб аз мавқеъи дуюм ба таърихи масоили миллӣ назар кардааст. Гузориш ва баррасии мавзуъи мавриди назар дар умқ ва паҳнои мавҷудият ва инкишофи таърихии адабиёти тоҷик анҷом дода шудааст ва далолат бар он мекунад, ки нависанда масъаларо хеле васеъ мефаҳмад ва аз марҳилаҳои таърихии инкишофи адабиёт хуб огоҳӣ дорад. Ин мавзӯъ доираи васеъи гуфтугӯ ва таҳқиқ дорад ва барои шинохту баррасии адабиёти муосир низ арзиши роҳнамоӣ дорад.

Дар дигар мақолаҳои маҷмӯа мавзӯъҳои гуногуни шеъри замони гузашта ва имрӯза гузошта шудаанд. Ба назари мо муҳимтарин масъалаҳои баҳси адабии Рустами

Ваҳҳоб ба мавзӯъи суннатҳои адабӣ ва навоварӣ, ҳунари суханварӣ ва пояи шоиронаи сухан, низоми сухан дар андешаи адабӣ ва дигар масъалаҳои ҷузъӣ ва куллии адабиёт мебошад.

Дар мақолаи «Мавзӯъи май дар таърихи адабиёти тоҷик» муҳаққиқони ин мавзӯъ ба се даста ҷудо карда шудаанд: моддигароён, касоне ба май «фатвои адабии» ҳалол будан медиҳанд ва гурӯҳи севум корбурди ғайримаҷозии майро инкор мекунанд. Таърихи ин назарҳо дар шеъри форси тоҷикӣ дар мақола бисёр густарда баррасӣ шудааст. Инро бояд бигӯем, ки дар ду мақолаи мазкур масъалаҳои хеле густарда гузориш ёфта, баҳси муҳаққиқон ва воқеияти таърихии адабӣ барои таҳқиқи минбаъда дарҳои тозае гушудаанд. Муҳаққиқони минбаъда ва соҳиби мақолаҳо имкон доранд, ки вазъи ин мавзӯъҳоро дар воқеияти адабӣ ва назари таҳқиқӣ ҷомеътар гузошта ва ба натиҷаҳои бештари илмӣ бирасанд.

Як ҷиҳати муҳимми мақолаҳои Рустами Ваҳҳоб ин аст, ки нигоранда аз паҳлуҳои ҳунарию бадеӣ вазъи мазҳабӣ ва ҷаҳонбинии эстетикӣ, фалсафӣ ва ирфонии адабиёти асрҳои миёнаи тоҷик хуб огоҳ аст. Ин қазия барои он ҳоҷат ба ёдоварӣ дорад, ки баъди оғози нимаи дуюми аҳди шӯравӣ дар миёни аҳли адаб ва танқид огоҳӣ аз осор ва афкори асрҳои миёна рӯй ба костагӣ ниҳод. Ин ки Рустам аз авзои ҳунарӣ ва фикрии ин замон огоҳии барои марди адиб кофӣ дорад, аз мақолаҳои «Мавзӯъи май дар таърихи адабиёти тоҷик» ва «Низоми сухан ва низоми андеша» ҳувайдост. Дар мақолаи аввал масъалаҳои мазҳабӣ, таълимоти каломӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ва воқеияти бадеии ҳунарӣ дар шеъри марбути мавзӯъи май бисёр огоҳона матраҳ шудаанд. Мавзӯъи май дар шеъри воқеиятии Рӯдакӣ, назари мазҳабии Носири Хусрав, фалсафи офариниши Хайём, ҳунари тасвирии санъати иҳом, назари каломии Имом Ғаззолӣ, зикри сӯфиёна ва маърифати орифонаи Мавлоно ва Хоҷа Ҳофиз, диди абадияти мастии азалӣ, муносибати маю мастию масоили иҷтимоӣ ва сойири масоилу назарҳои дигар аз муҳаққиқ сатҳи маълуми

донишу огоҳии илмӣ ва касбии адабиро мехоҳанд ва соҳиби ин мақола ва китоб онро дорад.

Ҳамаи инҳо ба замимаи дониш ва имконоти фикрии (интеллектуалии) соҳиби мақола такя доранд ва маҷмӯан ҳосили истеъдод ва баракати заҳматҳои ӯ мебошанд.

Ба назари мо Рустами Ваҳҳоб аз ҷиҳати синну сол ва камолоти донишу фазилат ба дараҷае расидааст, ки метавонад ба таҳқиқи мавзӯъҳои бузургу шоистаи илмӣ-адабӣ ва эҷоди асарҳои бадеии манзум рӯй биёварад. Саъю кӯшиш ва ҳиммату бурдборӣ ва тавфиқ дар анҷоми чунин корҳо барояш таманно дорем.

***Профессор Худоӣ Шарифов***

# НЕСТ КОРЕ БЕҲТАР
# АЗ КОРИ СУХАН

Қудрати эҷодкорӣ ва дар баробари он арзишдоварии ҳаққонии каломи бадеъ аз қадим яке аз хасоиси аҳли қалам будааст. Аз даврони оғози шеъру адаби форсӣ то кунун мо шоҳиди фаъолияти густардаи шоирони муҳаққиқ ё муҳаққиқони шоир бисёр будаем, ки ба далели тангии фурсат аз зикри номашон дармегузарем.

Ҷои хушию масаррат аст, ки ин падида, ин раванди матлуб имрӯз ҳам дар муҳити адабии форсизабонон, аз ҷумла Тоҷикистон низ, ҳамчун суннати хуб идома дорад ва шумори маъдуде аз адибони мо ба ин кор машғуланд. Дар ин миён чеҳраи шоир ва муҳаққиқи хуби адабиёт Рустами Ваҳҳоб мушаххас аст. дар саросари кишвар ӯро ба унвони шоири хушқариҳа ва ва адабиётшиноси санҷидасухан хуб мешиносанд. Навиштаҳои ӯ муаррифи доираи васеъи донишу омӯзиши ӯст. Ин чиз ҳам дар шеъраш ва ҳам дар мақолаҳои таҳқиқотияш равшан ба назар мерасад. Китоби шеъри ӯ, ки ба номи «Шаҳри Хуршед» соле чанд пеш ба табъ расида, муайййиди ин иддиъост, ки Рустами Ваҳҳоб воқиан яке аз шоирони хубу соҳибистеъдоди мост. Воқеан, ӯ яке аз қаламкашони асилест, ки тамоми ҳастии худро ба эҷод сахт пайванд додаанд ва либоси умри худро бо сӯзани қалам медӯзанд.

Мақолоти ин шоири муҳаққиқро дар даст дорем, ки ба масъалаҳои гуногуни адабиёт ва фарҳангу забони миллӣ ихтисос ёфтаанд. Мутолиаи ин мақолот, ки пиромуни осори бузургони гузаштаву имрӯзаи адабиёту фарҳанги деринасоли мо ва масъалаи покизагии забони имрӯз навишта шудаанд, воқиан ҷолибу ибратомӯз аст. Хонандаи ҳушёру огоҳ метавонад аз ин навиштаҳо бардошти хубу судманде бикунад ва муҳаққиқи забону адаб метавонад дар навиштаҳои худ аз ин мақолот ба ҳадди аҳсан истифода намояд.

Бо таманнои тавфиқи ҳарчи бештари ин шоири муҳаққиқ маҷмӯаи мақолоти ӯ «Адабиёт ва фарҳанги миллӣ» ба хонандаи нуктасанҷ пешкаш мешавад. Бошад, ки ин китоби арзишманд аҳли таҳқиқ ва донишмандони забону адабро писанди хотир гардад.

***Муҳаррир***

# АДАБИЁТ ВА МАСОИЛИ МИЛЛӢ

Муҳимтарин бахши адабиёти ҳар миллат осоре ба шумор меояд, ки дар он дар баробари риъоят ва таъмини меъёрҳои пазируфтаи ҳунарии адабӣ ҳамчунин муҳимтарин масоили ҳаётӣ ва таърихиву фарҳангии миллат баррасӣ шуда, соҳибони ин осор барои ҳаллу фасли ин масоил ба воситаи қареҳа ва даҳои адабии худ кӯшиш ба харҷ дода бошанд.

Истилоҳи «адабиёти миллӣ» агар ба эътибори адабиёти иҷтимоии муассир дар зиндагии иҷтимоии як миллат бошад, пас, решаҳои чунин адабиёт дар ҷомеаи тоҷикро метавон аз даврони ба истилоҳ «маорифпарварӣ» ҷӯё шуд. Агарчи адабиёти беш аз ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ бе нақши иҷтимоъӣ набуд ва ба ҷиддият масоили муҳимми иҷтимоъӣ ва башариро матраҳ мекард, вале мухотаби он афрод (нухбагон) буд, на ҷомеа ва хитоб ба ин афрод ҳам сурати муназзам ва барномаӣ надошт, чунон ки масалан, нависанда аз қабл тасмим гирифта бошад, ки асари вай барои чи гурӯҳе аз мардум аст ва оё ин гурӯҳ, ки мухотаби вай қарор гирифтааст, амалан то чӣ ҳад метавонад аз мазомин ва матолиби асари вай баҳраёб гардад. Мухотаб куллӣ буд ва нависанда ба салоҳият ва имони вай умедвор буд ва дар хатми асараш аз вай дуои хайр мехост. Ин асл ҳатто дар бузургтарин ҳамосаи миллии ориётаборон, ки «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ аст, мушоҳида мешавад. Фирдавсӣ пас аз он ки ба ифтихор хитоб мекунад, ки:

*Басе ранҷ бурдам дар ин соли сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.*

Мегӯяд:

*Ҳар он кас, ки дорад ҳушу рою дин,*
*Пас аз марг бар ман кунад офарин.*
*Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,*
*Ки тухми суханро парокандаам.*

Яъне агарчи ин ҳамосаи миллии ориётаборон аст, вале мухотаби Фирдавсӣ дар маҷмӯъ инсони мунсиф ва дорои завқи адабӣ ва басирати башарӣ аст, ки метавонад дар ҳар ҷое аз ҷаҳон маскун бошад. Аз сӯйи дигар Фирдавсӣ аз ибтидо қасд ҳам накардааст, ки ин асар василаи тарбият ва парвариши донишу завқи як қавм ё як гурӯҳи хос бошад. Ҳамчунин бар пояи ин асл ва ин нигариш аст, ки соҳибони чунин осори ҷомеъ ва комил, то он ки ба баёни афкор ва матолиби хоси худ бипардозанд, лозим донистаанд, ки пешзаминаи ин афкорро ба сурати таъбири вижае аз фалсафаи зуҳури олами ҳастӣ ва таҳаввули он тарсим намоянд. Аз ин ҷост, ки Фирдавсӣ пас аз таъкид бар асолати диниву имонии худ бар пояи ислом, аз пайдоиши ҷаҳон ва нахустин падидаҳои зиндагии иҷтимоъӣ сухан ба миён меорад ва нахустин мулук ҳам дар «Шоҳнома» дар маҷмӯъ нахустин касон аз афроди башар ҳастанд, ки расми мулукиятро бино ниҳодаанд ва зерсохтҳои моддӣ ва фарҳангии зиндагии иҷтимоъиро дар миёни башар эҷод кардаанд.

Дар як муқоисаи иҷмолии ҳамин манзумаи пурифтихори Фирдавсӣ бо шеъри «Кохи ёдгор»-и Александр Сергеевич Пушкин – бунёнгузори адабиёти классики Рус, ки дар офариниши он басароҳат таҳти таъсири каломи Фирдавсӣ қарор дорад, метавон ба тафовути боризи дидгоҳҳо аз назари маҳдудаи мухотабин ва интизори нависанда пай бурд. Мухотаби А.С. Пушкин миллати Русия аст ва ҳатто дар мақоми муболиға ҳам интизораш аз истиқболи ақвоми кӯчӣ ва бесаводи ҳамин Русия мебошад, на хориҷ аз он. Ва шоир умед дорад ки «напӯшонад алаф роҳи мардумро бар ин маҳзар, ва шеъри ӯро ҳатто қалмиқи биёбондӯст, ки яке аз ашираҳои бесаводи паҳнаи импературии Русия ҳаст, рӯзе бихонад». Албатта метавон гуфт, ки беш аз ашъори Пушкин «Шоҳнома» ҳамосаи миллии ростини ақвоми эронӣ, аз ҷумла тоҷикон шуд, аммо ин баҳси дигаре, ҷудо аз мавзеъ ва дидгоҳи иҷтимоии худи суханварон аст.

Бидуни тардид, суханварони оянадаи форсизабон, ин навъ таърифу таъбир аз ҷаҳони ҳастиро дар чаҳорчӯби нисбатан мушаххасе, ки онро метавон бо ҷаҳонбинии

исломӣ айният дод, ба унвони бистари афкори мутаолии худ пардохтаанд ва дар ин миён унсури вижае, ки хосияти миллӣ ва қавмии осори онҳоро таъмин кардааст, зоҳиран забон будааст – забони форсӣ. Аммо аз назари дидгоҳ ва мавзеъи иҷтимоъӣ ҳамоно адиб дар миёни мардум, аҳли ҷомеъа ва нухбагони он ба сурати восита ва шафеъ амал мекардааст ва агар ба хотири хидмат ба ҷомеа ва инсонҳо нақшеро ба худ ихтисос медода, ҳамин будааст, ки ҳаққи мардум, халқи Худойро ба ёди нухбагон биёрад ва ононро ба адои ин дайни илоҳӣ фаро бихонад ва мардум дар ин миён монанди як қишри маъзур ва маъсум муаррифӣ мешавад, ки камтар мавриди хитоби мустақими адиб қарор гирифтааст. (Халқ ҳама яксара ниҳоли худоянд… Носири Хусрав). Ё тамсили машҳуру мукарраре, ки «султон шубон асту раият рама». Ин нукотро дар осори ҳамаи шуарои пешин, бахусус Носири Хусрав, Саъдӣ ва дигарон ба вузӯҳ метавон мушоҳида кард. Ҳатто, дар қасоиди Рӯдакӣ он гоҳ, ки шоир дар силсилаи авсофи мамдӯҳи худ – амири сомонӣ аз дидгоҳи ислом назар мекунад, адли ӯ ба мардумро меъёр ва милоки аслии исломияти мамдӯҳи худ қарор медиҳад:

*Боз ба ҳангоми доду адл бари халқ*
*Нест ба гетӣ чун ӯ набилу мусулмон.*

Шояд битавон гуфт, ки хитоби мустақим ба мардум ва аҳли ҷомеаи рӯзгор аз мавзеъи ҷаҳонбинии исломӣ дар асрҳои баъдӣ дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил барҷастатар ба назар мерасад. Дар ин мухтасар имкони он нест, ки ба мизони огоҳиҳои мардуми рӯзгори Бедил ва ҷомеаи он даврон аз маорифи ростини исломӣ бипардозем, вале дар пораҳое аз осори ин шоири мутафаккир ба вузӯҳи тамом мушоҳида мешавад, ки шоир дигар танҳо як восита ва шафеъ миёни «халқи Худой» ва нухбагону ҳукком нест, балки рӯйи сухани ӯ ба сӯйи мардум аст ва мустақиман ба мардуми одӣ хитоб мекунад ва ононро ба худшиносӣ ва фаъолият ва ҳатто қиёму ситез дар баробари зулм фаро ме-

хонад:

*Ҳиммат ҳар ҷо беш кунад кореро,*
*Душворӣ нест ҳеч душвореро.*
*Якчанд фалоҳатӣ ба кӯшиш печад,*
*Холӣ созад зи санг кӯҳсореро.*

Ё:

*Золим пӯшад либоси хунбофтаро,*
*То зер кунад хасми забунёфтаро.*
*Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун,*
*Бардор ба оҳан оҳани тофтаро!*

Мавқеъе, ки ба баррасии заминаҳои афкори иҷтимоъӣ ва маорифпарварии саромади неҳзати маорифпарварии Бухоро Аҳмад Махдуми Дониш мепардозем, ногузир ба ин натиҷа мерасем, ки ишон беш аз ҳама аз осор ва афкори Мирзо Абдулқодири Бедил мутаассир будааст. На танҳо Аҳмад Махдуми Дониш, балки тамоми ҷомеаи фарҳангии Бухорои қарни 19 шадидан таҳти таъсири афкори Бедил қарор дошта ва осори ин суханвари тавоно, чи аз назари завқу салиқа ва сабки суханварӣ ва чи аз назари орову афкор фазои илмиву фарҳангии он давронро дар иҳотаи комили худ қарор додааст. Мутаассифона, то кунун ба ин падида танҳо аз буъди зоҳирӣ ё худ формализми маҳз назар шуда ва ҳатто гоҳе ин раванд чун як падидаи манфӣ ва формалистии маҳз муаррифӣ гардидааст. Ба назар мерасад, ки дар сурати баррасии муфассал ва илмии ин падида метавон сари нахи аслии тасалсул ва таҳаввули андешаи адабии исломии Мовароунаҳрро бахусус дар марҳалаи иҷтимоъӣ ва мардумгаро шудани он ба даст овард. Иҷмолан, қобили ёдоварист, ки нахустин рӯзномаи форсизабон дар Бухорои Шариф бо унвони «Шӯълаи инқилоб» дар сархатти нахустин сафҳаи худ ин рубоии Бедилро мунташир карда буд:

*Эй лафзи куҳан ту маънии тоза барор,*
*Эй ҳусни фасурда, андаке ғоза барор.*
*Бигсил раги мабҳаси ҳудусу қидамат*

*В-ин нусхаи тозаро зи шероза барор.*

Ончи ин ҷо ба таври барҷаста зоҳир мегардад, ба ғайр аз падидаи иҷтимоъгароӣ ва мардумгароӣ боз як падидаи дигар – воқеиятгароӣ аст, ки муҳимтарин ваҷҳи муштарак миёни осору афкори Мирзо Абдулқодири Бедил ва маорифпарварони Бухоро, бавижа Аҳмад Махдуми Дониш мебошад. Дониш ҳатто шефтаву мафтуни воқеънигарӣ ва воқеънигории Бедил аст. Ба ҷуз он ки дар сартосари осори Аҳмад махдуми Дониш шеваи тафаккур ва сабку салиқаи Бедил (бахусус қотеъона ва боҳарорат) сухан гуфтан мушоҳада мешавад ва Аҳмади Дониш зимни иқтибоси каломи манзум ва мансури Мирзо Абдулқодири Бедил аз ишон бо унвонҳои пурифтихор ва мӯҳтарамонаи Абулмаонӣ ва Халлоқулмаонӣ ёдоварӣ менамояд, ба ҷуз он ки ҳатто даст ба коре дар муҳити Бухорои қарни 19 истисноӣ зада, мусавварои (портрети) Мирзо Бедилро наққошӣ кардааст, дар муҳимтарин асари худ «Наводирулвақоеъ» фасли махсусеро ба тафсири абёти маънавии Бедил ихтисос дода, дар зимн бо афсӯс ёдоварӣ менамояд ки «…дар замони мо муошараву муколама, дарёфти маъонии абёти дақиқа билкулл барҳам хӯрда буд ва ҳимматҳо ҳама масруфи таҳсили обу нон шуда. Гоҳе ки мардуми маънирас ба ҳам бармехӯрданд, имтиҳонро аз ҳамдигар чизе аз маъонии байтҳо мепурсиданд, ба фикри он, ки бубинам то чӣ мегӯяд. Бисёр буда, ки ончи масъулун анҳу гуфта намефаҳмиданд, аммо ба нифоқ саре меҷунбонданд ва иқбол бар дурӯғ мекарданд…». Дониш пас аз ин муқаддимаи муҷмал ба тафсиру таъбири муфассали чанд байти пурмаънои Бедил мепардозад ва аз он ҷо, ки муроди аслияш ба ҳар роҳе такон додан ва бедор кардани бехабарон ва ҳушёр кардани махмурони бодаи ғафлат ҳаст, дар поёни ин сӯҳбат байти баландеро аз Бедил иқтибос ва шарҳеро, ки комилан ҳамоҳанг бо бақияи баёноти худи ӯст, дарҷ мекунад: «Дигар, Булмаонӣ:

*Ба пастӣ то намонад шавқ, ҷаҳде кун, ки хун гардӣ:*
*Чу об ойинадори ранг гардад, пар бурун орад.*

Мурод аз пастӣ ҳолатест, ки тарафи нақсу камоли он мусовӣ бошад. Шавқ – киноя аз ҳаракату талаби камол аст. Хун гаштан – мустаъид шудан аст барои иртиқои мадориҷи камол. Чунон ки ағзия дар вақте ки аз замин мерӯяд, чизест, ки орист аз сифати нақсу камол, балки ҷиҳати нақс ғолибтар аст, ки аз аклаш (хурданаш) зарар мутаваққиъ бошад. Ба шавқу талаби нумувв қобилияти ғизоӣ ҳосил мекунад ва ба илтизоми ҳаҷми каср хун мегардад ва чун хун гашт салоҳияти он пайдо мекунад, ки дар аъзову ҷавориҳи ғозӣ сориву ҷорӣ шуда, боиси нашвунумӯи қувои зоҳириву ботинӣ гардад, ки маърифати ҳақоиқи ашё вобаста бар он аст.

Пас, ту, ки гиёҳе заъиф дар мазраъи офариниш рустай ва нақсу камолат мусовӣ аст, балки нақси ту аз ҷиҳати таркиб ғолибтар аст, аз шавқу талаб даст мадор ва ба муҷарради вуҷуд ҳамчу соири ҳайвонот қониъ мабош ва ҷаҳде кун, ки истеъдоди камолот ба ҳам расонӣ, ки дар сифати эҷод ҳама ҳайвонот то ҷамодот бо ту баробаранд. Намебинӣ дар об, ки ҷавҳаре басит асту суфлӣ бинобар сиқл ҳамеша моил ба пастӣ аст, вақте ки ойинадори ранг шавад ва ба шавқу талаби нумувв ва рутбаи олӣ ҳулул дар ҷисм кунад, пар бурун меорад ва аз либоси азҳору ашҷор сар ба ҳаво мекашад ва аз рутбаи суфлӣ мартабаи улвӣ меёбад…

Хулоса, ба ҳоле ки дорӣ, қаноъат макун ва ҷаҳд куну толиби камол бош ва ба пастиҳову музахрафоти данияи фония қонеъ мабош, ки дараҷотулаброру даракотулаҳрор…».

Ҳар ҷо ки Дониш дар тафсир ва таъбири осори кудамо хома меронад, ҷаҳдаш бар он аст, ки мазомини ҳушдордиҳанда, ҳушёркунанда ва барангезонандаеро манзур созад. Дар таъбиру тафсири оёти Қуръони маҷид ва аҳодиси шариф ҳам манзури аслии Дониш ҳамин аст ва талош мекунад, то он ҳикматҳои қуръониро, ки инсонҳоро ба касби камол ва саъй дар умури солиҳи дунявӣ фаро мехонад ва аз ғафлат дар умур ва ҳикмати олами ҳастӣ ва ҳаводиси табиъӣ барҳазар медорад, гӯшзад намояд ва бадин тартиб афкори муслиҳонаи худро дар тамоми абъоди

маънавии ҷомеаи худ ҷорӣ месозад.

## Аз Дониш то Айнӣ

Осори мансури адабии Дониш, ки ба иқтизои ҳикмати «ибрат аз мисл аст» иборат аз достонҳое воқеънигорона баргирифта аз зиндагонии афроди одӣ ва воқеъии муҳити худ, барои мардуми одӣ ва бо забону баёне нисбатан мардумӣ мебошад, низ таҳти таъсири рӯшани чунин достонҳое аз Бедил дар китоби «Чорунсур»-и ӯ таълиф шудааст. Тавре ки дар ин китоб Бедил бо нақли саргузашти воқеии худ, амаки худ Мирзо Қаландар ва тағои худ Мирзо Зариф боз ҳам барои мухотаби худ дарси зиндагӣ, шуҷоат ва қаҳрамонӣ, мардумнавозӣ ва донишдӯстӣ медиҳад, Дониш дар «Наводирулвақоеъ» бо ба тасвир кашидани қаҳрамононе мушобеҳ (аз назари шуҷоат ва мардумнавозӣ) чун Мулло Хол, аз сӯе ҳадафи аслии худ ва Бедилро, ки ба фаъолияти яъснопазир хондани инсонҳост, дунбол мекунад ва аз сӯйи дигар теъдоди ҳарчи бештари ақшори одии ҷомиаро мухотаб қарор медиҳад. Ба таъбири дигар тамоюл ба адабиёти мардумӣ ва миллӣ нишон медиҳад. Иҷмолан дар ин мақтаъ метавон ёдовар гардид, ки устод Айнӣ, бидуни тардид, дар баробари дарсҳои дигар, нахустин дарсҳои нигориши насри реалистиро аз ҳамин таълифоти Дониш гирифтааст.

Шефтагии Айнӣ ба осори Аҳмади Дониш, бахусус «Наводирулвақоеъ», ки онро устод Айнӣ, зимни ёдоварӣ аз кори виросторин худ дар ҳини нусхабардории ин китоб бо дастури Садри Зиё дар Бухоро тасвир менамояд, васфнопазир аст. Устод Айнӣ ба сароҳат эълом медорад, ки ин китоб «дар тафаккури ман инқилоб эҷод кард».

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки иҷтимоъгароӣ, мардумгароӣ ва воқеъгароӣ аносирест, ки аз осори Бедил ва Аҳмади Дониш ба осори саромади адабиёти навини тоҷик устод Садриддини Айнӣ интиқол меёбад ва сарфи назар аз таҳаввулоти баъдии назарӣ ва фикрии вай ин аносир ба ҳар навъе дар таълифоти ишон идомат пайдо мекунад. Ҳамзамон устод Айнӣ ба таҳқиқоте муфассал дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил машғул мешавад ва дар ин

таҳқиқот назари ишон ҳам чун Дониш бештар махсуси ҳамон нукоти воқеъбинона ва амр ба саъйу талоши созанда дар осори Абулмаъонӣ аст.

Мутаассифона, ончи ба иқтизои таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоъии маълум аз ин силсила соқит мегардад, ҷавҳари қуръонист, ки агар дар он ду нафари аввалӣ нақши меҳварӣ дошт, дар осори ин салафи ростин вале дар гарави таҳаввулоти сиёсӣ гирифтор омада, ё ҷойгоҳе надорад ва ё ҳатто дар мавқеъе қарор дода шуда, ки теғи тези ситези натиҷагириҳои таҳқиқотӣ ҳаволаи он шудааст. Ин шеваи бархӯрд, албатта, мутааллиқ ба Айнии баъд аз инқилоб, баъд аз даҳаи бистуми қарни гузашта аст. Қабл аз он Айнӣ бакуллӣ дар масири мустақими Бедил ва Дониш қадам мениҳад.

Ин таҳаввули фарогир то ҷое натиҷаи созгории нисбӣ, фиребо ва муваққати идеяҳои мардумсолорӣ ва воқеъбиниву адолатхоҳии инқилоби болшевикӣ буд, ки аксарияти мутлақи маорифпарварон ва рӯшанфикрони Бухоро фирефтаи он гардида буданд ва онро бо муроди худ, ки ташкили Ҷумҳурии Халқии Бухоро, системаи омӯзиши фарогири муосир ва нашри донишҳои муосир буд, созгор медиданд.

Бо шурӯъи ташкили силсилаи ҷумҳуриҳои мухтор бар асли тақсими нажодӣ дар ҳудуди Аморати Бухорои собиқ тарфандҳое ба кор баста шуд, ки тамоми саъйу ҳиммати устод Айнӣ махсус ва масруфи таъйид ва тасдиқи асолати нажодии форсизабонони ин қаламрав (!), яъне тоҷикҳо ва ҳаққи онҳо ба доштани як ҷумҳурии мустақил, агарчи дар гӯшае аз ин аморат махсус ва масруф гардид. Инсоф ин аст, ки устод Айнӣ маҷоле бештар аз анҷоми ин рисолати таҳмилиро надошт ва дар адои ҳамин рисолати таҳмилӣ вале ногузир ва бо ҷону дил пазируфтааш ҳам борҳо дар вартаи нобудӣ қарор гирифт. Боқӣ ҷараёне ки ба роҳ андохта шуд, ҳама дар масири руфтан ва ҳарчи дуртар андохтани аносири фарҳанги исломии форси-тоҷикӣ, аз ҷумла алифбо ва забон буд ва чун ба ҳеч ваҷҳ аз он сарфи назар ҳам карда намешуд, талош шуд то дар маҳдудаи ҳадди

ақал ин тарҳ анҷом пазирад ва бад-ин тариқ бо додани бахше аз ҳаққи тоҷикҳо ҷумҳурии мухторе барояшон ташкил гардид.

Садриддин Айнӣ, ки ҳатто дар Самарқанд худро маҳҷур эҳсос мекард:

*Ғамзудояст Самарқанду тарабафзо, лек*
*Назудояд ғами ҳиҷрони Бухоро зи хаёл –*

аз Самарқанд ҳам, ки муддате пойтахти Тоҷикистон буд, ба Душанбе мунтақил ва маъмур ба ташкили адабиёти шӯравии тоҷик гардид. Ишон то поёнии умр худро бар сари ин масъулият медид ва дар паёме, ки ба далели бемориӣ ва набуди имкони ҳузур ба воситаи радиё ба ширкаткунандагони маросими таҷлили 75-мин солгарди худ дар соли 1953 ирсол намуда буд, ба адибони тоҷик хитоб намуда мегӯяд, ки вазифаи ман эҷоди адабиёти шӯравии тоҷик аст ва дар ин кор аз шумо ёрӣ мехоҳам ва ин хитоби худро бо суханони Камоли Хуҷандӣ ба поён мебарад: «То ҳаст зи ҷонам рамақе, кори ман ин аст». Ва шоҳидони ҳол мегӯянд, ки дар лаҳазоти охири умраш пайваста ин байтро бар забон дошт:

*Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад,*
*Ин тифли нозпарвари ман дарбадар шавад.*

### Адабиёт – шаҳодатномаи миллат

Зимнан гуфтанист, ки нақши адабиёти миллӣ дар таъйини сарнавишти сиёсии тоҷикҳо ва таъмини истиқлоли миллии онҳо бо ҳеч як аз адабиёти милали дигар қобили муқоиса набудааст. Устод Айнӣ бо таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» ва дарҷи осору аҳволи садҳо тан аз олимон ва адибони дараҷаи аввали форсизабони ин марзу бум гӯё маҳшаре барпо кард ва дар он арвоҳи ин бузургонро эҳзор намуд, то посухи инод ва инкори мункирони миллати тоҷикро ба қотеъият бидиҳанд.

Алҳосил, устод Айнӣ бо пазируфтани шароити талхи бозигарони саҳнаи сиёсати давр, дар чаҳорчӯби имконоте, ки

барояш боқӣ гузошта буданд, талош намуд, то аносири миллиро дар адабиёти навин таъмин ва ҳифз намояд. Ишон эҳсос намуд, ки барои анҷоми ин муҳим бояд аз қолаби назм, ки шуғли аввалӣ ва аслияш буд, фаротар биравад ва даст ба таълифи осори муфассали мансур бизанад. Зимнан, дар посух ба ин шоеъа, ки гӯё устод Айнӣ дар назм эҳсоси заъф мекард, бояд гуфт, ки ишон аз тавонотарин шоирони даврони худ дар густараи куллии адабиёти форсизабон буд ва беш аз ин, агар масъулиятҳои азими иҷтимоиву фарҳангӣ ва ҳатто то ҷойе сиёсӣ дасти ӯро аз шуғли ҳамешагии шоирӣ ва бахусус эҷоди таҳаввулоти фарогири системи шеър кӯтоҳ намекард, бешак, корҳои фавқулодаеро дар ин замина анҷом медод.

Ҳикояҳо, қиссаҳо ва романҳое, ки Айнӣ таълиф менамуд, чи аз назари қолаб ва жанри адабӣ ва чи аз назари сабки нигориш ва забону баён дар адабиёти форсии тоҷикӣ, балки адабиёти Осиёи Марказӣ таҷрибаи нахустин буд. Агарчи худи ишон дар таълифи ин осор худро пайрави маҳзи нависандагони рус аз қабили Максим Горкий медонад, вале тавре ки пештар зикр шуд, таҷрибаи нигориши насри реалистии Аҳмади Дониш дар ин кор беасар нест. Ҳатто метавон гуфт, ки ҳамон суннати ташвиқи инсонҳо ба саъй ва касби камол дар осори давраи ҷадиди Айнӣ дар чаҳорчуби барномаҳои «тарбияти инсони нави шӯравӣ» идомат пайдо кард.

## «Тақия»

Нахустин осори адабии мансури устод Айнӣ дар канори мақолаҳои ишон талоше буд баройи таъйиди ҳаққи тоҷикҳо нисбат ба доштани як ҷумҳурии мухтори шӯравӣ. Лозимаи ин кор ҳамин буд, ки ба мизоҷи идеологии ҳоким мазлумияти тоҷикҳо, вуҷуди синфи коргару деҳқон ва пролетариати ҳарчи мазлумтар ва маҳрумтар дар миёни ишон ба субут расонда шавад. Ба назари инҷониб муболиғаи Айнӣ дар тасвири фақру тангдастӣ ва мазлумияту маҳрумияти тоҷикҳо дар нахустин осори вай аз қабили романҳои «Ғуломон» ва «Дохунда» ва қиссаҳои «Одина»

ва «Ятим» аз ҳамин навъ талоши «тақиягуна» вай барои «ситондани ҳаққи тоҷикҳо» аз идеологияи ҳоким нашъат мегирифт. Ин талоши Айнӣ ба сурати мустақимтар ва бевосита дар мақолаҳои вай аз қабили «Қобилияти ташкилотчигӣ дар тоҷикони кӯҳистон», ки ба унвония раддия дар баробари иддаои касоне, ки вуҷуди пролетариат дар миёни тоҷикон ва ба ин восита ҳаққи ҳокимияти онҳоро инкор мекарданд, ба сароҳат маълум мегардад.

Ҳамзамон устод Айнӣ дар як силсила аз таълифоти пурҳаҷми худ аз қабили «Ёддоштҳо» ва таҳқиқот перомуни осор ва аҳволи бузургони пешини таърихи миллӣ бо корбурди манёврҳои қобили таҳсин дар баробари идеологии ҳоким ба мизони қобили мулоҳизае муваффақ ба ҳифзу эҳёи ҳофизаи таърихи миллӣ гардид. Масалан, метавон гуфт, ки бо истифода аз тасвирҳои муфассали Бухоро дар «Ёддоштҳо» метавон ин шаҳри куҳанро дубора бо тамоми ҷузъиёташ бозсозӣ ва номи гузарҳову маҳаллот, хиёбонҳову мадорис, раставу дукону бозорҳояш…ро барқарор намуд. Ба ғайр аз ин бо мазлум нишон додани даҳҳо тан аз адибон ва донишмандон (аз ҷумла рӯҳониён), мударрисҳо ва талабагони Бухоро афкору оро ва завқу салиқаи онҳо, ки саршор аз ҳикмат ва рангу бӯйи миллист, аз дастбурди замон ва боди нисён маҳфуз гардонда шудааст. Метавон гуфт қаҳрамони аслии ин асари бузургҳаҷми дорои даҳҳо тан қаҳрамон дар асл маънои муҷарради «ҳофиза» аст, ки нависанда зарурати ҳифзи онро ҳатто бо лаҳни шадид аз забони падари худ таъкид менамояд.

Бо пайравӣ аз таҷрибаҳои устод Айнӣ ва аҷаб нест бо васияти мустақими ишон нависандаи дигари куҳансоли бухориюласл Ҷалол Икромӣ румони «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»-ро таълиф намудааст. Ҳамчунин ин таҷрибаи ҳифз ва эҳёи ҳофизаи таърихӣ дар таълифоти пайравони дигари мактаби устод Айнӣ, аз ҷумла Сотим Улуғзода ва дигарон идома ёфтааст.

Устод Айнӣ гӯё ҳамеша дар камини фурсате менишаст, то ба мавзӯъоти таърихи миллӣ бипардозад. Аз ҷумла ишон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо баҳонаи ташҷеъ

ва барангехтани рӯҳиёти қаҳрамониву фидокорӣ қиссаи таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»-ро навишт, ки дар он корномаи амири шуҷоъи Хуҷанд Темурмалик дар муқовимат бо таҷовузи муғул бо эҳсосоти баланди миллатпарастона васф ва тасвир мешавад. Дар фарҷоми ин қисса омадааст, ки замоне, ки дар ғурбат ҷанозаи Темурмаликро пайдо мекунанд, аз ҷайби вай бастаеро берун меоранд, ки дар он як мушт хоки ватанаш ва коғазпорае ҳаст, ки бар он навишта шудааст:

*Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу,*
*Воҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок.*

Ин байт ба қадре шӯҳрат дорад, ки ҳар тоҷике онро аз ёд медонад. Ба назарам, ин байт бе рангу обе аз рӯҳиёти худи устод Айнии Бухороӣ нест.

**Паёми навин**

Ҳофизаи миллии таърихӣ дар баробари забони миллӣ, муҳимтарин унсури зеҳнии адабиёти навини тоҷик будааст, ки дар солҳои баъдӣ, бахусус аз даҳаи 60-уми қарни гузашта ба баъд аз наср ба назм интиқол ёфта ва дар он ҷилваҳои бештареро ба зуҳур расондааст.

Албатта осори шуарои насли бузургтар чун Абулқосими Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва… орӣ аз ин ҷилваҳо нест ва бо дақиқ шудан дар он метавон намунаҳоеро пайдо кард, вале хидмати ишон дар ин замина боз дар он дар он хулоса мешавад, ки дар муҳити амни худ насли дигаре аз шоиронро парвариш кардаанд, ки маҷоли бештаре барои сурудани мавзӯъҳои миллиро доштаанд.

Дар даҳаи шаст ба баракати таҳаввулоти сиёсие, ки онро «нармиши Хрушёвӣ» унвон кардаанд, фазои мусоидтаре барои пардохтан ба мавзӯъи худшиносии миллӣ ибтидо дар Русия ва баъдтар бар асари ногузири он дар ҷамоҳири дигари Шӯравӣ ба вуҷуд омад. Шоироне ки дар ин давра по ба арсаи адабиёт ниҳоданд Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ғоиб Сафарзода, Гулрухсор ва… дар канори

мавзуъоти суннатии адабиёти шӯравии тоҷик, ба мавзӯъи худшиносии миллӣ рӯй оварданд, ки батадриҷ он мавзӯъи аслии ашъор ва манзумаҳои онҳо қарор гирифт. Талошҳои худшиносии ин насл аз як сӯ дар таваҷҷӯҳ ба таърихи миллӣ ва аз сӯйи дигар дар ҷустани пайвандҳои гусаста бо ҳамзабонон ва ҳамкешон дар қаламрави собиқи забон ва фарҳанги форсизабон хулоса мешуд. Нахустин ҷарақҷаи пуртоби ин конуни ба тозагӣ барафрӯхта шеъри Мӯъмин Қаноат «Ба ҳаводори забони тоҷикӣ» (соли 1958) буд. Ин шеър як посухи сода вале қотеъ ба касоне буд, ки забони мардуми Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистонро бо унвонҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ се забони мутафовит медонистанд ва дар ин замина таълифоти пуршумор ва муфассали «илми»-еро ҳам ба нашр мерасонданд. Шоир хитоб ба ин навъ «донишмандон» бо танзи зебое мегӯяд:

*Қанд ҷӯӣ, панд ҷӯӣ, эй ҷаноб,*
*Ҳарчи меҷӯӣ, биҷӯй!*
*Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,*
*Ҳарчи меҷӯӣ, биҷӯй!*
*Форсӣ гӯйӣ, дарӣ гӯйӣ варо,*
*Ҳарчи мегӯӣ, бигӯй!*
*Лафзи шеъру дилбарӣ гӯӣ варо,*
*Ҳарчи мегӯӣ, бигӯй!*
*Баҳри ман танҳо забони модарист,*
*Чунки меҳри модар аст.*
*Баҳри он ташбеҳи дигар нест, нест,*
*Чунки шири модар аст.*
*З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам*
*Дӯст медорам варо,*
*Чун навозишҳои гарми модарам*
*Дӯст медорам варо!*

Агар дар назар бигирем, ки ҳанӯз муддаиёни се забони гуногун будани форсиву дариву тоҷикӣ бо сарсахтӣ бар ин назари аслан сиёсии худ пофишорӣ мекунанд, басират ва шуҷоати адабии муаллифи ин шеъре, ки ним қарн қабл аз ин рӯзгор суруда шудааст, ба сароҳати бештар маълум ме-

гардад.

Ин шеър дар коргоҳи халлоқиятҳои адабии Мӯъмин Қаноат хислати барномаӣ касб кард ва таъйинкунандаи мавқеъи вай дар тамоми тӯли муддати фаъолияти суханварияш дар мавриди корбурди забон, муроoти суннатҳои суханварӣ, нигоҳ ба таърихи миллӣ ва ғайра гардид. Мӯъмин Қаноат, ки ҳамзамон бо сурудани ашъори хурди ғиноӣ даст ба таълифи манзумаҳои тулонӣ ё достонҳои манзум задааст, ҳамеша талош намудааст, то бидуни таваҷҷӯҳ ба мавзӯъ ва жанру қолаби асар тору пуд ва бофти матоъи он миллӣ ва суннатӣ бошад. Бино бар ин суханаш барои хонандаи толиб ва ҷӯёи истеҳком ва эҳтишоми пешини забони адаб ва шеъри форсии тоҷикӣ ҳамеша тозагӣ ва ҷаззобият доштааст. Алиасғари Шеърдӯст, донишманди эронӣ, ки ба воситаи таҳқиқоти муфассали худ аз адабиёти (бахусус назми) муосири тоҷик шинохти хос дорад, дар муқаддимае ба маҷмӯаи ашъори Мӯъмин Қаноат менависад, ки Мӯъмин Қаноат «…беш аз дигарон ба суннатҳои шеъри порсӣ пойбандӣ нишон додааст».

Албатта, лозим ба ёдоварист, ки Мӯъмин Қаноат дар ин масир танҳо намонда ва фавҷе аз истеъдодҳои дурахшони назми навини тоҷикро дар ин роҳ ҳидоят намудааст. Аз ин миён бахусус тавонотарин шоирони ин насли адабиёти тоҷик шодравон Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва Гулрухсорро метавон ном бурд, ки асл ва ҳастаи сурудаҳои онҳоро мавзӯъҳо ва мазмунҳои сунати миллӣ ва таърихи миллӣ ташкил медиҳад ва гузашта аз ин сабку салиқа ва бофти матоъи шеъри онҳо миллӣ аст.

## Аз мазлумият ба ифтихор

Муҳимтарин хислате ки сурудаҳои ин насли адабиёти тоҷикро бар насли пешин имтиёз медиҳад, ба ҷои таъкид бар мазлумият ва маҳрумият ифтихор аз шаҳомат ва васфи таърихи шукӯҳманди миллӣ аст. Чун ин насли шоирон низ дар фазо ва муҳити сиёсати ҳокими шӯравӣ ба сар мебуранд, ин ифтихорро ба ин шева машрӯъият мебахшиданд, ки давлати шӯравӣ боиси эҳёи дигарбораи ин шукӯҳу

шаҳомат гардид. Албатта ин шева дар адабиёти тоҷик собиқа дошт. Аз ҷумла дар ашъори Мирзо Турсунзода. Масалан:

*Суруди Рӯдакӣ шуд зинда акнун,*
*Расида авҷи Фирдавсӣ ба гардун.*
*Барои Ҳофизу Саъдии Шероз*
*Намуда тоҷикон оғӯши худ боз.*

Вале умқи назари шоирони насли ҷадид ба арзишҳои фарҳанги таърихии миллӣ бештар, амиқтар ва фарохтар ва онҳо бо ин арзишҳо маънустар ва маҳрамтар ҳастанд ва устураҳои таърихи миллӣ ба сурати одӣ ва табиъӣ дар канори қаҳрамонони осори онҳо қарор мегиранд, ба сурате, ки гӯӣ афроде воқеӣ ҳастанд. Аз ин ҷост, ки Мӯъмин Қаноат дар оғози достони манзуми «Тоҷикистон – исми ман», ки ба муносибати 50-мин солгарди Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон суруда шудааст, мустақиман ба ин устураҳои миллӣ мурофиат ва бо онҳо гуфтугӯ менамояд:

*Эй додгоҳи хокиён, эй осмони бекарон,*
*Танг аст ҳоли тоҷикон дар хоку зери хокдон.*
*Эй дуди оташгоҳҳо, омоҷгоҳи оҳҳо,*
*Тахти баланди Аҳуро, бахти бади аҷдодҳо.*
*Гӯянд бар аҷдоди мо будӣ зафар, будӣ падар,*
*Аз шакли ту месохтанд мардони майдонӣ сипар.*
*Байроқи адли ковиён пар мезадӣ болои сар*
*Дар дасти садҳо зодаи озодагони Бохтар.*
*Ҳам тухмаи мардона чун дурдона зери обҳо,*
*То ин ки рӯяд аз замин Фирдавсию Сӯҳробҳо…*

Пайдост, ки дар интихоби вазн ва эҷоди мусиқии калом низ дар ин навъ ашъор садоқат ва унс ба ин шукӯҳ ва шаҳомати пешин муҷассам шудааст.

Унс ва шефтагии Мӯъмин Қаноат ва шоирони дигари ин насли ҷадид нисбат ба таърих ва фарҳанги миллӣ ба ҳаддест, ки гоҳе ба авҷи ишроқ ва ирфон мерасад ва

«ҳулул дар таърихи миллӣ» баройшон даст медиҳад. Масалан, ин вазъро ба вузӯҳ дар шеъри «Тахти Ҷамшед»-и Мӯъмин Қаноат аз сисилаи «Созҳои Шероз», ки ҳамаи ашъори ин силсила саршор аз рӯҳиёти миллист, меёбем:

*Чу боло мешавам бар маснади хуршедии Ҷамшед,*
*Ки дорад ошён Эзид, ки дорад хокдон хуршед,*
*Дар он қасри харобoте, ки Доро буду дунё буд,*
*Дирафши ковиёнӣ найзае аз моҳ боло буд...*

*Ба чашмам медурахшад оташи Зардушт дар соғар,*
*Ба дасти духтари пири муғон дар лаълии озар,*
*Ба гӯшам хониши пири муғон бо нола меояд, –*
*Авасто мекашад фарёд аз минбар.*

*Чу «пайғамбар» ба базми шоҳи шоҳон мешавам ворид,*
*Сурӯше мерасад бар гӯши ман аз нағмаи Ноҳид,*
*Паризоде ба дастам мегузорад ҷоми марворид,*
*Ҳамехоҳам бинӯшам ҷуръае аз лаҳзаи ҷовид...».*

Ин навъ пайвастагӣ ва ҳамбастагӣ («ҳулул дар таърих») дар сурудаҳои Бозор Собир ба авҷи дигаре мерасад. Ба гунае, ки шоир ҳатто дар фоҷиъаҳои таърихи миллӣ худро омил ва гунаҳкор эҳсос менамояд:

*Бӯалиро аз Бухорои шариф ман кардаам берун,*
*Тирмизиро ман фикандам дӯш дар дарёи Ҷайҳун,*
*Барҳадар хуни Низомулмулкро ман рехтам,*
*Балки хуни мулкро ман рехтам...*
*Вой бар ман, вой бар ман,*
*Ал-амон! Фарёд аз ман!*

Мавзӯъи таърихи миллӣ мавзӯъи аслии ашъори Бозор Собирро ташкил медиҳад ва ба ҷуз чанд шеъри васфиҳолӣ дигар тамоми сурудаҳои ин шоир ба мавзӯъи гиромидошт ва эҳёи фарҳанги миллӣ ва таърихи миллӣ бахшида шудааст. Шеъри «Забони модарӣ»-и вай ба навъе суруди мил-

лии ғайрирасмии тоҷикон буд. Қобили ёдоварист, ки иқболи камназири ҷомеаи Тоҷикистон дар ин давра аз ин навъ ашъор, бахусус ашъори махсус ба васф ва бузургдошти забони миллӣ, ёди шаҳрҳо – марокизи фарҳангии аздастрафтаи тоҷикҳо чун Самарқанду Бухоро, шахсиятҳои баноҳақ фаромӯшшудаи таърихӣ ва ғайра таъсири равшане дар ривоҷи ин навъ ашъор дошт. Сурудаҳои шодравон Лоиқ Шералӣ дар ин мавзӯъҳо гоҳе мунозараи шадид ва пурэҳсоси бевоситаро мемонад, ки гувоҳи садоқати муаллиф ба мавзӯъ аст.

Гузашта аз ин дар ашъори ҳасбиҳолии ин шуаро низ ҷилваҳои равшани аносири фарҳанги миллӣ ва дилбастагиву садоқати ин шоирон ба он мушоҳида мешавад. Масалан, мавзӯъи васфи зодгоҳи ин шоирон, ки ағлаб рустоҳои кӯҳистонӣ ва муҳитҳои суннатии тоҷикӣ ҳастанд, васфи рустоиён ва наздикони бозмонда дар русто онгуна пуртобутаб аст, ки гӯё ин шоирон дар фосилаҳои бузурги маконӣ ва замонӣ ғариб афтода ва дар ҳасрати бозгашт ба ватани аслии худ ҳастанд. Бозор Собир аз шаҳри Душанбе, ки бо зодгоҳи вай беш аз 30-40 километр фосила надорад, хитоб мекунад:

*Селаи мурғи ҳаво дар назарам,*
*Ки баҳор омаду ман бехабарам.*
*Хоҳам имрӯз ҳама пар гардам,*
*Боз сӯйи ватанам баргардам.*

Ё Лоиқ Шералӣ месарояд:

*Ин шаби туршрӯи боронӣ,*
*Кулбаи модарам ба ёд омад,*
*Мечакад боми он зи боронҳо,*
*Дар дилам оламе ба дод омад.*

Ҳамчунин рустои кӯҳистонии Гулрухсор барои ҳамаи хонандагони тоҷик, балки Шӯравӣ ошно гардида буд:

*Маро шабҳои бехобӣ хумори Яхч мегирад,*

*Ки дар як гӯшаи хоки Ватан аз чашмҳо дур аст.*

Шоир дар ҳар ҷо ва аз ҳар бобе сухан мегӯяд, ошёни сурудаш ҳамон нишемангоҳи нахустин аст ва маҷмӯъ ин шоъир мисли маъдани бекарони шеъри миллист, ки оташафшони илҳом аз замири ӯ гудохтаҳои нобро чун фаввора баланд мекунад.

## Аташи бозгашт ба асолат

Ин аташ, аташи бозгашт ба асолати суннатӣ буд аз муҳити бештар фарангӣ ё фарангмаобонаи пойтахти Тоҷикистон. Аз ин ҷост, ки агарчи ин шоирон, худ бевосита ба арзишҳои исломӣ ишқу алоқаи хос нишон намедоданд, вале аносири фарҳанги суннатии исломӣ чун унсури рӯзгор ва рафтори азизон ва наздикон барояшон азиз будааст. Бозор Собир мегӯяд:

*Маро дар хонаи чашмаш нишонид,*
*Валекин хонаам н-омад ба дидан,*
*Ки рӯйи модарам рӯйи намозист,*
*Наёбад қибларо дар хонаи ман.*

Ин азизон ва наздикон, ки эҷодгарон ва созандагони муҳити асолат ҳастанд, он қадар бо аносири фарҳанги миллӣ ошно ва маънус мебошанд, ки дар зеҳни тасвиргари шоир бо якдигар мудғам мешаванд. Бозор Собир барои тасвири мазори модари худ ташбеҳе лоиқтар ва муносибтар аз китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ», ки ба гуфти ишон танҳо китоби рӯйимизиаш будааст, пайдо намекунад:

*Дергоҳе модарам дар хона нест,*
*Модари ман дар забони модарист.*
*Пуштвори ман чу гӯри сабзи ӯ*
*Ҳарду ҷилди сабзи Фарҳанги дарист.*

Лоиқ аз модари худ бештар дар ҳоле ёд меорад, ки бар рӯйи ҷойнамоз нишаста ва дуъо мекунад ва шоир хитоб мекунад:

*Модарам, модари биҳиштиям,*
*Ҷойи ту дар биҳишт таъйин аст!*

Ва Бозор Собир ҳам дар васфи модари дӯсти ҳамқаламаш Лоиқ Шералӣ менависад:

*Модар, эй модар,*
*Бо намозу рӯза тафреҳ мекунад,*

*Ҷомаҳои кӯҳна дарбеҳ мекунад.*
*Ӯ намедонад, ки шоир зодааст.*

Ё худ, Лоиқ Шералӣ дар нахустин сурудаҳояш, ки ҳамчунин хосияти барномаӣ дорад, мефармояд:

«Аз сафои сураи Қуръон сухан омӯхтам».

Устура ва ё талмеҳи «Шайхи Санъон» муносибтарин паймонае барои Гулрухсор будааст, то бо он паймон ва имони миллии худро биозмояд ва эҳсосоти қалбии худро ба самимитарин оҳанг бинавозад:

*Ман набудам,*
*ӯ буду нури лиқо буд,*
*Сар набуд андар танам,*
*пар буд,*
*по буд.*
*Номаи бахтам зи девони Худо буд,*
*Раҳнамоям Мустафо буд…*

Гили ин шоирон, дигар бо фарҳанги миллӣ тахмир шудааст ва дар ҳар мавзӯъе сухан бигӯянд, дар ҳар фазое тасвиргарӣ бикунанд, каломашон мамлӯ аз рӯҳиёт ва эҳсосоти миллӣ ва ҳамроҳ бо аносири мазҳабист. Бино бар ин агар ҷойе ба далеле сухан бар хилофи ин аносир рафтааст, пас, он сухан бо сиришт ва фитрати азалӣ, таърихӣ ва суннатии шахси онҳо созгорӣ надоштааст.

## Дар ҳадиси дигарон

Мо достони манзуми Мӯъмин Қаноат «Сурӯши Сталинград»-ро ки ба васфи корномаҳои сарбозону афсарон ва мардуми Шӯравӣ дар набарди машҳури шаҳри русии Сталинград бар алайҳи ғосибони фашист суруда шудааст, саршор аз ҳамин навъ рӯҳиёт ва обу ранги миллӣ ва суннатии тоҷикӣ меёбем. Шоир дар тасвири саҳнаи падруди сарбози тоҷик, ки мунтаҳо ба набарди Сталинград меравад, менависад:

*Ба хилват модари ойинадаст ӯро дуъо медод,*
*Ба рӯйи ойина ойини аҷдодон ҷило медод.*

*Ва Аҳмад дид дар ойина рӯю обрӯяшро*
*Ва модар бӯсаборон кард мӯйи нозбӯяшро.*
*Ба айвон шиҳа мезад асби раҳвораш ба зери зин,*
*Ба қоши зини хотамкор қамчини падар,*
*омин.*

Беш аз ин, нависандаи «Сурӯши Сталинград» ҳини тасвири модари рус, ки бар оромгоҳи сарбозони номаълум нишони фарзанди шаҳидашро ҷустуҷӯ мекунад, чун муносибтарин талмеҳ барои таъбир ва тафсири аҳволу эҳсости қалбии вай талмеҳи Қуръонии Юсуф (ва Яъқуб)-ро ба кор мегирад:

*...Аё модар,..*
*Чаро ҳарфе намегӯӣ,*
*Ба чашми хира меҷӯӣ*
*Ва чун пироҳани Юсуф дар ин ҷо сабза мебӯӣ...*

Ба файзи ин вижагиҳо «Сурӯши Сталинград» на танҳо ҳамосаи башарӣ, балки ҳамосаи миллӣ ҳам ҳаст.

Гулрухсор, ки дар яке аз тозатарин манзумаҳои худ бо унвони «Озарахш» (Номаи дермонда аз қарни 20 ба қарни 21) ба тавре ин саҳми шоирони насли худро хулоса меку-

над, аз ҷумла менависад:

*Насли аз худ рафта,*
*То ҷоҳеву гоҳе норасида,*
*Насли боду бода,*
*насли сода,*
*Обрӯяш оби дида,*
*Мавлавиойин,*
*Рӯдакизода,*
*Орзуяш захми носур аст…*
*Насли исёнии саркаш,*
*насли оташ,*
*Насли Ораш,*
*Пойбанди доми тазвир аст…*

Манзур аз ин шиквоия ҳаводиси маълумест, ки дар Тоҷикистон рух дод ва вақфае дар раванди таҳаввули чашмгири адабиёти миллигароёна ва истиқлолхоҳӣ эҷод намуд. Ин дар ҳоле буд, ки қабл аз ин ҳаводис дар ибтидои даҳаи 90-уми қарни гузашта шумораи қобили мулоҳизаи шоирони боқареҳае ба майдони адабиёт омаданд, ки мавзӯъҳои миллиро бо рангу дурахши тоза оғоз ба сурудан намуданд. Ин шоирон ба ҷуз аз таъсирпазирӣ аз пешкисватони муосири худ, аз сӯе бо таъсири пурфайзи адабиёти классик, бавижа адабиёти ирфонӣ, ки маҷоли мутолиаи бештар дар он пайдо шуда буд ва аз сӯи дигар бо таъсири адабиёти ҳамзабонон, бавижа Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, Сӯҳроби Сипеҳрӣ, Меҳдии Ахавони Солис ва дигарон дар масире қарор гирифтанд, ки ба сурати табиъӣ мерафт, то ба он ҷараёни то ҷое қатъгардидаи қабл аз инқилоби болшевикӣ бипайвандад ва идомаи мустақим ва табиъии он гардад. Аммо агарчи ин шоирон, сарфи назар аз шароити мазкур тавонистаанд, маҷмӯаҳое аз ашъори тоза ва арзишмандро ба даст бидиҳанд, вале ба назари инҷониб ҳанӯз наметавон ин давраро ба сурати як давраи мукаммали адабӣ, бо вижагиҳои мушаххаси он муаррифӣ намуд ва он ҳанӯз дар ҳоли таҳаввул ва ташаккул мебошад. Ончи мусаллам аст, ин аст, ки ба воситаи ашъори

ин насли ҷадиди шоирон абъоди эҳёи шеъри суннатӣ ва аносири он, асотир ва талмеҳоти суннатӣ, аз ҷумла талмеҳот ва мазомини қуръонӣ бар мазомин ва талмеҳоти сирф миллӣ афзуда аз ин роҳ густардатар шуда ва заминаи мусоиъиде барои парвозҳои баландтар дар ин фазо ба вуҷуд омадааст.

Дар насри ин давра низ иноят ба мавзӯъҳои миллӣ, ва гароиш ба суннатҳо, фарҳанг ва таърихи миллӣ чашмгир аст ва нависандагоне аз қабили Абдулҳамиди Самад, Саттор Турсун, шодравон Сайф Раҳимзод, Урун Кӯҳзод, Ҷонибек Акобир, Баҳманёр, Барот Абдураҳмонов, Саидаҳмади Зардон, Диловари Мирзо ва... бо ба тасвир гирифтани муҳитҳои суннатии фарҳанги миллӣ, рӯзгори мардум, чеҳраҳо ва шахсиятҳо ва рухдодҳои таърихӣ дар офариниши насри миллӣ саҳми арзишманде гирифтаанд, ки ниёз ба таҳқиқоти алоҳида дорад.

Дар кулл метавон гуфт, ки муҳимтарин ва мушаххастарин масири таҳаввулоти афкор ва завқу салиқаи адабӣ, чи бо дарназардошти истиқболи ҷомеаи Тоҷикистон ва чи майлу рағбати адибон масири худшиносии миллӣ ва эҳёи фарҳанги таърихӣ мебошад, ки дар ин мақтаъ дар остонаи созиш додан ва пайванд кардани арзишҳои сирф миллӣ ва нажодӣ бо арзишҳои суннатии исломӣ, ки муддате ба ғараз ё иштибоҳ дар муқобили якдигар гузошта шуда буданд, қарор дорад ва бо пушти сар шудани ин марҳала, адабиёти миллии тоҷик бештар шукуфо ва борвар хоҳад гардид.

*Соли 2008*

## Пайнавиштҳо:


1.Айнӣ С. Ба М.Турсунзода // Шарқи сурх. – 1956. N4. – с.109 – 111.
2.Айнӣ Садриддин. Куллиёт,ҷилди 8.—Душанбе: Ирфон,1981. – 522 с.
3.Алиасғари Буванди Шаҳриёрӣ. Сайри таҳаввули шеъри нав дар адабиёти тоҷикӣ: Рисолаи номзадии илмҳои филологӣ.Теҳрон – Душанбе, 2002. – 164 с.
4.Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX. – Душанбе: Маориф, 1999. – 445 с.
5.Бедил, Абдулқодир. Осор дар 8 ҷилд. – Ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.134.
6.Гулрухсор. Девони ашъор. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 954 с.
7.Гулрухсор. Ҷовидона. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 152 с.
8.Дониш, Аҳмад. Наводирулвақоеъ. – Душанбе: Дониш, 1988 – 287 с.
9. Иқбол Муҳаммад. Куллиёти ашъори форсии Мавлоно (Иқбол). – Теҳрон: Интишороти Саноӣ, 1373 ҳ. ш. – 508 с.
10. Қаноат, Мӯъмин. Вазъияти назми имрӯзаи тоҷик // Садои Шарқ. – 1971. N7. С 83 – 96.
11. Қаноат, Мӯъмин. Масъуднома // Садои Шарқ, №3, 2007. – С.3-11.
12. Қаноат, Мӯъмин. Ойинаи беғубори ман. — Душанбе: Хазинаи адабиёти Тоҷикистон, соли 2002. – 240 с.
13. Қаноат, Мӯъмин. Осори мунтахаб (дар 2 ҷилд), ҷ.1. – Душанбе: Ирфон,1982. – 208 с.
14. Мусулмониён Р. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 367 с.
15. Мусулмониён Р. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ. – Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарӣ, 1377 ҳ.ш. – 350 с.
16. Садри Зиё. Тазкори ашъор. – Теҳрон: Сурӯш, 1380 =2001. – 364 с.
17. Сатторов А. Нуқтаи пайванд. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с
18. Собир, Бозор. Бо чамидан, бо чашидан... – Душанбе, Адиб, 1987.–208 с.

19. Собир, Бозор. Гули хор. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 162 с.
20. Собир, Бозор. Мижгони шаб. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 176 с.
21. Турсунзода М. Куллиёт. – Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 160 с.
22. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. (Дар 9 ҷилд). – Ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 1987. – 450 с.
23. Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
24. Ҳусейнзода Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
25. Ҳусейнзода Ш. Ҳабдаҳ мақола. – Душанбе: Ҳумо, 2007. – 347 с.
26. Шакурӣ М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 455 с.
27. Шакурӣ М. Сайри адабии Садриддини Айнӣ ва марҳалаҳои он // Номаи фарҳангистон, пойизи 1376. – №11 – С. 72 – 81.
28. Шарифов Х. Савти Аҷам. – Душанбе: Хазинаи адабиёти Тоҷикистон, 2002. – 208 с.
29. Шарифов Х. Ҷавҳари завқу мароми шоир. – Услуб ва камолоти сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С. 157 – 168.
30. Шафеъии Кадканӣ. Шоири оинаҳо (Баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил). – Теҳрон: Форус Эрон, 1368 ҳ. ш. – 338 с.
31. Шералӣ, Лоиқ. Фарёди бефарёдрас. – Душанбе: Адиб, 1997. – 238 с.
32. Шеърдӯст, Алиасғар. Чашмандози шеъри муосири Тоҷикистон. – Теҳрон: Алҳудо, 1376 ҳ. ш. – 328 с.

# МАВЗӮЪИ МАЙ
# ДАР ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Май, шароб, бода яке аз машҳуртарин образҳои адабиёти ҷаҳон аз ҷумла адабиёти форсии тоҷикӣ буда, аз нахустин осори адабии маълум то осори адабиёти муосир нақши барҷастаи он маълуму маҳсус аст. Ҳамчунин дар ин замина садҳо образ, таъбири адабӣ ва шоирона, аз қабили қадаҳ, ҷом, хум, сурохӣ, кӯза, паймона, соқӣ ва… ғайра мавҷуд буда, бахши муҳимме аз мутуни адабӣ дар осори бештари шоиронро ба худ ихтисос додааст. Маҳдуд нагардидани корбурди ин образ дар осори як гурӯҳе аз шуарои дорои як навъи ҷаҳонбинӣ ва завқу салиқаи адабӣ ва ҳамчунин ба замон ва даврони хосе марбут ва маҳдуд набудани он ба худии худ шоҳиди он аст, ки маънии ин образ ва мурод аз корбурди он низ маҳдуд набуда, балки то ҳадде густарда ва пурмаъност, ки ҳатто маонии зидду нақизро шомил гардидааст.

Бо таваҷҷӯҳ ба он, ки адабиёти форсии тоҷикӣ яке аз муҳимтарин, балки муҳимтарини адабиётҳои бадеии исломӣ мебошад ва ин ки дар оини ислом истеъмоли шароб шадидан ҳаром аст, табиъист, ки истифодаи ин образи адабӣ аз сӯи шоирони мусулмон ва бахусус шуарое, ки дар матни фарҳанги исломи ҷойгоҳи шоиста дошта, ҳамзамон бо унвони шоирӣ дорои унвонҳо ва рутбаҳои мазҳабӣ низ ҳастанд (аз қабили шайх, мавлавӣ ва ғайра) ва ҳамчунин таъдоде аз онон осори динӣ ва ахлоқиву тарбиятӣ низ офаридаанд, мавриди суол қарор мегирад. Аз ин ҷост, ки дар тафсир ва маънидоди ин образ дар осори шуарои қадими мо назарияҳои мухталифе баён гардида, ки онро ба таври хулоса метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: назарияе, ки аз дидгоҳи мутлақо моддигароёна нашъат мегирад ва баёнгари он аст, ки гӯё дар куллияи ин осор май ба маънии моддии он, яъне василаи эҷоди нашъа ва хумор ва вуҷуди ҷисмонии инсон ба кор бурда шудааст. Ин тоифа дар посух ба ин суол, ки чӣ тавр шоирони мусулмони мӯъмин ба васфи ин моддаи ҳаром пардохтаанд, маъмулан чунин мегӯянд, ки ислом ва эътиқодоти динии онон ба иҷбор ва

созишкорона буда, дар асл онҳо аз қайди эътиқодоти диниву мазҳабӣ озод будаанд. Гурӯҳе аз ин тоифа дар ҳоле, ки ба сароҳат ба диндории ин шоирон пай мебаранд ва чорае дар инкори он надоранд, дар паи ҷустани далоили дигар, дар асл баҳонаи дигар барои тасдиқи назарияи худ мебароянд, ва аз ҷумла аз мутуни китобҳои мазҳабӣ ва ирфонӣ «фатвоҳоеро» бар ҳалол будани май ҳадди ақал дар ҳолоти махсус ва ё барои тоифаи махсус «пайдо» менамоянд. Назарияи гурӯҳи дувум комилан бар хилофи гурӯҳи аввалӣ буда, дар осори ҳамаи шуарои қадим аз образи май ва образҳои дигари вобаста ба он маъонии диниву ирфониро ҷустуҷӯ мекунанд ва имкони истифодаи ин образро ба маънии моддӣ ва одии он дар адабиёти қадим ба таври куллӣ инкор менамоянд. Ҳамчунин гурӯҳи севум низ ҳаст, ки агарчи худ аз тоифаи моддигароён нестанд, балки ҷаҳонбинии динӣ ва мазҳабӣ доранд, корбурди образи майро дар адабиёти исломӣ ба маънии ғайримоддии он инкор менамоянд ва ин навъ адабиётро мамнӯъ ва мухарриби ахлоқи ҷомеъаи исломӣ мешуморанд.

Дар хусуси назарияи аввал бояд гуфт, ки агарчи онон азамати фарҳангӣ ва маънавии ин навъ шоирони мусулмонро эътироф менамоянд, хоста ва ё нахоста онҳоро ба гуфти Муртазо Мутаҳҳарӣ муттаҳам ба риё менамоянд. Яъне гӯё онон дар эътиқодоти исломии худ самимӣ набуданд ва ба ин далел даст ба домани ин навъ образҳо, аз ҷумла май мезаданд, то андешаҳои аз қайди ислом озоди худро баён созанд. Ин дар ҳолест, ки онгуна, ки дар идома арз хоҳад шуд, асли қазия комилан баракс буда ва ин шоирон аз ин навъ образҳо, аз ҷумла май барои мубориза бо риё ва тасдиқи самимияти хеш дар парастиши Худованд истифода мекарданд. Вале дар мавриди бахши дувум бояд гуфт, ки ҳаром будани майи моддӣ ва ҳар навъи дигар маводи масткунанда як амри мусаллам буда, бахусус шуарои қадим, ки ҳадди ақал ба муқтазои системаи маорифи замони худ фиқҳи исломиро ба хубӣ медонистанд, ҳаргиз ва ба ҳич ваҷҳ аз назари фиқҳӣ ва ба ҷиддият дар хусуси ҳалол будани май сухан нагуфтаанд ва агар ҷое аз назари лафзӣ

баёноте аз ин қабил будааст, танҳо ҳукми киноя ва зарофатро дорад ва набояд мисли кӯдакон «ҳавли»-и онҳоро «ҳалво» хонд.

Масалан, Хоҷа Ҳофиз мефармояд:

*Дар мазҳаби мо бода ҳалол аст, валекин,*
*Бе рӯи ту, эй сарви гуландом, ҳаром аст.*

Ин мазҳабе, ки майро ҳалол медонад ва Ҳофиз пайрави он аст, чӣ мазҳаб аст. Агар бигӯем, ки мазҳаби ғайриисломӣ ҳаст, худ медонем, ки иштибоҳ кардаем, зеро касе ба фарз ҳам наметавонад гуфт, ки Хоҷа Ҳофиз ғайримусулмон буд. Пас, агар бигӯем ки ин «мазҳаб» киноя аз ишқ аст, онгоҳ, мо дигар вориди як баҳси перомуни мавзӯъи фиқҳӣ ва илмӣ нестем, балки мавриди сӯҳбати мо пирояҳо ва ороядҳои адабии сухан аст, ки Ҳофиз дар ин зимн аз таноқуз (парадокс) ба навъи аҳсан истифода кардааст. Пешзаминаи фикрии байт ин аст:

*Дар мазҳаби мо бода ҳаром аст, валекин*
*Бо рӯи ту, эй сарви гуландом, ҳалол аст.*

Вале ин баён оддист ва барои хонандаи Ҳофиз ҳеч ҷаззобият ва шеърият надорад, зеро ин хабар, ки «Дар мазҳаби Хоҷа Ҳофизи мусулмон бода ҳаром аст» хабари маълуму машҳур ва қобили арзе нест, чӣ расад ба он, ки касе онро дар шеър биёрад ва хабари дувум низ, ки «Бо рӯи ту, эй сарви гуландом, ҳалол аст» хабари мукаррар ва орӣ аз шӯри шоирона, бавижа шӯри ҳофизона аст, зеро рӯе, ки қобили руъяти Ҳофиз аст, он нест, ки битавон гуфт «бо он рӯ». Пас, Ҳофиз бо зеру рӯ кардани ин мафоҳим аз қабл медонад, ки қалби хонандаи худро зеру рӯ мекунад, медонад, ки замоне ки хонанда аз забони Лисонулғайб мешунавад, ки «Дар мазҳаби мо бода ҳалол аст», такон мехӯрад, мисли он ки барқаш зада бошад ва замоне, ки мисраъи дувумро мулоҳиза мекунад, ки: «Бе рӯи ту, эй сарви гуландом, ҳаром аст» (агар хонандаи воқеии Ҳофиз ҳаст) дармеёбад, ки ин

кадом рӯй аст. Ҳамон рӯест, ки Ҳофиз чун ҳар орифи дигар ҳамеша дар иштиёқи ӯст ва чун дидор бо он, ки «дидор менамояду парҳез мекунад» муяссар гардад, дигар он лаҳза растохез аст ва баҳси ҳалолу ҳаром аз миён бархостааст. Онгуна ки ҳамеша дар каломи Ҳофиз ҳаст, ин ҷо калимаи рӯй ба ғайр аз маънои машҳури худ дурахши маъноии дигареро низ берун медиҳад, ки маъниҳо «риъоят» ва «рухсат»-ро дорад. Ин навъ бозиҳои дилангези лафзӣ як вижагии барҷастаи шеъри Ҳофиз аст ва хонандаи ӯ то девонашро дар даст дорад, мисли Хоҷа «Чу бед бар сари имони хеш меларзад» ва лаззати ҳифзи имонро эҳсос менамояд. Пас, аз печу хами байти боло мегузарему мурод ва ҳукми ниҳоӣ ҳамин мешавад, ки дар мисраъи охир аст: «Бода ҳаром аст». Вале агар бигӯем, ки ин ҷо баҳс баҳси тасаввуфӣ ва ирфонист ва истилоҳоти он дар миён аст, пас, ин май ба куллӣ як чизи дигаре ғайр аз шароби алкулист.

Идомаи ин баҳсро мавқуф бигзорем ва баргардем бар сари назарияи гурӯҳи дувум, ки мегӯянд, дар адабиёти қадим бо таваҷҷӯҳ бар ҳоким будани фарҳанг ва маъорифи исломӣ ҳар ҷо, ки сухан аз май ҳаст, он маънии рамзӣ дорад ва манзур аз он шароби моддии масткунанда нест. Агар асли масъала чунин мебуд, пас, шоирон ниёз надоштанд, ки барои баёни он ҳолот айни ҳамон каламотеро интихоб намоянд, ки баёнгари шароби алкулӣ ва мастии алкулист. Пас саҳеҳ ин аст, ки шароби маҷозӣ ва мастии маҷозӣ (дурусттараш аслӣ) аз назари шаклӣ ва лафзӣ дар заминаи ҳамон образҳои моддибунёд пайдо шудааст ва ҳама образҳои перомунии онро ба маъонии дигар ба кор бастааст. Як бахши муҳимми адабиёти тоисломии арабро ашъори хамрия (васфи май) ташкил медод ва дар адабиёти форсии тоҷикӣ ҳам бахусус дар чанд садаи аввал ашъореро дар васфи май мехонем, ки дар он майи маҷозӣ ва ирфониро ҷустуҷӯ кардан кори беҳосил аст. Аз ҷумла ашъоре аз Рӯдакӣ мисли қасидаи «Модари май», ки дар асл тасвири шоиронае аз раванди майкашӣ мебошад ва ё ин шеър:

*Биёр он май, ки пиндорӣ равон ёқути ноб астӣ,*
*Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ,*

*Ба покӣ гӯӣ андар ҷом монанди гулоб астӣ,*
*Ба хушӣ гӯӣ андар дидаи бехоб хоб астӣ,*
*Саҳоб астӣ қадаҳ гӯиву май қатрай саҳоб астӣ,*
*Агар май нестӣ, яксар ҳама дилҳо хароб астӣ,*
*Агар дар колбад ҷонро надидастӣ, шароб астӣ,*
*Агар ин май ба абр-андар ба чанголи уқоб астӣ,*
*Аз он то нокасон ҳаргиз нахӯрдандӣ, савоб астӣ.*

Ҷои дигар мефармояд:

*Эй бар ҳама мирони ҷаҳон ёфта шоҳӣ,*
*Май хӯр ки бадандеш чунон шуд, ки ту хоҳӣ.*
*Шуд рӯзаву тасбеҳу таровеҳ ба як ҷой,*
*Ид омаду омад маю маъшуқу малоҳӣ.*
*Чун моҳ ҳамеҷуст шаби ид ҳама халқ,*
*Ман рӯи ту ҷустам, ки маро шоҳиву моҳӣ...*

Ва ҳамин устод Рӯдакӣ аст ки мегӯяд:

*Маро зи мансаби таҳқиқи анбиёст насиб,*
*Чӣ об ҷӯям аз ҷӯи хушки Юнонӣ.*
*Барои парвариши ҷисм ҷон чӣ ранҷа кунам?*
*Ки ҳайф бошад Руҳулқудус ба сагбонӣ.*
*Ба ҳусни савт чу булбул муқайяди назмам,*
*Ба ҷурми ҳусн чу Юсуф асири зиндонӣ.*
*Басе нишастам ман бо акобиру аъён,*
*Биёзмудамашон ошкору пинҳонӣ.*
*Нахостам зи таманно, магар ки дастурӣ,*
*Наёфтам зи атоҳо, магар пушаймонӣ.*

Ин ҷо ба сароҳат як дугонагии барҷастаро дар шахсияти адабии Рӯдакӣ метавон мушоҳида намуд. Яке вассофи айши инҷаҳонӣ ва дигаре як мусулмони ботақво ва порсову парҳезгоре, ки аз мавқеъи қудрат ва азамати маънавӣ бо шоирони орифи дараҷаи аввал ҳамсарӣ мекунад, балки аз онҳо пешӣ мегирад ва дар мунозара бо ҳикмати Юнон (ки бисёриҳо таслим ва муқаллиди он шуда буданд) дар пояи до-

нишманди маъруф Ғаззолии Тӯсӣ қарор мегирад. Дубора ин навъ мавзеъгирии шуҷоъонаро ба ин сароҳат дар назми форсӣ пас аз 10 қарн дар ашъори Муҳаммад Иқбол мушоҳида менамоем.

Пас, омили ин дугонагӣ чист? Ин омил (ё авомил) дар қисмати дувуми ҳамин шеъри боло ба рӯшанӣ бозгӯ шудааст, ки шоир аз муҳите, ки маҷбур аст муқайяди назм (назми такаллуфӣ) бошад ва нишасташ бо акобиру аъён ҷуз пушаймонӣ ба бор наёвардааст, шикоят дорад. Ва ҳамин муҳит будааст, ки шоирони мутафаккир ва донишманду рӯшанфикрро, ки ба муқтазои сиришти маънавии хеш ногузир бар ҳикмати мутаъолии илоҳӣ унси хос доштанд, водорад, то ба такаллуф ва тасаннуъ ба сурудани ашъоре пардозанд, ки бештар ба хотири хушҳол кардани мирон ва дарбориён будааст, то он ки баёни аҳволи дарунӣ ва отифии сарояндагони ин ашъор. Бо вуҷуди чунин баёнияи сареҳи устод Рӯдакӣ, метавон гуфт, ки аз ин назар вазъи Рӯдакӣ нисбат ба шуарои баъдии дарборӣ ба маротиб беҳтар будааст. Чаро, ки шоҳони нисбатан одил ва фарҳангпарвари Сомонӣ, бешак аз назари порсоӣ ва муроъоти ҳудуди инсонӣ ва илоҳӣ нисбат ба дигарон имтиёз доштанд ва бахусус он ҷо, ки устод Рӯдакӣ адлу инсофи ононро васф менамояд, эҳсос мешавад, ки ба самимияти тамом сухан мегӯяд. Вале баҳс дар маҷмӯъ аст ва воқеъият ин аст, ки танҳо ду-се тане аз шоирони бузург тавонистаанд аз васфи базмҳои айёшонаи дарбору дарбориён худро канор бигиранд ва ё пойгоҳи иҷтимоъие бартар аз онон пайдо намуда (мисли Мавлавӣ) бад-ин тариқ аз онон бениёз гарданд.

Ин нуктаро дар навиштаҳои Носири Хусрав ба сурати баёноти мустақим ва ғайришеърӣ мушоҳида менамоем:

«Шабе дар хоб дидам, ки яке маро гуфт: «Чанд хоҳӣ хӯрдан аз ин шароб, ки хирад аз мардум зоил кунад, агар ба ҳуш бошӣ, беҳтар. Ман ҷавоб гуфтам, ки ҳукамо ҷуз ин чизе натавонистаанд сохт, ки андӯҳи дунё кам кунад. Ҷавоб дод, ки: Бехирадӣ ва беҳушӣ роҳате набошад, ҳаким натавон гуфт касеро, ки мардумро ба беҳушӣ раҳнамун бошад, балки чизе бояд талабид, ки хирадро ва ҳушро би-

яфзояд. Гуфтам ки: ман онро аз куҷо орам? Гуфт: Ҷӯянда ёбанда аст ва ба сӯи қибла ишорат кард ва дигар сухан нагуфт. Чун аз хоб бедор шудам, он ҳол тамом ба ёдам буд, ин насиҳат бар ман кора кард ва ба худ гуфтам, ки аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам». Ва пас аз он «Бархостам аз ҷою сафар пеш гирифтам» ва ин сафар сафари камоли маънавӣ ва рӯҳонӣ дар масири Каъбатуллоҳ аст, то ба он меанҷомад, ки Носири Хусравро дигар як марди ҳаким, порсову парҳезгор ва олими омили дин дармеёбем. Ва аммо Носири Хусрав бо он ҳоли мастиву бехабарӣ қабл аз ин дар куҷо буд? Дар дарбор! Раёсати девони дарборро бар уҳда дошт ва дабири аъзам ва аз бисёре аз улуми роиҷи замонаш бохабар, вале ҷонаш дар такопӯи роҳи Ҳаққ, ки охируламр аз тариқи он рӯъёи содиқа ба тавфиқ расид.

Бо иктифо ба ин мисолҳо ва мисолҳои зиёди дигар, ки ба хотири ихтисори сухан ночор аз онҳо бояд сарфи назар кард, метавон ба итминон гуфт, ки васфи майи моддӣ ва майгусорӣ дар ашъори шуарои пешин бо базмҳои дарбори шоҳону амирон робитаи мустақим дорад ва метавон ҳадс зад, ки ин навъ ашъор дар муқобили фатвои фиқҳии ҳурмати май (ҳаромии май), ки шоҳону мирони мусулмон дар муроъоти он ночор буданд, ба унвони «узри малеҳ» ва ё «фатвои адабӣ» хидмат мекард ва аз ҳамин мавзеъ буд, ки шоири дарборӣ бо ҷуръати тамом бар мӯҳтасиб, қозӣ, муфтӣ ва дигар масъулини умури шаръӣ, ки дар қудрати сиёсӣ бо шоҳону мирон шарик буданд, мунозара менамуд ва «дар маҷлиси шоҳ ҷоми бода дар каф бар риши онҳо механдид» ва бо истифода аз имконоти беҳадду шумори саноеъи адабӣ, «фатвои адаби»-и ҳалол будани май ва чизҳои дигарро барои чунину чунон шоҳе содир менамуд ва ғолибан яке аз далелҳои «ҳалолии май» барои ин шоҳон базлу бахшиш ва атои онҳо буд, ки дар базмҳои майгусорӣ ва тараб сурат мегирифт.

Ҷои дигар, ки маи муқаррарӣ мавриди тасвир аст, он ҷост, ки суханвар аз раҳгузари машварат ва маслиҳат меояд ва дар хусуси одоб ва шароити май хӯрдан сухан мегӯяд. Мисли ин рубоӣ, ки ба Ибни Сино нисбат медиҳанд:

*Май душмани масту дӯст бо ҳушёр аст.*
*Андак – тарёк, беш – заҳри мор аст.*
*Дар бисёраш мазаррати андак нест!*
*Дар андаки он манфаъати бисёр аст.*

Ва ё рубоии зер, ки ба номи Хайём иртибот дорад:

*Гар май бихурӣ ту, бо хирадмандон хур,*
*Ё бо саname лоларухе хандон хур.*
*Бисёр махур, вирд макун, фош масоз,*
*Кам-кам хуру, гаҳ-гоҳ хӯру пинҳон хур.*

Ва ҳамчунин:

*То май нахӯрам, тараб зи ман пинҳон аст,*
*В-ар бода хӯрам, дар хирадам нуқсон аст,*
*Ҳолест миёни мастиву ҳушёрӣ,*
*Ман бандаи он, ки зиндагонӣ он аст.*

Дар чунин маворид дигар мусаллам аст, ки сӯҳбат аз майи моддист. Вале ин суханонро ба таври ҳатм наметавон далел бар он гирифт, ки гӯяндаи он дӯстдор ва мубаллиғи май аст ва суханвар аз мавқеъи ҳаким ва марди хирадманде сӯҳбат мекунад, ки медонад чун май ногузир мавриди истифода аст, ҳудуде барои он бояд гузошт, зеро истеъмоли май дар ҳар ҳол на он корест, ки назди марди оқил писандида бошад, чи мусулмон бошаду чи не. Ҳамзамон суоле пеш меояд, ки оё соҳиби чунин рубоӣ (Хайём), ки ба унвони ҳаким ва Ҳуҷҷатулҳақ маъруф буд, ва аз миёни амвоҷи саҳмгини тӯфони афкору андеша фарёд мекард, ки «шаб нест, ки ақл дар таҳайюр нашавад в-аз гиря канори ман пур аз дур нашавад! Пур менашавад косаи сар аз савдо, ҳар коса, ки сарнагун бувад пур нашавад», метавонист ҳарфҳои пӯчу бемояеро аз ин қабил бигӯяд, ки дар он на асаре аз завқ асту на нишоне аз ҳикмату хирад ва на ашбоҳе аз шеър, балки ба музахрафоти базлагуёни безарофат шабоҳат дорад:

*Эй бода, ту маъшуқи мани шайдоӣ,*
*Ман май хӯраму натарсам аз расвоӣ.*
*Чандон май хӯр, ки ҳарки бинад гӯяд:*
*Эй хумми шароб, аз куҷо меоӣ?*

Ин рубоӣ, ки замоне ба номи баланди Хайём бисёр шӯҳрат пайдо карда буд дар маҷолису маҳофил ба обу тоб хонда мешуд ва ҳамон замон мавриди эътирози як рафиқи соҳибзавқ қарор гирифта буд ва афсӯс мехӯрд, ки ба Хайём зулм мешавад. Аз вай хостанд, то собит кунад, ки ин рубоӣ пӯч ва орӣ аз шеърият аст. Ибтидо суол кард, ки оё шумо метавонед бигӯед, ки дар ин ҷо май хосу вижа ва ё маънавӣ аст? Чун гуфтанд: не, ҳаргиз чунин нест, гуфт: пас, ман танҳо ба ҷои «май» ва «хум» калимаҳои дигареро, ки имрӯз ин шеър бар сари онҳо хонда мешавад мегузорам, (чаро ки маънии маҷозӣ дар ашъори олӣ ин каламотро дорои маънавияти хос кардааст) ва мехонам, бубинам шумо мепазиред ё не! Ва… хонд:

*Эй пива, ту маъшуқи мани шайдоӣ,*
*Ман пива хурам, натарсам аз расвоӣ.*
*Чандон пива хур, ки ҳар ки бинад гӯяд:*
*Эй бушкаи пива, аз куҷо меоӣ?!*

Ва дар идома афзуд, оё шумо фикр мекунед, як одами то гулӯ пур аз машруб аз замони Хайём то имрӯз чӣ фарқе метавонад дошта бошад ва дар вуҷуди он чи ҳикматест? Ва ё тасаввур мекунед, ки Хайёмро ширкатҳои машрубфурӯшии замонаш киро карда буданд, то ба расми агентиҳои рекломи имрузӣ, ки аз фарти таблиғи машруб, бахусус обҷав (пиво) мавриди интиқоди шадиди Думаи Давлатии Руссия қарор гирифтаанд, маҳсулоти ононро таблиғ ва бозорашонро гардон кунад? Оё касе аз шумо ҳозир аст, ки ба фарзанди худ, ин навъ «ҳикмати аҷдодӣ»-ро ба мерос бигузорад?

Албатта, мавзӯъи Хайём ва таҳлили образи май дар осори вай таҳқиқоти алоҳидаеро мехоҳад, зеро ҳанӯз дар ин маврид

масоили мубҳам зиёд аст ва тавре ки мулоҳиза фармудед, мушоҳидаи истифодаҳои ҳамроҳ бо таҷоҳули ориф ва ё ҷаҳли мураккаб гуфторро дар ин мавзӯъ аз қолаби маъмул берун мекашад. Вале дар ин мухтасар он ҷо, ки матлаб тақозо мекунад, вуҷуҳи муштараки осори вай бо шуарои дигар дар мавзӯъи мавриди назар ёдоварӣ мегардад.

Табиист, суоле ба миён биёяд, ки чаро шуарои ҳаким, сӯфӣ ва ориф барои баёни афкори олии худ аз вожаҳои аз нигоҳи ақидатии худ накӯҳида ва мазмуме чун май, бода, шароб ва вожаҳои перомунии он: соқӣ, қадаҳ, харобот (майхона), хумхона ва аз ин қабил истифода кардаанд? Ва оё имкон надошт, ки ба ҷои ин вожаҳои «олуда» каламоти дигареро ба кор бигиранд, то хонандаи худро ба иштибоҳ наяндозанд? Посух ба ин суол ба як сурат ва як иборат муяссар нест, зеро далоили корбурди вожа ва образи май дар адабиёти мо, аз ҷумла шеъри ирфонӣ, ба ҳамон андоза гуногун ва зиёд аст, ки васоил ва саноеъи баёни адабӣ ва шеърӣ гуногун мебошад ва дар идома кӯшиш хоҳад шуд, то ҳатталимкон ин далоил ҳамроҳ бо сабку тарзи баёни адабӣ гурӯҳбандӣ ва муаррифӣ гардад.

Вале ибтидо бояд гуфт, ки шоирон дар ҳар маънӣ ва мавзӯъе аз тамомии системаи образҳо ва дар маҷмӯъ забони шеърии пешиниёни худ кор гирифтаанд, ва ибдоъоту навовариҳои худро дар ҳамин матн ҷой додаанд, зеро ҳам зеҳни худи онҳо ва ҳам ҳофизаи адабӣ ва завқи шеърии ҷомиъа ҳаминро тақозо менамуд ва аз ин рӯ на танҳо май ва мастӣ, балки дар водиҳои дигар низ, аз ҷумла ишқу муҳаббат, ниёишу парастиш низ аз абзорҳои дар собиқ маъмул ва мусталаҳ истифода намудаанд ва ба унвони мисол метавон аз образи бут, санам ва… ёдоварӣ намуд, ки дар ашъори шуъарои пешини мо зиёд аст, ва маҷоз дар он бештар аз май аст, зеро агар дар порае аз ашъори қадими мо май ҳамон майи маъмулӣ бошад, пас, ҳеч гоҳ санам ва бут маънии мустақим ва одии худро надошта ва мо ҳатто ба эҳтимоли заиф ҳам наметавон бигӯем, ки шояд дар таърихи адабиёти мо суханваре бутпараст будааст. Вале тавсифи бут ва бутпарастӣ дар ашъори шуарои пешини мо

камтар аз май ва майпарастӣ нест. Дар ин маврид ҳам ба вузуҳ маълум аст, ки муроди шоир аз бут ва бутпарастӣ чизи дигарест. Дуруст нуқтаи акси он, яъне худопарастӣ ва дар баъзе аз маворид ҳам васфи зебоиҳои инсон аст.

Масалан Ҳофиз мегӯяд:

*Бибурд аз ман қарору тоқату ҳуш,*
*Буте сангиндилу симинбаногӯш.*

**Иҳом**

Баргардем ба посухи суоли боло, ки ҳамин «дар иштибоҳ андохтани хонанда» худ яке аз саноеъи адабӣ ба унвони «иҳом» аст, ки вуҷуди он дар назм боъиси эҷоди шеърият мегардад. Пештар дар байте аз Хоҷа Ҳофиз ин навъ дар гумон афкандани хонанда ва бо қалбу зеҳни он бозиданро мисол овардем ва дидем, ки ҳамин дар нишеби тунди гумон сарозер кардани хонанда ва дубора ба қуллаи матлаби асл боло кашидани вай, чи тавр қалби хонандаро зеру рӯ мекунад, ки ҳосили он эҳсоси завқ ва ваҷд мебошад. Ҳар қадр воситаи иҳом «дар гумон афкандан» бо асли матлаб тазоди бештар дошта бошад, ин завқ ва ваҷд ҳамон андоза бештар мегардад. Беҳтар аст мисоли ин бобро, ки дар зимни байтҳои иқтибосии он ҳам иҳоми маънавӣ ва ҳам лафзӣ барҷаста ва ошкор аст, аз Имом Муҳаммади Ғаззолӣ нақл кунем, то ҳамзамон бо назари яке аз фақеҳони маъруфи ислом, ки ба сахтгирӣ ва ҷиддияти зиёда маъруф аст, дар ин боб ошно шавед:

«Аммо сӯфиён ва касоне, ки ишон ба дӯстии Ҳақтаъоло мустағрақ бошанд ва самоъ бар он кунанд ин байтҳо ишонро зиён надорад, ки ишон аз ҳар яке маъние фаҳм кунанд ва аз нури рӯй нури имон фаҳм кунанд ва бошад ки аз зулф силсилаи ашколи ҳазрати Улуҳият фаҳм кунанд, чунонки шоъир гӯяд:

*Гуфтам бишуморам сари як ҳалқаи зулфаш,*
*То бу ки батафсил сари ҷумла барорам,*
*Хандид ба ман бар сари зулфайнаки мушкин,*
*Як печ бипечиду ғалат кард шуморам.*

Ки аз ин зулф силсилаи ашколи ҳазрати Улуҳият фаҳм кунанд, ки касе ки хоҳад ба тасарруфи ақл ба вай расад, бо он ки сари мӯе аз аҷоиби ҳазрати Улуҳият бишиносад, ба як печ, ки бар вай уфтад, ҳама шуморҳо ғалат шавад ва ҳама ақлҳо мадҳуш шавад.

Ва чун ҳадиси шароб ва мастӣ бувад дар шеър, на он зоҳир фаҳм кунанд. Масалан чун шоир гӯяд:

*Гар ме ду ҳазор ратл барпаймоӣ,*
*То май нахурӣ, набошадат шайдоӣ.*

Он фаҳм кунанд, ки кори дин ба ҳадису таъаллум рост наёяд, ки ба завқ рост ояд. Агар бисёрии ҳадиси муҳаббату ишқу зӯҳду таваккул ва дигар маъонӣ бигӯӣ ва дар ин (бора) китоб тасниф кунӣ ва коғаз дар ин бисёр сиёҳ кунӣ, ҳеч судат накунад, то бад-он сифат нагардӣ.

Ва ончи аз байтҳои харобот гӯянд, ҳам чизе дигар фаҳм кунанд, масалан чун гӯянд:

*Ҳар к-ӯ ба харобот нашуд бедин аст,*
*Зеро ки харобот усули дин аст.*

Ишон аз ин харобот (маънии одии он – майхона аст. – Р.В.) харобии (аз байн рафтани) сифоти башарият фаҳм кунанд, ки усули дин он аст, ки ин сифот ки ободон аст, хароб шавад то онки нопайдост дар гавҳари одамӣ пайдо ояд ва ободон шавад.

Ва шарҳу фаҳми он дароз бувад, ки ҳар касеро дархӯри назари худ фаҳме дигар бошад». (Кимиёи саъодат, ҷилди аввал с. 377)

Албатта ин образҳо дар ҳар шоири орифе ва ғайриорифе ҷилваҳои хос дорад ва он гуна, ки Имом Ғаззолӣ мефармояд, ҳар якеро дархури назари худ фаҳми дигаре бошад, чи шоирро ва чи хонандаро, бино бар ин кӯшишҳое аз қабили сохтани фарҳанги луғоти тафсирии истилоҳоти шеъри ирфонӣ корест, ки ба диққат ва қотеъият наметавон анҷом

дод ва масалан наметавон гуфт, ки дар ашъори ҳамаи шоирони ориф зулф фалон маъниро дорад ва сабӯи май ва харобот фалон маъниро, зеро ҳар яке метавонад дурахшҳои маънавии хосе дошта бошад, валеончи муштарак ва мукаррар аст, ғолибан ҳамин маънавӣ ва ғайриодӣ будани ин истилоҳоти шеърист ва дар маҷмӯъ бояд гуфт, ки корбурди одии ҳар навъ калимаи дигаре ҳам дар шеър аз зоти ҳунар нест онгуна, ки ҳеч наққоше чизеро тасвир накунад, ки муроди вай маҳдуд ба айни ҳамон чиз ва модда бошад ва агар чунин бошад, дар он тасвир ҳунар ҷойгоҳе нахоҳад дошт ва ҳатто аккосии (суратгирӣ ва на суратгарӣ) ҳунарӣ фаротар аз он аст, ки муроди аккос ба айни моддии ҳамон акс маҳдуд бошад, то чи расад ба шоирони ориф, ки дар ашъори онҳо ҳар тасвире дар заминаи моддӣ ва маънӣ ба ниҳояти латофат ва таҷрид (абстраксия) мерасад. Масалан, замоне, ки Ҳофиз нидо мекунад:

*Орифе ку, ки кунад фаҳми забони савсан,*
*То бигӯяд, ки куҷо рафту куҷо боз омад.*

Ин савсан, ки ба зоҳир дар тасаввури мо навъе аз гул аст, мушаххас ва малмусу маҳсус, дар ин ҷо ишорате латиф ва маънавист аз ҷаҳони халлоқияти Парвардгор, ки мушоҳидаи зинда ва маънавии он ваҷди пуршӯре дар дилҳои зинда меафканад ва ин навъ тасвир бартар аз ҳар навъ тасвири моддӣ (натуралии) он (савсан) мебошад.

Ба ин маъност, ки Хоқонии Шарвонӣ мегӯяд:

*Суварнигори ҳадисам, вале ҳар он сурат,*
*Ки ҷон дар он натавонам намуд, нангорам.*

Ба ин маъност, ки Саъдии Шерозӣ мефармояд:

*Барги дарахтони сабз пеши худованди ҳуш*
*Ҳар варақе дафтарест, маърифати Кирдгор.*

## Сукри сӯфиёна ва мастӣ, ақл ва ваҷду ҳоли ошиқона

Ибтидои маърифат бо эҳсос аст ва инсон нишонаҳо ва аломоти чизҳоро бо эҳсоси панҷгона дармеёбад ва пасон ба коргоҳи ақл месупорад, то ақл ба ҷамъбасту ташхису таҳлил ва қиёс ба шинохти моҳияти ашё ва аҳвол мепардозад, вале шинохти комили моҳияти ашё ва аҳвол ҳаргиз муяссар намегардад, ҳар қадр ки муқаддимаи ороста бо далоили ҳиссӣ ва ақливу мантиқӣ такмил шуда бошад, зеро маърифатро бидоят ва ниҳоят пайдо нест. Он гуна, ки Ибни Сино мефармояд:

*Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,*
*Як мӯй надонист, вале «мӯй шикофт».*
*Андар дили ман ҳазор хуршед битофт,*
*В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.*

Ҳоло ин дар боби маърифати олам ва моҳияти ашёст, вале чун мавзӯъ ба маърифати Офаридгори олам баргардад, кори ҳис ва ақл сахттар мешавад, зеро ба гуфти ҳаким Фирдавсӣ:

*Зи ному нишону гумон бартар аст,*
*Нигорандаи баршуда пайкар аст.*
*Ба бинандагон Офаринандро,*
*Набинӣ, маранҷон ду бинандаро.*
*Наёбад бад-ӯ низ андеша роҳ,*
*Ки ӯ бартар аз ному аз ҷойгоҳ...*
*Ба ҳастиш бояд ки хасту шавӣ,*
*Зи гуфтори бекор яксӯ шавӣ.*
*Парастанда бошиву ҷӯяндароҳ,*
*Ба фармонҳо жарф кардан нигоҳ...*

Яъне ҳаким Фирдавсӣ, чун мусалмони муқин ва мутмаин кор бастани хирадро дар шинохти моҳияти зоти Аллоҳ кори беҳуда медонад ва мӯътақид аст, ки Офаринандаи хирад бартару болотар аз он аст, ки дар зарфи махлуқи худ

(хирад ва инсон) бигунҷад ва беҳтар он аст, ки ба ҳастии Офаридгор имон ва итминон дошта бошӣ ва хирадро дар иҷрои фармонҳои Офаридгор ва парвардгори хирад ва хирадманд ба кор бандӣ, яъне марди амал бошӣ.

*Амал хоҳӣ, яқинро пухтатар кун:*
*Яке гиру яке гӯю яке бош!*

(Иқбол)

Вале ин панди судманд ошиқи маърифати илоҳиро, ки хосони Худоянд, пазируфта намеояд, зеро зимоми дили ошиқи маърифати он зоти бечун аз кафи онҳо бурун ва дар дасти худи Офаридгор аст ва ҷазбаи муҳаббати ин маърифат бандҳои ақлу ихтиёрро мешиканад ва ошиқро ба ҷое мерасонад, ки дигар маркаби ақл, ки дар ибтидои роҳ (водии талаб) бо ӯ буд пой дар гил мемонад ва дар идома солики роҳи маърифати илоҳӣ ақлро нотавон ва уфтода дармеёбад ва худро дар миёни дарёи тӯфоние мебинад, ки танҳо шӯру мастии ишқи маърифати илоҳӣ метавонад ҳавлу ҳайбати ин тӯфонро аз дили ӯ берун созад, онгоҳ солик толиби афзоиши ин шурӯ мастӣ аз манбаъи файёзи илоҳӣ мегардад:

*Ало, ё айюҳа-с-соқӣ, адир каъсан ва новилҳо,*
*Ки ишқ осон намуд аввал, вале уфтод мушкилҳо...*
*Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил,*
*Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо?!*

Ва қуввати ин шароби ишқи маърифатафзойро то ҷое мечашад, ки бовар дорад, бо даркашидани он ҳатто ҳавлу бими азими Рӯзи Растохезро ҳам метавон аз дил берун кард:

*Пиёла бар кафанам банд, то ба рӯзи ҳашр,*
*Зи дил бурун бибарам ҳавли Рӯзи Растохез.*

Ва маълум аст, ки ақл низ дараҷоте дорад ва онҷо, ки сӯҳбат аз ақли фурӯмонда дар масири сайру сулуки

ошиқони маърифати Илоҳӣ ба миён меояд, манзур ақли ибтидоӣ ва танҳо мусаллаҳ бо ҳавоси панҷгона ва асбоби мантиқ мебошад, вале дар маҷмӯъ ин ақл ҳам дар хидмати маркази маърифат ва ишқи Илоҳӣ, яъне дар хидмати дил мебошад, онгуна, ки Имом Ғаззолӣ мефармояд:

«Пас, ҳавос ходими ақланд ва ақлро барои дил офаридаанд, то шамъу чароғи вай бошад, ки ба нури вай ҳазрати Улуҳиятро бубинад, ки биҳишти вай аст. Пас, ақл ходими дил аст, ва дилро барои наззораи ҳазрати Рубубият офаридаанд».[1]

Чун ҳоло маҷоли ин баҳси тӯлонӣ нест, ба ин қадр иктифо мешавад, ки ваҷҳи муштарак миёни мастии (ваҷду ҳоли) сӯфиёна ва орифона бо мастии одӣ («обиангурӣ») ҳамоно берун рафтан аз қайду банд ва чуну чарои ақл аст ва ворид гардидан ба водие «бе ҳадду марз ва бас фарох».

*Моро зи манъи ақл матарсону май биёр,*
*К-ин шаҳна дар вилояти мо ҳечкора нест.*

*(Ҳофиз)*

Амммо тафовути боризе, ки байни ин ду навъ мастӣ дар муносибат ба ақл ҳаст, ин аст, ки мастии одӣ ва ҳосил аз майи моддӣ ақлро забун ва хомӯш месозад ва корро ба дасти эҳсосоти ҳайвонӣ медиҳад, ки дар ниҳоят саҳми ақл аз ин аҳвол дареғ ва пушаймонист, вале мастии ирфонӣ бар рӯи мутаҳаййири ақли мантиқӣ уфуқҳои тоза ва нопаймудаеро боз мекунад ва ҳосили ақл аз ин ҳамсайрӣ забунӣ ва хорӣ нест, балки ҳайрат ва шигифтӣ аз мулоҳизаи парвозҳои гардунсайр варои маҳдудаҳои ҳиссу мантиқи оддист, ки дар ниҳоят ба сурати таҷриба онро дар бойгонии ҳофизаи худ сабту забт менамояд. Муҳаммад Иқбол мӯътақид аст, ки вуҷуди маҳсуси таҷоруби аҳволоти ирфонӣ, шоҳиди воқеъияти ин аҳвол мебошад, ки дар ниҳоят ҳам табдил ба бозёфти маъқул ва боиси камолоти ақл мегардад.

Бахши зиёде аз ашъори суханварони ориф, ки дар он аз истилоҳи шеърии «май» ва қаринаҳои он кор гирифта шу-

---

[1] «Кимиёи Саодат», ҷ.1 – с.15.

дааст, дар ҳамин чаҳорчӯби таносуби ақл ва мастӣ (ё ақл ва ишқ) мебошад. Ҳатто хеле аз рубоиёти Умари Хайём дар чаҳорчӯби ҳамин таносуб суруда шудаанд, агарчи Хайём худ як ҳакими хирадгаро буд:

*Умрест, ки маддоҳии май вирди ман аст.*
*Асбоби май аст, ҳар чи дар гирди ман аст.*
*Зоҳид, агар устоди ту ақл аст ин ҷо,*
*Хуш бош, ки устоди ту шогирди ман аст.*

Ва албатта маълум аст, ки он май, ки чандон маърифат диҳад, то ақли зоҳиди зоҳирбин шогирди кас гардад, чӣ май аст, агар он маи ирфонии Румиву Ҳофиз нест, пас дар ҳар ҳоле он маи моддии зоилкунандаи ақлу хирад ҳам нест.

**Мастии азалӣ ва абадӣ (Масти Аласт)**

Яке аз мавориди мукаррар дар истифодаи вожаҳои май ва мастӣ васфи майи азалӣ, мастии азалӣ ва «масти аласт» мебошад, ки дар осори ҳамаи суханварони ориф ҷойгоҳи муҳим дорад. Дар маҷмӯъ манзури суханвари ориф дар ин маврид он аст, ки вуҷуди гавҳари ишқ ва маърифати илоҳиро аз ибтидои офариниш дар ҳастии худ мешиносад, мепазирад ва бо он нозишу мубоҳот дорад ва гоҳе ҳам онро ба унвони узри малеҳ дар баробари заъф ва нақс дар იродаву ихтиёри худ ёд мекунад.

Ҳофиз мефармояд:

*Ба ҳеч давр нахоҳанд ёфт ҳушёраш,*
*Чунин, ки Ҳофизи мо масти бодаи азал аст.*

Ва ҷои дигар:

*Дӯш дидам, ки малоик дари майхона заданд,*
*Гили Одам бисириштанду ба паймона заданд.*
*Сокинони ҳарами ситру афофи малакут*
*Бо мани роҳнишин бодаи мастона заданд.*

Бедил мегӯяд:

*Майпарасти эҷодам, нашъаи азал дорам,*
*Ҳамчу донаи ангур шиша дар бағал дорам.*

Мавлонои Румӣ, на танҳо инсонро, балки тамоми олами ҳастиро саршор аз майи азал ва пӯёну чархон аз нашъаи мастии азалӣ мебинад:

*Сорбоно, уштурон бин сарбасар қаттор маст,*
*Мир масту хоҷа масту ёр маст, ағёр маст.*
*Боғбоно, раъд мутриб, абр соқӣ гашту шуд*
*Боғ масту роғ масту ғунча масту хор маст*
*Осмоно, чанд гардӣ, гардиши унсур бубин:*
*Об масту бод масту хок масту нор маст.*
*Ҳоли сурат инчунину ҳоли маънӣ худ мапурс:*
*Рӯҳ масту ақл масту хок маст, асрор маст.*
*Рав ту ҷабборӣ раҳо кун хок шав, то бингарӣ*
*Зарра зарра хокро аз Холиқи ҷаббор маст...*
*Соқиё, бода яке кун, чанд бошад арбада:*
*Дӯстон з-иқрор масту душманон з-инкор маст.*
*Бодае дорӣ худоӣ, бас сабукхору латиф,*
*З-он агар хоҳад бинӯшад рӯз сад хирвор маст.*
*Шамси Табрезӣ, ба даврат ҳич кас ҳушёр нест,*
*Кофару мӯъмин харобу зоҳиду хаммор маст.*

Ин чи мастист, чанд навъ метавон таъбир кард, вале дар маҷмӯъ, вобастаи машияти илоҳӣ будани ҳолу ҳаракоти ҳама махлуқоти Худованд мебошад ва пештар аз Мавлоно шунида будем, ки:

«Обу хоку боду оташ бандаанд, бо ману ту мурда бо Ҳақ зиндаанд».

Авҷи ин ғазал ҳамин байт аст:

*Соқиё, бода яке кун, чанд бошад арбада,*
*Дӯстон з-иқрор масту душманон з-инкор маст.*

Яъне мункири Ҳақ ҳам вобастаи машияти илоҳист ва масти майи соқии азал аст ва ба Ҳақ дар ҳеч ҳоле бемуносибат нест, танҳо ин аст, ки муносибати вай манфӣ ва инкорист ва агар соқии азал ӯро низ аз он навъи бода, ки дӯстонро медиҳад, бичашонад, оташи арбадаи ӯ бо дӯстони Ҳақ фурӯ менишинад.

Ин навъ мастии ирфонӣ ҳамчун нишони садоқат ва ихлос бо дар муқобили ибодот ва зуҳди орӣ аз ваҷду ҳол вале ҳамроҳ бо тамаъи музди охират гузошта мешавад:

*Зоҳид шароби Кавсару Ҳофиз пиёла хост,*
*То дар миёна хостаи Кирдгор чист.*

Ва аз навъи ҳамин андеша аст, ки ҷои дигар мефармояд:

*Ту бандагӣ чу гадоён ба шарти музд макун,*
*Ки хоҷа худ равиши бандапарварӣ донад.*

Ва ё:

*Тарсам, ки сарфае набарад рӯзи бозхост*
*Нони ҳалоли шайх зи оби ҳароми мо.*

Ба тасреҳи бештар ин май ва ин мастиро дар таъбири «масти аласт» метавон тавзеҳ дод, ки яке аз нуктаҳои бисёр дилпазири қуръонӣ дар ҳадиси офариниши инсон ва паймони банӣ Одам бо Офаридгор мебошад. Ин ҳадис дар миёни оммаи мардуми мусулмони тоҷик ҳам шӯҳрати тамом дорад ва таъбири «масти аласт» як таъбири мардумӣ шудааст. (Агарчи ба қатъият наметавон гуфт, ки ҳамагӣ аз асли ҳикмати он огоҳӣ доранд).

Ба хотири равшантар шудани масъала месазад бахши марбут ба ин мавзӯъ аз китоби пажӯҳишгари эронӣ Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ» иқтибос шавад:

## Аласт

Мураккаб аст аз «а» (нишонаи истифҳом) + «ласту» (феъли мозии мутакаллими воҳида аз «лайса») ва маҷмӯъан ба маънои «оё нестам ман?». Ин таъбир аз ояи 172 сураи Аъроф маъхуз ва ба ин маъност, ки пеш аз хилқати башар Худованд ҳарчи аз насли Одам фарзанд хост ки бошанд то рӯзи Растохез, ҳамаро ба сурати зурриёте аз пушти Одам берун овард ва хитоб ба онҳо гуфт: «Аласту бираббикум. Қолу: бало, шаҳидно» (Оё Парвардгори шумо нестам? Гуфтанд: бале, гувоҳӣ медиҳем) ва ба ин тартиб онҳо ба худовандии Худо гувоҳӣ доданд ва аз он пас ба сурати аввал ба пушти Одам бозгардонда шуданд.

Донишмандони исломӣ ва муфассирин дар вуҷуди «олами зарр» ва кайфияти ихроҷ ва ишҳод ихтилоф кардаанд. Бархе ба тариқи исбот рафтаанд ва бархе ба роҳи нафй ва ба ин тартиб «Рӯзи Аласт» ба унвони рӯзи аҳду паймон ва мисоқ ва даъват ба вафодорӣ ва замони инъиқоди нутфаи хубиҳову бадиҳо ва биҳиштиву дӯзахӣ шудани инсонҳо шӯҳрат ёфтааст. Ба ривояти Балъамӣ вақте ҳама ба худоии Худо иқрор карданд, пас он ҳамаро ба ду ним кард. Як нима аз дасти рост ва як нима аз дасти чап. Дастиростиҳоро гуфт, ки инҳо биҳиштиянд ва дастичапиҳоро гуфт, ки инҳоро ба ҷаҳаннам хоҳам бурд. Табарсӣ ин ваҷҳро рад мекунад ва мегӯяд: «Аласту бираббикум» забони ҳол аст. Яъне Худованд бандагонро фитратан ба роҳи тавҳид офарид ва ба баёни дигар ин аҳд аҳди таквинист, на аҳди лисонӣ (забонӣ).

Ба ин тартиб, тааҳҳуди инсон аз безамонӣ, яъне Рӯзи Аласт оғоз шуда ва то камоли инсон идома дорад. Инсон ҳофиз ва ҳомили амонатест (--бори амонат), ки дар ин рӯз бар ӯ муҳвал шуда ва рисолати аслияш ба хотир овардани аҳди мастур дар он амонат аст.

Дар ирфони исломӣ мабнои инсоният тааҳҳуди одамӣ дар қиболи ҳамин амонат аст ва ояи «Аласту бираббикум» фитрати ӯро муайян мекунад, ки дар ин ҷо иборат аз он паймонест, ки дар замони азалӣ ва оғозин ё замони асотирӣ баста шуда ва камоли одамиро дар гарави таҳаққуқ бахшидан ба ин паймони азалӣ қарор додааст. Инсон дар асари ҳубут дар олами касарот

ва ҷаҳони фурудин ин паймонро аз ёд бурдааст. Аммо ориф метавонад бо ризоят (шояд – риёзат) ва мудовамат дар зикр он фитрати оғозинро бишукуфонад ва ба мақоми инсони комил бирасад. Аз ин рӯ дар шеъри ирфонии форсӣ таъобири мухталифе аз қабили аҳди аласт, ҷоми аласт, завқи аласт, нидои аласт ва ҷуз он дар иртибот бо ин паймон роҳ ёфтааст.

*Миёни ҷашни бақо кард нӯш, нӯшаш бод*[1]
*Зи дасти соқии ҷон соғари шароби Аласт.*

(Аттор)

*Аз нор баркашида кулаҳгӯшаи «бало»*[2]
*Дар гӯш карда ҳалқаи маъшуқаи Аласт.*

(Аттор)

*Аттор, дар ин роҳ қадам зан, чи занӣ дам,*
*То чанд занӣ лоф, ки «ман масти Аластам»?*

(Аттор)

*Аз рӯзи азал ҳанӯз мастам*
*В-аз шавқи Аласт дар суҷудам.*

(Аттор)

*Аласт аз азал ҳамчунонаш ба гӯш,*
*Ба фарёди «қолу бало» дар хурӯш.*

(Саъдӣ)

*Магӯ бӯйе аз ишқ мастат кунад,*
*Талабкори аҳди Аластат кунад.*

(Саъдӣ)

*Мутриб оғозид пеши турки маст*
*Дар ҳиҷоби нағма асрори Аласт.*

(«Маснавӣ»)

---

[1] Дар матни асл саҳван ба ҷои «нӯшаш бод» «нӯшаш ёд» чоп шудааст.

[2] Бало – ( بلی ) бале; бало (بلا) – бало, мусибат, имтиҳони шадид. Ин ду вожа дар шеъри форсӣ сари баёни ин маъно ҳамеша ба масобаи иҳом ва таҷнис мавриди корбурди шоирона будааст. – Р.В.

*Маталаб тоату паймони дуруст аз мани маст,*
*Ки ба паймонакашӣ шӯҳра шудам рӯзи Аласт.*

(Ҳофиз)

*Бирав, эй зоҳиду бар дурдкашон хурда магир,*
*Ки надоданд ҷуз ин тӯҳфа ба мо рӯзи Аласт.*

(Ҳофиз)

*Мақоми айш муяссар намешавад бе ранҷ,*
*Бале, ба ҳукми бало бастаанд аҳди Аласт.*

(Ҳофиз)

*Дилам зи бодаи рӯзи Аласт ранге ёфт,*
*Ҳанӯз бӯйе аз он бода дар машоми ман аст.*

(Салмони Соваҷӣ)

*Гӯш дар замзамаи қавли «бало»,*
*Ҳӯш ғоратзадаи ҷоми «Аласт».*

(Салмони Соваҷӣ)

*Ту чаро «Аласту бираббикум» назанӣ, бизан, ки агар занӣ,*
*Ҳама зарра-зарраи коинот пур аз садои «бало» кунӣ.*

(Тоҳираи Қурратулайн)

*Аз ҳар тараннуме дилаш аз ҷой меравад,*
*Ҳар кас шунидааст нидои Аластро*

(Соиб)

*Анҷуман рӯзи Аласт оростанд,*
*Бар вуҷуди худ шаҳодат хостанд.*

(Иқбол)

*Сад ҳазор африштаи тундарбадаст*
*Қаҳри Ҳақро қосим аз рӯзи Аласт.*

(Иқбол)

*Аз барои як «бало» к-андаро азал гуфтаст ҷон,*
*То абад андар диҳад марди «бало» тан дар бало.*

(Саноӣ)»[1]

Ҳамин таъбири «масти Аласт», ки бешак, ҷомеътарин мафҳуми дарбаргирандаи маъонии манзури шоирони ориф ва маънавӣ аз вожаҳои май, шароб, мастӣ, соқӣ ва аз ин қабил мебошад, дар як ғазали шайх Аттор бо шарҳу басти тамом омадааст:

*Мо зи харобoти ишқ масти Аласт омадем,*
*Номи бало чун барем, чун ҳама маст омадем.*
*Пеш зи мо ҷони мо хурд шароби Аласт,*
*Мо ҳама з-он як шароб масти Аласт омадем.*
*Хок буд Одам, ки Дӯст ҷуръа бод-он хок рехт,*
*Мо ҳама з-он ҷуръаи Дӯст ба даст омадем.*
*Соқии ҷоми Аласт чун васиқиҳум бигуфт,*
*Мо зи пайи нестӣ ошиқи ҳаст омадем.*
*Дӯст чиҳил бомдод дар гили мо дошт даст,*
*То чу гул аз дасти Дӯст даст ба даст омадем.*
*Шаст дарафканд Ёр бар сари дарёи ишқ,*
*То зи пайи чил сабоҳ ҷумла ба шаст омадем.*
*Хезу дило маст шав аз майи қудсӣ азон-к*
*Мо на бад-ин тира хок баҳри нишаст омадем.*
*Дӯст чу ҷаббор буд, ҳеч шикасте надошт,*
*Гуфт шикаст оварид, мо ба шикаст омадем.*
*Гавҳари Аттор ёфт қадри баланде зи ишқ,*
*Гарчи зи таъсири ҷисм гавҳари паст омадем.*

## Май ва мастӣ – воситаи муболиға

Дар гуфтори одии ҳаррӯзаи худ ҳар яке борҳо ин шеваро ба кор мебарем ва барои таъкиди нописанд будани чизе ва ё коре муқаддимае аз чизҳо ва ё корҳои нописанд, макруҳ ва зишт дуруст мекунем ба тавре ки зиштӣ ва нописандии он

[1] Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ. Нашрияи Фарҳанги муосир: Теҳрон, 1386, с. 154-156.

чизҳо ва корҳои мазкур дар ин муқаддима ба ҳадде ошкор ва ъалайно бошад, ки дар баду нописанд будани чизҳо ва ё корҳое, ки наҳй ва радди онҳо манзури мо ҳаст, дигар шакку тардид боқӣ намонад. Масалан, касе мегӯяд: «Ман мехоҳам рӯи хукро бубинаму рӯи фалониро не!» ва набояд ин суханро чунин таъбир кард, ки гӯянда дидани рӯи хукро дӯст медорад ва дар орзуи он аст. Балки ин мубoлиғае ҳаст дар таъкид ба зишт ва нописанд будани дидори касе барои гӯяндаи ин сухан. Агар чизе бадтар аз хук буд, гӯянда дар муқаддима онро меовард, вале мутмаин аст, ки зишттар аз ин чизе нест, то дар «партави» он зиштии дувумӣ ошкор гардад. Ва аз ҳамин қабил аст, вақте ки Бӯалӣ Сино мегӯяд:

*Хар бош, ки ин ҷамоъа аз фарти харӣ*
*Ҳар к-ӯ на хар аст, кофараш мехонанд*

Ва албатта ҳеч касе чунин бардошт нахоҳад кард, ки Бӯали Сино аз хонандаи худ мехоҳад, ки хар бошад, балки манзураш таъкид бар ҷаҳли он тоифаи нодон ҳаст.

Ва намунаи бисёр барҷастаи ин шеваро дар ҳамин байти машҳур метавон мулоҳиза кард:

*Май хӯру Мусҳаф бисӯзу оташ андар Каъба зан,*
*Сокини бутхона бошу мардумозорӣ макун.*

Дар ин байт шоир ба манзури он, ки кори баду нописанд ва гуноҳи азим будани мардумозориро таъкид намояд, муқаддимае барои қиёс аз бадтарин корҳо ва шадидтарин гуноҳон дуруст кардааст, ки дар воқеъ инсони мӯъмин ҳатто аз хондани он эҳсоси ваҳшат мекунад ва дар ин миён май хӯрдан (ки ҳамон маи моддист) дар радифи чунон гуноҳони азим қарор дода шудааст. Ва оё равост, ки касе аз ин байт чунин маънӣ бигирад, ки агар мардумро наёзорад, бар вай равост, ки май бинӯшад? Агар бигӯем равост, пас, ба ин мантиқ метавон гуфт, ки ба он корҳои дигар ҳам, яъне сӯхтани Қуръон ва оташ задан дар Каъба (панох ба Худо) ҳақ пайдо мекунад.

Аз ҳамин шева аст, вақте ки Ҳофиз мегӯяд:

*Ҳофизо, май хӯру риндӣ куну хуш бош, вале*
*Доми тазвир макун чун дагарон Қуръонро.*

Яъне доми фиреб кардани Қуръон бисёр кори бад аст, ҳатто бадтар аз он аст, ки май хӯриву риндӣ (бебандуборӣ) куниву аз ин кардаи худ на ин ки пушаймон, балки хушҳол бошӣ. Оё кас маҷбур аст, ки ҳатман бадкорӣ кунад ва чорае ҷуз ин надорад, ки аз миёни ду бад камтарашро интихоб намояд. Масалан, аз доми фиреб кардани Қуръон бигзарад ва дар иваз барои «ҷуброн»-и ин гузашт бираваду май бихӯрад? Албатта, ҳеч содалавҳе ҳам чунин мантиқро қабул надорад, то чи расад ба Ҳофиз.

Нуктаи усулӣ дар ин баҳс он аст, ки оё он суханварони бузурге, ки ба, муфтӣ, фақеҳ, мӯҳтасиб, зоҳид ва аз ин қабил намояндагони расмии дин ба мухолафат ва интиқод мепардохтанд ва бо риёкориҳо ва зоҳирпарастиҳои онон мубориза мебурданд, худ дар чӣ пойгоҳи ақидатие қарор доштанд? Магар ба ҳақиқат «атеисти ҷанговар» ва мункири ҳақоиқи ислом буданд?

Посухи ин суол ин аст, ки қатъан дар хусуси ин суханварон наметавон чунин гумон бурд, ки онон аз тариқи инод ва инкор нисбат ба ислом ва омӯзаҳои он бо намояндагони расмии он чун зоҳид, мӯҳтасиб, муфтӣ, қозӣ ва аз ин қабил ба ситеза ва муҷодала мепардохтаанд, балки асли қазия чунин аст, ки онон дар баробари зоҳирпарастӣ ва риёи ин тоифа аз мавқеъи усулан дигар, яъне самимият ва муҳаббати холисона ва ошиқона нисбат ба Худо ва дини он сухан мегуфтанд ва дар наздикиву тақарруб ба Зоти Парвардгор худро нисбат ба ин гурӯҳ ба маротиб ва ғайри қобили қиёс муваффақтар медонистанд ва чун гурӯҳе аз сӯфия, ки ононро маломатиён мегуфтанд, санги маломати мардуми бехабар аз ваҷду ҳол ва шӯру ишқи илоҳиро ҳамчун мукофот ва ҷоиза дар баробари муҳаббати холисонаи худ мепазируфтанд. Аз ин ҷост, ки Хоҷа Ҳофиз мегӯяд:

*Ҳар сари мӯи маро бо ту ҳазорон кор аст,*
*Мо куҷоему маломатгари бекор куҷост!*

## Тасреҳи май ва мастӣ

Аз маҷмӯъаи ашъоре, ки шуъаро, аз ҷумла шуъарои мутассавиф ва ориф дар мазаммати майи моддӣ ва мастии одӣ сурудаанд, метавон ҷилд-ҷилд китоб фароҳам овард, ки ин худ шоҳиди рӯшане бар он аст, ки май ва мастии мавриди васф ва қабули онҳо, ғайри ин шароби алкулӣ ва мастии одӣ мебошад. Ҳамзамон, дар баъзе аз маворид ин суханварон ба тафовути майи маънавӣ ва мавриди назари худ бо майи одӣ ишораҳо кардаанд. Ба чанд мисол иктифо мешавад ва ҳар хонандае бо андак диққат ва мутолиа худ метавонад мисолҳои зиёдеро дар ин мавзӯъ пайдо намояд:

Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ:

*Орифонро шамъу шоҳид нест аз беруни хеш,*
*Хуни ангӯрӣ нахӯрда, бодашон ҳам хуни хеш.*
*Ҳар касе андар ҷаҳон Маҷнуни Лайлое шуданд,*
*Орифон Лайлои хешу дамбадам Маҷнуни хеш...*
*Бода ғамгинон хуранду мо зи май хушдилтарем,*
*Рав, ба маҳбусони ғам деҳ, соқиё, афюни хеш.*
*Хуни мо бар ғам ҳарому хуни ғам бар мо ҳалол,*
*Ҳар ғаме, к-у гирди мо гардид, шуд дар хуни хеш.*
*Бода гулгун аст бар рухсори бемórони ғам,*
*Мо хуш аз ранги худему чеҳраи гулгуни хеш.*
*Ман наям мавқуфи нафхи сур ҳамчун мурдагон,*
*Ҳар замонам ишқ ҷоне медиҳад з-афсуни хеш.*

Хоҷа Ҳофиз:

*Моро ба мастӣ афсона карданд,*
*Пирони ҷоҳил, шайхони гумроҳ.*

Ва ё:

*Мастии ишқ нест дар сари ту,*
*Рав, ки ту масти оби ангурӣ!*

Низомӣ:

*Маро, соқиё, ваъдаи эзадист,*
*Сабӯ аз харобӣ, май аз бехудист.*
*Вагарна, ба Яздон, ки то будаам,*
*Ба май домани лаб наёлудаам.*
*Гар аз май шудам ҳаргиз олудаком,*
*Ҳалоли Худой аст бар ман ҳаром!*

Хоқонӣ:

*Бодаро бар хирад макун ғолиб,*
*Девро бар малак макун солор.*
*Файзи ибнуссаҳоб хӯр чу садаф,*
*Ҳайзи бинтулинаб махӯр зинҳор.*
*З-оби рангин ҳиҷоби ақл масоз,*
*Шӯълаи нор пеши шер маёр.*

Камолиддини Биноӣ:

*Эй բародар, маёр рӯ ба шароб!*
*Баҳри андӯҳу меҳнат аст ин об.*
*Душмани ақлу хасми ҷон аст ин,*
*Хонавайронкуни ҷаҳон аст ин.*
*Кист майхора? – Марди маҷнунваш,*
*Зада дар худ ба дасти худ оташ.*

Иштибоҳ дар фаҳми муроди орифон аз истилоҳи май ва ё шароб як ғалати маъруфи қадимӣ будааст. Ба ин хотир аст, ки Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ин нуктаро дар кулл барои тафсири иштибоҳ дар фаҳми муроди гӯянда аз ибороти маънавӣ ва динӣ ба унвони тамсил ба кор мебарад ва бо тафсилоти дақиқе, ки хоси сабки ӯст, ба шарҳи ин маъно мепардозад ва менависад:

«Истидъои амири турки махмур мутрибро ба вақти сабӯҳ ва тафсири ин ҳадис, ки «Инна лиллоҳи шаробан аъаддаҳу ли авлиёиҳи изо шарибу сакиру ва изо сакиру тобу, ила охири ҳадиси»

*Май дар хуми асрор бад-он меҷӯшад,*
*То ҳар ки муҷаррад аст, аз он менӯшад.*

«Қолаллоҳу таъоло: иннал аброра яшрабуна»

*Ин май, ки ту мехӯрӣ ҳаром аст,*
*Мо май нахӯрем ҷуз ҳалоле.*
*Ҷаҳд кун, то зи нест ҳаст шавӣ,*
*В-аз шароби худой маст шавӣ.*
*Аъҷамитурке саҳар огоҳ шуд*
*В-аз хумори хамр мутрибхоҳ шуд.*
*Мутриби ҷон мӯниси мастон бувад,*
*Нуқлу қуту қуввати маст он бувад.*
*Мутриб ишонро суи мастӣ кашид,*
*Боз мастӣ аз дами мутриб чашид.*
*Он шароби Ҳақ бад-он мутриб барад*
*В-ин шароби тан аз ин мутриб чарад.*
*Ҳар ду гар як ном дорад дар сухан,*
*Лек шаттон*[1] *ин Ҳасан то он Ҳасан.*
*Иштибоҳе ҳаст лафзӣ дар баён,*
*Лек худ ку осмон то ресмон?*
*Иштироки лафз доим раҳзан аст,*
*Иштироки габру мӯъмин дар тан аст.*
*Ҷисмҳо чун кӯзаҳои бастасар,*
*То ки дар ҳар кӯза чи-бвад он, нигар.*
*Кӯзаи он тан пур аз оби ҳаёт,*
*Кӯзаи ин тан пур аз оби мамот.*
*Гар ба мазруфаш назар дорӣ, шаҳӣ*
*В-ар ба зарфаш бингарӣ ту, гумраҳӣ.*
*Лафзро монандаи ин ҷисм дон,*
*Маънияшро дар дарун монанди ҷон.*
*Дидаи тан доимо танбин бувад,*
*Дидаи ҷон ҷони рӯшанбин бувад.*
*Пас зи нақши лафзҳои Маснавӣ*
*Сурате зол асту ҳодӣ маънавӣ.*

[1] Шаттон – ҷудо, фарққунанда.

*Дар Нубӣ фармуд к-ин Қуръон зи дил*
*Ҳодии баъзеву баъзеро музил.*
*Аллаҳ, аллаҳ, чунки ориф гуфт «май»,*
*Пеши ориф кай бувад маъдум шай.*
*Фаҳми ту чун бодаи шайтон бувад,*
*Кай туро ваҳми майи Раҳмон бувад?..*

**Дар ниҳоят**

Фосилаи замонии зиёде, ки мо бо суханварони пешин дорем ва камбуди иттилоъот шояд ин тардидро ба миён биёрад, ки чун мо ба рӯзгор ва рафтори ин шоирон вуқуфи комил надорем, ба қатъият наметавонем гуфт, ки онон ба тамом аз майи моддӣ сарфи назар кардаанд, чаро, ки васфи зиёди май ва мастӣ ин гумонро ба вуҷуд меорад, ки касе, ки аз майи моддӣ ба куллӣ бапарҳез ва ноошно бошад, то ин ҳад май ва мастиро васф намекунад. Дар посух метавон аз суханвароне ёд овард, ки чандон фосилаи замоние бо мо надоранд ва мо аз рӯзгор ва машияти онон огоҳии комил дорем ва медонем, ки қатъан ҳаргиз даст ба майи моддӣ набурдаанд, вале ба сабку сиёқи суханварони орифи пешин васфи майи маънавиро зиёд кардаанд. Аз ҷумла Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, ки дар «Соқинома»-и худ сурудааст:

*Чӣ хоҳам дар ин гулситон гар нахоҳам*
*Шаробе, кабобе, рубобе нигоре.*
*Сарат гардам, эй соқии моҳсимо,*
*Биёр аз ниёгони мо ёдгоре.*
*Ба соғар фурӯ рез обе, ки ҷонро*
*Фурӯзад чу нуре, бисӯзад чу норе…*

Ҳамчунин дар ғазалиёти ин шоири ориф ва мусулмони муҷоҳид васфи май зиёд аст, ки бо таваҷҷӯҳ ба шахсияти вай, хусусиёти ин май маълум мебошад:

*Соқиё, бархезу май дар ҷом кун,*
*Маҳв аз дил ковиши айём кун…*

Гузашта аз ин дафтари ғазалиёти орифонаи раҳбари инқилоби исломии Эрон имом Хумайнӣ мамлу аз васфи май ва масти ирфонӣ мебошад:

*Дари майхона кушоед ба рӯям шабу рӯз,*
*Ки ман аз масҷиду аз мадраса безор шудам.*

Ҳамчунин оятуллоҳ Муҳаммадҳусайни Таботабоӣ дар ғазали зебои худ месарояд:

*Ҳамегӯяму гуфтаам борҳо,*
*Бувад кеши ман меҳри дилдорҳо.*
*Парастиш ба мастист дар кеши меҳр,*
*Бурунанд аз ин ҷирга ҳушёрҳо…*

Девону дафтари зиёди ашъор аз шуарои маҳалҳои мухталифи Тоҷикистон ва Ӯзбакистони имрӯзи дар қарни 19 ва авоили қарни 20 (қабл аз вуқӯъи инқилоби болшевикӣ) боқӣ мондааст, ки ин шоирон ба унвони пешвоёни мазҳабӣ дар миёни мардум маъруф ҳастанд ва ба шеваи суханварони орифе чун Мавлонои Румӣ, Хоҷа Ҳофиз ва Бедил ашъори орифона сурудаанд ва дар ин ашъор васфи май ва мастӣ зиёд аст, ки бидуни тардид ин ҳамон май ва мастии ирфонист, бавижа ки баъзе аз кутуби шоирони орифи фавқуззикр дар мадорис ва ҳавзаҳои динии ин сарзамин ба унвони китоби дарсии мазҳабӣ тадрис мешуд.

Соли 2007

## НИЗОМИ СУХАН ВА НИЗОМИ АНДЕША

Ба ҳама маълум аст, ки адабиёти классикии мо як падидаи нодир ва фавқулода аст, ки бо дар бар гирифтани ҳикмат, фалсафа, ирфон, ахлоқ (этика) ва дар маҷмӯъ тамоми натоиҷ ва самараҳои илму фарҳанги қадим, табдил ба муҳимтарин ва асоситарин меҳвари фарҳанги миллии мо гардида, то ҳанӯз қазоватҳои мо дар бораи масоили мухталиф бештар ба воситаи он сурат мегирад ва ё ҳадди ақал аз он ба таври зимнӣ истифода мешавад. Оё дар умум ин як амри манфӣ аст. Албатта не. Бисёр хуб аст ва дар ҳақиқат на ҳамаи мо ҳам ба он ҳад аз адабиёти худ огоҳӣ дорем, ки битавонем бамаврид аз он истифода намоем.

Ҳамзамон бояд ёдоварӣ кард, ки набояд як пора шеър ё навъи дигари адабӣ ба танҳоӣ ва гусаста аз матни куллии афкор, оро ва ҷаҳонбинии як адиб ва ҳамчунин улум ва назариёти роиҷи даврони он адиб, ки худ парвардаи он муҳит ва он мактаб будааст, ба унвони хулосаи илмии қотеъ дар хусуси як масъала пешниҳод гардад. Ҳатто агар ин хулосаи илмиест, ки маҳз ба ҳамон адиб ва ё даврони вай марбут дониста шавад. Ду нафар метавонанд, масалан, дар бораи пайрави ақидаи ҷабр ё ихтиёр будани Ҳофизи Шерозӣ соатҳо баҳс кунанд ва ҳар яке аз эҷодиёти худи ҳамин шоир чандин байтро мисол биёранд, ки дар яке ҷабрӣ дониста мешавад ва дар дигар ихтиёрӣ. Хоҷа Ҳофиз мавриде бо як шаҳомати фавқулода хитоб мекунад:

*Чарх барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,*
*Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи фалак!*

Мавриди дигар мегӯяд:

Ҳофиз **ба худ** (худсарона) напӯшид ин хирқаи майолуд,

Эй шайхи покдоман, маъзур дор моро. (Яъне ҳар иштибоҳе аз мо сар мезанад, ғайри иродаи мо аст ва аз қисмату сарнавишти азалист, бино бар ин мазамматы мо беҳуда аст).

*Хайём ҷое баланд хитоб мекунад:*
*Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,*

*Дар чашми хирад гавҳари биниш моем.*
*Ин доираи ҷаҳон чу ангуштариест,*
*Бе ҳеч шаке нақши нигинаш моем.*

Ҷои дигар мефармояд:

*Аз омаданам набуд гардунро суд*
*В-аз рафтани ман ба иззу ҷоҳаш нафузуд*
*В-аз ҳеч касе низ ду гӯшам нашунуд,*
*К-ин омадану рафтанам аз баҳри чӣ буд.*

Ё: *Шуд ҳадди вуҷуди ту миёни ду адам,*
*Атрофи ту ҳечу дар миён ҳеч наӣ.*

Ва ё ин ки мо мехоҳем аз муаллими ахлоқ Шайх Саъдӣ дар хусуси қобили тарбияту ислоҳ будан ё набудани инсон қазоват бикунем. Осори ишонро варақ мезанем ва ба ин маъно ашъори зиёдеро пайдо мекунем:

*Шамшери нек з-оҳани бад чун кунад касе,*
*Нокас ба тарбият нашавад, эй ҳаким, кас:*
*Борон, ки дар латофати табъаш хилоф нест,*
*Дар боғ лола рӯяду дар шӯрабум хас.*

Агарчи ин маънӣ ба таври мукаррар меояд вале дилпазир нест ва воқеан ҳам ҳар касе бошад дар гӯшае аз қалбаш ғайри инро мехоҳад, яъне мехоҳад, ки ҳар инсоне қобили тарбият бошад. Ин хоҳиш як ғаризаи фитрии инсонӣ ва башардӯстона аст. Дар акси ҳол бо чӣ асбобе аз ибтидо «кас» ва «нокас»-ро ташхис мекунем, то вақти устод ва заҳмати тарбият ҳадар наравад. Мо медонем, ки Шайх Саъдӣ бузургтарин башардӯст ҳам ҳаст ва наметавонад ин ҳукми қотеъ ва куллии ишон бошад, балки шеърест, ки барои мавриде, вазъияте ва танбеҳе гуфта шудааст. Ва ҷои дигар аз осори вай мехонем:

*Гиле хушбӯй дар ҳаммом рӯзе*
*Расид аз дасти маҳбубе ба дастам.*
*Бад-ӯ гуфтам, ки мушкӣ ё абирӣ?*
*Ки аз бӯи диловези ту мастам.*

*Бигуфто: ман гиле ночиз будам,*
*Валекин муддате бо гул нишастам.*
*Камоли ҳамнишин дар ман асар кард,*
*Вагарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам.*

Яъне дар қобилияти сириштии инсонҳо истисно нест ва ҳар инсоне, билқувва метавонад ба дараҷаи некувон бирасад.

Намунаи муносиби дигар, чанд байти Ҳаким Фирдавсӣ аст, ки дар натиҷагирии Фаридун аз озмоиши писарони худ дар майдон гуфтааст, ба тавре ки хотири ҳар якеро риъоят кардааст. Фаридун дар таҳсини Салм – писари меҳтари худ худ, ки аз аждаҳо фирор кард, мегӯяд:

*Далере, ки н-андешад аз пилу шер,*
*Ту девона хонаш, махонаш далер.*

Дар таҳсини Тур, писари дувумаш, ки якбора ба ҷанги аждаҳо рӯй овард, мегӯяд:

*Ҳунар худ далерист бар ҷойгоҳ,*
*Ки баддил набошад худованди гоҳ.*

Ва ин ду байти воқеан хубу маҳкам шиор шудаанд ва бар сари забонҳоянд. Вале мавриди таҳсини аслии Фирдавсӣ (аз забони Фаридун) рафтори Эраҷ писари хурдӣ аст, ки аввал бо аждаҳо сухан гуфт ва аз он хост, ки аз сари роҳ дур шавад ва аз ҷангу ситез бипарҳезад, дар акси ҳол забун мегардад. Вале ин ҷо дигар чунин байти муносиби шиор гуфта нашудааст…

Боре дар дарси фалсафаи донишгоҳӣ бо истифода аз шевае, ки имрӯз онро «интерактивӣ» (ва зимнан барои мо нав) медонанд, устод худро дар мавзеъи тарафи баҳс қарор доданд ва иддаъо карданд, ки собит менамоянд, ки Ибни Сино агностик (лоадрӣ) буд (яъне дунёро донистанашаванда мешумурд) ва ба унвони далел ин рубоиро, ки дар мансубияташ ба Сино ё Хайём тардид аст, хонданд:

*Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,*
*Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.*
*Андар дили ман ҳазор хуршед битофт*
*В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.*

Посухе, ки дар инкори фарзияи озмоишии устод гуфта шуд ва мавриди қабули ишон қарор гирифт, чунин буд, ки ин рубоӣ тасдиқи донистанашуданӣ будани ҷаҳон нест, балки тасдиқи ин маъност, ки дониш поёнпазир нест, дониш номутаноҳӣ (бениҳоят) аст, мисли он ки ҷаҳон бениҳоят аст. Устод изофа намуданд, ки аслан бигирем, ин рубоии Хайём ҳам «…Ҳафтоду ду сол фикр кардам шабу рӯз, маълумам шуд, ки ҳеч маълум нашуд» ба ҳамин маъност. Яъне Хайём намегӯяд, ки ҳеч чизро натавонист бидонад, балки мегӯяд он ҳама дониши нисбие, ки дорад, дар қиёс бо дониши бениҳоят хеле кам аст. Ба изофа гуфта шуд, ки ба ҷуз ин як ҳукми илмӣ бештар бар пояи мантиқи ҳисобшуда аст ва баракси осори адабӣ дар он маҷозу киноя камтар роҳ дорад ва ба ин далел имкони таъбири мухталиф аз он камтар аст, агарчи комилан истисно ҳам нест. Бино бар ин дар ин хусус албатта беҳтар аст, аз осори илмии Ибни Сино ва ё Хайём (то ҷое, ки дастрас ҳаст) истифода шавад, ки назари ишон мустақиман ва бевосита баён шудааст.

Дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил ин навъ таноқузи зоҳирӣ (парадокс, тазоди маъно) боз бештар аст. Масалан, инсон агар аз дидгоҳи Бедил дар мавориде нерумандтарин ва тавонотарин мавҷуд бошад ва ҳар кори қобили тасаввурро битавонад анҷом бидиҳад:

*Ҷаҳди инсон бар ин наёмад, варна*
*Гардунро низ бар замин меовард.*

Ё:

*Ҳиммати мард, агар каманд шавад,*
*Осмон то куҷо баланд шавад?!*

Мавриди дигар ҳамин мавҷуди муқтадир заифтарин ва оҷизтарини махлуқот аст:

*Эй хок, хок бош, баланд аст осмон!*

Ё:

*Дар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бош!*

Ин инсон агар ҷое он аст, ки:

*Ҳар ҷо хаёл меравад, он ҷо ту меравӣ,*
*Ҳар сӯ нигоҳ мепарад, он сӯ ту мепарӣ.*

Ҷои дигар он аст, ки дар ҳаққаш мегӯяд:

*Доғи фишори ғафлати мо ҳеч кас мабод,*
*Чашме кушодаем, ки нанги ғунудан аст.*

Албатта назари маъруфе низ ҳаст, ки ин навъ таноқузи фикрӣ ва дидгоҳро дар осори шуаро ба даврони гуногуни зиндагии онҳо ва таҳаввули фикрии онҳо марбут медонанд, бахусус дар мавриди Бедил. Вале гоҳе айни ҳамин навъ ихтилоф ва таноқузи зоҳирӣ (!) дар дохили як ғазал ҳам дида мешавад, ки ҳаргиз имкон надорад, он як ғазал бахш-бахш дар давраҳои мухталифи зиндагии шоир навишта шуда бошад.

Ончи ба унвони мушт намунаи хирвор гуфта шуд, танҳо мухтасаре дар хусуси чанд мавриди куллитарин буд, дар тамоми масоили куллӣ ва ҷузъии дигар ҳамин аҳвол мушоҳида мешавад. Вале оё бо таваҷҷӯҳ ба ин амр метавон гуфт, ки пас ин суханварон аз дидгоҳи ҷаҳонбинӣ ва маърифати ҳастӣ ва арзишҳои этикӣ пойгоҳи собит ва мустаҳкаме надоранд ва дар ҳар мавриде муносиби он ҳол чизе гуфтаанду гузаштаанд? Қатъан чунин нест? Дар натиҷаи мутолиаи нисбатан бештари осори ин суханварон маълум хоҳад шуд, ки онҳо дорои пойгоҳ ва дидгоҳи собити ҷаҳоншинохтӣ, ақидати ва арзишӣ мебошанд, ки ғолибан ва усулан бо асли, донишҳои илмӣ ва боварҳои росиху маъруф дар муҳит, даврон ва ҷомеаи онҳо созгор мебошад. Аз ин рӯ мутолиаи таърих, кутуби илмӣ, фалсафӣ, ахлоқи, ирфонӣ, мазҳабӣ, филологӣ ва ҳатто пизишкӣ, ки дар даврони таълифи осори онҳо нигошта шудааст ва баъзан ҳам худи ишон чунин осореро дар баробари осори адабии худ таълиф кардаанд, имкон медиҳад, ки ба

осонии бештаре пардаи киноёту маҷоз ва перояҳову орояҳои адабии дигар канор зада шуда, аз пушти он афкори аслии ин суханварон падидор гардад. Шояд он гоҳ бубинем, ки он ҷо ки хоҷа Ҳофиз ё Хайём аз маҷбурият дар маъсият (гуноҳ) ҳарф ба миён меоранд, мехоҳанд, рақибони худро, ки пайрави ҷабрия ҳастанд, бо силоҳи худашон мағлуб созанд ва бигӯянд, ки агар ҳақиқат ин аст, пас, шумо ҳеч эроде ба ҳеч касе наметавонед бигиред, ки ин навъ мавзеъгириро дар муқобили ҷабриён дар осори Мавлоно ба таври бевосита ва ошкор мебинем. То ҷое ки Мавлоно дар муқобили ҷабрӣ аз истилоҳи «суннӣ» истифода мекунад, ки ғолибан худи ӯ ва дар маҷмӯъ мусалмон аз назари Мавлоност:

*Ҳаст сунниро яке тасбеҳи хос,*
*Ҳаст ҷабриро зиди он дар манос.*
*Суннӣ аз тасбеҳи ҷабрӣ бехабар,*
*Ҷабрӣ аз тасбеҳи суннӣ беасар.*

Ва бубинем, ки он ҷо, ки Саъдӣ тарбиятнопазирро «нокас» меномад, асли муродаш танбеҳ аст, то мухотаб бо ҳарос аз он, ки дар силки нокасон набошад, тан ба тарбият ва ислоҳ бидиҳад. Ва он ҷо, ки Бедил аз аҷз ва нотавонии инсон сухан ба миён меорад, манзур аҷз ва таслими инсон дар баробари иродаи илоҳист, на чизи дигар, дар акси ҳол ин инсон дар баробари ҳама дунё худро як дунёи мухтори дигар медонад:

*Агар дунё барои хеш пайдост,*
*Барои ман маро ҳам офариданд!*

Ва манзури Бедил расидан ба нуқтаи атфи (гардиш ва таҳаввули) худшиносӣ аст, зеро инсоне, ки пояи аҷзи худро (ҳадди тавони худро) нашиносад, мисли касест, ки пой бар ҳавои тасаввур ниҳодааст на бар хоки маҳками ниҳояти аҷзи худ, то битавонад шурӯъ ба ҳаракати суъудӣ (болорав) бикунад. Шояд асли фалсафаи чоруқи Аёз ҳам ҳамин аст ва Аёз василаи мазаммати нафари хосе ё синфу гурӯҳи хосе нест, балки дар кулл инсон аст…

Дар поёни охирин ҳамоише, ки дар чаҳорчӯби таҷлили Со-

ли Мавлоно дар Фарҳангистони улуми кишвар сурат гирифт, чунин ибрози назар шуд, ки «лозим аст, таҳқиқот ва пажӯҳишҳои мавлоношиносӣ ба сурати ҷомеъ такмил гардад, то чеҳраи мушаххаси илмӣ, ақидатӣ, ирфонӣ, мазҳабӣ, адабӣ, ахлоқӣ…и ишон равшан гардад. Бояд пажӯҳиш ва маълум гардад, ки Мавлоно аз фалсафа ва ҳикмати Юнон чи чизро гирифт ва чиро фурӯ гузошт, аз ҳикмати дигар миллал, ки ошноӣ дошт, чӣ чизро пазируфт, ҳатто аз пешкисватони худ Саноӣ ва Аттор чи чизро гирифт ва бо чи чиз бо онҳо тафовут пайдо мекунад. Ҳатто дар сурате, ки ҷомеътарин ва ҳамагонитарин тавсиф дар хусуси Мавлоно ба унвони «ориф» пазируфта шудааст, ҳанӯз мушаххас нашудааст, ки Мавлоно пайрави кадом яке аз равияҳои тасаввуф ва ирфон аст». Вале чунин ба назар мерасид, ки чун ин ибрози назар дар шумори суханрониҳои аслӣ набуд ва дар бахши мунозира дар поёни ҷаласа гуфта шуд, чандон ба он таваҷҷӯҳ нашуд.

Ҳарфи тозае нест, агар гуфта шавад системи шинохти маъмул дар даврони шӯравӣ (ҷаҳонбинии илмии собиқ) имрӯз ба таври ҷомеъ ғайриқобили истифода шудааст, агарчи баъзе ҷанбаҳои он, аз ҷумла шеваҳо ва сабку услуби кори илмӣ, дақиқӣ, мустанад будан ва ғайра ба эътирофи бисёриҳо шоистаи ҳифз ва пайравӣ мебошад. Ба ғайр аз ин дар мавриди чопи интиқодии осори адабӣ, бахусус барои мактабҳо бояд гуфт, ки мавозин ва меъёрҳои ахлоқӣ ба хубӣ дар назар гирифта мешуд. Зеро ҷои нуҳуфтан нест, ки хеле аз намунаҳои осори адабии қадими моро аз ин дидгоҳ наметавон, бахусус, дар барномаҳои дарсии мактаби миёна ҷой дод. Вале дар айни ҳол бо ҳамон шеваи сӯистифода аз пораҳои мутуни адабии ҷудо ва гусаста аз матни комилу ҷомеъи осор ва афкори адибон ва аз матни маорифи даврони ишон, ба суди идеологияи тазоди синфӣ ва атеизми ҷанговар ва моддигароӣ «чеҳраҳои атеистӣ»-е масалан, аз Фирдавсӣ, Хайём, Носири Хусрав, Саъдӣ ва ҳатто Мавлонову Ҳофизу Бедил сохта шуда буд.

Имрӯз дар ҳоле, ки системаи тозаи илмӣ ҳанӯз рӯи кор наомадааст, чунин мушоҳида мешавад, ки ба иқтизои (ва шояд ба далели ҷаззобиятҳои) раванди ҷаҳонгароӣ таваҷҷӯҳи мо

бештар ба ҷанбаҳои умумибашарии адабиёт ва фарҳангамон ихтисос меёбад. Эҳтимол дорад, чунин назаре ҳам иброз гардад, ки ҳеч навъ системаи куллӣ зарур нест, танҳо аз шеваҳои пазируфтаи таҳқиқоти илмӣ бояд кор гирифт, зеро ҳар навъ система маҳдудият ва сонсурҳоеро ҳамроҳ дорад ва илм ҳеч навъ маҳдудиятро намепазирад. Вале аз сӯи дигар таъбири дигари маҳдудият ё ҳудуд – меъёр аст ва бидуни меъёр ҳеч навъ шинохте, ҳатто вуҷуде, сурат намегирад.

Бо як ҳарф ҷанбаҳои умумибашарии адабиёт ва фарҳанги мо баҳақ боиси ифтихори мост. Ин вижагӣ ҳамроҳ бо ҳунари олӣ адабиёти қадими моро ҷаҳоншумул гардондааст. Вале чаро мо бояд чунин эътиқод дошта бошем, ки ин ҷаҳоншумулӣ ва ҷаҳонгирӣ ба баракати берун рафтани ин суханварони андешаманд аз доираи фарҳанги миллӣ ва исломӣ муяссар гардидааст? Чаро ба масъала аз ин дидгоҳ назар нашавад, ки заминаи ақоид, омӯзаҳо ва эътиқодоти миллии исломии мо он қадар густарда ва умумибашарӣ будааст, ки тавонистааст, тамоми арзишҳои фитрии башариро дар домани худ ҷой бидиҳад, бидуни он ки симои мушаххас ва низоми он халале пазирад. Оё фарҳанги миллии исломӣ барои баёни афкори умумибашарӣ дар дасти ин суханварон як абзори пуртаъсир буд ва ё банде буд дар пояшон, ки дар ин роҳ бояд аз он раҳо мешуданд. Бо каме таваҷҷӯҳ мебинем, ки пойгоҳи аслии афкори умумибашарии ин суханварон, ба сурати як низоми мушаххаси ҷаҳонбинӣ ва ақидатӣ, бешакку шубҳа ислом будааст, ки паёме барои ҳамаи башар, бидуни таваҷҷӯҳ ба миллияту нажоди онҳост, танҳо ойине, ки пешвоён ва пайравони он ҳамаи паёмбарони илоҳиро қабул доранд ва вуруд ба он барои ҳеч касе маҳдуд ва масдуд нест. Мавлоно андешамандест, ки тавонистааст дар ин фазои боз ба меъроҷ бирасад ва дар баландое қарор бигирад, ки чеҳраи ошнои ишон барои ҳамаи башар намоён ва тобон бошад. Чеҳрае, ки мушаххас аст, мавҳум нест, вале барои ҳеч инсоне ҳам бегона нест, зеро фурӯғи он аз фитрат аст ва дини Мавлоно мефармояд, ки ҳама инсонҳо ба фитрати яксон офарида шудаанд.

Мавлоно, зоҳиран бо нигаронӣ аз эҳтимоли таъбири ғалати афкору орои худ, ба такрор дар ҷо-ҷои осораш ба ойини худ ва эътиқоди худ ба сароҳат ва қатъият таъкид менамояд. Дар пешгуфтори «Маснавӣ» менависад, ки «…ин усули усули усули дин аст…» ва дар як рубоии худ бо рӯшании бештар мегӯяд:

*Ман бандаи Қуръонам, агар ҷон дорам,*
*Ман хоки раҳи Муҳаммади мухторам.*
*Гар нақл кунад ҷуз ин кас аз гуфторам,*
*Безорам аз ӯ в-аз он сухан безорам!*

(Яъне агар муаббири ман чизе бигӯяд, ки бо Қуръон ва суннати Паёмбар зиддият дошта бошад, аз ӯ ва сухани ӯ безорам).

Албатта, шахсияти Мавлоно на чунон аст, ки битавонем бар вай гумон бибарем, ки ин ҳарфҳоро барои созиш бо касе ё гурӯҳе гуфта бошад ва боқии осори ишон ҳам чунин маҷолро ба касе намедиҳад.

Чун имрӯз бештари ҳарфҳо ва биму умедҳо ба таври мустақим ё ғайримустақим ба раванди ҷаҳонгарой иртибот дорад, наметавон дар шинохт, муаррифӣ ва омӯзиши фарҳанг ва адабиёти миллии худ низ аз он сарфи назар кард. Аз ҷумла, тавре ки гуфта шуд, дар муаррифии Мавлоно. Машҳуртарин намунаи осори Мавлоно дар таъкиди ваҳдат ва ягонагии мурод ва хостаҳои ниҳоии башар ҳамон тамсилест, ки ҳикоят аз турку тоҷику румиву арабе мекунад, ки ҳамсафар буданд ва аз роҳ дираме пайдо карданд ва румӣ мегуфт бо ин дирам «истофил» мехарем, турк мегуфт «узум», араб мегуфт «инаб» ва тоҷик мегуфт «ангур». Мавлоно онҳоро тарҷумонӣ мекунад ва мегӯяд, ки ҳамагӣ як чиз мехоҳанд (ангур) вале номи онро бо лафзҳои худ мегӯянд, агар бидонанд, ки ҳама он як чизро мехоҳанд, даъво аз миён меравад. Ибрати олист. Вале то он ҷо, ки воқеан он ҳама «ангур» бихоҳанд. Имрӯз, басо воқеъ мешавад, ки дар пушти баҳсҳои зоҳиран лафзӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ хостаҳои дигарест ва сурати лафз танҳо баҳонаест. Ин ҷо дигар на он мав-

ридест, ки Мавлоно дар назар дорад. Дар чунин мавридҳо, мутаассифона, тарҷума ва тафсиру таъбир кор намеояд. Зеро агарчи медонанд, ки «узуму инабу истофил ҳамин ангур аст» вале худро ба нодонӣ мезананд ва исрор мекунанд, зеро дар асл он як дирамро (қудратро, ихтиёрро) мехоҳанд. Масалан, дар кишваре, ки бояд бо баҳонаи демократия мавриди таарруз қарор бигирад, шумо имрӯз бо чи лафзе метавонед исбот кунед, ки низоми он ҳам як низоми демократӣ аст, ё исломи он зидди терорризм ва бо ҳуқуқи башар созгор аст. Ва ё агар манзур воқеан парастиши Худованди якка ва ягона аст (тавре ки бештари фирқаҳои миссионерӣ иддаъо доранд), чи ниёзе ба таблиғи адёни бегона дар миёни мусалмонон аст? Мулоҳизаи ин мавридҳо ҳаст, ки водор месозад, ба асли эътидол ва он ҳам бар асоси усули саҳеҳи илмӣ, дар шинохт ва муаррифии фарҳанг ва адабиёти миллии худ таваҷҷӯҳ шавад, дар ташвиқи ҷанбаҳои умумибашарии он аз ифрот ва мавҳумот парҳез шавад, то ба ин васила гузаргоҳи муносибе барои рахнаи омилҳои ҳувиятбарандоз омода нагардад, он чи ки худи ин бузургворон ба сароҳат ва рӯшанӣ хостаанд ва таъкид кардаанд. Ба назар мерасад, ки ин ҳама ниёз ба вуҷуди як системи муназзам ва санҷидаи илмие бар мабнои арзишҳои миллӣ ва бо муроoти арзишҳои башарӣ (вале бидуни ифрот) дорад, ки ҳамаи ниҳодҳои омӯзишӣ ва пажӯҳиширо фаро бигирад ва аз ҷумла чунин имконро надиҳад, ки порае аз матни адабӣ аз пайкари комили осори як суханвар канда ва парчами афкори нодуруст шавад.

Ва албатта, муҳимтарин унсури дигар, ки унсури аслии адабиёт номида мешавад, забони ин осор аст. Дар нигоҳи аввал гӯё дар ин замина ҳеч мушкили хос вуҷуд надорад. Вале он забоне, ки имрӯз роиҷ аст ва комилан шабеҳ ба забони классикии мо мебошад, як пардае аз рӯи он аст ва ҳар калима дар матни осори классики мо чандин ҷилваи маъноии дигар дорад. Сохтори сарфиву наҳвиии забони ин осор низ худ як илми зариф ва дақиқ аст, ки мутаассифона дар ин замина камтар кор шуда ва ошноӣ бо он яке аз шартҳои муҳимтарини вуруд ба ин ҷаҳони маънавӣ мебошад. Шоиро-

ни мо дар коргоҳи забонварӣ ва забонофарӣ ба нуқтаи авҷ ва марзи ниҳоии имкони баён расидаанд, то он ҷо ки гуфтаанд:

*Эй басо маъно, ки аз номаҳрамиҳои забон*
*Бо ҳама шӯхӣ муқими пардаҳои роз монд.*

(Бедил)

Барои парҳез аз таъбирҳои мухталиф ва завқиву салиқаии тасодуфӣ зарур аст, ки ба омӯзиши ҷиддии барномавӣ ва илмии забони адабиёти классикӣ ва таври ҳамагонӣ дар мактабҳои одӣ ва олӣ ба асоси алифбои аслии тоҷикӣ иқдом шавад. Мусаллам аст, ки агар адабиёти классики мо ҷаҳоншумул аст, танҳо натиҷаи илҳоми маҳз нест, балки натиҷаи сатҳи олии илму дониш ва эътиқоди маҳкаму росихе аст, ки бар рӯи он рӯйида ва реша дар қаъри он дорад. Бино бар ин ҳамеша қобили таъбиру тафсири муназзаму маъқул ва дақиқ мебошад. Ҳастаи аслии фикру андеша танҳо аз ин тариқ аз мағзи он берун кашида мешавад.

Аз ин дидгоҳ, эътибор дар асл бар маънӣ аст, на ба сурати калом ва на ҳар сухани манзуму муқаффо мӯътабар ва ҳуҷҷату далел ва мояи ибрат аст, ҳатто агар шеърият ҳам дошта бошад, бахусус агар боз аз он тафсири иштибоҳӣ ва ё ғаразнок ё мавридӣ шуда бошад.

Дар ниҳоят ба суди ин адабиёт ҳам нест, агар он танҳо мояи ифтихори маҳз ва шиори маҳз шинохта шуда ва аз байт-байти он бидуни таҳлилу таҳқиқ ба унвони аҳком (ҳукмҳо) кор гирифта шавад, ё бо забони шеър, бо киноёту маҷозу танз бо якдигар баҳсу мунозира бикунем ва ба ҳеч натиҷа нарасем.

Шинохти низоми мустаҳкам ва мавзуни фикриву ақидатие, ки поя ва заминаи назми баландпарвози классикӣ шудааст, имкон медиҳад дар хусуси ин осор ба натиҷаҳои равшан ва ҷомеъ бирасем ва аз тарафи дигар эҷоди чунин низоми мустаҳками муосири фикриву ақидатӣ бар ин поя метавонад заминаи шукуфоии дигарбораи адабиёт гардад.

*Соли 2008*

# АЗ САНГ ОЙИНА СОЗЕМ[1]

Агарчи мақолаи мазкур дар поварақ ба сурати мубоҳиса ва посух ба гузориши банда, ки бахше аз он дар ҳафтаномаи «Нигоҳ» мунташир гардид, (ниг. мақолаи қаблии ин маҷмӯа) пешниҳод шудааст, вале усулан дар мавориди асосӣ бо он гузориш ҳамоҳангии комил дорад ва назариёти ягона ва мушобеҳ бо иборатҳои гуногун дар ин ду мақола баён шудааст. Ин муштаракот ва мушобиҳат ба таври хулоса иборат аст аз таъкиди ҳар ду ҷониб ба ин нукоти маълум, ки: а) адабиёти классики тоҷик дарбаргирандаи ҳикмат, донишҳо, фалсафа афкору орои мазҳабӣ ва ҳамаи ҷанбаҳои маънавии башар мебошад; б) тазод дар адабиёт яке аз воситаҳои муҳимми баёни афкор мебошад; в) омӯзиши комил ва саҳеҳи осори классикӣ барои пешгирӣ аз таҳоҷуми фарҳангӣ (дар баёни И.Асадуллоев «бараҳнагии номаҳдуд») ва унсурҳои номатлуби глобализатсия фавқулода муҳим мебошад; г) адабиёти классикии мо бояд бо таваҷҷӯҳ ба хусусиёт ва ниёзҳои рӯз мавриди баррасӣ ва истифода қарор бигирад; д) дониш поённапазир нест ва камоли мутлақ дар дониш барои инсон як ормони ҷовидонӣ аст, ки барои он талош мекунад, вале ба ниҳояти он намерасад; е) нигоҳи мо ба адабиёт бояд на аз мавзеъи ифтихори хушк ва худнамоӣ, балки амалгароёна бошад; ё) ниёзи мубраме барои таҷдиди назар дар шеваҳои таҳлилу таҳқиқи осори классикӣ эҳсос мешавад; и) вуҷуди хатари такрори иштибоҳот дар тафсири осори классикӣ ба далели вобастагиҳои идеологӣ; й) забони осори классикӣ бояд мавзӯъи таҳқиқоти ҷиддии илмӣ қарор дода шавад ва ғайра.

Метавон барои тасдиқи ин мушобиҳат ва ягонагии фикрҳо дар робита ба ин мавзӯъҳо аз ҳарду мақола пораҳоеро айнан иқтибос кард, вале чун ҳар ду матн дар ихтиёри хонандагон қарор дорад ва ба хотири парҳез аз зиёдагӯӣ аз ин кор сарфи

[1] Ин мақола ба унвони тавзеҳот перомуни мақолаи доктори илми фалсафа Искандар Асадуллоев «Фалсафаи миллии тоҷикон», («Ҷумҳурият», 19 январи 2008) ва ҳафтаномаи «Нигоҳ» (03.01.08) навишта шудааст.

назар шуд. Ҳамчунин банда ҳаргиз дар бораи мавҷудияти фалсафаи миллии тоҷикон на дар он мубоҳиса ва на дар мақола масъалаеро матраҳ накардаам, аз шахсияте ном набурдаам ва гузашта аз ин нисбат ба донишмандони собиқу ҳозир, ки аз ишон ёдоварӣ мешавад, эҳтироми хосу вижа дорам, бахусус устоди шодравонам Нозирҷон Арабзода, ки бо раҳбарии ишон поённомаеро дар хусуси масоили фалсафӣ дар рубоиёти Бедил таҳия намуда будам.

Аммо бо таваҷҷӯҳ ба аҳаммияти як мавриди аслӣ, ки меҳвари ҳарду мақоларо ташкил медиҳад, лозим медонем, ки пораҳои марбута аз ҳарду мақола иқтибос шавад. Ин маврид дар хусуси зарурати таҳлилу таҳқиқи ҷомеъ, муназзам ва системноки осори классикӣ ва танҳо аз ин тариқ аз дохили онҳо берун кашидани афкори ҳакимона ва фалсафӣ мебошад, на ба асоси пораҳои алоҳида ва гусаста аз пайкари куллияи осор ва афкор. Аз мақолаи банда: «Мусаллам аст, агар адабиёти классикии мо ҷаҳоншумул аст, танҳо натиҷаи илҳоми маҳз нест, балки натиҷаи **сатҳи олии илму дониш** ва эътиқоди маҳкаму росихе аст, ки бар рӯи он рӯйида ва реша дар қаъри он дорад. **Бино бар ин ҳамеша қобили таъбиру тафсири муназзаму (яъне системноку) маъқул ва дақиқ мебошад. Ҳастаи аслии фикру андеша (манзур аз ҷумла фалсафа) танҳо аз ин тариқ аз мағзи он берун кашида мешавад...**

Шинохти низоми (яъне системаи) мустаҳкам ва ва мавзуни фикриву ақидатие, ки поя ва заминаи назми баландпарвози классикӣ шудааст, имкон медиҳад дар хусуси ин осор ба натиҷаҳои равшан ва ҷомеъ бирасем ва аз тарафи дигар эҷоди чунин низоми (системаи) мустаҳками **муосири** фикриву (илмиву) ақидатӣ (ҷаҳоншинохтӣ) бар ин поя метавонад заминаи шукуфоии дигарбораи ин адабиёт гардад».

Мӯҳтарам А.Искандаров: «Яке аз масоили муҳим, аз ҷониби муқарризони мо (мубоҳисон-оппонентҳо) ба эътибор гирифта намешавад. **Ин масъалаи аз мероси гаронбаҳои осори назмии тоҷикон канда гирифтани фалсафа мебошад.** Масалан, системаи таҳлилро Людвиг фон Берталанфи дар асри XX кашф кард, вале танҳо (коре ки) ӯ (кард, ин буд

ки) ин усулро, ки асрҳо боз вуҷуд дошт, аз дигар унсурҳо ҷудо намуд. Ин тарзи муносибат дар мантиқи амалии Ибни Сино ҳам ба назар мерасад. Вале корнамоии Берталанфи дар он аст, ки вай масъалаи мавҷудияти усули системавиро кундаланг ва қатъӣ ба миён гузошт. Аз ин рӯ барои мо масъалаи муҳимтарин на танҳо ба тарзи нав дарк сохтани классикони фалсафаи тоҷикон, инчунин аз мероси ғанитарини назми тоҷикон ҷудо карда гирифтани фалсафа ба ҳисоб меравад. Имрӯз олимон кӯшиш доранд, ки ин вазифаро иҷро намоянд, аммо онҳо бештар вақт дар асорати тасвир ва шарҳ мемонанд. Ин ҳам ба дин ва ҳам ба тасаввуф дахл дорад. Магар тасаввуфро ҳамчун равияе дар дин то охир дарк сохтану фаҳмидан мумкин аст? Зимнан, маҳз дар замони мо инсоният маънои муҳимтарини динро кашф намуд, ки бе он дар байни тамаддунҳо сулҳ буда наметавонад. Танҳо фаҳмиши дин ҳамчун сарчашмаи башардӯстӣ метавонад ба халқҳо ва ба ҳар як ҷомеаи шаҳрвандӣ сулҳ орад. Магар ин вазифаи ҷонии фалсафаи миллии тоҷикон ҳам нест?».

Оре, чунин аст ва таъкид дар ҳар ду матлаб рӯи як нукта аст. Аммо ба шеваи муқобилгузорӣ, ки маълум нагардид ба чӣ манзур. Шояд ба хотири ҷалби бештари таваҷҷӯҳи хонанда.

Дар ин гуфтаҳо ба як маврид бояд таваҷҷӯҳи бештар дошт, ки сухан дар бораи тафсири матнҳо меравад. Ва дар идома ҳам ба ин мавзӯъ таъкид мешавад, ки ба матншиносӣ ва тафсир диққати бештар ихтисос меёбад. Ҳамзамон ин воқеиятро бояд дар назар гирифт, ки вуҷуди воқеъӣ ва моддии ҳар як асар қабл аз ҳама матни он мебошад. Бешубҳа, **муҳаққиқ бо ҳар навъ системи илмие ки мусаллаҳ бошад, бояд матни асарро, ки иборат аз калимаҳо ва забон ва дар ниҳоят системи сарфиву наҳвӣ аст ва фикру андеша ба воситаи он баён шудааст, мавриди таваҷҷӯҳи аввалдараҷа бидонад,** зеро он (матн) чизест, ки ба ҳеч ваҷҳ наметавонем барои ошкор кардани ҳақиқати маънои асар аз он сарфи назар намоем ё онро дуюмдараҷа ҳисоб кунем ва андешаҳои аз қабл омодаро рӯи матн бор кунем. Ин дар сурате рух медиҳад, ки систе-

маи мо на илмӣ, балки идеологӣ бошад. Ин кор дар адабиёт, ки забони он боз бо вуҷуди саноеъи адабӣ, маҷоз ва кинояҳо ҷилваҳои хос касб мекунад, имкони бештар дорад ва борҳо чунин таъбиру тафсирҳои хориҷ аз ҷавҳари аслии маънои матнҳо сурат гирифтааст. Масалан, онҳое, ки дар тафсири ирфонии ашъор ба муболиға роҳ медиҳанд, баъзан ба зӯр ва аз хориҷ маъноҳои ирфониро бар рӯи матне, ки он як тасвири одӣ вале шоиронаи табиат ва ё баёни эҳсосот аст, бор мекунанд ва калимаҳои одиро ҳамчун истилоҳоти хоси ирфонӣ маънидод мекунанд, ки на забони осор ва на дар маҷмӯъ афкор ва табиати осори шоири мавриди назар бо он созгорӣ надорад. Ҳамчунин мо мисолҳои бешуморе-ро аз китобҳои омӯзишии худ, ки бар тибқи системи идеологии қаблӣ (ва ҳоло ҳам дар хеле мавридҳо ҷорӣ) навишта шудаанд, пайдо мекунем, ки таъбиру тафсир ба таври сунъӣ ва ба зӯр рӯи маводи (материали) забонӣ бор карда шудааст ва ҳатто бо қоидаи забонии (сарфиву наҳвии) он асар мухолифат дорад. Як мисоли хурд, вале барҷаста ҳамин рубоии Умари Хайём мебошад:

*Зоҳид ба карам туро чу мо нашносад,*
*Бегона туро чу ошно нашносад.*
*Гуфтӣ, ки: «Гунаҳ кунӣ, ба дӯзах барамат».*
*Инро ба касе гӯ, ки туро нашносад!*

То ҷое, ки мушоҳида шудааст, дар китобҳои мо ин рубоӣ чунин маънидод мешуд, ки «Умари Хайём ба «зоҳид» – намояндаи дин истеҳзо мекунад ва мегӯяд, ки маро бо дӯзах натарсон, зеро ман медонам, ки ту худат кистӣ ва ман аз таҳдидҳои ту наметарсам ва дӯзах ҳам бофтаи хаёлоти ту аст». Аммо танҳо таваҷҷӯҳ ба қоидаи сарфиву наҳвӣ тақозо мекунад, ки мо «зоҳид»-ро як тараф бигзорем ва бубинем, ки дар ин ҷо мухотаб кадом аст. Маълум аст, ки мухотаб на «зоҳид», балки «ту» аст. Пас, ин «ту» кист? «Ту» онест, ки бо сифати карам (каримӣ-бахшандагӣ) маъруф аст ва онест, ки гуноҳкоронро бо дӯзах таҳдид кардааст ва ба дӯзах бурдан ҳам кори ӯст. Ин ҷо яқин мегардад, ки манзур танҳо метаво-

над Худованд бошад. Дар идома авҷи шеърро мебинем ба усули саҳли мумтанеъ: «Инро ба касе гӯ, ки туро нашносад». Ба ду маъно: касе ки Худоро нашиносад ва инкор кунад ба дӯзах маҳкум шудааст, вале мо (Хайём) аз онҳо нестем ва дигар ин, ки мо (Хайём) медонем, ки карами (бахшандагии) ту намегузорад, ки бандагонатро ба дӯзах барӣ. Мо аз зоҳид (парҳезгори ғайрисамимӣ) бо Худованд ошнотарем. Ин ҷо дигар системаи қонунӣ ва илмии забон ситемаи (ё бесистемагии) ғайриилмии идеологиро мешиканад ва моро водор менамояд, ки ба Хайём аз дидгоҳи дигаргунатар, ки бо дидгоҳи сунъии қаблӣ комилан мухолиф аст, нигоҳ кунем. Он Хайёме, ки бешакку шубҳа ҳаким ва файласуфи барҷаста аст. Ва ҳамон қадре, ки тафсири аввалӣ файласуфии ӯро тасдиқ намекунад, ба ҳамон андоза тафсири дувумӣ ва дуруст файласуфӣ ва ҳакимии ӯро инкор ҳам намекунад. (Ҳамон тавре ки ҳеч кас ҳақ надорад пас аз мутолиаи суханони мусбат дар бораи дин дар мақолаи «Фалсафаи миллии тоҷикон» эълон кунад, ки ин суханон фалсафаро инкор менамоянд).

Дар айни ҳол таҳлили муназзам бар асоси матни воқеӣ шеърияти барҷаста ва олии Хайёмро ошкор месозад, ки мутаасифона, дар тафсири аввалӣ осоре аз он шеърият боқӣ намондааст. Яъне ногузир аст, ки системаи илмӣ ва воқеънигаронаи забони матни осор, як бахши муҳимми системаи куллии илмии таҳлили ин осор бошад.

Тавре ки дар мақолаи ҷавобия омадааст, **банда ҳаргиз худро мункири вуҷуд ва зарурати тазод (ҳамчунин фалсафа) дар осори адабӣ ва тарафдори ташкили системаи комилан орӣ аз тазод эълон накардаам** ва ба ростӣ, ки дар бораи мавҷуд будани чунин як «афсона» ё «миф» хабар ҳам надорам. Балки манзур аз система ё низом ҳамин навъ низоми илмиву ҷаҳоншинохтии дақиқ аст, ки битавонад аз миёни тазодҳо ҷавҳари аслии андеша ва афкор, аз ҷумла фалсафаи ин бузургонро берун орад ва моҳияти онро барои мо ошкор созад. **Зеро дар фарҳанги мо ҳаргиз назарияи адабиёт барои адабиёт ё ҳунар барои ҳунар дар ҳеч даврони ҳатто бисёр кӯтоҳи таърихи адабиёт ҳоким набудааст. Аз нигоҳи дигар ҳамин калимаи «шеър» маънои дарки вижа**

**ва олии шуъуриро дорад ва «назм» маънои системаро.** Мусоҳибаи банда бо унвони «Лафзу маъниро ба теғ аз якдигар натвон бурид» («Ҷавонони Тоҷикистон», 19 сентябри соли 2007) асосан иборат аз таъкид рӯи ҳамин нукта аст. Ин мақолаи охирӣ ҳам дар асл «Назми афкор ва назми сухан» ном дошт, ки дар ҳафтанома зоҳиран барои ҷолибтар шудан онро дигар кардаанд. Аммо агар мегӯем адабиёт чизи дигаре ғайр аз фалсафа, физика, химия ва дигар илмҳо ҳаст (ва охир бояд инро гуфта битавонем) манзур ин аст, ки мантиқи адабӣ, баёни адабӣ, забони адабиёт, истилоҳоти адабиёт ва ғайра хусусиятҳои хоси худро дорад, баёни бавосита аст, на бевоситаву урён ва дар мавриди истифода аз он ба унвони як ҳукм ё хулоса бояд ин хусусиятҳоро дар назар гирифт, ҷавҳари фикрро аз пушти пардаи рамзу кинояву маҷоз бояд берун овард. Баъзан забон ба ҳадде бо маҷоз меомезад, ки сурати зоҳири он бо ботини он тазоди зоҳирӣ пайдо мекунад.

Дар айни ҳол бо эътироф бар вуҷуд ва зарурати тазод бахусус дар адабиёт, ки он ба сурати маҳдуд яке аз саноеъи машҳури шеърӣ ҳам ҳаст, бояд гуфт, ки ин мавзӯъ набояд ба таври таҳрифӣ маънидод шавад ва чунин хулосаи нодурусте гирифта шавад, ки шахсият ва ҳувияти фардии миллӣ ва ақидатии бузургони мо дар миёни ин тазодҳо нопадид гардад. Ба сурате, ки масалан бигӯем, ки фалон шахсияти бузурги мо ҳам ин ақидаро тасдиқ мекунад, ҳам он ақидаро ва ҳам ақидаи севумрову чаҳорумро ва то бениҳоят. Шахсияти ҷаҳонӣ ва умумибашарӣ шудани онҳо низ ҳаргиз ба воситаи инкори ҳувият ва вижагии миллӣ ва ақидатӣ ё беэътиноӣ ба он сурат нагирифтааст, балки комилан баръакс. Албатта онҳо мавҷудият ва зарурати чандандеширо (плюрализмро) рад накардаанд ва фазои чандандешӣ дар даврони онҳо маҳдудтар аз фазои ҷаҳони имрӯз набудааст. Мавҷудияти даҳҳо ҷараёнҳои фикриву ақидативу мазҳабиву фалсафӣ шоҳиди барҷастаи ин воқеият аст. Таъқибҳое, ки ҳам вуҷуд доштааст бештар ҷанбаи сиёсӣ дошта ва агар ҷое мазҳабро дар миён кашидаанд, ғолибан аз сӯи касоне будааст, ки онро абзори сиёсии худ қарор додаанд. Аммо ин бузургворон пойгоҳи маълуми ақидатӣ ва ҷаҳоншинохтӣ ҳам доштаанд ва дар

бештари маворид, ин пойгоҳ чандон баланд будааст, ки аз ҳама қолабҳои расмии илмӣ ва ақидатӣ фаротар рафтааст, вале ғолибан бо ин низомҳо тафовути микдорӣ (каммӣ) дош-таast, на сифатӣ (кайфӣ), зеро инҳо пояҳои суъуд (боло раф-тан) будаанд ва барои фуруд ҳам лозим. (Аз халқ ба сӯи Ҳақ ва аз Ҳақ ба сӯи халқ). Ба иборати дигар тариқат ҳаргиз васи-лаи инкори шариат набудааст. Масалан, тазод дар осори Мавлоно ба унвони воситаи муҳимми шинохти воқеиятҳо маънидод мегардад. Ба таври мушаххас он ҷо ки дар дар бо-раи нур сӯҳбат мекунад, мегӯяд «Зид ба зид пайдо бувад чун руму занг» ва дар сисилаи маротиби короии зидҳо (тазод) марҳалаҳои физикӣ (инъикоси нур дар натиҷаи зиддияти ашё бо он) ва фалсафии шинохтро тай мекунаду боло меравад ва ба ҷое мерасад, ки дигар тазод нест ва зид наметавонад воси-таи шинохт қарор бигирад ва мегӯяд: «Нури Ҳақро нест зид-де дар вуҷуд, то ба зид ӯро тавон пайдо намуд». Ин ҷо абзори шинохт дигар мешавад. Яъне **Мавлоно дар масири худошиносӣ илму ҳикматро (фалсафаро) ва тазодро ин-кор намекунад, балки ба тамому камол аз онҳо истифода мекунад ва болотар аз онҳо меравад. Ба иборати дигар бигӯем, то ба нуқтаи олии таносуб ва таъодул мерасад, ки ҳама зидҳои аразӣ дар он оштӣ мешаванд.** Дониш ва дин ҳам дар адабиёт ва фарҳанги мо ҳаргиз ду чизи зидди якди-гар набудааст, балки баръакс ду унсури такмилкунандаи як-дигар будааст. Ҳоло аз шоирони сӯфӣ ва ориф бигзарем, Ҳаким Фирдавсӣ ҳам борҳо рӯи ин нукта таъкид намудааст: «Туро **дину дониш** раҳонад дуруст, раҳи растагорӣ бибояд-т ҷуст»; дар саросари осори Ҳаким Носири Хусрав пайвастагӣ ва вобастагии дину дониш ба якдигар таъкид ва собит мегар-дад.

**Эътидол, таъодул, адолат ба таври шигифтангез ҷавҳари аслии фарҳанги миллии моро дар ҳама даврон ташкил додаст.** Бигирем фалсафаи Наврӯзро. Таъодул, мувозина, таносуби комил асли моҳияти онро ташкил медиҳад. Ба дақиқии сонияҳо ин ҷашн аз лаҳзае (гоҳе) шурӯъ мешавад ки ҳама аносири тазодҳои аразӣ ба камоли таносуб ва баробарӣ яъне адл мерасанд.

Аҳмади Дониш бо истинод ба Қуръони маҷид ва мушоҳидаҳои ситорашиносии худ мегӯяд, ки низоми кайҳон бар мабнои адл ва таносуби комил аст ва агар сари мӯе дар гардиши сайёрот инҳироф ба вуҷуд биёяд, ин низом аз ҳам мепошад. Ускуфи аъзами (Архиепископи) Осиёи Марказӣ дар китоби худ «Дӯстонро бояд аз Шарқ ҷустуҷӯ кард» масеҳиятро «дини муҳаббат» ва исломро «дини адолат» меномад. Нависандаи ҳакими рус Лев Толстой дар номаи худ ба А.А.Толстой бо изҳори норозигӣ дар мавриди ифроту тафрит дар бораи нисбат додани вай ба ин ё он ақидаи фалсафӣ ё сиёсӣ ва ба хотири расидан ба миёнагини тилоӣ менависад: «...лутфан ба ман чун ба як муҳаммадии (мусулмони) хайрхоҳ (мӯътадил) нигоҳ кунед, он гоҳ ҳама чиз хуб мешавад» (А.И.Шифман. «Лев Толстой и Восток». Москва-1971.). Аз Қуръон ва аҳодис мисолҳои зиёдеро дар бораи ҷавҳари ислом будани адл ва эътидол метавон овард, вале манзур дар кулл ин мавзӯъи фарох нест, ки дар салоҳияти мутахассисони ин улум мебошад. Балки манзур ин аст, ки агар ҷое гуфта шуда ва ё гуфта шавад, ки барои омӯхтани адабиёти классикии мо омӯзиши ислом зарур аст, ин ифрот, идеология ё сиёсат нест. Ин як зарурати ҳатто техникии матншиносӣ аст, ки ҳамаи ховаршиносони дунё ба он бовар доранд ва ҳамаи онҳо, чи ғарбиву чи шарқӣ ҳамон қадр, ки адабиётшинос ҳастанд, исломшинос ҳам ҳастанд. Вақте, ки банда «Маснавии маънавӣ»-ро мехонам, ки дар он беш аз 700 ҳадис ба забони арабӣ ва оятҳои зиёд истифода шудааст, ва бо мушкил рубарӯ мешавам, (ба ғайр аз талмеҳот ва ишороти қуръонӣ), ин зарууратро бевосита барои худ эҳсос мекунам.

Бо ин мулоҳизот банда аз ин назар, ки дигарбора ҳеч навъ идеологияро бар илм ҳоким насозем, тарафдорӣ менамоям.

Адл, таъодул, таносуб, мувозана ки асоси маорифи бостонии моро ташкил дода, дар системаи маорифи милии исломӣ бо камоли ҳамоҳангӣ идома ва рушду такомул ёфтааст, имкон додааст, ки донишмандони парвардаи ин маориф аз тамоми донишҳои башарӣ, ҳар ҷо ки дастрас аст, бархурдор гарданд ва аз ин мавзеъ ҳатто бо пешрафтатарин

мактабҳои илмиву ақидативу фалсафии замони худ на танҳо ба доду ситади фарҳангӣ, балки ба мубоҳисаву муколамаи фаъол пардозанд. Шояд шуъубияи тоҷикӣ на танҳо дар партави муқовимат бо нажодпарастии арабӣ (агар дар чунин сатҳи илмие вуҷуд дошта) ва идеологияи марксистӣ, балки дар муқовимат бо сайтараи аз ҳад зиёди фалсафаи юнонӣ (аз ҷумла афлотуния ва навафлотуния аз тариқи адабиёти тасаввуфӣ) ҳам замоне зоҳир шуда бошад. Ба назари инҷониб ин мавзӯъест, ки маводи зиёди таҳқиқотӣ барои он мавҷуд мебошад ва албатта баррасии он кори мутахассисон аст.

Аз миёни тазодҳо расидан ба таносуб, таъодул ва тавозуни матлуби фикриву адабӣ, эҷоди хайру салоҳ аз корбурди созандаи тазодҳо мояи аслии ғоявӣ ва эстетикии адабиёти моро низ ташкил медиҳад. Дар ин ҷо бамаврид аст, порае аз шеъри донандаи беназири фалсафаи Шарқу Ғарб, шоири ҳаким Иқболи Лоҳуриро, ки дар мунозара бо Худованд сурудааст, ёдоварӣ намоем, ки ба мавзӯъ рабти бевосита дорад

*Ту шаб офаридӣ, чароғ офаридам,*
*Сафол офаридӣ, аёғ офаридам.*
*Биёбону куҳсору роғ офаридӣ,*
*Хиёбону гулзору боғ офаридам.*
*Ман онам, ки аз санг ойина созам,*
*Ман онам, ки аз заҳр нӯшина созам.*

**Яъне тазод дар адабиёти мо мурод ва ҳадаф набудааст, ки инсон барои эҷоди он талош кунад, балки воситаест, ки бо шинохт ва корбурди дуруст аз он метавон ба ҳадафи аслӣ, ки таносуб ва таъодул ҳаст, расид.** Рисолати инсон ҳам аз назари Иқбол дар ҳамин талош хулоса мешавад. Зимнан бояд гуфт, ки ин дидгоҳ бисёре аз гиреҳҳои ашъори ҳакимонаи Умари Хайёмро низ боз менамояд ва дар ин хусус рисолаҳову мақолаҳои зиёде таълиф шудааст ва ҳаргиз дар порае аз як сӯҳбат ё мақолаи муҷмалу мухтасар наметавон иддаъои кашфи асрори Хайёмро кард, балки ин мавзӯъи таҳқиқоти муфассали оянда хоҳад буд.

Дар охир лозим аст ёдоварӣ шавад, ки табодули назарҳо

бо ҳузури донишмандон, устодон, хабарнигорон, масъулини ниҳодҳои илмиву фарҳангии давлатӣ, донишҷӯён ва ғайра, ки дар бештари маворид суханрониҳо аз тарафи мутахассисони ниҳодҳои расмӣ ва давлатӣ сурат гирифтааст, барои банда чунин эътимодеро ба вуҷуд овардааст, ки **рӯшанфикрони мо ва дар умум мардуми андешаманд, чи намояндагони ниҳодҳои расмӣ ва чи ғайрирасмӣ ихтилофи назарӣ ва ақидатии усулӣ бо ҳам надоранд, дар мавриди манофеъи усулии миллӣ ҳамагӣ тавофуқи назар доранд ва ҳатто ба гурӯҳҳои диниву дунявӣ ҷудо кардани онҳо як кори сунъӣ аст.** Аққалан ба ин хотир, ки дар он миён ҳеч кас худро ғайридин ё ғайриindунёӣ намедонад. Мубоҳисаҳо бештар ҷанбаи маърифатӣ ва машваратӣ дорад. Ихтилоф бештар натиҷаи сӯитафоҳумҳо ҳаст, ки дар натиҷаи муколама бартараф мегардад. Ойини мо бояд аз санг ойина сохтан бошад, на баракс.

Соли 2008

# ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ
# ВА РИСОЛАТИ РӮШАНФИКРӢ

Баҳсҳое, ки пас аз фурӯпошӣ дар кишварҳои шӯравии собиқ аз ҷумла дар Тоҷикистон перомуни мавзӯъҳои фарҳанги миллӣ, идеяи миллӣ ва аз ин қабил дар ҷараён аст, як амри табиъӣ буда, талошҳои ин мардумро барои таъйин кардани як таъриф ва фаҳми нисбатан мушаххас ва умумитар аз ин истилоҳот пас аз хориҷ гардидан аз системаи қаблии таърифҳо ва истилоҳоти расман қарордодӣ нишон медиҳад. Тақрибан ҳамзамон баҳси бархӯрди тамаддунҳо ва гуфтугӯи фарҳангҳо тарҳ гардид, ки ин боиси густардатар шудани ин баҳсҳо шуд.

Бидуни эҷоди ин навъ таърифҳо ва шинохтҳои қобили қабул барои аксарияти аъзои ҷомеъаи кишвар, гуфтугӯ, табодули назар ва натиҷагириҳои мусбату эътимодбахш номумкин мебошад.

Гоҳе дар зеҳн суоле пайдо мешавад, ки оё ин мавзӯъҳо хатмшуда ва ин истилоҳот барои ҳамаи мо маълуму машҳур нест. Ва чӣ ниёзе ба баҳсу табодули назар атрофи ин мавзӯъҳо ҳаст? Вале аз сӯи дигар мебинем, ки рӯз то рӯз ин мавзӯъҳо бо тафкики (детализатсияи) бештар мавриди баҳс қарор мегиранд. (Масалан, фарҳанг чист? Ё миллат чист?) ва аз мақолаҳои чопии марбута дониш ва огоҳиҳои бештареро пайдо мекунем. Шахсан барои банда чанд мақолае, ки ахиран аз ҳафтаномаҳои кишвар хондам, омӯзанда буд ва имрӯз бо тарҳи муқаддимае перомуни мавзӯъи «Фарҳанги миллӣ ва рисолати рӯшанфикр» умед дорам, ки бо ҳузур дар табодули назар дар ҷамъияти рӯшанфикрон дар ин мавзӯъ огоҳии бештаре пайдо намоям:

*Бошад, ки дар миёна чу бинанд рӯи дӯст,*
*Ту низ дар миёнаи ишон бубиниё.* (Рӯдакӣ)

## Фарҳанг

Фарҳанг дар забони мо як вожаи батамом мусбат аст ва ҳеч гоҳ барои қиёси мутазод дар муқобили вожаи дигари

мусбат қарор дода нашудааст. Масалан илм, дин, фалсафа, имон ва ғ. Дар зеҳни ҳар яки мо лавҳи сардари фарҳанг ин аст:

*Ҳеч ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ.* (Рӯдакӣ)

Аммо аз назари луғат иборат аз ду калима аст: «фар» ва «ҳанг», ки ҳарду ба алоҳидагӣ ё бо таркибҳои дигар дар забони зиндаи мардуми мо роиҷ мебошад. «Фар» бештар ҷанбаи олӣ ва маънавӣ дорад ва ба сурати маҳдудтар дар вуҷуди инсон метавонад ба маънии имтиёзоти фитриву сириштӣ, истеъдод ва рой (андешаи созанда) таъбир шавад. Аз ин ҷост, ки дар таркиб бо калимаи «ҳанг», ки маънои тавон, неру ва қудратро дорад, гоҳе «рой» истифода шудааст. Масалан, Фирдавсӣ таъбири «бо рою ҳанг» – ро дар тавсифи қаҳрамонони худ зиёд ба кор бурдааст. Ин ду яке бе дигаре наметавонад ба камоли матлуб бирасад:

*Рои беқувват ҳама макру фусун,*
*Қуввати бе рой ҷаҳл асту ҷунун.* *(*Иқбол)

Сайф ва қалам ба наҳве ибораи ҳаммаънои фарҳанг мебошад.

Бо ин навъ таъбир ба истилоҳи дигар, яъне «тамаддун» наздик мешавем, ки баъзе аз донишмандон фарҳанг ва тамаддунро айни як чиз донистаанд ва баъзе тамаддунро кулл ва фарҳангро ҷузъ шумурдаанд. Дар Ғарб танҳо олмониҳо дар қарни 19 ба таври қатъии карордодӣ фарҳангро (култураро)иборат аз арзишҳо, ормонҳо (идеалҳо) ва хислатҳои олии зеҳнӣ, ҳунарӣ, адабӣ ва ахлоқии ҷомеъа ва тамаддун (сивилизатсия)-ро иборат аз техника, технология ва омилҳои моддӣ донистаанд. Вале ин навъ тақсимбандӣ дар ҳеч ҷо мавриди пайравӣ қарор нагирифтааст ва ҳатто дар дохили як китоб мебинем, ки фарҳанг ва тамаддун ба як маъно ба кор гирифта шудааст. Танҳо мавриди нисбатан собит омили таърихиву ҷуғрофист, ки тамаддун ом ва фарҳанг хос мешавад. Маса-

лан, тамаддуни ғарбӣ (ё католикӣ) ва фарҳанги фаронсавӣ, ки ҷузъи аз он тамаддун дониста шудааст. Дюркгейм ва Мосс мегӯянд: «Тамаддун як фазо ё муҳити маънавиест, ки чанд миллатро фаро мегирад ва ҳар як фарҳанги миллӣ навъи махсусе аз он куллиёт мебошад».

Баъзан фарҳанг ба маънои хеле ҷузъитар ҳам истифода мешавад. Масалан, фарҳанги диплумотӣ, фарҳанги донишгоҳ, ҳатто дар яке аз барномаҳои ахири телевизиони тоҷик ибораи «фарҳанги истифода аз барқ» ба кор бурда шуд, ки ин албатта мавридӣ аст ва ба маънои одоб ва равиш омада ва истилоҳӣ нест.

Дар маҷмӯъ фарҳанг ва тамаддун нисбат ба якдигар муносибати ҷузъ бо кулл дошта, ҳамзамон айни якдигар мебошан ва ҳарду дорои ду ҷанбаи маънавӣ ва моддӣ ҳастанд.

## Омилҳо ё унсурҳои аслии фарҳанг

Забон, осор, завқу салиқаи ҳунарӣ, хусусиёти ахлоқӣ, дину ойинҳо, асотир ва васоили таъмини онҳо.

Аз ин миён донишмандони Ғарб аз он ҷумла Френсис Фукуяма, Шпенглер, Тойнби ду унсурро муҳимтарин донистаанд, ки забон ва дин мебошад ва дар ниҳоят аз ин миён динро муҳимтарин омил донистаанд. Дар зимн барои тасдиқи назари худ Фукуяма аз ваъдаи ёрии афиниҳо ба спартаниҳо дар ҷанг бо эрониён ёдоварӣ менамояд, ки агарчи ин ду қавмияти юнонӣ дорои умумияти нажодӣ забонӣ ва тарзи зиндагӣ буданд, вале ҳангоми ваъдаи ёрӣ додан қабл аз ҳама ба дини муштараки худ таъкид карданд.

Кристофер Даусон мегӯяд: «Динҳои бузург пояҳое ҳастанд, ки бар онҳо тамаддунҳои бузург бино шудаанд».

## Миллат

Миллат вобаста ба шинохтҳои мухталиф таърифҳои мухталиф дорад. Вале чун манзур шинохти роиҷ аз миллат дар Тоҷикистон аст ва бояд қазоватҳо дар чаҳорчӯби он сурат бигирад, муносиб аст, ки аз мақолаи данишманд Масрури Абдуллоҳ ёдоварӣ шавад, ки дар ҳафтаномаи «Миллат» чоп шуда буд. Дар ин мақола ба дурустӣ гуфта мешавад, ки шинохти мо аз «миллат» ғолибан ҳамон таъбирест, ки дар давро-

ни шӯравӣ ба миён омада ва он ба асоси нисбати қавмиву нажодӣ таъйин гардидааст. Ба ин ном кишваре ташкил гардидааст, ки ба асоси ҳамин нисбат ҳам бисёре аз намояндагони ин миллат берун аз марзҳои он боқӣ мемонанд. Аз сӯи дигар дар ин кишвар намояндагон ва қавмиятҳои дигар ҳам ба сар мебаранд. Бо ин ҳол таъйини идеяи миллӣ ва ҳамчунин фарҳанги миллӣ ба унвони унсурҳои аслии ҳувияти миллӣ бо мушкилоте руёруй буда, моро водор месозад, ки дар хусуси истилоҳи миллат ҳам дигарбора фикр кунем. Дар ин мақола бар асоси таҷрибаҳои муваффақи муосир пешниҳод мешавад, ки ба ҷои "миллати тоҷик" истилоҳи "миллати Тоҷикистон" маъмул ва забони тоҷикӣ забони расмии ҳамаи қавмиятҳои Тоҷикистон шавад. Дар сурати мақбулияти ин назар, масъалаи фарҳанги миллии тоҷикӣ дар маҳдудаи кишвар, ҳал мегардад, зеро агар як унсури асосии он, ки забон ҳаст, муштарак гардад, унсури дигари он дин муштарак аст. (Ба ин маъно, ки тақрибан тамоми ғайритоҷикҳои Тоҷикистон ҳам мусулмон ҳастанд. Истилоҳи миллатро метавон ба таври қарордодӣ маҳдуд кард, вале фарҳангро не. Тоҷикони берун аз марзи Тоҷикистон, ки бо тоҷикистониён ҳам фарҳанг ва ҳам дини муштарак доранд, наметавонанд ба куллӣ ҷудо аз ҳавзаи фарҳанги тоҷикӣ бимонанд. Ин омил то ҳадде неруманд аст, ки баъзан пажӯҳишгаронро водор кардааст, то ночор номи Тоҷикистонро фаротар аз маҳдудаи ҷуғрофиёи сиёсии он ба кор бибаранд. Масалан, муҳаққиқи эронӣ оқои Бовандӣ дар зимни баррасии адабиёти форсизабони Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсояи он дар Осиёи Марказӣ чунин тавзеҳ додааст, ки дар ин рисола (рисолаи номзадии ишон) ҳар ҷо ки дар баробари адабиёти Эрон ва адабиёти Афғонистон, адабиёти Тоҷикистон мегӯем, манзур аз он ҳам адабиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва ҳам адабиёти тоҷикии кишварҳои ҳамсояи он дар Осиён Марказӣ. Вай қабл аз он ки ба ин натиҷа бирасад, ибтидо чандин бор ибораи тӯлонии «адабиёти тоҷик ва тоҷикзабони Осиёи Марказӣ»-ро истифода менамояд ва дар ниҳоят ин ба делели сангин будани ин ибораи тӯлонӣ ногузир ва бидуни ҳеч навъ ғарази дигаре ба ин натиҷа мерасад, ки дар кулл он ҳамаро «Адабиёти Тоҷикистон» биномад. Чун вожаи

Тоҷикистон ба маънои сарзаминест, ки дар он тоҷикон сокин ҳастанд, дар ин ибора ҳеч эроде наметавон гирифт.

Ҳамчунин наметавон аз ин сарфи назар кард, ки хеле аз тоҷикони ҷумҳуриҳои дигар (ба ғайри онон, ки ба зӯр ва ё ихтиёрӣ миллияти дигарро пазируфтаанд) дар паспорташон «тоҷик» навишта шуда ва миллияти худро тоҷик медонанд. Албатта ин баҳси дигар аст ва дар ин ҳол «тоҷик» истилоҳи таъйинкунандаи нажод аст, то миллат. Дар ҳар ҳоле боз ба ин натиҷа мерасем, ки тақсими Осиёи Марказӣ бар мабнои қавмиву нажодӣ як иқдоме буда, ки ба ҳамин меъёрҳои қарордодӣ низ мутобиқат надошта, дар натиҷа ҳарҷу марҷеро ба вуҷуд овардааст, ки танҳо як роҳи оқилонаи ҳалли он ба назар мерасад, ки иттиҳоди ҳар чӣ наздиктар ва марзҳои ҳар чӣ шаффофтар байни ин ҷумҳуриҳо мебошад. Ба иборати дигар метавон гуфт пас аз таи ин солҳои тақсими беназми Осиёи Марказӣ ҳанӯз ҳам ҳавзаи фарҳангии он ҳамон ҳавзаи қабл аз инқилоб аст, ки меҳвари онро тамаддуни исломӣ (ғолибан ба забони форсии тоҷикӣ) ташкил медиҳад. Албатта, манзур ин нест, ки дар шароити имрӯз ҳам забони тоҷикӣ мисли собиқ танҳо забони расмӣ ва илмии ин ҳавза бошад, балки бо таваҷҷӯҳ ба осори зиёди илмиву фарҳангӣ ба ин забон дар сартосари минтақа, ки ҳовии фарҳанг ва таърихи ҳамаи ин ақвом мебошад, ин забон метавонад дубора ҳадди ақал нақши «лотини Осиёи Марказӣ»-ро ба худ ихтисос бидиҳад, танҳо бо ин тафовут, ки ин забони зинда аст ва мисли лотин забони хомӯш нест ва дар сурати идома пайдо кардани суннатҳои фарҳангофаринии намояндагони нажоди тоҷик барои соири ақвоми ин минтақа, ба мизони зиёд ин имконро дорад, ки ҷойгоҳи таърихии худро дубора соҳиб гардад. Меҳварияти забон ва фарҳанги тоҷикӣ дар ҳавзаи фарҳангии Осиёи Марказӣ ин имконро дода буд, ки замоне дар таъйини истилоҳи «Миллати Бухоро» ё «Миллати Мовароуннаҳр» забони тоҷикӣ ба унвони унсури аслӣ нақши таъйинкунанда дошта бошад.

### Таърих ва ҳофизаи таърихӣ

Агарчи дар зимни таърифҳои пазируфта аз фарҳанг

таърих ба унвони як омил ба назар нарасид, вале метавон гуфт, ки таърих ва ҳофизаи таърихӣ як унсури муҳимми фарҳанг ва тамадунни ҳар миллатест, шояд ин унсур дар таърифҳои қаблӣ дар дохили улум ва донишҳо дар назар гирифта шуда бошад, вале аҳамммияти вижаи он дар таъйини фарҳанг ва ҳувияти миллӣ ба ҳадде муҳим аст, ки месазад ба таври алоҳида ёдоварӣ гардад.

*Қавм равшан аз саводи саргузашт,*
*Худшинос омад зи ёди саргузашт.*
*Саргузашти худ гар аз ёдаш равад.*
*Боз андар нестӣ гум мешавад.* (Иқбол)

Таҷрубаи таърихӣ дар заминаи улум, дин, сиёсат ва ҳамаи мавридҳои дигар имкон медиҳад, ки дар ҳар марҳалае аз таҳаввулоти таърихӣ дар хусуси арзишҳои фарҳанг ба таври саҳеҳ таҷдиди назар шавад. Ба воситаи таърих ва ҳифзи ҳофизаи таърихӣ метавонем азамати фарҳанги миллиро дар таркиби ҳофизаи миллӣ зинда нигоҳ дорем, ки ин неруманд-тарин унсур барои ҳифзи ҳувияти миллӣ мебошад. Пас, метавон гуфт, ки ин се унсури аслии таъйинкунандаи фарҳанги миллӣ, яъне забон, ҳофизаи таърихӣ ва дин мебошад. Дар айни ҳол ҳар яке аз ин унсурҳо бар тибқи зарурияти худ ҳамгароии моро бо фарҳангҳои миллии дигар, таъмин месозад, таърих бо миллатҳое, ки дар тӯли он иштирокоте доштем, забон бо миллатҳои ҳамзабон ва дин бо миллатҳое, ки бо онҳо дини муштарак дорем. Қавитарин ва табиитарин иртибот миёни миллатҳое сурат мегирад, ки ин се унсури аслии таъйинкунандаи фарҳанг ва тамаддун миёни онҳо муштарак бошад. С. Ҳангингтон тақсимбандии ояндаи ҷаҳонро бар ҳамин мабно пешбинӣ карда, кишварҳои нисбатан неруман-деро ки бо кишварҳои перомуни худ, ин се унсури муштаракро доро мебошанд, барои ин гурӯҳи кишварҳо кишвари меҳварӣ номидааст. Аз ин нигоҳ тамаддуни исломиро донишмандони Ғарб ба чор тамаддуни фаръӣ (субсивилазация) ва ё чор фарҳанг тақсим кардаанд: арабӣ, туркӣ, малаӣ ва форсӣ.

## Фарҳанги миллӣ, модернизатсия ва глобализатсия

Шадидтарин баҳсҳо ва ихтилофи назарҳо дар ду садаи ахир перомуни мавзӯъи фавқ будааст. Аз як сӯ донишмандоне чун Пайпс иддаъо доштаанд ки шарти ногузири модернизатсия пазируфтани фарҳанг ва тамаддуни Ғарб аст, аз сӯи дигар гурӯҳи бонуфузе аз намояндагони фарҳангҳои миллӣ бо ҳамон эътиқоди Пайпс, вале аз мавзеъи инкор модарнизацияро боиси аз даст рафтани фарҳанги миллӣ донистаанд. Вале мисолҳои зиёд собит месозад, ки ғарбишавӣ ё худ вестернизатсия шарти муҳимми модернизатсия нест. Япония, Сингапур, Тайван, Саъудӣ ва Эрон тавонистанд дар радифи кишварҳои санъатии ҷаҳон қарор бигиранд, бидуни он ки фарҳанги Ғарбро бипазиранд. Ҳамзамон кишварҳое ғарбӣ шуда, вале санъатӣ нашуданд. Тибқи омори таҳлилие, ки донишмандони ғарбӣ ироа кардаанд, мизони болотарини нуфуз ва иҳотаи ҷаҳонии Ғарб дар соли1910 будааст. Алорағми ин иддао, ки забони англисӣ забони ҷаҳонӣ ва католитсизм дини ҷаҳонӣ мешавад, тибқи омори мазкур доираи иҳотаи ҳарду сол ба сол маҳдуд мегардад. Дар охири даҳаи ҳафтоди садаи гузашта камтар аз 9 дарсади аҳолии дунё ба забони англисӣ гуфтугӯ ва 30% пайрави мазҳаби католикӣ буда, аз он ба баъд ҳарду маврид майл ба коҳиш доштааст, ва тибқи ҳамин иттилоъот то соли 2025 пайравони ислом 30% аҳолии ҷаҳонро ташкил хоҳанд дод. Имрӯз дигар метавон гуфт, ки мухолиф ё монеъ будани фарҳанги миллӣ ва исломӣ аз модернизация иддаъои радшуда аст, ки ин раддияро худи воқеъият ва донишмандони воқеъбини Ғарб додаанд.[1] Ин донишмандони воқеъбин имрӯз нигаронии дигаре доранд. Семюэл Ҳантингтон тавсия медиҳад, ки чун технологияҳо густариш меёбанд (ба ҷойҳои дигар интиқол мешаванд) ва агар Ғарб бихоҳад, ки бартарии худро ҳифз намояд онро лозим аст, ҳар иқдоми мумкинро амалӣ созад, то аз ин густариш (-и технологояҳо) пешгирӣ намояд.[2] Ва тавре ки шоҳиди ҳол ҳастед, яке аз ин корҳо таҳрими технологии пешрафти

---

[1] Ниг. Самюэль Хангтинтон. Столкновение цвилизаций. – М.: Издательство АСТ, 2003. – с. 80.

[2] Ниг. Самюэль Хангтинтон. Ҳамон асар, с.111.

барои кишварҳои мусулмон бо баҳонаи эҳтимоли истифодаи номатлуб аз ин технологияҳо мебошад. Ҳатто дар сурате, ки ин навъ модернизация бо истифода аз неруҳои дохилии ин кишварҳо сурат бигирад, таҳрим мешавад.

## Ҷойгоҳи забон дар фарҳанги миллӣ

Ин баҳс ба алоҳидагӣ ба он хотир тарҳ шуд, ки аз як сӯ забон муҳимтарин унсури таъйинкунандаи фарҳанги миллӣ мебошад ва аз сӯи дигар, зоҳиран, мавриди нигаронии баъзе аз намояндагони фарҳанги миллӣ ин аст, ки вуҷуди унсури дигари муҳим, яъне дини ислом дар фарҳанги миллӣ, арсаи забони тоҷикӣ ва дар натиҷа осори ҳунарии ба ин забонро танг мекунад. Ба ин нигарониҳо посуххои қатъӣ ва бо далел дода шудааст, танҳо чанд нуктаро мехоҳам изофа намоям: забони форсӣ ё тоҷикӣ забони дувумини ҷаҳони ислом буда, ҳанӯз ҳам агар ба иҷрои рисолати таърихии худаш бипардозад, метавонад дубора ин ҷойгоҳро пайдо намояд. Халқҳои Осиёи Марказӣ ва хеле аз мардуми Ховари Наздик исломро бо воситаи забони форсии тоҷикӣ пазируфтанд ва ёд гирифтанд. Аз ин ҷост, ки онҳо, аз ҷумла узбакҳо, қирғизҳо ва қазоқҳо муҳимтарин мафоҳими исломиро на ба забони арабӣ, балки ба забони тоҷикӣ ҳифз кардаанд: Аз он ҷумла: Худо, Пайғамбар, фаришта, биҳишт, дӯзах, намоз, (бомдод, пешин, шом, хуфтан), ҷонамоз, обдаст (ки мо худамон «таҳорат» мегӯем), пешнамоз (мо «имом» мегӯем) ва ғ.… Беш аз ин як мисоли дигар: аз муовини раиси донишгоҳи исломии яке аз кишварҳои туркзабони ҳамсоя шунидам, ки мегуфт: кишварҳои форсизабон бояд ба мо ёрӣ расонанд, то дар донишгоҳамон факултети забони форсӣ боз кунем, зеро ҳадди ақал 70 % китобҳои динӣ ва ҳатто таърихии мо ба ин забон аст ва бе омӯзиши забони форсӣ мо наметавонем мутахассисони босалоҳиятро омода кунем. Имрӯз дар ин кишварҳо танҳо дар ҳавзаҳо ва муассисаҳои динӣ аст, ки як тоҷикзабон метавонад ба осонӣ «ҳамзабон»-и худро пайдо намояд ва бо мушкили забонӣ бархӯрд накунад. Зеро бидуни муболиға 90 дарсади рӯҳониёни минтақа забони тоҷикиро медонанд. Ҳатто дар китобҳои дарсии мадрасаҳои уйғурӣ ашъори Ҳофиз, Саъдӣ ва Бедил ба забони асл тадрис мешавад.

Иқбол барои чӣ забони ашъорашро форсӣ интихоб кард: Барои он ки агар аз сӯе ба баландии андешааш созгор буд (порсӣ аз рафъати андешаам дархурад бо фитрати андешаам), аз сӯи дигар он забони дувуми дунёи ислом буд ва мухотаби Иқбол ҳам мусулмонон буданд.

Таҳдид ба забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ аз ноҳияи дигар аст, ки аз ҷумла замоне Фирдавсӣ ба он бархурд карда буд. Аз ноҳияи ононе, ки ба таври муғризона адабиёти тоҷикро ғайриисломӣ ё ҳатто зиддиисломӣ қаламдод мекунанд. Дар тӯли таърихи адабиёт мисолҳои зиёде шоҳиди он аст, ки бадхоҳони муғризи забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ бо иттиҳоми зиддиисломӣ будани баъзе аз осор ва суханварони он хостаанд арсаи ин забону адабиётро дар қаламрави паҳновари тамаддуни исломӣ танг кунанд. Ин кӯшишҳо дар ибтидо ва идомаи қарни бист ҳам амалӣ мешуд ва имрӯз ҳам идома дорад. Ва аз сӯи дигар онҳое, ки ба як ифтихори мавҳум ва андешаи береша мехоҳанд ин адабиётро ғайриисломӣ ва танҳо бо унсури нажодӣ ҷилва диҳанд, бидуни он ки дар аҳдофи худ ба муваффақияте бирасанд, танҳо ин қадар муяссарашон мегардад, ки ба осиёби гурӯҳи аввал об мемонанд. Ҳатто дар замони худМуҳаммади Иқбол дар китоби «Эҳёи тафаккури динӣ дар ислом» аз вуҷуди чунин ҳаракатҳо дар Осиёи Марказӣ дар мисоли тафсири нодуруст аз ашъори Бедил ибрози нигаронӣ карда буд.

Ин мушкилро бархӯрди дугона бо суннатҳои фарҳангии қадим, аз ҷумла Наврӯз низ ошкор месозад. Наврӯз, ки як иди бисёр куҳани мардуми мо буд, ба истиснои баъзе аз мавориди камранг (ситезҳои дар асл нажодгароёнаи зиддиэронӣ) дар маҷмӯъ дар тамаддуни исломии тоҷикии мо бо камоли созгорӣ пазируфта ва дар миёни мардум ҳам ба номи машҳури худ ва ҳам ба унвони «Сари сол» роиҷ гардид ва дар тасаввури мардум ҳам як иди комилан мардумӣ ва суннатӣ, ки бо эътиқодоти онҳо ҳеч ихтилофе надорад, пазируфта шуд, зеро анъанаҳои он аз қабили аёдати наздикон, ёди гузаштагон, додани садақа ва ёрӣ ба мӯҳтоҷон, оштӣ додани озурдагон ва аз ин қабил суннатҳои неки умумибашарӣ ва комилан созгор бо омӯзаҳои исломӣ боис гардид, ки ин ид дар тӯли таърихи та-

маддуни исломии мо идома пайдо намояд ва танҳо дар ибтидои садаи 20 дар баробари дигар суннатҳои милливу мазҳабӣ (!) аз сӯи ҳукумати коммунистӣ мамнӯъ гардад. Ин иди комилан тоҷикӣ дар миёни ақвоми дигари мусулмони Осиёи Марказӣ ва Ховари Наздик низ ҳамчун як иди суннатии онҳо пазируфта шуда ва бо эътиқодоти исломии онҳо омезиш ёфтааст ва як пули муносиби иртибototи фарҳангии мо бо кишварҳои ҳамсоя ва ҳамдин мебошад. Дар ин маврид низ мушоҳида мешавад, ки баъзе доираҳои мазҳабии дар асл сиёсии муғриз мехоҳанд бо руҷӯъ ба оғозгоҳи қаблазисломии ин ид мардумро аз он мутаннафир созанд. Айнан, тавре ки дар мавриди адабиёт гуфта шуд, ин ҷо ҳам муболиғаи аз ҳад зиёди баъзе намояндагони ба истилоҳ миллигарои мо, дар ростои комилан зиддиисломӣ ҷилва додани ин иди мардумӣ, ин миллигароёнро дар асл бо ифротгароёни мазҳабӣ ҳамкору ҳампайкор мегардонад ва натиҷааш танҳо ҳамин аст, ки дар ниҳоят дили мардуми мусулмони тоҷик аз ин ин маросими аҷдодӣ сард мешавад. Натиҷае, ки барои гурӯҳи аввал хоста ва барои гурӯҳи дуюм нохоста аст. Зеро, комилан мутмаин бошед, ки ҳаргиз ин мардум эътиқодоти мазҳабии худро бо ғайримазҳабӣ иваз намекунад. Танҳо метавон хитоб кард, ки Наврӯзи комилан тоҷикишударо ғайритоҷикӣ, Наврӯзи комилан мардумишударо ғайримардумӣ, Наврӯзи мусулмонишударо ғайрисломӣ (ё ҳадди ақал зиддиисломӣ) ҷилва надиҳед, ки ҳосилаш танҳо манфӣ асту бас.

Фарҳанги миллии тоҷикон бо таваҷҷӯҳ ба вуҷуди муҳимтарин аркони он, забони миллӣ, дин, арзишҳои маънавӣ, ҳофизаи таърихӣ, русуму анъанаҳо, сабку шеваҳои рафторӣ дар маҷмӯъ ташаккул ёфтааст. Он дарбаргирандаи арзишҳои волои инсоние мебошанд, ки аз чандин роҳу тариқ муносибат, иртибот ва доду ситади фарҳангии мо ба миллатҳои дигарро таъмин месозад ва ҳамзамон қобилият ва истеъдоди комили пазируфтани арзишҳои волои фарҳангҳо ва тамаддунҳои миллии дигарро доро мебошад. Рисолати рӯшанфикри миллӣ чи рӯҳонӣ ва чи ғайри он ин аст, ки ин фаҳанги миллиро тавре ба забони рӯз таъбиру тафсир намояд, ки боиси ваҳдати бештари миллии мо ва иртиботи солимтари

мо ҳам дар ҳавзаи забони форсӣ, ҳам тамаддуни исломӣ ва ҳам тамаддуни ҷаҳонӣ шавад. Барои ин танҳо кофист, ки аз ин фарҳанг қироат ва таъбиру тафсири дуруст шавад, он таҳриф нашавад, зеро сиришти ин фарҳанг, фитрати ин фарҳанг чунон аст, ки ба иттиҳоди башар даври меҳвари имон, адолат ва хирад даъват мекунад. Танҳо онро бояд чунонки ҳаст, қироат ва ба забони рӯз таъбир кард. Рӯшанфикри миллии мо агар мушкиле дорад, фаровонии мероси маънавӣ ва камбуди вақт дар қиёси он аст. Хушо ба ҳолаш, ки мушкилаш ин аст. Вале бояд бубинад, ки чӣ тавр ҳамтои ӯ аз ақвоми дигар аз як нақшаи содаи рӯи санг чи қадар таъбиру тафсирҳои мувофиқ ба суолҳои рӯз мекашад ва мисли устод Рӯдакӣ «сад байти парниён мекунад аз санги хора», аз афсонаҳо ва устураҳои бадавии худ ба масоили ҷаҳонӣ посух меҷӯяд ва пайдо ҳам мекунаду мавриди қабул ва таҳсин ҳам мегардад. Бо ин ҳол мо бар сари китобҳое, ки дар асл бо забони ва баёни рӯшан бе ҳеч рамзу афсона барои имрӯзу фардои мо ва ҷаҳон паём доранд, баҳс мекунем ва камоли ифтихор ва қаноатмандии мо он аст, ки битвонем якдигарро мулзам (на мӯътақид) гардонем. Вале мардуми ҷаҳон ин китобҳоро, бе он ки ниёзе ба мо дошта бошанд, мехонанд ва барои мо таъбиру тафсир ҳам мекунанд. Имрӯз замоне, ки дубора осори ховаршиносоне чун Бертелс, Болдиров ва ҳатто Брагинский (ғарбиҳоро як сӯ гузорем) мутолиа мекунем, бо таъаҷҷуб дармеёбем, ки дар шинохт ва пазируфтани ҷанбаҳои мусбати исломӣ ва ирфонии осори куҳани мо аз онҳо ҳиммати бештар ва воқеъбинии бештареро, аз он ки имрӯз дар миёни мо маъмул ҳаст, мушоҳида мекунем. Хуб, адибони даврони шӯравиамон маъзур буданд, зеро муттаҳам ба исломгароӣ ва миллигароӣ мешуданд, вале имрӯз чӣ? Чаро имрӯз ҳам хелеҳо ҳанӯз дар мавзеъи атеизми ҷанговар қарор доранд? Наход, ки ҳанӯз ба он эътиқод доранд? Наход, ки ҳанӯз ба пояи эътиқоди Бертелс ё Брагинский нарасидаем?[1]

[1] Дар ҳоле, ки се сол аз нашри аввали ин мақола мегузарад, ба тозагӣ мақолаи муфассали яке аз адабиётшиносони маъруфамонро мутолиа намудам, ки дар он талош ба харҷ дода мешавад, то ҳақиқати дар сини ҳаштсолагӣ Қуръонро азёд кардани устод Рӯдакӣ инкор карда шавад. Он ҳақиқатеро, ки дар ҳама манобеъ омада ва дар китобҳои

Рӯшанфикри миллии мо касест, ки ҳамеша дар миёни ин ду ҷабҳаи ситезандаи ифроту тафрит, яъне дар дами теғи роҳи рост қарор дорад ва аз ҳар ду тараф сарзаниш мешавад, ба «созишкорӣ» мутаҳҳам мешавад. Вале охир ин созишкорӣ кори ӯ нест, балки созишест, ки аз ибтидо миёни арзишҳои ҷовидонии миллӣ ва исломӣ ҳосил гардидааст ва яке тасдиқи дигарест на инкори дигарӣ.

Рӯшанфикри милии мо ҳадди ақал барои он, ки меҳвари андеша ва ақидаи миллати худро бидонад, бидуни ҳеч таъассуби худфиребона донишҳои роиҷи исломиро меомӯзад, то битавонад дар сатҳи лозим бо онҳое, ки дар бораи фарҳанги мо бар ҳамин мабно қазоват мекунанд ва хеле вақтҳо дар ин қазоватҳо ҷониби адолатро риъоят наменамоянд, муколама намояд.

Рисолати рӯшанфикри миллии мо истодагӣ дар муқобили даъвои ботили нажодпарастони тоҷикситезест, ки бо сӯистифода аз баъзе даъвоҳои ифротӣ мехоҳанд, адабиёт ва фарҳанги миллии исломии тоҷикиро ғайриисломӣ унвон намоянд ва ба ин восита мардумро нисбат ба адабиёт ва фарҳанги таърихии худ бадбин ва маводи идеологии худро ҷойгузини он намоянд. Лозимаи ин кор ошноии кофӣ бо исломи суннатии ин сарзамин ва донишҳои исломии рӯз мебошад. Хидмати ҳадди аққал дар ин ҷабҳа он аст, ки рӯшанфикри мо исломситезиро канор гузорад ва бо таъбири ғайриисломӣ аз фарҳанг ва адабиёти миллии худ ба он гурӯҳ ва ҳамчунин на камтар аз он ба мубаллиғони сектаҳои мазҳабии хориҷӣ ёрӣ нарасонад. Албатта, ин мавзӯъ тафсилоти бештар мехоҳад ва далоил зиёд аст, вале дар ин гуфтор маҷоли он нест.

Рӯшанфикри имрӯзии мо бо уфтодани деворҳои идеологӣ ва боз шудани фазои иттилоъотӣ медонад, ки аксарияти донишмандон ва сиёсатмадорони шинохтаи дунё, чи Ғарб ва чи Шарқ, миллият ва мазҳабро, фарҳанги миллӣ ва динро дар муқобили якдигар қарор намедиҳанд, балки ин дуро дар як

---

дарсии даврони шӯравӣ ҳам ҷой дошт. Аз назари ин адабиётшиноси мӯҳтарам гӯё ин амр асолати миллӣ ва ифтихори нажодии устод Рӯдакиро зери суол мебарад.

таркиби воҳид мебинанд ва агарчи ташаббуси онҳо будааст, ки калисоро аз давлат ҷудо эълон кардаанд, вале ин амр монеъ аз он нашудааст, ки дар амал сарварони ин давлатҳо мубаллиғони мазҳаби худ ва ходимони калисои худ бошанд.

Имрӯз дар раванди ҷаҳонӣ шудани иқтисод ва фарҳанг кишварҳо бар асоси муштаракоти иқтисодӣ ва эътиқодӣ блокбандӣ кардаанд ва дар сатҳи ҷаҳонӣ бузургтарин блокҳое, ки кишвари мо ба он пайваста, аз назари эътиқодӣ ҳувияти исломӣ доранд. Мисли Созмони Конфронси Исломӣ ва ЭКО. Замоне, ки сӯҳбат дар хусуси Банки тараққии исломӣ ба миён меояд, ҳеч касе хатари «иртиҷоъи асримиёнагӣ»-ро дар зеҳни худ роҳ намедиҳад, замоне, ки телевизори малайзиро ба вай пешниҳод мекунанд, ҳаргиз ба далели он ки як кишвари мусулмонӣ аст, дар сифати он шак намекунад. Фарҳанги исломӣ бар мабнои ин созмонҳо ва ин ниҳодҳо дар сатҳи ҷаҳонии муосир матраҳ аст. Бинобар ин қазоват дар мавриди масоили исломӣ низ дар ин сатҳ бояд сурат бигирад, на дар сатҳи карикатураҳои «Гӯшаҳои атеистӣ»-и солҳои 60 ва 70 қарни гузашта ва на карикатураҳои хасмонаи ахир, ки нишон дод манбаъ ва марҷаъи ифротгароӣ дар куҷост.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки мушкили аслии мо ва сабаби аслии ихтилофоти фикриву эътиқодӣ ва назарие, ки ахиран мушоҳида мешавад, камбуди иттилоъот аст. Дар шароити кишварҳое, ки тақрибан як аср аз як манбаъи дорои барномаи махсус бо аҳдофи махсус омӯзиш ва иттилоъ дода мешуд, ин як амри табиист ва 15 соли истиқлоли пурҳодиса ҳанӯз фурсатеро барои нав кардани системаи омӯзишиву иттилоъотӣ надодааст. Ҳамчунин гурӯҳҳо ва қишрҳои мухталифи ҷомеъа имкони гуфтугӯй ва огоҳии дуруст аз назари якдигарро надоштаанд, то нобоварӣ нисбат ба якдигар аз миён биравад. Дар ғайри ин муҳол аст чунин тасаввур кард, ки доирае ё гурӯҳе аз мардуми мо, ки зотан ва сириштан миллатпараст ҳастанд, дониста ва қасдан барои эҷоди бuҳрони ҳувияти миллӣ камар баста бошанд.

*Соли 2008*

# ВАҲДАТИ ФАРҲАНГИЁН: ЗАРУРАТ ВА ИМКОНИЯТ

Албатта чун ҳамеша қабл аз ҳама ниёз ба таъйини ҳудуди истилоҳ дорем вале чун маҷоли баҳси тӯлонӣ нест ва хатари аз мавзӯъи аслӣ берун рафтан дар миён аст, бо ин иктифо мекунем, ки манзури мо аз фарҳангиён ҳамаи онҳое ҳастанд, ки бо маънавият, бахусус улум ва фунуни инсонӣ иртибот доранд. Пас аз ин гурӯҳ дар ҷомеаи мо чанд навъ вуҷуд дорад ва ин танаввуъ бар асоси чист?

Ин танаввуъ ё гуногунӣ маҳсули ин даврон нест, балки натиҷаи барномаи фарҳангсозӣ ва маорифсозии даврони шӯравӣ аст, ки дар асл ҳадафи он ҳам эҷоди гурӯҳҳои мухталифи фарҳангӣ набуд, балки комилан баракс, мехост ҳар навъ танаввуъро аз миён бибарад ва як фарҳанги комилан яксонро ба вуҷуд биёрад. Он чизро, ки мехост аз байн бибарад, он ҳам дар асл як фарҳанг ва маорифи воҳид буд бар пояи маорифи миллии исломии тоҷикӣ, ки имрӯз дар ин нукта шакку тардиде вуҷуд надорад. Фарҳанги ба истилоҳ наву инқилобӣ эҷод шуд ва ҳоким бар фазои рӯз гардид, вале на ҳоким бар рӯҳу равони мардум. Агарчи рӯдбори аслии фарҳанги суннатӣ хушк карда шуд, вале дар маҷрои ин рӯдхона ин ҷову он ҷо чашмаҳои ҷӯшанда боқӣ монд. Агар бар асли адабиёт қазоват бикунем, ки он ҳамеша барои мо ҷанбаи неруманди эътиқодӣ дошта ва дорад, дуфарҳангӣ ё дуадабиётӣ басароҳат ба назар мерасид. Дар баробари он ки дар мактабҳои расмии мо аз устод Рӯдакӣ то устод Айнӣ инсофан ба таври муфассал тадрис мешуд, вале дар мактабҳои ғайрирасмии мардумӣ низ ба таври худ Мавлоно, Аттор, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон тадрис мешуд ва толибилмон дараҷаи ҳофизхон, бедилхон, мавлавихон ва аз ин қабилро мегирифтанд. Ин воқеияте, ки тоҷикҳо бо он ҳамеша ва ҳама ҷо ба ҳақ ифтихор мекунанд, ки модари тоҷик дар гаҳвора зери болини тифлаш Ҳофизро мегузошт, гувоҳи ихлоси беҳади мардум ба фарҳанги миллии исломии худ буда ва ҳаст, бале фарҳанги миллии исломӣ, зеро ин девони

Ҳофиз ҳатман ба хатти форсӣ буд ва бидуниислоҳҳо ва ихтисорҳое, ки дар натиҷа мардум онҳоро «ҳофизи ҳукуматӣ», «бедили ҳукуматӣ» мегуфтанд ва эътиқод ба онҳо надоштанд.

Метавон гуфт, ки аз солҳои ҳаштод ба баъд баъзе аз намояндагони ҳавзаҳои илмии суннатӣ ба баъзе аз интишороти илмӣ ва академии осори классикӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекарданд. Ин тамоюли ваҳдатгаро марбут ба он буд, ки аз як сӯ ҷавонони бештар таҳсилкарда ва рӯшанфикр дар ин ҳавзаҳои илмии суннатӣ пайдо шуда буданд ва аз сӯйи дигар фазои нисбат ба солҳои пеш бозтари идеологӣ имкон медод, ки интишороти воқеан илмӣ ва бидуни таҳриф ва ихтисори баъзе аз осор, аз ҷумла куллиёти Бедил, рӯйи кор биёяд. Ба сурати ғайрирасмӣ ва машваратӣ аз баъзе зарфиятҳои ҳавзаҳои суннатии илмӣ дар тадвин ва чопи осори классикҳо истифода мешуд. Ҳамчунин истифода аз осори сирфан илмии академӣ дар ҳавзаҳои суннатӣ ривоҷи тамом дошт. Масалан, шогирдони ин ҳавзаҳо ба шӯхӣ Баранов – муаллифи фарҳанги арабиро «ҳазрати Баранов» меномиданд.

Ҷараёни наздикшавии ду ҷиноҳи илмиву фарҳангӣ дар охири даҳаи ҳаштод ва авали даҳаи 90 ба авҷ расид, омили ин наздикӣ бештар табъу нашр, тафсиру таҳқиқи осори муслиҳони фикрие чун Саййидҷамолиддин, Иқболи Лоҳурӣ, Алии Шариатӣ ва ҳамчунин нигоҳи дигаргунатар ба осори фикриву иҷтимоии Аҳмади Дониш, Абдуррауфи Фитрат, устод Айнӣ ва дар маҷмӯъ неҳзати маорифпарварӣ буд. Бидуни шак метавон гуфт, ки эҳтиром ва эътиқод ба осори ин мутафаккирон дар миёни намояндагон ҳарду ҷиноҳ зиёд буд ва ин амр заминаи муносиберо барои ташаккули як қишри воҳиди рӯшанфикрони миллӣ фароҳам менамуд. Ин ҷараён дар ҳоле сурат мегирифт, ки дар пайи эъломи поёни мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ аз сӯйи раҳбарони Русия, Украйин ва Белорус, раванди ҳувиятсозии миллӣ суръати бошитобтаре касб кард ва дар ин раванд нахустин унсури барҷастаи ҳувиятсозе ки нахустин раисони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ҳини савганд ёд кардан даст рӯйи он гузошта буданд, Қуръони маҷид буд. Ба истиснои Тоҷикистон.

Рухдодҳои маълуми Тоҷикистон, раванди ҳамойиши ду ҷиноҳи фарҳангиёнро на танҳо қатъ кард, балки то муддати мадиде ба маҷрои баракс гардонд ва бо эҷоди фазои беэътимоддӣ ва тарсу ваҳшат аз якдигар ин фосиларо ба таври бесобиқа бузург кард. Вале бо таваҷҷӯҳ ба ниёзи мубрам бар вуҷуди идеяи миллӣ барои як ҷумҳурии мустақил ба тадриҷ бештари ҳамон шиорҳои фарҳангии миллие, ки дар назари аввал гӯё боиси мунокиша шуда буданд, дубора рӯйи кор омаданд ва расмият пайдо карданд. Ин амр барҷастатарин шоҳиди ин воқеият буд, ки решаи мунокишоти Тоҷикистон на дар он шиорҳо ва барномаҳои истиқлолхоҳӣ ва ҳувиятсозӣ, балки дар авомили хориҷӣ ва таҳмилӣ будааст.

Дар марҳалаи кунунӣ, дар ҳоле, ки дубора ҳаракатҳое ба сурати табиъӣ барои эътимодсозӣ ва ҳамойиши гурӯҳҳои фарҳангии миллӣ аз тариқи гуфтугӯ ва машварат сурат мегирад, боз ин ҷову он ҷо аксуламалҳое бо аҳдофи дахолат додани унсурҳои берунӣ дар ҳаллу фасли масоили фарҳанги миллии Тоҷикистон амалӣ мегардад ва масъала тавре ҷилва дода мешавад, ки гӯё ин ҳаракатҳо бар алайҳи кишварҳои дигар, фарҳангҳои дигар, забонҳои дигар, алифбоҳои дигар амалӣ мешавад ва ҳамчунин гӯё ҳатман боз аз сӯйи кишварҳои дигаре ҳидоят мешавад. Ин кӯшиш ба ҳадде муғризона аст, ки ҳатто бе ҳеч эҳсоси масъулият баёноти марбута таҳриф карда мешавад. Дар ин навъ бархӯрдҳо аслан вуҷуди андешаи мустақили миллӣ, фарҳанги мустақили миллӣ зери шубҳа қарор дода мешавад. Чунин бархӯрдҳо на танҳо дар баробари ибрози назари намояндагони маҳфилҳои фарҳангӣ, ҳатто нисбат ба иқдомоти қонунӣ ва расмӣ ҳам сурат мегирад, ки баёнгари мавҷудияти як гурӯҳи мухолифи фарҳангӣ мебошад, ки барномаҳояш, агар нарм бигӯем, «муҳофизакоронатар» аз мақомоти расмӣ мебошад.

Эҷоди заминаи мусоид барои ваҳдати фарҳангӣ вобаста ба амалӣ сохтани баъзе барномаҳое аст, ки ҳатман бояд аз роҳҳои расмӣ ва қонунӣ анҷом шавад ва дар ғайри ин сурат ташаббусҳои хусусӣ ва гурӯҳӣ метавонад боиси ба вуҷуд омадани мухолифатҳои бештар гардад. Аз он ҷумла, посухи

қатъӣ ва мавзеъи равшан нисбат ба муҳимтарин марҳалаҳои сарнавиштсози таърихи миллӣ; таини ҷойгоҳи унсурҳои аслии фарҳанги миллӣ дар низоми маданӣ ва омӯзишӣ; таъйини ҳудуд ва мизони қобили қабули унсурҳои фарҳанги бегона; таини ҷуғрофиёи фарҳангии таърихӣ ва муосири миллӣ; таъйини вазъи мавҷудияти фарҳанги миллӣ.

Мавриди охирӣ ниёз ба тавзеҳоти бештаре дорад. Асли масъала ба сурати сода ва равшан ин аст, ки оё мо як фарҳанги миллии мавҷуд дорем ё не? Зеро дар асл ва моҳият ду навъ кӯшишҳо ба назар мерасад, ки вобаста ба он ҳам фарҳангиёни мо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Яке ин ки мо дорои як фарҳанги миллӣ нестем ва он бояд бо истифода аз унсурҳои гуногун сохта шавад ва ба мардум ёд дода шавад. Дигар ин ки мо дорои фарҳанги миллии суннатӣ ва решадор ҳастем ва он бояд бар тибқи ниёзҳои рӯз ислоҳ ва такмил шавад. Албатта, ончи дар бахши аввал гуфта шуд, дақиқан ва бевосита ба он сурат эълом нашудааст, вале ононе, ки мехоҳанд бар пояи фарҳанги атиқӣ ва ҳамроҳ кардани унсурҳое аз фарҳангҳои дигари ҷаҳонӣ як фарҳанги миллӣ бисозанд, амалан, иддаъояшон ҳамон аст, ки гуфта шуд. Зеро онҳо комилан як чизи барои имрӯзи миллат бесобиқаро мехоҳанд ба ӯ пешкаш намоянд ва мардум омӯзиши ин фарҳанги бастакоришударо аз сифр шурӯъ намояд. Ин навъ фарҳанг дар ҳеҷ ҷойи дигаре аз дунё, аз он ҷумла дар густараи ҷуғрофиёи таърихии худи мо ва фазои муштараки забонии мо намунаи зинда надорад, то ба унвони таҷриба аз он истифода гардад ва ҳамчунин фазои бозтари фарҳангӣ аз ин тариқ ба вуҷуд оварда шавад. Ҳоло ин муҳокимаро ҳам бо сарфи назар аз он раво медонем, ки оё мардум чунин сохтаеро мепазирад ё не?

Роҳи дувум собиқаи чандсадсола дорад ва ба ғайр аз кишвари мо чандин кишвар, аз ҷумла кишварҳои ҳамзабон ва ҳамфарҳанги моро фаро мегирад. Нишонаи ҳадди ақали асолати ин роҳ ҳамин аст, ки мардум ба он эътиқод дорад ва ба мизони зиёд бо он ошност. Муҳимтарин чиз дар ин маврид эътиқод аст. Албатта мо фарҳангиён мехоҳем, ки аз мардуми одӣ фарқ кунем ва масалан вақте ки сӯҳбат мекунем мисолҳоямон аз шахсиятҳои ҷаҳоние бошад, ки онҳо нома-

шонро бори аввал мешунаванд, вале албатта масъала ин нест. Масъала, қабулонидани фикр аст ва агар чунин аст, пас беҳтар нест, ки барои мардум аз он матнҳо ва аз он шахсиятҳое, иқтибос шавад, ки мардум ба онҳо эътиқоди беҳадду андоза доранд ва суханашонро ба ҷону дил мепазиранд. Дар кулл мавзӯъ мавзӯъи марҷаъият аст. Зеро ҳақоиқи башарӣ аслан ҳама гуфта шудааст. Ба забони мо ҳам гуфта шудааст. Як ҳарфе бигӯед, ки айни онро, ақҷалан мазмуни онро ба забони мо бузургони фарҳанги мо нагуфта бошанд. Вақте ки мардум «Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй» – ро бо ҷону дил мепазирад, чаро инро як сӯ гузорему «Хонед, хонед, боз хонед!» гӯем ва ӯро бихандонем. Вақте ки мардум аз гуфтаи паёмбари ислом, ки «Форсӣ забони аҳли биҳишт аст» ва ё «Агар илм дар баландтарин гӯшае аз осмон бошад, қавми яке аз асҳоби ман онро ба даст меорад (ишора ба Салмон)» вуҷудаш саршори ифтихор мешавад, чаро инҳоро як сӯ гузорем ва ифтихорро баракс аз гуфтори ситезаҷуёнае биҷӯем, ки мардумро хуш намеояд ва онро намепазирад. Албатта ин на ба маънои таҳрими дигарон аст, балки асли қазия ба ҷои ситеза бо эътиқоди мардум, кор гирифтан аз он аст.

Чизи дигаре, ки моро аз фарҳанги миллӣ дур медорад ва ё мунфаил месозад, тасаввури маҳдудияти ин фарҳанг аст. Мо мӯътақидем, ки барои ҷаҳонӣ ва башарӣ шудани фарҳанги мо ҳатман бояд мутафаккири миллӣ аз чаҳорчӯби он берун рафта бошад ва рози ҷанбаи умумибашарӣ пайдо кардани осори бузургони адабиёти классики худро низ маҳз дар ҳамин нукта ҷустуҷӯ мекунем. Ин мавзӯъ воқеан ҷолиб аст ва тавре ҳам, ки дар гузоришҳои пештар ишора шуда буд, воқеан ин як масъалаи ҷиддист ва бояд посухи он дода шавад, ки оё фарҳанги миллии исломӣ, ки имрӯз ба эътирофи шинохтатарин намояндагони расмии фарҳанг ва адабиёти мо низ замина ва ҷавҳари аслии андеша ва адаби пуршукӯҳи гузаштаи моро ташкил медодааст, барои он омили маҳдудият будааст ваё баракс омили ҷаҳонӣ шудан. Ба таври табиӣ суолҳое пеш меояд, ки агар он омили маҳдудият буд, пас, чаро маҳз ҳамин бахши адабиёт хислати умумибашарӣ касб карда ва ҳанӯз ин хислати худро ҳифз намудааст ва баракс

фарҳанге, ки бо сарфи назар аз ин арзишро ва гӯё бар асли тамаддун ва фарҳанги муосири ҷаҳонӣ эҷод гардид, чунин вусъатро пайдо накард. Дар ин маврид баъзеҳо баҳси ҳунар ва истеъдоди адабиро пеш мекашанд, вале боз ин суол пеш меояд, ки чаро он навъи фарҳанг заминаи ҳунар ва истеъдодҳои дурахшон гардид ва баракс. Вақте ки мо дар хусуси ҷанбаи умумибашарӣ доштани адабиёти худ сӯҳбат мекунем, аксаран ҳамин қитъаи шайх Саъдиро мисол меорем, ки бар пештоқи ЮНЕСКО насб шудааст:

*Банӣ Одам аъзои як пайкаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*
*Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,*
*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.*

Маълум аст, ки ин шеър бекаму афзун назми як ҳадиси маъруфи Паёмбар (с) аст ва афзудаи тахайюли шоирона ва дигар унсурҳои шеърӣ дар он камтар дахолат дорад. Ба изофа албатта ин қитъа дар тарҷума он ҷо насб шуда ва маълум аст, ки дар тарҷума асл маъно ва мундариҷа аст. Пас, мо барои он, ки дар чунин маврид масалан, шайх Саъдиро аз ин «маҳдудияти марҷаъӣ» наҷот бидиҳем, ва ҳамзамон ҷанбаи гӯё истиқлоли миллии афкори вайро собит созем, ба ҷустуҷӯ шурӯъ мекунем ва агар афкори мушобеҳе масалан, дар фалсафаи Чини қадим, Юнон ё ҷойҳои дигар ба назарамон расад, онро асли ин афкор муаррифӣ мекунем. Албатта хуб аст, ки чунин мушобиҳатҳо ошкор ва таъкид шавад, вале ду мавриди муҳим боқӣ мемонад, ки эътибори худи Шайх Саъдӣ бар кадом будааст, ва ин асар барои умуми мардуми тоҷик дар чӣ сурат эътибору эҳтироми бештар касб мекунад. Агар марҷаъи аслии он чиниву юнонӣ муаррифӣ шавад, ё худиву исломӣ ва дар кадом сурат ваҳдати фарҳангии мили мо бештар таъмин мешавад. Ин дар ҳоле, ки ҷанбаи умубашарӣ худ ба худ таъмин ва амалан аз сӯи ҷаҳониён пазируфташуда аст. Банда ин мисолро ба таври усулӣ барои тамоми адабиёт ва фарҳанги

миллӣ овардам, ки дар нисбати куллии он чунин муносибат мушоҳида мешавад. Ин навъ бархӯрд ҳосили чунин пиндор аст, ки гӯё дар сурати эътирофи ҷанбаи воқеии исломии милии чунин осор мо – намояндагони фарҳанги муосир аз ҳаққи ворисият ба он маҳрум мегардем ва он моли ду-се тан мулло мешавад. Имрӯз чунин бархӯрд ва чунин пиндор бисёр хатарнок шудааст. Зеро дар баробари маорифи исломии суннатӣ, ки ҳамеша адабиёт ва фарҳанги миллии моро ҷузъи муҳимме аз барномаҳои худ қарор додааст, аз чандин сол қабл ба ин сӯ ҷараёнҳои пуршитобе рӯйи кор омадааст, ки ҳидоятгарони онҳо таҳаммули унсури неруманд ва рӯзафзуни фарҳанги тоҷикзабон ё худ форсизабон дар матни фарҳанги исломии ҷаҳониро надоранд (чун ин забон аз қадимулайём дувумин забони ҷаҳони ислом буд) ва аз ҳар тариқе мехоҳанд онро аз арсаи пахновари фарҳанги исломии ҷаҳонӣ тард кунанд. Чанд соле пеш як силсила мақолотро дар сомонаи интернетӣ дар посух ба онҳое, ки дар як баҳс забони тоҷикиро дар Осиёи Марказӣ содиротӣ аз хориҷ муаррифӣ мекарданд, чоп кардам. Ба ҳуҷумҳои зиёд дучор шудам. Аз ҷумла як манбаъи хориҷӣ навишта буд, ки забони дарӣ сохтаи яҳудиёни Бухоро, ки ба дарбори Сомониён роҳ ёфта буданд, мебошад ва ҳадафи он пешгирӣ аз густариши фарҳанги ноби исломии арабӣ буд, на беш аз ин. Ва ҳамчунин, аз арабситезии Фирдавсӣ ёдоварӣ мекард ва он қитъаи машҳур ба номи вай, ки «Зи шири шутур хӯрдану сусмор….». Дар посух дар чанд банд беасос будани ин иддао собит шуд:

1. Илми ҷаҳон собит кардааст, ки забонҳои ҷаҳонӣ ҳеч кадом офаридаи маснуъии табъи башар нест, балки забон низ чун миллат ба сурати табиъӣ пайдо шуда, рушд карда ва хомӯш шуда, ки чун умраш ба сар ояд ҳатто онро касе натавонистааст наҷот диҳад.

2. Сарнавишти забони илмии маснуъии эсперанто, ки низ мисли муддати салтанати Сомониён 100 сол дорад, ба изофаи ин имтиёз, ки муассиртарин васоили фаннӣ ва зарфиятҳои зеҳниро дар хидмат дорад, собит месозад, ки ҳаргиз забони маснӯъи бо забони табиъӣ ва худодод қобили қиёс намебошад.

3. Дар сурати сохтаи яҳудиён будани забони дарӣ бояд ҳадди ақал чанд тан аз бузургтарин намояндагоне, ки ба ин забон осори худро навиштаанд, яҳудитабор мебуданд. Дар сурате, ки чунин нест.

4. Муҳимтарин осори халқшуда ба ин забон дар тасдиқ, таъйид, таблиғ ва шарҳу басти ислом навишта шудааст, на баракс.

5. Он чи ба Фирдавсӣ иртибот дода мешавад, як ҳукм бар алайҳи муҳоҷимини дорои аҳдофи сиёсӣ ва нажодӣ аст, ки он ҳам аз забони як қаҳрамони «Шоҳнома» садо медиҳад, на сухани мустақими Фирдавсист. Худи Фирдавсӣ дар мавқеъи ҳимоят аз ислом аст. Дар ҳоле, ки дар накӯҳиши аъроби бодиянишине, ки бо Паёмбар (с) мухолифат меварзиданд, дар Қуръон ба лаҳни шадидтаре ҳукм шудааст (ниг. сураи Тавба, ояти 97). Оё мо метавонем ин оятро исломситезона ё арабситезона маънидод кунем, дар ҳоле ки аз матни Қуръони карим аст?

Аз сӯйи дигар талошҳое дар ҷиҳати бидуни хусусиятҳои миллӣ ва мушаххассоти ҳувиятсоз ҷилва додани осори ҷаҳоншумули фарҳанги миллии мо сурат мегирад, ки заминаҳо мусоидеро барои истифодаҳои космополитӣ аз он муҳайёё мекунад. Масалан, ҳеч навъ чаҳорчӯби ақидатӣ қойил нашудан барои Мавлоно.

Дар маҷмӯъ дар посух ба ин суол, ки оё лузуми ваҳдати фарҳанг ва фарҳангиҳо вуҷуд дорад, бояд гуфт, ки агар мо дар воқеъ худро дорои як мероси фарҳангии муштараки миллӣ, бидонем, барои ҳифз ва омӯзишу рушди солими ин фарҳанг ниёз ба ваҳдат дорем. Агар ин ваҳдат бо сабабҳое мақбул нест, он гоҳ, камтарин вазифаи мо ин аст, бо нашри ақоиди нодуруст иддаъоҳои ботили ситезандагон ба фарҳанги миллии худро тасдиқ ва тақвият нанамоем.

Имкони ин навъи ваҳдати фарҳангӣ комилан вуҷуд дорад. Барои ин бояд аз чанд укдаи равонӣ озод шавем. Фарҳанги миллии исломӣ, як чизи асримиёнагӣ нест, балки муосир аст ва дар фазои ҷаҳонӣ мақбулу қобили корбурд. Ривоҷи фарҳанги миллии исломӣ фаротар ва фарохтар аз манофеъи ашхос, гурӯҳҳо ва ҷиноҳҳо аст. Манофеъи умумимиллист.

Дар инҳисори ҳеч касе ё гурӯҳе нест. Ҷанбаҳои таъаббудии амалӣ ва кулии фарҳангии онро метавон ба таври алоҳида дар назар гирифт.

Дар ниҳоят бо таваҷҷӯҳ ба соли Рӯдакӣ мехоҳам бо иқтибоси як байт аз қасидаи ишон дар ситоиши амири сомонӣ як нуктаи меҳвариро дар робита ба мавзӯъ таъкид намоям. Устод Рудакӣ аз чандин мавзеъ ва дидгоҳ хислатҳо ва сифатҳои ҳамидаи амирро меситояд, аммо чун мавриди доварӣ миёни амир ва мардум, халқ мерасад, аз исломи вай ёдоварӣ менамояд ва аз мавзеъ ва дидгоҳи ислом сухан мегӯяд:

*Боз ба ҳангоми доду адл бари халқ*
*Нест ба гетӣ чу ӯ набилу мусулмон.*

Ин мавзеъи доимии фарҳангиёни ростини миллии мо будааст, ки халқро «халқи Худо» (халқ ҳама яксара ниҳоли Худоянд. – Носири Хусрав), ҳаққи ӯро воҷиби шаръӣ ва худро муҳофиз ва пуштибони ҳаққи халқи Худо дар миёни халқ ва ҳуккоми рӯзгор медонистанд.

Омили дигаре, ки ваҳдати фарҳангии моро ҳам ногузир месозад, ҳамин яктоии халқ ва Худои он аст. Фарҳангиҳоро метавон ба гурӯҳҳо тақсим кард, вале намешавад барои ҳар гурӯҳе гурӯҳе аз халқро ҷудо кард ва ойине барои он сохт.

*Соли 2007*

## БУЗУРГДОШТИ ИМОМИ АЪЗАМ (р) ВА АҲАММИЯТИ ОН

Баргузории Симпозиуми байналмилалии «Мероси **Имоми Аъзам (р)** ва аҳамияти он дар гуфтугӯи тамаддунҳо» дар матни маросими солонаи бузургдошти Имоми Аъзам бо ҳузури намояндагон ва симоҳои дурахшони илму фарҳанги беш аз 50 кишвари ҷаҳон бидуни ҳеч гуна шакку тардид як муваффақияти беназир барои миллат ва давлати Тоҷикистон буд, ки аз баракот ва сармояи маънавии он кишвари мо то дергоҳе бархурдор хоҳад шуд.

Мусоҳибаҳои пуршумор ва самимонае, ки бо ширкаткунандагони ин Симпозиуми ҷаҳонӣ баргузор гардид, шоҳиди он аст, ки аҳдофи ин тадбири оқилона ва мудаббирона ба мизони болое амалӣ гардидааст. Муҳимтар аз ҳама шояд ин нуктаро метавон донист, ки ширкаткунандагони ин Симпозиум муташаккил аз нухбагони мазҳабӣ, маънавӣ ва фарҳангии саросари ҷаҳони ислом ва ғайриислом ба ин эътиқоди самимона ва қалбӣ расиданд, ки иттиҳоди мусалмонон, беш аз ин иттиҳод ва иттифоқи башарият бар даври меҳвари имон, башардӯстӣ, адл ва ростӣ як амри комилан имконпазир аст. Таҷаллои нуронии шахсияти маънавии Имоми Аъзам (р) ва осори ӯ фазои ин ҳамоиши мӯҳташамро нуронӣ карда бар дилҳову зеҳнҳо партав афканда буд. Кас метавонист, на ба чашми сир, балки ба чашми сар бубинад, ки тақво, шуҷоат ва фидокории як фарди мӯъмин пас аз ҳазору сесаду даҳ сол ба чӣ тароват, тозагӣ ва шодобӣ ба самар мерасад ва накҳати гулҳои бо хуни дил парвардаи он машоми ҷони инсонҳоро муаттар месозад. Тавозӯъ ва самимияте, ки дар фард-фарди ширкаткунандагони ин ҳамоиш ба мушоҳида мерасид, чунон буд, ки гӯё ишон дар маҳзари имом ва дар пои дарси ӯ нишаста буданд ва паймонаи вуҷуди худро аз ҳар чизи дигаре тиҳӣ карда, то онро аз бодаи маънавии Имоми Аъзам (р) саршор намоянд. Суханрониҳо тавре садо медод, ки гӯё сӯҳбат аз як инсони муосир ва зиҳаёт аст. Ҳама мегуфтанд «Абӯҳанифа». Бидуни зикри унвон ва биду-

ни ҳеч ташрифот. Оре, азамати Абӯҳанифа он тавре, ки дар зиндагии ишон буд, дар ҳеч навъ пироя ва орояи ташрифот намегунҷад.

Аз баракот ва шарофати ин маҳфили нуронӣ саҳифаҳои зиёде рангин шудааст, аммо чанд хӯшае аз ин хирмани пурбаракатро метавон гулчин кард, ки базри ҳосил аз он мазраъи дунёи маънавӣ, илмӣ ва фарҳангии моро метавонад чандон пурбор намояд, ки ба эҳёи комили фарҳанги шукӯҳманди пешинаи миллӣ дар сатҳи муосири ҷаҳонӣ умедвор шавем. Бавижа, ки таъкид ва эътирофи мухлисонаи бисёре аз ширкаткунандагони Симпозиуми мазкур ҳам рӯйи ин нукта буд ва марказияти Тоҷикистонро дар нашри оро ва афкори Имоми Аъзам (р) ва эҳёи мактаби мутараққии ишон самимона пазируфта буданд.

- Маълум гардид, ки забони форсии тоҷикӣ ҳанӯз чун як забони байналмилалӣ метавонад арзи андом кунад ва ҳанӯз дар дунёи ислом пас аз забони Қуръони маҷид дар радифи дуввум қарор дорад ва бо амалӣ кардани баъзе тадобири оқилона ва коршиносона метавон ин ҷойгоҳро ҳифз кард, балки густариш дод. Аз он ҷумла аз тариқи ривоҷи ҳарчи бештари омӯзиши алифбои аслии тоҷикӣ (форсӣ), интишори китобҳои суннатии дарсӣ бо танзими муосир ба ин алифбо ҳам барои тоҷикистониён ва ҳам барои толибони ин китобҳо аз кишварҳои дигари мусулмон. Ташкили барномаҳои телевизионӣ ва радиёии фарҳанги исломӣ ба забони тоҷикӣ.
- Бо таваҷҷӯҳ ба ин суннати дерин, ки дар тамоми давроени шӯравӣ аз ҳамаи кишварҳои шӯравӣ толибони улуми исломӣ, ба таври ғайрирасмӣ барои таҳсили хусусӣ ба Тоҷикистон меомаданд, дар сатҳи расмӣ таҷдид кардани ин анъана ва бар тибқи қарордоди байни вазоратҳои марбута пазируфтани донишҷуёни улуми исломӣ аз кишварҳои толиб дар Донишкадаи исломии ба номи Имоми Аъзам (р) ва муассисоти омӯзишии расмии дигари исломии Тоҷикистон.
- Омӯзиши мутахассисон дар заминаи тарҷумаи ҳамзамон (синхронӣ) аз забони арабӣ ба форсии тоҷикӣ ва баракс.

• Дар партави баргузории ин Симпозиум маълум гардид, ки иқдомоти давлати Тоҷикистон бо ибтикори бевосита ва шахсии Раиси Ҷумҳур дар заминаи густариши маориф ва фарҳанги динӣ ва барқарории робитаҳои фаъъол бо ҷаҳони ислом ва умуман олами адён, аз истиқболи пурмуҳаббати ҷомеаи байналмилӣ бархурдор мегардад. Дар замони баргузорӣ ва пас аз Симпозиум, ҳеч як вокуниши манфии иттилоотии хориҷӣ ба назар нарасид, ки бо вуҷуди мавзеъгирии на чандон хайрхоҳонаи бисёре аз расонаҳои гурӯҳии хориҷӣ дар баробари Тоҷикистон, ин як амри нодир аст.

• Салоҳиятҳое, ки аз тариқи баргузории ин Симпозиум ва умуман соли бузургдошти Имоми Аъзам (р) бар Тоҷикистон тафвиз гардид, ин ҳақ ва ҳамзамон ин масъулиятро ба Тоҷикистон медиҳад, ки ба таври бисёр ниҳодина ва ҷиддӣ ҷиҳати афзоиши тавонмандиҳои илмии худ дар заминаи улум ва фарҳанги динӣ ва мазҳабӣ иқдом намояд.

• Ташкили як ниҳоди таҳқиқотӣ ва машваратӣ бар пояи усулҳои мактаби фиқҳии Имоми Аъзам (р) бо салоҳияти судури фатвои шаръӣ дар робита ба муҳимтарин масоили иҷтимоиву ҳуқуқӣ, аз ҷумла байналмилалӣ ба унвони институт ё академӣ ва ё маҷмаъ.

Дар ин замина лозим аст тавзеҳоти бештаре дода шавад. Аввалан, симпозиуми мазкур нишон дод, ки ҷомеаи мусулмонон, шахсиятҳои исломӣ бо таваҷҷӯҳ ба истиқбол ва омодагии давлат ва миллати Тоҷикистон дар ҷиҳати ҳалли масоил ва мушкилоти мазҳабӣ, тавре ки пештар таъкид шуд, барои Тоҷикистон дар нашри афкори мутараққии мазҳаби ҳанафӣ ҳақ ва салоҳият қоил гардиданд, ва маълум буд, ки ин навъ баёноти ишон самимона ва орӣ аз ҳар навъ такаллуфу ташрифот мебошад.

Сонияи, имрӯз дар баробари масоили шаръие, ки дар робита ба таҳаввулоти ҷаҳонӣ ва раванди ҷаҳонӣ шудан матраҳ мегардад, дар дунёи ислом, аз он ҷумла дар ҳавзаи мазоҳиби чаҳоргонаи аҳли суннат ва ҷамоат ва билахасс ҳавзаи мазҳаби ҳанафӣ масоили зиёде пеш меояд, ки арзишҳо ва меъёрҳои мавҷуди мазҳабиро дар рӯёрӯӣ ва бархурд бо худ қарор медиҳад. Дар чунин мавридҳо кам-

буди як маркази судури фатвои шаръие, ки барои ҳамаи ҷомеаи мусулмонон ва ё ҳади ақал барои ҷомеаи мусулмонони мазоҳиби чаҳоргона ва ё ҳатто танҳо мазҳаби ҳанафӣ комилан мӯътабар бошад, шадидан эҳсос мешавад.

Шояд битавон гуфт, ки ин камбуд муҳимтарин заминаи бурузи ихтилофот ва мунокишаҳои мазҳабиву ақидатӣ мегардад. Аз ҷумла, имрӯз ҷомеаи мусулмонон, бо масоили зиёде дар робита бо муомилоти иҷтимоӣ ва маданӣ, истифодаи баъзе имконоти ҷадиди технологӣ аз ҷумла тиббӣ, муомилоти иқтисодиву молӣ, бархурд бо фирқаҳо ва гурӯҳҳои мухталиф ва ғайра рӯбарӯ шудааст, ки дар ин мавориd, фатвои содира бар асли муснадот, қиёс ва иҷмоъи уламои барояшон мӯътабарро дар даст надоранд, то бар он асос ҳам аз назари ҳуқуқӣ ва ҳам аз назари эътиқодӣ ва фитрӣ қаноат ва оромиши қалбиву равонӣ ҳосил намоянд. Бисёр вақт ҳукм дар бораи моҳияти падидаҳои ҷаҳони ислом аз хориҷи ҷаҳони ислом содир мегардад, ки албатта барои мусулмонон таъсир ва эътибори эътиқодӣ надорад.

Ин дар ҳолест, ки усули фиқҳии мактаби Имоми Аъзам (р) ҳамаи имконотро барои пайдо кардани посухи мустанад, ақлӣ ва мантиқӣ барои ин навъ масоил дар худ тарсим ва таҷассум кардааст. Ҳамин далел кофист, ки имрӯз фиқҳи ҳанафӣ тавони посух ба масоиле аз қабили таъйини авқоти шаръӣ ва самти қибла дар фазои кайҳонро дорад. Аммо дар айни ҳол ба далели камбуди чунин як ниҳоди ҷомеъ ва фарогир ҷомиъаи исломии мо бо мушкилот ва ихтилофот дар мавриди таъйини замони шурӯъи рӯза мувоҷеҳ мегардад.

Ин навъ ниҳод ва ё маркази иҷмоъ ва иҷтиҳод, зимни ҷалби нерӯҳои илмиву зеҳнӣ, ки дар Тоҷикистон кам нестанд, ва барқарории иртиботи доимии фаъоли он бо марокизи илмиву таҳқиқотии ҷаҳони ислом ва хориҷ аз он, шахсиятҳои барҷаста ва донишмандони шинохтаи исломӣ ва адёни дигар метавонад ба асоси муснадот, қиёсу иҷмоъ ва машварат дар мавриди масоили мазкур посухҳои илмии мӯътабар дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва дар сурати истиқбол хориҷ аз онро ба сурати фатвои шаръӣ ва ё ҳадди ақал дастурула-

мали машваратӣ содир ва дар сурати фаслномаҳо ба иқтизои зарурат мунташир намояд.

Зимнан, чунин ниҳод метавонад дар амри ҳамсозӣ ва наздикии мазоҳиби расмии чаҳоргона ва дигар мазоҳиби исломӣ нақши муассир адо намояд ва дар амри аз байн бурдани сӯъитафоҳумҳо байни мазоҳиб ва ҳатто адёни дигар хадамоти босазо анҷом диҳад. Манзур ин аст, ки ин ниҳод метавонад ҳамзамон нақши он созмонеро, ки ба унвони «Созмони наздикии мазоҳиб» дар назар гирифта шудааст, ифо намояд.

Бо дарназардошти иқдоми дигари бисёр арзишманд ва пурманфиат, яъне сохтмони бузургтарин масҷиди ҷомеъи минтақа дар шаҳри Душанбе, метавон гуфт, ки сохтмон ва маҳалли вуқуъи маҷмаъи мавриди назар як мавзӯи ҳалшуда аст. Вуҷуди чунин як маҷмаъи муҳим ва зарурӣ бо иртибототи ҳамешагӣ ва фаъоли он дар сатҳи байналмилалӣ корест ҳам шоистаи онгуна як маркази муҳимми ибодиву омӯзишӣ ва ҳам эътибору аҳаммияти онро ба маротиб боло мебарад. Анҷоми таҳқиқот, машварат ва судури фатво аз маҷмаъи илмии воқеъ дар Масҷиди ҷомеъи Имоми Аъзам (р), чунон натиҷае хоҳад буд, ки ба тамому камол ба самар расидани маҷмӯаи тадобири бузургдошт ва эҳёи мактаби Имоми Аъзам (р) –ро дар худ хулоса ва муҷассам хоҳад кард.

*Октябри 2009*

## ВАРО БУЗУРГИВУ НЕЪМАТ ЗИ ОЛИ СОМОН БУД

Пардохтани ривоёт ба хотири бознамудани азамат ва шукӯҳи неруи халлоқаи табъи суханварон ва нуфузи сухани ишон як таҷрибаи бисёр дерин будааст, ки танҳо ба адабиёти форсу тоҷик маҳдуд ва махсус намегардад, балки ин шева дар адабиёти соири милали ҷаҳон ривоҷи тамом доштааст. Беш аз ин, метавон гуфт, ин худ як пора ва як бахши ҷаззобтарин ва пурхонандатарини адабиёти ҷаҳон аст. Аз ҷумла дебочаи шӯҳрати ҷаҳонии «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ ривоят дар бораи моҷарои ишон бо Султон Маҳмуд гардидааст ва ҳатто шоири номвари олмонӣ Ҳенрих Ҳейне онро ба силки назм кашида аз он достони дилангезе ба вуҷуд овардааст. Ҳамчунин, мухлисони ин соҳиби «теғи буррандаи порсӣ» ҳаргиз ривояти мушоираи ӯ бо шоирон Фаррухӣ, Анварӣ ва Асҷадиро наметавонанд бидуни ҳаяҷон мутолиа намоянд ва наметавонанд аз ривоят дар бораи посухи қотеъи рӯҳи тавонои ӯ аз қалби хокдон ба Амир Темури ғосиби мағрур ифтихор нанамоянд. Ривояти мутаассир шудани Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ аз чаҳор мисраъ шеъри Ҳанзалаи Бодғисӣ, ки маншаи ҳиммат ва шуҷоате дар вуҷуди ӯ гардида, ки ӯро аз остони харбандагӣ ба осмони вилояти Хуросон сууд медиҳад, низ аз ин қабил ривоёти дилпазир ва ҳикматомӯз буда, ҳамеша чун санади нерӯи каломи матин арза шудааст.

Бидуни истисно, ҳамаи ин ривоёт печида дар ҳолае аз ибҳом аст ва агар нисбат ба ин ривоёт аз дидгоҳи мантиқи илми таърих, бостоншиносӣ, табииёт ва аз ин қабил доварӣ шавад, пайкари ороста бо латоифи тахайюли онҳо ҷиддан осебпазир мегардад. Чунин бархурд бо ин ривоёт як бархурди ғайриусулӣ хоҳад буд, зеро ровиёни он ҳам дар зимни нақли ин ривоёт ҳаргиз бо иддаъои таърихнигорӣ ва ё санаднигории илмӣ ҳам хома нарондаанд ва худ мӯътақид будаанд, ки бо ҳикоят ва ривоят кор доранд.

Аммо дуруст ин аст, ки шеваи бакоргирӣ ва меъёри сиҳҳату сиқами ин навъ ривоёти адабӣ бояд аз дидгоҳи

адабиётшиносии илмиву назарӣ таъйин гардад, то мабодо чунин ривоёт боиси сӯитафоҳум, таҳрифи таърих, таҳрифи шахсиятҳо ва арзишҳои адабиву маънавӣ ва латмапазирии арзишҳо ва манофеъи милливу таърихӣ гардад.

Агар бо ин мулоҳизот мо ривоёти мазкурро мавриди доварӣ қарор бидиҳем, дар маҷмӯъ метавон аз дидгоҳи ривоят онҳоро «рост» ва судманд гуфт, зеро ҳадди инсофро дар бораи Ҳакими Тӯс, ки воқеан дар даврони худ ба он нарасида ва дар ин нокомии нисбӣ бешак салтанати замонаш ва ҳампешагони бодаму дастгоҳи замонаш беайб набудаанд, барҷой меорад ва ҳатто барои ҳикматомӯзӣ ҷое ҳам барои ислоҳи мусбати Султон Маҳмуд ва шоирони дарбори ӯ боқӣ мегузоранд, ки ин иқрори ишон бар тавоноии табъи Фирдавсӣ пас аз даргузашти шоир мебошад. Ин ислоҳ моро ҳам ислоҳ мекунад. Ва аз ривояти марбут ба Абдуллоҳи Сиҷистонӣ ҳосили мо танҳо ин мешавад, ки қимати он шеъри воқеан олӣ ва омӯзандаро бишиносем ва ба ҳақ барои Ҳанзалаи Бодғисӣ ва дар маҷмӯъ сухани воло дараҷа қоил шавем.

Агар ба фарз Фирдавсӣ шоире нотавон, шӯҳратхоҳ, таммоъ, моҷароҷӯй мебуд ва касоне бо ғарази шӯҳрат додани ӯ ин ахборро ҷаъл мекарданд, ин ривоёт ҳам амалан ва ҳам аз дидгоҳи назарӣ «дурӯғ» ва боиси таҳриф дар меъёрҳои адабиётшиносӣ ва суханшиносӣ мегардид ва бешак онҳоро бояд мардуд медонистем. Аммо чӣ ҳоҷати гуфтан, ки ин ривоёт ба масал беш аз нуқтае рангин дар як тоқчаи кохи мӯҳташами «Шоҳнома» нестанд.

Мусаллам аст, ки дар ин миён шӯҳрати бештаринро ривояти марбут ба қасидаи маъруфи Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо матлаъи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» ва мутаассир гардидани Насри Сомонӣ аз он ба худ ихтисос додаст. Шӯҳрати ин ривоят дар миёни хосу ом моро аз иқтибоси он бениёз мекунад. Ҳоло бубинем, ки то чӣ ҳад ин ривоят бар пойдевори воқеият устувор аст:

– Рӯдакӣ тавонотарин шоири аҳди худ аст ва оянлагон низ устодии ишонро бар худ мусаллам донистаанд.

– Рӯдакӣ то замони ба узлат афтодан суханвари (ва низ

хонандаи) дарачаи аввали хонадони Сомониён будааст, пас, шеъре нофизтар аз шеъри (ва суруди) ӯ барои Сомониён набудааст. Шеъре ки танҳо мадҳ нест, балки панд ва роҳнамоӣ ҳам ҳаст.

– Рӯдакӣ аз бастагони дарбори Сомониён ва дар сафару ҳазар бо ишон будааст.

– Бухоро қиблаи муҳаббатест, ки ҳам Рӯдакӣ ва ҳам Сомониён яксон ба он рӯй меоранд ва тасаввури дигаре дар ин миён муҳол аст.

Бештар аз ҳамаи инҳо, ки гуфта шуд, ситоиши Рӯдакӣ аз амирони Сомонӣ, бавижа Наср бинни Аҳмади Сомонӣ бо маддоҳии шоирони дигар қобили муқоиса нест. Ин ситоиши ростин ва ифтихоромезест, ки Рӯдакӣ онро ба хотири сила, дар баҳои динору дирам накарда, балки аз неъмати Сомониён бидуни он ҳам бархурдор аст ва онро чун як амри воҷибе, ки ба ҷой овардани шукри неъмати аз пеш мабзулшуда аст, медонистааст:

*Воҷиб набувад ба кас бар ибзолу карам,*
*Воҷиб бошад ҳаройина шукри ниъам.*
*Тақсир накард хоҷа дар новоҷиб,*
*Ман дар воҷиб чӣ гуна тақсир кунам?*

Рӯдакӣ худ мӯътақид аст, ки ончи мегӯяд бофтаву пардохта нест, тасаннуъу тафаннун нест, балки айни воқеиятро мегӯяд:

*Ман ончи мадҳи ту гӯям, дуруст бошаду рост,*
*Маро ба кор наёяд сирешиму кабдо.*

Ва он гуна, ки бо ифтихор Бухороро камтар аз Бағдод намедонад, ин эҳсоси ифтихор аз салтанати мустақил дар мавриди интихоби мамдӯҳ ҳам баён мегардад:

*Чи ман гар ҳамеша ситогӯй бошам,*
*Ситоям набошад накӯ ҷуз ба номат*

*То даргаҳи ӯ ёбӣ, магзар ба дари кас,*
*Зеро ки ҳаром аст таяммум ба лаби ям.*

Рӯдакӣ, ки худ шахсан ва қалбан саршор аз ифтихори таърих ва фарҳанги шукӯҳманди дерини миллати худ аст, Насри Сомониро ба он хотир меситояд, ки:

*Рустамро ном агарчи сахт бузург аст,*
*Зинда бад-ӯяст номи Рустами Дастон.*

Аз нигоҳи шеърӣ шояд муболиға ба назар мерасад, вале оё ин рост нест, ки маҳз салтанати Сомониён, сиёсат ва фарҳанги сомониён боиси зиндагии дубора ёфтани Рустами Дастон – бошукӯҳтарин ва ҷомеътарин мазҳар ва намоди қудрати заволнопазири паҳнаи Ориё гардид? Яъне Рӯдакӣ рост мегӯяд, ки рост мегӯяд ва рост мегӯяд ки:

*Гуфт надонӣ сазош, хезу фароз ор*
*Он-к бигуфтӣ чунон-к бояд натвон.*

Ба ростӣ мӯътақид аст, ки ҳар чӣ дар васфи Сомониён бигӯяд камтар аз воқеияти ҳол аст. Ва гоҳе тахайюли сайёли шоир ба водиҳои шигифте раҳ мебарад, ки кас гумон мекунад, агар ин нодира дар воқеъ набуд, андешидан ва фарз кардани чунин коре ҳам муҳол буд:

*Шоҳе, ки ба гоҳи разм аз родӣ*
*Заррин ниҳад ӯ ба тир-дар пайкон,*
*То куштаи ӯ аз он кафан созад,*
*То хастаи ӯ аз он кунад дармон.*

Аммо баландтарин ва мухлисонатарин бонги сипос ва ифтихори устод Рӯдакӣ аз хонадони Сомониён аз қасидаи маъруф ба «Шикоят аз пирӣ» ба гӯш мерасад:

*Киро бузургиву неъмат зи ину он будӣ,*
*Варо (маро) бузургиву неъмат зи Оли Сомон буд.*

Яъне устод Рӯдакӣ на аз худи он бузургиву неъмат, балки аз масдари олии он, ки хонадони Сомониён аст ифтихор мекунад. Он гуна ки дар мақоли содаи мардумӣ гуфта шудааст: «Хокро бигирӣ аз хоктеппаи баланд бигир». Ин замонест, ки дигар қудрате ончунонӣ аз салтанати Сомониён боқӣ намонда, то Рӯдакӣ, филмасал, ба тамаъ ё эҳсоси тарс онро биситояд. Аз сӯи дигар ин санади қотеъе аст, ки Рӯдакӣ то поёни умр аз хонадони Сомониён эҳсоси сипос ва ифтихорро доштааст. Пас, ҷои шакку тардид ҳам нест, ки касе аз ин хонадон дар ҳаққи у зулм накардааст.

Беш аз ин Рӯдакӣ барои неъмат ва дороиҳое, ки аз дигарон мерасида, ҳамчунон аз Сомониён сипосгузор будааст, чун он ба баракати ҳимояти ишон будааст, зеро пеш аз байти мазкур омадааст:

*Куҷо ба гетӣ будаст номвар деҳқон,*
*Маро ба хонаи ӯ сим буду ҳумлон буд.*

Ин ҷо ногузир аст, то дар робита ба мавзӯъ аз мақолаи воқеан ҷолиби донишманди арҷманд устод Расул Ҳодизода, ки дар таҳқиқ ва интишори осори устод Рӯдакӣ хадамоти арзишманде анҷом додаанд, ёдовар шавем. Дар ин мақола («Афсона ва ҳақиқати «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён». Адабиёт ва санъат, 17 сентябр) асосан ба истинод ба як фармудаи устоди зиндаёд Саъид Нафисӣ ва як байт аз ҳамин қасидаи «Шикоят аз пирӣ» дар хусуси ривояти машҳури марбут ба ин шеър, мутаассир шудани Насри Сомонӣ аз он ва нисбати он ба амир Наср таҷдиди назар менамоянд. Он байт, ки бештар асоси ин таҷдид назар шудааст, ин аст:

*Бидод мири Хуросон-ш чил ҳазор дирам,*
*Дар ӯ фузунии як панҷ мири Мокон буд.*

Ба назари мо ин ҷо қабл аз ин навиштаи устод Ҳодизода дар манобеъи дигар дар тафсиру тарҷума ва ҳамчунин на-

вишти ин байт дар ибораи «як панҷ» иштибоҳ рафтааст. Баъзан чунин таъбир мешавад, ки гӯё мири Мокон панҷяки дороии худ ва дар мавриди дигар гӯё ҳашт ҳазор дирам (яъне панҷяк аз 40-ҳазор) изофа кардааст. Дар ҳоле, ки агар **«фузунии як панҷ мири Мокон навишта шавад»**, «як панҷ» он гуна, ки имрӯз дар забони зиндаи тоҷикӣ маъмул аст, маънои «тақрибан панҷто»-ро дорад. Маслан, мегӯянд, «як даҳто» ё «ягон шашто». Ва манзури Рӯдакӣ аз «ӯ» мисли байтҳои пешин дар ин сурат метавонад худи шоир бошад, ки «ӯ» гӯё дороие (ва имтиёзе) дошт, тақрибан панҷ баробари дороии мири Мокон. Вале агар фарз кунем, ки ҳамон панҷяки чил ҳазор дар назар аст, чун дар байти баъдӣ омада, ки:

*В-аз авлиёш пароканда* ***низ ҳашт ҳазор***
*Ба ман расид, бад-он вақт ҳол чунон буд.*

Пас, бояд чунин бинависем «Дар ӯ (яъне 40-ҳазор дирам) **фузунии (фузудаи) як панҷи** мири Мокон буд». (Агар ин ҷо ҳам фарз кунем, ки калимаи «фузунӣ» маънои «фузуда»-ро дода метавонад. «Зиҳӣ, фузуда ҷамоли ту зебу ороро»). Вале бо таваҷҷӯҳ ба мавзӯъи мавриди баррасӣ муҳимтар ин аст, ки байтҳои баъдӣ ҳамоно далел бар сипосгузории Рӯдакӣ маҳз аз амир Наср аст, зеро ин ҳама ба амри ӯ ва ба риояти хотири ӯ сурат мегирифтааст:

*Чу мир дид сухан дод доди мардии хеш,*
***Зи авлиёш чунон, к-аз амир фармон буд.***

Равиши калом ва шӯҳрати сарвати бисёр зиёди устод Рӯдакӣ ҳам далолат бар он мекунад, ки ин набояд силае бошад, ки барои як бор ба Рӯдакӣ расида, балки, масалан, нафақаи мустамирри солона бошад.

Пардохтан ба ин ҷузъиёт ҳам танҳо ба иқтизои тарҳи мавзӯъ ва чунин рабти машкуки ин пораи «Шикоят аз пирӣ» бо «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» аст, вагарна чун бар асли куллиёти офаридаҳои табъи устод Рӯдакӣ ва бавижа баландовозатарин

ситоишномаи ӯ аз амир Наср, яъне «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» доварӣ шавад, ба равшанӣ маълум мегардад, ки «дари хазона ба мӯҳри киву нишонаи кист». Муҳол аст, ки устод Рӯдакӣ ба ҷуз амири Сомонӣ дигареро «моҳи осмони Бухоро» ва «сарви бӯстони Бухоро» биномад. Ва он ҳам дар таркибе, ки таъкид бар хос будани яке бар дигаре (ин осмон ба ин моҳ ва ин сарв ба ин бӯстон) мешавад.

Ин чиз ҳам аз ахбори таърихнигорон маълум ва мусаллам буда, ки амири Наср сафаре ба он сӯи Ҷайҳун дошта ва устод Рӯдакӣ ҳам дар рикоби ишон будааст. Танҳо чизе, ки машкук боқӣ мемонад, тӯли иқомати амир Наср дар он сӯи Ҷайҳун аст. Яъне 4 сол. Пас, барои ровиён ҳамин қадар ҳақ додан лозим мешавад, ки дар тӯли иқомати амир муболиға карда бошанд. Дигар ҳама асбоб барои сурудани «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» ва ташвиқи амир ба сӯйи Бухоро муҳайёст. Шояд амир рӯзе ё ҳафтае даранг карда бошад ва он ҳам на ба хотири тафреҳ, балки ба зарурати ногузир ва ё шояд соате ҷое нишаста бошад ва дар он маҷлис устод Рӯдакӣ ин қасидаро суруда, ки аҳволи амирро дигаргун кардааст, чун қалби ӯ ҳамеша оганда аз меҳри Бухоро будааст. Ҳаройина, маъқултарин довари то кунун мавҷуд ҳамон довари устод Саъид Нафисӣ боқӣ мемонад, ки фармуда «Пас, ягона чизе, ки метавон аз ин достон пазируфт, ин аст, ки вақте Наср ибни Аҳмад аз Бухоро берун рафта ва дарбориёнаш Рӯдакиро барангехтанд, бо ин ашъор коре бикунад, ки зудтар ба пойтахт баргардад. Ва ин нукта аз баёни Рӯдакӣ дар ин ашъор комилан бармеояд ва дигар ҳоҷат ба ин шоху баргҳо ва пирояҳо нест». Вале агар боз ба ин масъала баргардем, ки амир Бухороро хеле дӯст медошт ва дурӣ аз онро таҳаммул намекард, чизе ки чун «шоху барг» аз ин ривоят боз ҳам бояд дур кард ҳамон тули 4 сол ва дархости дарбориёни дигар аз Рӯдакӣ барои ташвиқи амир мебошаду бас. Аммо ҳақиқати таъсири фавқулодаи шеър маҳз ба амир Наср (на ба каси дигар) сароҳати бештар пайдо мекунад. Қавли маъруфест, ки «мустамеъ соҳибсуханро бар сари завқ оварад». Агарчи устод Рӯдакӣ суханвари беназир буд ва худ Бухороро бисёр дӯст медошт, бидуни эҳсоси ин нукта, ки мухотаб ва мамдӯҳи

ишон яъне амир Наср нисбат ба Бухоро муҳаббати хос дорад, устод Рӯдакӣ ҳатто сурудани чунин ҷоннавоеро раво намедид ва ин шеър мусалламан ба ин ҳад неруманд намешуд. Чандон неруманд, ки пас аз ҳазор сол интишори он дар «Намунаи адабиёти тоҷик» бархеро ҳаросон кард ва иқдоми онҳо бар алайҳи устод Айнӣ танҳо ба хотири истифода аз фурсати мусоиди интиқом набуд, балки воқеан ин шеър онҳоро ба ҳарос афканд ва ҳанӯз ҳаросон медорад.

Тавре ки дар авали матлаб гуфта шуд, ин ривоят ба хотири бознамудани шукӯҳ ва неруи фавқулодаи дар маҷмӯъ каломи бадеъ, бавижа сухани устод Рӯдакӣ ва бахусус ин шеъри беназир ва беназира ривоҷ ёфтааст. Зеро агар мо мусаллаҳ бо ҳама донишҳо ва абзорҳои адабиётшиносиву сухансанҷӣ, дар дақиқтарин дастгоҳ ин шеърро ҷузв-ҷузв, калима ба калима, ҳарф ба ҳарф таҳлилу баррасӣ кунем, боз эҳсос мекунем, ки чизе дар бораи он нагуфтаем. Рози неруи сухан чандон нуҳуфта ва амиқ аст, ки онро мо танҳо метавонем дар ҳосили таъсири он дар аҳволи мухотаб дарёбем. Аз ин ҷост, ки суханшиносоне чун Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳам аз чунин ривоёт суд ҷустаанд. Ин таъсир ва кайфияти он (яъне мусбат ё манфӣ, созанда ё баракс) дақиқтарин меъёри шинохти арзиши сухан аст.

# НИШОНАҲОЕ АЗ «САБКИ ҲИНДӢ» ДАР ШЕЪРИ ҲОФИЗ

Метавон гуфт, ки ҷавҳар ва мояи аслии сабкеро, ки ба унвони «ҳиндӣ» маъруф гардидааст, дар асл таҷрид (абстраксия) ташкил медиҳад. Ин таҷрид аз роҳи бештар ба кор гирифтани хаёл дар баёни матлаб аст, ки дар гуфтори одӣ ва маъмулӣ ва ё ашъори сабки хуросонӣ камтар ба назар мерасад. Бале, «камтар» ҳам бошад, дар ҳар ҳоле ба назар мерасад, зеро ҳеч гоҳе забони гуфтории башар, ки заминаи аслии ҳар навъ сабки адабӣ мебошад, аз ин навъи баён орӣ набудаст ва дар ибороти рехта ҳам намунаҳои барҷастаеро аз он метавон мушоҳида кард, ки дар саноеъи адабӣ ба унвони истиора маъруф мебошад. Аз қабили «косаи сабр», «чашми тамаъ».

Ва ин ки устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мефармояд: «Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад» – «чашми хирад» аз қабили иборотест, ки аз корбурди абстраксия (ба навъи акс ташхиси маънии муҷарррад) ҳосил гардидааст. Ва ё дар ашъори Саъдӣ намунаҳои барҷастаи ин навъи баёнро мушоҳида менамоем:

*На **дасти сабр**, ки дар **остини ақл** барам,*
*На **пои ақл**, ки дар **домани қарор** кашам.*

Аз назари ибораоройӣ ин байти Шайх Саъдӣ метавонад намунаи барҷастаи сабки ҳиндӣ муаррифӣ шавад. Вале мо на шайх Саъдӣ ва осори вай ва беш аз ин на устод Рӯдакиро ҳаргиз наметавонем ба унвони намояндаи сабки ҳиндӣ муаррифӣ намоем, зеро корбурди ин навъи баёни адабӣ дар осори ишон аз назари каммӣ бештар аз он ҳудуде нест, ки дар гуфтугӯи одӣ маъмул аст ва ба мизоне нарасида, ки унсури таъйинкунандаи сабки суханварии ишон гардад.

Дар раванди таҳаввули шеъри форсӣ мебинем, ки ҳар қадр шеър барои баёни маъонии борик ва макнуноти қалбиву рӯҳӣ наздик гардида, ҳамон қадр аз тасвири бевоситаи ашё фосила гирифтааст ва ба ҳамон ҳад нишонаҳои сабки баёни таҷридӣ, яъне сабки ҳиндӣ дар он бештар гардидааст.

Дар ашъори шӯрангези Мавлоно, ки гудохтае софӣ аз ҳама анвоъи мафоҳим ва маонӣ мебошад ва ҳама марзҳои баёноти маъмулиро дарҳам мешиканаду бо ҳам меомезад, ин навъи баёнро зиёд метавон пайдо кард. Вале Мавлоно низ худ ишорае сареҳ ба ин маъно дорад:

*Ман чу «лаб» гӯям, «лаби дарё» бувад,*
*Ман чу «ло» гӯям, мурод «илло» бувад.*

Яъне дар ҳар ҳарфи Мавлоно бояд эҳтимоли вуҷуди киноя ва истиораро дар назар дошт.

Ҳамин навъ ишороти ороста бо таҷрид ва ташхис дар ашъори лисонулғайб Ҳофизи Шерозӣ фаровон ба назар мерасад. Гоҳе намунаҳоеро дар ғазалиёти орифонаи Ҳофиз мебинем, ки назири онро аз диди ҷасорат дар ибораороии таҷридӣ ҳатто дар ашъори бисёре аз намояндагони маъруфи сабки ҳиндӣ камтар дучор меоем. Масалан, ба ин байти Хоҷа Ҳофиз таваҷҷӯҳ фармоед, ки дар нигоҳи аввал бисёр одӣ ба назар мерасад ва гӯё ҳеч рабте ба сабки ҳиндӣ надорад:

*Эй фурӯғи моҳи ҳусн аз рӯйи рахшони шумо,*
*Обрӯи хубӣ аз чоҳи занахдони шумо.*

Дар мисраи аввал иборecho «моҳи ҳусн» як ибораи ҷадид ва ба эҳтимоли ғолиб сохтаи Хоҷа Ҳофиз аст. Ин «моҳи ҳусн» ба ҳадде ташхис шуда ва дар зеҳни шоиронаи Ҳофиз воқеият дорад, ки метавон дар хусуси манбаъи фурӯғи он алоҳида сӯҳбат кард. (Зимнан бояд таваҷҷӯҳ кард, ки Ҳофиз низ чун Мавлоно медонад, ки рушноии моҳи воқеӣ иқтибосӣ аст, на зотӣ). Пас аз ин таъйин мегардад, ки сарчашма ва манбаъи ин фурӯғ «рӯи рахшони шумо» (мавсуфи Ҳофиз) аст. Хоҷа Ҳофиз барои парҳез аз такрори ташбеҳи бисёр обшустаи рӯй ба моҳ, савор бар саманди тундсайри хаёл роҳи дуреро мепаймояд ва то ба сарвақти асли маънои «ҳусн»-и муҷаррад ва муназзаҳ мерасад, то хамми каманди таслими мавсуфи олимашраби худро бар гардани нозандаи он низ ҳамоил кунад.

Дар мисраи дуюм – «Обрӯйи хубӣ аз чоҳи занахдони шумо» – таҷрид ва ташхиси хоси сабки ҳиндӣ ба маротиб

бештар аст. Аввал ин ки тавре ки дар Бедил маъмул аст, Хоҷа Ҳофиз ба ҷиддияти тамом калимаи «об» аз таркиби маҷозии «оби рӯй»-ро як чизи моддӣ ва маъмулӣ, мисли оби одӣ фарз мекунад ва манбаъ ва сарчашмаи онро низ таъйин мекунад, ки «чоҳи занахдон» аст. Маълум аст, ки чоҳи занахдон киноя аз нуқтаи фурӯрафтае дар рухсори зеборӯён аст, ки бештар гоҳи табассум ва хандидан ошкор мегардад. Ин «чоҳ»-ро Ҳофиз ба ҷид мегирад ва манбаъи оби рӯй медонад. Вале бо ин ҳам таҷриду ташхис поён напазируфта, бо калимаи дигаре боқӣ мемонад, ки исми маънои муҷарради «хубӣ» аст (ба маънои зебоӣ) ки низ ба ҷиддияти тамом мисли як инсон қобили доштани обрӯй (иззату эҳтиром) дониста мешавад. Зерпардаҳои маънавии ин байт бо ин ҳам тамом намешавад ва Ҳофиз медонад, ки аз таносуби калимаҳои «ҳусн», «хубӣ», «рӯйи рахшон» ва «чоҳ» дар зеҳни хонанда достони Юсуф, ки тимсоли зебоист ва дар чоҳ рафта буд эҳё мегардад ва ба ташхиси маъонии муҷаррад ҷомаи таҷассум мепӯшонад.

Ба ин ҳад ташхиси маонии муҷаррад, ки дар маҷмӯъ мо онро гӯшае аз сабки таҷрид унвон мекунем ва чунин намунаи барҷастаро на дар ҳар девони ашъоре нигошта ба сабки ҳиндӣ дучор меоем, дар байти баъдии ҳамин ғазал асаре аз худ намедиҳад:

*Азми дидори ту дорад ҷони барлабомада,*
*Бозгардад ё барояд, чист фармони шумо?*

Ва боз дар байти дигар рамақе аз сабки ҳиндӣ падидор мегардад:

*Кай диҳад даст ин ғараз, ё Раб, ки ҳамдастон шавад*
*Хотири маҷмӯъи мо, зулфи парешони шумо?*

ки дар ташхиси нисбии исми маънии «хотири маҷмӯъ» ба назар мерасад. Дар байти дигар аз ин ғазал тарҳи пайкари ин сабк намудор мегардад:

*Кас ба даври наргисат тарфе набаст аз офият,*
*Беҳ, ки нафрӯшанд мастурӣ ба мастони шумо.*

Мисли як инсон ва ҳокими замон давру даврон доштани наргис, ки худ истиораи чашм ва ба ин тариқ узве аз пайкари инсон ҳаст, «тарф бастан аз офият» ва «мастурӣ фурӯхтан» дар ҳар ду маврид аз тариқи чеҳраи моддӣ додан ба исмҳои маънӣ (абстрактӣ ё таҷридӣ) таъбирҳое ҳаст, ки дубора чошниеро аз сабки ҳиндӣ ба коми завқ мерасонад.

Дар идомаи ғазали мазкури Хоҷа Ҳофиз ҷое бо каме авҷ ва ҷое бо коҳиши ин сабк мебинем, ки Ҳофиз аз маҷрои сабки мазкур хориҷ гардида, идомаи сухани худро дар маҷрои сабки мутаорифи хеш, ки онро ба истилоҳ сабки ироқӣ мегӯянд, ворид месозад:

*Бахти хоболуди мо бедор хоҳад шуд магар,*
*З-он ки зад бар дида обе рӯи рахшони шумо.*

*Бо сабо ҳамроҳ бифрист аз рухат гулдастае,*
*Бу, ки бӯе бишнавем аз хоки бустони шумо.*
*Умратон боду мурод, эй соқиёни базми Ҷам,*
*Гарчи ҷоми мо нашуд пурмай ба даврони шумо.*

*Дил харобӣ мекунад, дилдорро огаҳ кунед,*
*Зинҳор, эй дӯстон, ҷони ману ҷони шумо!*

*Дур дор аз хоку хун доман, чу бар мо бигзарӣ,*
*К-андар ин раҳ гашта бисёранд қурбони шумо.*

*Мекунад Ҳофиз дуъое, бишнав, омине бигӯ:*
*Рӯзии мо бод лаъли шаккарафшони шумо!*

Дар ин пора аз он даст танҳо ибораи ташхиси таҷридии «бахти хоболуд»-ро мебинем, ки дигар ин ҷо мустақиман кори Хоҷа Ҳофиз нест, балки ин таъбири маҷозии машҳур ва ҳатто метавон гуфт мардумӣ (халқӣ) мебошад. Зимнан, чунин таъбирҳои маҷозие, ки бар асли ташхиси исмҳои маънӣ ва таҷриди исмҳои моддӣ сохта шудааст, дар забони мардум зиёд аст, вале ин ҷо маҷоли ёдоварӣ аз он нест ва метавонад мавзӯъи ҷолиби алоҳидае қарор бигирад.

Акнун барои он ки бидонем чаро ин сабкро ба пои шеъри Бедил бастем ва на Ҳофиз, месазад басомади (чандоии) истифода аз ибораҳои таҷридӣ ва ташхисӣ дар ду шеър яке аз Ҳофиз, ки қисман дида шуд ва дигаре аз Бедил, ки дар ҳамин радиф ва бешак дар пайравӣ аз Ҳофиз суруда шудааст, муқоиса шавад.

Байтҳои Бедил:

*Эй қиёмат субҳхези лаъли хандони шумо,*
*Шӯри сад саҳро ҷунун гарди намакдони шумо.*

Байти аввалро аз нигоҳи таҷрид ва ташхиси таҷридӣ метавон ҳамсанги байти авали Ҳофиз донист, ба ин имтиёз, ки агар Ҳофиз аз каламоте кор гирифта, ки таносуби онҳо нисбатан равшан ва мукаррар аст, чун «фурӯғ, моҳ, ҳусн, рӯй», пас, дар байти Бедил каламоти мутаносиб нисбатан тоза аст ва тули риштаи хаёле, ки ононро ба ҳам мепайвандад, дарозтар. Албатта «қиёмат, субҳ, ханда, лаъл» ва «ҷунун, саҳро, гард», ва «шӯр, намакдон» таносуби маълум доранд вале дар як силк овардани ин силсила ва пайвастани ин хӯшаҳои маъноӣ (таъбири Шафеъии Кадканӣ) ба якдигар ва таҷниси маънавӣ дар калимаи «шӯр», ки ҳам ба маънои «таъм» ва ҳам ба маъни «ошӯб» омадааст. Печидагии риштаи силсилаи хаёл дар ин байт ба ҳаддест, ки ҳангоми боз кардани гиреҳҳои он, тӯли сухан аз он, ки дар байт ҳаст бамаротиб меафзояд. Бадин тариқ Бедил мефармояд:

А. Эй он (касе), ки қиёмат дар баробари Шумо чун шахсест, саҳархез ва ин саҳар, ки он (қиёмат) бо фаро расиданаш қиём мекунад, ҳосили лаъли хандони Шумо аст ва ё ин саҳар ҳосили дурахши сапедии дандони Шумост, ки бар асари хандаи лаъли лабатон (мурод шафақи субҳ ва аз пайи он омадани сафедӣ) ба вуҷуд меояд. (Шигифтӣ ва нудрат он аст, ки субҳи қиёмат худ ҳангомест, ки ҳамаро барпо мекунад, вале ин субҳи растохез худ чизест, ки дар баробари хандаи Шумо падид меояд).

Б. Шӯру ошӯб ва шефтагии сад саҳрои (биёбони) ҷунун як гард, як зарра аз намакдони шумо аст. Аз «шӯр» таҷниси маънавӣ ва иҳом ба кор гирифта мешавад ва агарчи манзури

аслӣ шефтагӣ ва ошӯби дилдода аст, барои таносуб дар таҳтушшуур аз «шӯр» ба маънии таъм, маза, ки ба намакдон рабти мустақим дорад, низ мурод мешавад. Вале дар кулл маънои таъм низ бемуносибат нест. Зеро ишқ ва ҷунун чизест, ки дар он дар муқобили зуҳду порсоии қолабӣ ва хушк чошние ва лаззате нуҳуфта аст ва шоирони ориф ҳамеша бо он мубоҳот доштаанд. Вале, нудрат ва таровати сухани Абулмаонӣ боз дар ибораороии ҷасуронаи ташхисии вай дар ибораи «сад саҳро ҷунун» падидор мегардад.

Саҳро ба масобаи паймонае (воситаи андозагирие, ченаке) истифода мешавад, ки бо он ҳаҷми ҷунун (гӯё ҷунун ҳаҷм дорад) муайян карда мешавад ва андозаи ин ҷунуни тасаввурӣ ба мизони сад саҳро аст. Ин ҷо албатта хонандаи огоҳ дар зеҳни худ нисбати саҳро ва ҷунунро бо ривояти Маҷнун, ки намоди ишқ аст, эҳсос мекунад. Ин дигар рӯяест, ки лоиқи шарҳу тафсир ҳам дониста намешавад.

Баракси ғазали Ҳофиз дар ғазали Бедил, тавре ки мебинед, ин навъ ибораороии таҷридӣ ва ташхисӣ то охири ғазал идома пайдо мекунад ва дар ҳеч як мисраъе аз он сарфи назар намешавад. Бахусус байти севум аз назари қаробат ва мушобиҳати маънавӣ бо яке аз байтҳои Ҳофиз қобили мулоҳизаи махсус аст. Ҳофиз то ба ин байт расидааст, аз он мухотаби олӣ канортар рафта ва ба мухотаби ҷузъӣ рӯй оварда, дар зимн киноёт ва таъризи худро ба ба абнои замонаш гуфтааст:

*Айшатон бодо мудом, эй соқиёни базми Ҷам,*
*Гарчи ҷоми мо нашуд пурмай ба даврони шумо.*

Ин ҷо мухотаб ҷамъ аст ва замири «шумо» ба маънои ҷамъ аст, на такриму таъзими фарди азимушшаън, ки гоҳе ҳам «ту» мешавад. Масалан, «Кас ба даври **наргисат** тарфе набаст аз офият». Чун «шумо»-и байти болотар шарик дорад ва воҳид нест, шак нест, ки банда аст ва даврони ӯ даврони маҳдудест ва шикояти Ҳофиз он аст, ки дар даврони ҳукумати ин соқиён, ҳуккоми рӯзгор ба ком нарасидааст.

Тақрибан дар қолаби ҳамин иборот Бедил мегӯяд:

*Ишрат аз ранг аст, ҳар ҷо гул бисоторо шавад,*
*Муфти ҷоми мо, ки мегардад ба даврони Шумо.*

Ишрат (айш, комравоӣ) аз ранг насиби муфту беминнати ҷоми мо (ба зоҳир чашми мо ва дар маҷмуъ вуҷуди мо) мегардад ва ин ранг чун шароби шуҳудӣ дар ҷоми вуҷуди мо мерезад ва моро сархушу бонишот месозад ва ин ҷоми мост, ки ба даврони шумо (замони шумо ва ба маънии дигар бо ҳаракат додан, чарх занондан аз сӯйи Шумо ва дар маҷмӯъ ба баракат ва лутфу иноятиi Шумо), ки дар оростани ин ҷаҳони имкон бо рангу алвон ва имконоти дастрас зоҳир ва амалӣ мегардад. Баҳра бардоштан аз дунёи имкон бо мисол задан аз «ранг» дар шеъри Бедил ба такрор омадааст ва ҷойи дигар ин маъноро ба сароҳат таъкид мекунад:

*Магзар аз ранг, ки ойинаи иқболи сафост,*
*Дуд бар чеҳраи оташ шаби ид аст ин ҷо.*

Аммо дар маҷмӯъ ба сари матлаби аслӣ баргардем ва чун таҳлили ҳар байте аз ин ғазали тӯлонӣ суханро ба дарозо мекашад, ин ҷо бо он иктифо мекунем, ки ибораҳои таҷридӣ ва ташхисии таҷридиро аз қолаби ин абёт берун меорем, ки мутолиаи он худ барои хонанда равшан месозад, ки Бедил то чӣ ҳад дар истифода аз ин сабки баён муболиға мекунад.

*Чашми оҳу* ***ҳалқаи гирдоби баҳри ҳайрат*** *аст,*
*Дар тамошои рами ваҳшиғазолони Шумо.*

*Аз садаф резад гуҳар в-аз писта мағз ояд бурун,*
*Чун шавад гарми такаллум лаъли хандони Шумо.*

*Эй* ***тароватгоҳи ишратнавбаҳори боғи ноз***,
*Бод чашми мо* ***сафоли ҷӯши райҳони*** *Шумо.*

*Беш аз ин натвон ба* ***абрӯи тағофул*** *сохтан,*
*Шишаи дил хок шуд дар* ***тоқи нисёни*** *Шумо.*

*Мо – сияҳбахтон ба навмедӣ муҳайё кардаем*
***Як чароғон доғи дил*** *дур аз шабистони Шумо.*

***Бистару болини мо умрест қатъи роҳат** аст,*
***Бар дами шамшер зад хобам** зи мижгони Шумо.*

*Норасо уфтодаем, эй **барқтозон**, ҳиммате,*
*То **ғубори мо занад дасте ба домони** Шумо.*

*Оламе дар **ҳасрати вазъи иборат** мурдааст,*
*Маънии мо, кист, то фаҳмад зи девони Шумо.*

*Аз **ғубори ҳарду олам** пок берун ҷастааст*
*Бедили овора, яъне хонавайрони Шумо.*

Аммо дар айни ҳол имтиёзе, ки ба шеъри Ҳофиз ихтисос меёбад, боз дар ин нукта хулоса мешавад, ки мо Ҳофизро мисли Бедил саргарми ибораорой намебинем ва гӯё он ибороти барҷаста ва бикр беихтиёр ва бидуни ҳеч такаллуфу тасаннуъ дар равиши гуфтани суханоне ба соддагӣ ва озодагӣ худ ба миён омадаанд. Агарчи чун ба сабки Бедил одат бикунем, ин эҳсос дар мавриди Бедил ҳам бароямон даст медиҳад. Дар ҳар ҳоле, ногузир ва ночор табъи мо гувоҳӣ медиҳад, ки равиши каломи Ҳофиз табиитар воқеъ шуда ва Ҳофиз бо иродаи хос дар пайи сабкофаринӣ ва истифодаи хос аз сабки вижае нест. Ба изофаи он ки шумораи ибороти хосе, ки тавсиф шуд, дар шеъри Ҳофиз зиёд нест ва ҳар замон метавонад истифода аз он қатъ гардад ва чунон ки гуфта шуд, Ҳофизро ҳам саргарми чунин як сабке намебинем, ҳаргиз ба хотирамон намерасад, ки истифодаи чунин услубе ва чунин иборотеро дар ашъори ишон нишонаи сабки хосе (чун сабки ҳиндӣ) муаррифӣ намоем.

Дар ниҳоят бори дигар беҷо нест ёдоварӣ гардад, ки ончи ҷавҳари сабки ҳиндиро ташкил медиҳад, яъне аз ҷумла ташхиси исми маънӣ ва таҷриди исми моддӣ аз замоне, ки мутуни забони форсии тоҷикӣ ба нигориш даромада, мушоҳида мешавад ва дар забони зиндаи мардум низ истифодаи фаровон дорад. Намунаи барҷастааш аз ашъори қадим метавонад ҳамин рубоии машҳури устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бошад, ки фармуда:

*Ҷуз ҳодиса ҳаргиз талабам кас накунад,*
*Як пурсиши гарм ҷуз табам кас накунад*
*В-ар ҷон ба лаб оядам, ба ҷуз мардуми чашм*
*Як қатраи об бар лабам кас накунад.*

Агар нисбати ин рубоӣ ба устод Рӯдакӣ машҳуру маълум намебуд ва касе, масалан, ба озмоиш аз банда суол мекард, ки ин рубоӣ аз Рӯдакӣ аст ё аз Бедил, шояд бетардид посух медодам, ки аз Бедил. Зеро чунин ташхисҳои мутлақ ва барҷастаи исмҳои маънӣ, аз қабили ин ки ҳодиса чун касе касеро талаб кунад ва таб касеро пурсиши гарм кунад ва беш аз ин мардуми чашм (бо тавағӯҳ ба иштироки маъноии байни инсон ва нуқтаи биниши чашм ба воситаи калимаи «мардум») обе ба лаби кас дар мавқеъи назъи равон бичаконад ва ин ҳама дар пайкари афшурдаи як рубоӣ, чунин эҳсосеро ба вуҷуд меорад, ки ин рубоӣ як намунаи барҷастаи сабки ҳиндӣ бошад. Ва албатта наметавон гуфт, ки ҷилваҳои чунин ибораоройӣ ва маъниофарӣ дар осори устод Рӯдакӣ маҳдуд бо ҳамин рубоист, балки боз ҳам дучор мешавад, аммо на бо ин тарокум ва дарҳамҷӯшидагӣ. Дар айни ҳол ин рубоӣ чунон равон ва озод аст, ки кас фикр намекунад устод Рӯдакӣ худ амдан ва огоҳона даст ба ибораоройӣ зада бошад.

Дар ниҳоят, ба таври хулоса метавон гуфт, ки сабки ҳиндӣ ё сабки бедилӣ ҳосили истифодаи огоҳона ва бештар аз имконоти вижаи забони форсии тоҷикӣ, бавижа ташхиси исмҳои маънӣ ва таҷриди исмҳои моддист, ки ҳосил аз табиат ва сиришти забони мо буда, ҳанӯз имконоти зиёде дар ин замина мавҷуд аст.

*Майи 2008*

# ЛОҲУТӢ ВА ИҚБОЛ

Албатта дар нигоҳи аввал ин ду суханвари тавоно ба эътибори мавқеияти фикриву ақидатӣ чун ду қутби мухолиф ба назар мерасанд. Бо ин ҳол чи ниёзе ва чи асосе ҳаст, ки ин ду суханвари тавонои адабиёти форсизабон бо якдигар муқиса ва муқобала шавад?

Аввалан, бояд гуфт, ки дар ибтидои садаи 20 агар бихоҳем ду тан шоиреро имтиёз бидиҳем, ки бар тибқи суннатҳои дерини адабӣ бар он кӯшидаанд, то афкору орои адабӣ ва фалсафӣ-иҷтимоии худро бар пояи системаи нав ба мухотаби худ ироа бидиҳанд, пас, ин ду шоир ҳастанд ва ба ин хотир аст, ки таъсири онҳо дар адабиёти мо маҳдуд ба таъсир дар завқу салиқа ва сабку услуби адабӣ набуда, балки таъсир дар ҷаҳонбинӣ ва шинохту маърифати воқеият аз тариқи каломи бадеъ аст. Яъне ҳам Лоҳутӣ ва ҳам Иқбол талош кардаанд, то қабл аз сурудани ашъори омӯзандаи худ, пешзаминаи фикрӣ ва ақидатии пазириши ин сурудаҳоро дар зеҳни хонанда ба вуҷуд биёранд ва аз ин рӯ кори худро аз ислоҳи тафаккури фалсафӣ ва иҷтимоъии ҷомеаи худ шурӯъ намудаанд ва дар ин роҳ ногузир даст ба навиштани назира ва ҷавобия ба машҳуртарин осори адабии маҳфуз ва таъсиргузор дар зеҳни ҷомиъаи худ задаанд. Зеро ин роҳро наздиктарин роҳе барои ислоҳи фикрии хонандаи худ донистаанд. Ваҷҳи муштараки ҳарду суханвар дар ин марҳала он аст, ки онҳо талош кардаанд, то хонандаи худро аз асорат ва таслими пиндоре, ки ба унвони тақдир ва қисмати азалӣ пазируфтаанд, берун оранд. Аз ин нигоҳ ашъори ин ду шоир дар ин марҳала он қадр ба якдигар шабоҳат дорад, ки имкон дорад навиштаҳои яке дар девони дигарӣ дарҷ гардад. Масалан, ин шеъри Иқбол дар девони Лоҳутӣ ғариб нахоҳад буд:

*Хоҷа аз хуни раги муздур созад лаъли ноб,*
*Аз ҷафои деҳхудоён кишти деҳқонон хароб,*
*Инқилоб, эй инқилоб.*

Ва ё ин шеъри Лоҳутӣ дар девони Иқбол:

*Ватан вайрона аз ёр аст, ё ағёр, ё ҳарду?*
*Мусибат аз мусалмонҳост, ё куффор ё ҳарду?*

Ва албатта бо шинохт бар ин нукта, ки манзури Лоҳутӣ аз «мусалмонон» ҳамаи ҳамватанон, дар муқобили хориҷиҳо мебошад.

Ҳамчунин комилан имкон дошт, ки Лоҳутӣ бо майли тамом ин байти Иқболро дар дафтари худ бинависад:

*Мункири Ҳақ назди мулло кофар аст,*
*Мункири худ назди ман кофартар аст.*

Ҳарду шоир дар таъкид бар зарурати истиқлол ва ҳувият он қадар муболиға мекунанд, ки ҳатто аз талхгӯӣ нисбат ба мухотаби худ парҳез наменамоянд.

Лоҳутӣ мегӯяд:

*Эй коргарон, абди тавонгар нашавед,*
*Маҳкуми шаҳу шайхи бадахтар нашавед.*
*Ҳар кас ба ҷаҳон майли саворӣ дорад,*
*Эй коргарон, вале шумо хар нашавед.*

Иқбол мегӯяд:

*Одам аз бебасарӣ бандагии одам кард,*
*Гавҳаре дошт, вале назри Қубоду Ҷам кард.*
*Яъне аз хӯи ғуломӣ зи сагон хортар аст,*
*Ман надидам, ки саге пеши саге сар хам кард.*

Мавриди хитоби ҳар ду шоир дар бештари осорашон ҳамаи мардуми мазлуми Шарқ бахусус Шарқи мусалмон мебошад ва ҳарду дар рӯёрӯӣ бо таҳоҷум ва таҷовузи Ғарб қарор доранд.

Лоҳутӣ:

*Қурбони рӯшноиву нуру сафои Шарқ*
*В-он боғи дилкашу чамани дилкушои Шарқ...*
*Эй он ки Шарқро ба Урупо фурухтӣ,*
*Эй бешараф, бигӯ, чӣ харидӣ ба ҷои Шарқ?!*

Ва албатта, достони «Сафари Фарангистон», ки бештари қитъаҳо ва байтҳои он бо шарқияҳои Иқбол ҳамхонии комил дорад:

*Дар иқлими савдогарон зар Худост,*
*Ба зар ҳар касе бандаи бенавост.*
*Дар он ҷо ки сад қасри обод ҳаст,*
*Мапиндор як рӯҳи озод ҳаст.*
*Амиру вазиру дабиру фақир*
*Ба қонуни сармоя ҳастанд асир.*

Чунон ки дар аввал ишора шуд, ҳар ду суханвар мехоҳанд ислоҳи фикрии хонандаи худро аз тариқи ислоҳи андешаи адабиву фалсафии дар зеҳни онҳо ба воситаи осори барҷастаи адабии пешиниён парваришёфта тағйир бидиҳанд. Назира ва ҷавобияҳои Лоҳутӣ ба Фирдавсӣ, Хоқонӣ, Хайём ва дигарон ва ҳамчунин назира ва ҷавобияҳои Иқбол ба Носири Хисрав, Саъдӣ, Ҳофиз ва Мавлоно аз ҳамин мавзеъ суруда шудааст. Ба истиснои баъзе мавориди муштарак, дар умум миёни назира ва ҷавобияҳои ин ду суханвар як фарқи усулӣ вуҷуд дорад. Лоҳутӣ он афкори пешиниёнро дар маҷмӯъ инкор ва назари синфӣ ва ё даҳриро ҷойгузини он мекунад, вале Иқбол мехоҳад, ки бардошт ва тасаввури иштибоҳии хонандаро аз он осор бартараф ва маънии асли он осорро, ки бар муроди худи Иқбол аст, барои хонанда бозгӯ ва аз ин тариқ фикри хонандаро ислоҳ намояд. Бо ин ҳол ҳам дар баъзе маворид чунин ба назар мерасад, ки Иқбол фикри комилан тоза ва мухолиф бо фикри адиби пешинро талқин мекунад. Масалан, дар ҷавоби ин абёти Саъдӣ:

*Яке қатраборон зи абре чакид,*
*Хиҷил шуд, чу паҳнои дарё бидид,*
*Ки ҷое, ки дарёст ман чистам?*
*Гар ӯ ҳаст, ҳаққо, ки ман нестам.*

Иқбол мегӯяд:

*Валекин зи дарё баромад хурӯш:*
*Зи шарми тунукмоягӣ рӯ мапӯш.*

*Тамошои боғу саҳар дидаӣ,*
*Чаман дидаӣ, баҳру бар дидаӣ…*
*Гуҳар шав, дар оғӯши қулзум бизӣ,*
*Дурахшонтар аз моҳу анҷум бизӣ.*

Дар кулл ҳарду шоир дар марҳалаи инкор ва ислоҳ ва то ҷое дар марҳалаи тасдиқ, аз ҷумла тасдиқи зарурати истиқлол ва ҳувият бо ҳам ҳастанд, вале дар ниҳоят, ки ба тасдиқи марҷаъ ва мабдаъи кулӣ ва олии мақсуд ва ҳадафи худ мерасанд роҳҳои онҳо аз якдигар ҷудо мешавад. Иқбол ба мавзӯъ аз дидгоҳи ирфони фаъъол ва Лоҳутӣ ҳамоно аз дидгоҳи материалистӣ нигоҳ мекунанд.

Ин ҳамроҳии Иқбол бо Лоҳутӣ ва дар ниҳоят ҷудоии онҳоро метавон аз он пораҳое аз осори Иқбол таъбир кард, ки аз инқилоби Рус истиқбол карда ва идомати онро аз мавзеъи «ло илоҳ» (худое нест) то «иллаллоҳ» (ба ғайр аз Аллоҳ) мехоҳад:

*Русро қалбу ҷигар гардид хун,*
*Аз замираш ҳарфи ло омад бурун.*
*Кардаам андар мақомоташ нигаҳ:*
*Ло салотин, ло калисо, ло илаҳ…*

Ва ин тавсияро аз забони Афғонӣ (Сайид Ҷамолиддин) чунин меорад. Вай муроҷиат ба миллати Руссия мегӯяд:

*Ту ки тарҳи дигаре андохтӣ,*
*Дил зи дастури куҳан пардохтӣ…*
*Боз меоӣ суи ақвоми Шарқ,*
*Баста айёми ту бо айёми Шарқ.*
*Кӯҳна шуд афрангро ойину дин*
*Сӯи он дайри куҳан дигар мабин.*
*Кардаӣ кори худовандон тамом,*
*Бигзар аз ло ҷониби илло хиром…*

Зимнан, ин ҷо беихтиёр номаи таърихии раҳбари инқилоби исломии Эрон Имом Хумайнӣ (р) ба унвони

раҳбари Иттиҳоди Шуравӣ Михаил Горбачёв ҳам ба хотир мерасад, ки ҳамчунин Русияро аз сароби фиребои ҷаҳони сармояпарастӣ ҳушдор медиҳад ва ба водии имон ба Ҳаққ фаро мехонад

Чӣ Лоҳутӣ ва чӣ Иқбол дар адабиёти Ғарб мутолиаи хуб доранд ва онро яке тарҷума ва дигаре бозгӯӣ мекунад. Аз ин роҳ ба ҷуз мазомини нав, қолабҳои наверо низ барои назми форсӣ ба вуҷуд меоранд. Аз ҷумла тарҷумаи «Сангари хунини» Виктор Ҳугу аз сӯи Лоҳутӣ ва бозгӯи шоиронаи «Нағмаи Муҳаммад»-и Гёте дар шеъри «Ҷӯи об»-и Иқбол, ки ҳарду ба навъе саршор аз рӯҳиёти навоварона аст.

Шояд барҷастатарин тафовут миёни ин ду шоири тавоно ва баҳақ адолатҷӯй наҳваи муроҷиати онҳо ба осори куҳан ва осори ҷаҳонӣ бошад, ки яке бештар аз дидгоҳи сиёсиву иҷтимоӣ будааст ва дигаре таҳқиқиву фалсафӣ. Чун адабиёти тоҷик ҳамеша бахше аз афкори фалсафии миллӣ буд, мебинем, ки дар давраҳои баъдӣ муроҷиат ба шеъри Иқбол бештар сурат гирифтааст.

Сарнавишти адабӣ ва таърихии ин ду суханвари баҳақ тавоно дар зимни муқоиса ба якдигар метавонад намунаи барҷастае дар ихтиёри мо барои имтиёз додан ба ҷараёнҳои фикриву адабии имрӯз низ бошад, ки оё идомати бақои кадом яке аз ин ду ҷараён бештар тазминшудааст: ситезу рӯёрӯӣ ва инкори комили меҳварҳои аслии фарҳанги суннатӣ ба хотири аҳдофи сиёсӣ ва ё идомат ва такмили ин суннатҳо аз тариқи ислоҳ ва эҳёи тафаккури шахшуда ва ба суолҳои рӯз қобили посухгӯӣ сохтани он ва ҳамчунин ҳамзамон наву тоза кардани пероязҳо адабии ин афкор, яъне шаклҳо ва навъҳо ва сабку услуби адабӣ?

*Соли 2008*

# ПАЙРАВ СУЛАЙМОНӢ – ШОИРИ НАВОВАР

Пайрав Сулаймонӣ чи аз назари замонӣ ва чи аз назари арзиши адабии осори шоиронааш дар раванди таҳаввули назми садаи бисти тоҷик баъд аз устод Айнӣ саҳм дорад. Албатта, пас аз он, ки устод Лоҳутӣ вориди арсаи адабиёти навини тоҷик мешавад, ин мавқеъро ба худ ихтисос медиҳад, чунон ки ҳам аз нигоҳи танаввуъи шакли шеърӣ ҳам аз назари идомати фаъолияти эҷодӣ, дигар то замони устод Турсунзода шоири дигаре бо Лоҳутӣ қобили муқоиса нест.

Пайрав Сулаймонӣ дар назм чанд намунаи ҳунармандона ба вуҷуд овард ва бори дигар имконоти арӯзро нишон дод. Шеъри машҳури ӯ «Навиди Вахшстрой» ба асоси баҳри муҷтасс навишта шудааст. Вале бо шикастани паёпайи мисраъҳову овардани хитобҳо оҳанги аслан нарму равони ин баҳр табдил ба оҳанги пурзарби хитоба шудааст ва дар ин шеър низ омезиши рукнҳои баҳрҳои гуногун ба назар мерасад.

Пайрав Сулаймонӣ аз ин услуб дар чанд шеъри дигараш, аз ҷумла «Марши пионерон», «Асира ё худ исён», ашъори ишқиву маҳрамонаи «Дасти булурин» ва «Дар фироқи дасти булурин» истифода намудааст.

Пайрав қабл аз вуруди устод Лоҳутӣ ба адабиёти тоҷик дар муддати нисбатан кӯтоҳи фаъолияти эҷодии худ ба навъе нақши довариро ҳам дар раванди навовариҳо дар назми тоҷик мебозад ва ҳамроҳ бо устод Айнӣ ба баъзе аз ҷараёнҳои носолим ва номатлуби ифротгароёна муқовамат ҳам мекунад. Барои тасдиқи ин фикр метавон аз шеъри танзомези вай ба касоне, ки бо баҳонаи «шеъри нав» аз ҳамаи унсурҳои шеъри суннатӣ, аз ҷумла вазни арӯз даст кашиданро тарғиб мекарданд ва худашон ҳам бо додани «намунаҳое» аз ин қабил шеърҳои нав гӯё дигаронро роҳнамоӣ мекарданд, ёдоварӣ кард. Яке аз онҳо Ғ. Ализода буд, ки дар аввали ин навъ ашъори ба истилоҳ «нав»-и худ, ки аз суханони берабти подарҳаво иборат буд, менавишт:

«Бо ҳавои махсус». Яъне ин шеър аз қолабҳои суннатӣ, арӯз хориҷ аст. Аммо он «ҳавои махсус» ҳеч маълум набуд, ки чи аст.

*Эй шоири шеърҳои махсус,*
*То кай бофӣ ҳавои махсус?*
*Аттор наӣ, чи мефурӯшӣ*
*Беҳуда ту ин давои махсус?*
*Хоҳӣ, ки зи шеър баҳра ёбӣ,*
*Ё халқ барад сафои махсус,*
*Аз Лоҳутию зи санъати ӯ*
*Ибрат гиру ғизои махсус.*

Аз тарафи дигар Пайрав, ки табъан як шоири нававар буд, бо куҳнагароӣ ва куҳнасароӣ ҳам муқовимат мекард ва шоиронеро, ки комилан дар қайди таъбирҳо ва забону баёни адабиёти қадим боқӣ монда, ҳеч наметавонистанд воқеияти рӯзро дар шеъри худ бозтоб бидиҳанд, мавриди танз қарор медод. Яъне метавон гуфт, ки Пайрав дар ҷодаи нававарӣ бо эътидол, миёнаравӣ ва огоҳона қадам мениҳод. Аз ин ҷост, ки вай ба баъзе аз ашъори худ, ки ҳини саргармии зиёд ба навпардозӣ суруда ва аз назари худаш аз ҳадди эътидол берун рафтааст, пас аз муддате бо назари танз ва интиқод назар мекунад ва дар ин мавзӯъ шеърҳое ҳам менависад.

Ҳифзи эътидол, меъёр, миёнаравӣ ҳамеша кори душвор аст. Ин кор дар вазъи инқилоб боз ба маротиб душвортар ва сахттар мешавад. Инқилоби болшевикӣ, ки дар ибтидои қарни гузашта иттифоқ афтод, танҳо як инқилоби сиёсӣ ва иҷтимоӣ набуд, балки инқилоби саноатӣ ҳам буд. Яъне ҳама чиз ҳам аз нигоҳи маънавӣ ва ҳам зоҳирӣ зеру забар мешуд. Таҳаммули ин инқилоботи фарогир барои шоире чун Пайрав, ки сириштан як шоири дорои риққати зиёди қалбӣ ва эҳсосоти латифу нозук буд фавқулода кори сангине буд. Бахусус, ки боз хоста ё нахоста дар сафи аввали ин инқилоб қарор гирифта, мехост ба навъе ин тундбоди ҳаводиси ҷунуномезро, ки аз сарпанҷаи ихтиёри худи ӯ

комилан берун буд, маҳор кунад. Яъне ногузир Пайрав дар рӯбарӯи як сарнавишти фоҷиаомез қарор гирифта буд.

Дар таҷрибаи эҷодии ҳар як шоир, нависанда, андешаманд лаҳзаҳое вуҷуд дорад, ки забони ҳол бар ҳама навъ барномаҳо ва ҳадафҳои эҷодӣ бартарӣ пайдо мекунад ва илҳому қалбу андешаи нависанда бо дасту қалами он пайванди мустақим меёбад ва нуҳуфтатарин баёноти замираш рӯйи саҳифаи коғаз мерезад. Ин пораҳо барҷастатарин намунаи афкор ва эҳсоси нигоранда мебошад, ки чун нуқтаҳои нуронӣ ба ҷаҳони андеша ва эҳсоси воқеӣ ва шахсияти ӯ партав меафканад ва ҷавҳари ӯро барои хонанда ошкор месозад.

Пайрав Сулаймонӣ, ки бо навиштани ашъори навоварона дар ситоиши пешрафтҳои илмиву фаннии даврони инқилоб маъруфияти хос пайдо карда буд, интиқодҳои гоҳе тунду гоҳе зарофатомезе ҳам аз шоирони ба истилоҳ «кӯҳнапараст» доштааст, ба далели ин, ки онҳо ба прогрессии илмиву техникӣ бетаваҷҷӯҳӣ намуда, ҳанӯз пойбанди ҳамон «андешаҳо ва эҳсосоти кӯҳна» мебошанд. Мавриди интиқоди ӯ, асосан, шоироне буданд, ки ба сабки Бедил пайравӣ мекарданд ва шояд интиқодоти Пайрав дар мавридҳое бедалел ҳам набуд, вале бубинед, ки худи шоир дар ҳоли парвози эҳсос ва андеша, чӣ тавр табиӣ ба фазои андеша ва эҳсоси бедилгуна суъуд кардааст.

«…Ман ҳамин соат ба як муаммои сарбастае пай бурдам, ки солҳои дароз ба торикӣ, балки ба зулумоти он гирифтор будам. Акнун донистам, ки дар дунё ҳассостар аз дил ва сареътар аз хаёл чизи дигаре вуҷуд надорад. Ин тилгирофи бесим ва беаппарат, ки дар дасти фанни мағрур (аст), баъд аз сад қарни дуру дароз ҳам чунин мошинаи ҳайратоваре эҷод карда наметавонад, вале дили ҳассос дар як он хаёли ҳар касеро ки хоҳад, аз ҳазорҳо километр ба худ мекашад. Оё ин хориқулода ва ҳайратовар нест? Оё ин муаммое нест, ки то ба ҳол касе ба вай пай набурдааст? Агар фан ҳазор соли дигар ҳам хуни ҷигар хурад, ҳазорҳо дараҷа сабуктар аз эфирро ҳам пайдо кунад, боз ҳам ба

дарачаи як дили пажмурдаи хунгашта наметавонад ба ин зудӣ матлубро ба толиб пайвандад.

*Бар дари дил то ниҳодам гӯш, донистам туӣ,*
*Ҳарфи ғайрат роҳ мезад аз ҳуҷуми мову ман*
*Мушти хоке ин ҳама сомони ноз эъҷози кист?».*[1]

Албатта, Пайрав, яке аз босаводтарин шоирони ҳавзаи Бухорои оғози асри бист посухи ин суоли ба сабки «таҷоҳули ориф» тарҳшуда, яъне «мушти хоке ин ҳама сомони ноз эъҷози кист?»-ро медонист, хуб медонист, ки ин танҳо эъҷози Офаридгори яктои ин «мушти хок» аст. Мухотаби вай ҳам, адабиётшиноси донишманд Раҳим Ҳошим инро хуб медонист, ки паёми Бедил ва паёми Пайрав ба воситаи Бедил чист. Яъне Пайрави шефтаи инқилоботи фаннӣ охируламр ба иқтизои фитрати дарроки худ ба асли ҷавҳари инсонӣ ва маншаъи эзадии он пай мебарад. Бад-ин тариқ шоире, ки дар авҷи ғулғулаи атеизми ҷанговар ва ҳақиру ночиз шумурдани арзишҳои динӣ дар баробари прогресси техникӣ ба ин раванд ҳамроҳӣ ва ҳатто то ҳудуде парчамдорӣ карда буд, ба сароҳат ифрот дар ин мавзӯъро эҳсос мекунад ва онро бо дӯсти наздики худ тавре ба миён мегузорад, ки ҳам матлаб бо камоли сароҳат баён гардад ва ҳам маҷоли камтаре барои иттиҳом ворид кардан ба шоир боқӣ монад. Ин аз охирин навиштаҳои Пайрав Сулаймонӣ аст ва агар фаразан зуҳури чунин афкор боиси таъқиби вай нашуда бошад ҳам, дар ҳар ҳоле чунин афкор наметавонист барои вай нақши сарнавиштсоз надошта бошад.

Ин ҷо лозим аст рӯйи як нукта таъкид шавад: Баъзе аз дӯстон эрод мегиранд, ки мо барои «сафед кардан»-и шои-

---

[1] Зоҳир аст, ки дар тартиби ин мисроъ дар «Куллиёт»-и Пайрав иштибоҳ роҳ ёфтааст. Чанд байти аввали ин ғазал дар асл чунин аст:

Маҳв будам, ҳар чи дидам дӯш, донистам, туӣ,
Гар ҳама мижгон гушуд оғуш, донистам, туӣ.
Ҳарфи ғайрат роҳ мезад аз ҳуҷуми мову ман,
Бар дари дил то ниҳодам гӯш, донистам, туӣ.
Мушти хоку ин ҳама сомони ноз – эъҷози кист?!
Беш аз ин аз ман ғалат мафрӯш, донистам, туӣ.

рон ва нависандагони даврони шӯравӣ ба таъбири дилхоҳ аз ашъори онҳо даст мезанем. Аввал ин ки асли масъала «сафед кардан»-и шахси касе нест, балки тасдиқи ин маъност, ки ҳақиқатҳои ҷовидонӣ ва эзадӣ ҳар навъ девори оҳанинро ҳам рахна мекунад ва ба дилҳои ҳассос ва даррок роҳ меёбад ва бар хомаҳову забонҳо ҷорӣ мегардад. Агарчи гоҳе ин амр барои худи гӯянда ва нависанда ба таври нохудогоҳ сурат бигирад. Дувум, дар адабиёт ва адабиётшиносӣ асл матни асар аст. То замоне, ки матни бедахолати осори як шоир ё нависанда барҷост, чеҳраи воқеии ӯ тазминшуда аст. Агар касе бар ин навиштаҳо, бар матни асл чизе аз худ бияфзояд ва ё чизе аз маънои он бикоҳад, гузашти айём онро аз миён мебарад ва воқеиятро рӯйи кор меорад.

Пайрав Сулаймонӣ дар пайравӣ аз услуби В.В.Маяковский шеърҳое сурудааст ва ишораи мустақиме ҳам ба пайравии худ аз ин шоири инқилобии рус доштааст. Аммо ба назари инҷониб аз нигоҳи эҳсос ва авотифи шоирона ӯ бештар бо шоири дигари рус С. Есенин қобили муқоиса мебошад. Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакар ба ин маъно мӯътақид будааст. Агар бихоҳем, ки ба сарнавишти шоирии Пайрав бештар пай бибарем, бояд тасаввур кунем, ки масалан шоире чун С.Есенин худро комилан дар маҷрои эҷодиёт ва рӯҳиёти В.В.Маяковский қарор медод ва ба наҳви вай шеър мегуфт.

Банда замоне, ки рӯи мавзӯи «Поэтикаи вазн ва ритми назми муосири тоҷик» кор мекардам, дар бахши марбут ба Пайрав Сулаймонӣ ин муқоисаи тасаввурӣ бароям даст дод ва он дар сурати чанд сатри манзум даромад.

**Пайрав Сулаймонӣ**

*Отаҷон[1] Пайрави Сулаймонӣ*
*Қадаҳе аз булур дошт ба чанг.*
*Зад қадаҳро ба оҳани комун,*
*То биёбад ба шеъри худ оҳанг.*

---

[1] Исми хоси Пайрав Сулаймонӣ

*Он булурин қадаҳ шикасту бирехт*
*Майи гулгун, ки буд хуни дилаш*
*Ё ки буд хуни як чаман гули сурх*
*Бӯи гул медиҳад ҳанӯз гилаш…*

*Отаҷон Пайрави Сулаймонӣ –*
*Шоҳиди инқилоби коммунист,*
*Шеъри ту ашки тифли маъсум аст*
*Рӯйи ожангҳои қарни бист.*

*Соли 2009*

# АРЗИШИ БАДЕИИ ОСОРИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Арзиши бадеии осори устод Турсунзода як ҳақиқати ба субут расида аст, аммо тарҳи мавзӯъ ба ин хотир аст, ки омилҳои арзиши волои ин осор бори дигар баршумурда шавад, то ба хотири бузургдошти мақоми ин устоди назми навини тоҷик бар нақши дурахшони ишон дар таҳаввули назми муосир таъкид гардад.

Дар ашъори устод Турсунзода таносуби чанд унсури шакл ва мундариҷа (муҳтаво) барои фароҳам омадани ҷавҳари баёни шоирона хидмат мекунад. Таносуби қолаб (жанри) назм бо куллиёти мавзӯъ, таносуби системаи образҳо бо муҳити мавриди тасвир, таносуби таркибии вожаҳо ва сохтори наҳвии забони шеър бо фазо ва замони мавриди назар, таносуби шахсияти шоир бо «қаҳрамони лирикӣ», ки ғолибан дар ин ашъор идғом шудаанд, таносуби мусбат ва манфии ин қаҳрамон бо пешинаи таърихии худ ва дар ниҳоят таносуби бисёр озмудаи фазои зеҳнӣ ва завқии шоир ва мухотаби (хонандаи) ӯ.

Қабл аз он, ки ба ҷузъиёти мавзӯъ бипардозем чанд нуктаи куллиро бояд ёдоварӣ кард:

– Устод Турсунзода мундариҷоти аслии мавзӯии назми муосири моро барои оянда таъйин кард, ки иборат аст аз ситоиши ҳувият ва асолати инсони мушаххас ва дар ин замина васфи ватани аслӣ (зодгоҳ) ва намодҳои дигари азизу муқаддаси он мисли модар, табиати ватан, бахусус кӯҳ ва рӯд, бузургони фарҳангу адаб, ойину русуми миллӣ ва унсурҳои хоси он дар матни арзишҳои умумибашарӣ.

– Осори манзуми устод Турсунзода, ки тақрибан аз тамоми анвоъ ва жанрҳои суннатӣ ва нисбатан нав фароҳам шудааст, раванди хеле табиӣ ва қонунманди таҳаввули шаклии назми тоҷикро то остонаи арӯзи нав ё худ шеъри нимоӣ дар худ таҷассум намудааст. Бахусус тозакориҳои устод Турсунзода дар таркиби мусамматот ва қолаби нави

ба истилоҳ «чаҳорпора», омезиши таркибии қолабҳои шеърӣ, истифодаҳои хос аз радиф аз ин назар қобили таваҷҷӯҳ мебошанд. Агарчи баракс шоирони қабл аз устод Турсунзода чун Пайрав Сулаймонӣ ва устод Лоҳутӣ дар қолаби арӯзи нав шеър гуфтаанд, вале шеъри нави тоҷик аз нигоҳи таркиби забону баён ва фазои зеҳнӣ ба шеъри устод Турсунзода хеле наздик аст. Аз ҷумла манзумаи «Садои Осиё» ва достони «Ҳасани аробакаш», ки аввалӣ дар заминаи маснавӣ ва дуввумӣ дар қолаби чаҳорпора навишта шудаанд, раванди тадриҷии аз омезиши имконоти ин ду қолаб бавуҷуд омадани арӯзи нави тоҷикиро то ҷое дар худ мунъакис намудаанд.

– Қимати зиндаи таърихии осори устод Турсунзода бар арзиши адабии он меафзояд. Ҳар шеъри Турсунзода як саҳифаи рангини адабии таърихи Тоҷикистон ва дунёи рӯзгори ӯст, ки бо ҳамин маъно шоир ва осораш ба таркиби талмеҳоти шоирона ворид шудаанд. Масалан, шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ дар васфи Душанбе менависад:

*Туро Айнӣ сутуни ҷовидон шуд,*
*Туро дохундаҳо бунёд карданд.*
*Ҳасан ҳамроҳи Турсунзода Мирзо*
*Зи хишту аз сухан обод карданд.*

– Омезиши имконоти назм ва наср, ки яке аз аслтарин вижагиҳои таъйинкунандаи шеъри нав дар ҳамаи адабиётҳо ба шумор меояд ва аз ҷумла Нимо Юшиҷ бар он таъкид намудааст, дар осори Турсунзода ба вузӯҳ мушоҳида мешавад. Хусусан, дар достони ҳамосии «Ҳасани аробакаш», ки аз назари диққат ва назокати тасвир на танҳо насри маъмулӣ, балки романи дорои таҳлили равонӣ (психологиро) ба ёд меорад. Шоир дар танзими муколамаҳои озод дар ин достон то ҳадде муваффақ аст, ки зеҳни хонанда девори назмро ламс намекунад, озод дар сарсари бандҳои достон ҳаракат мекунад. Дар айни ҳол ҳар банд чошнии хосе аз шеър дорад.

Масалан:

*Рӯзи аввал Садаф намедонист,*
*Ки чи сон дарсро шурӯъ кунад.*
*Аз паси кӯҳи илм чун хуршед,*
*Ба сари деҳ чи сон тулӯъ кунад…*

– Вобаста ба мавриди пешин, нав кардани таркиби забони шеър бо омезиши мутаносиби унсурҳои классикӣ, забони зиндаи мардум ва фолклор ва унсурҳои байналмилалӣ. Аз назари таркиби наҳвӣ, ки дар шаклгирии поэтикаи шеъри Турсунзода бисёр муҳим аст, ҳар як шеър мисли як таҷрибаи хос аст ва гоҳо чунин ба назар мерасад, ки гӯё Турсунзода шеъреро маҳз ба хотири таҷриба кардан ва қонунӣ намудани яке аз таркибҳои забони зинда эҷод карда бошад.

– Ғанӣ сохтани фарҳанги шеъри тоҷик бо теъдоди пуршумори калимаҳо, мафҳумҳо, образҳо ва асотир аз адабиёти ҷаҳон. Хусусан, адабиёти навишторӣ ва гуфтории Осиё ва Шарқ. Адабиётшинос Шарафбону Пӯлодова дар як мақолаи худ дар ин хусус чунин маълумот медиҳад: «Ҳиндшиноси маъруфи рус Л.В. Шапошникова, ки солҳои зиёд дар Ҳиндустон кор ва зиндагӣ карда, роҷеъ ба таърих ва этнографияи он як силсила китобҳои ҷолиб таълиф намудааст, боре ҳамсафари камина дар ин мамлакат буд. Ҳангоми сӯҳбат ӯ роҷеъ ба ашъори ҳиндустонии Мирзо Турсунзода сухан ронда гуфта буд: «Барои мо-донишҷӯёни онвақта силсилаи ашъори «Қиссаи Ҳиндустон» на фақат асари бадеӣ, балки сарчашмаи боэътимоди маълумоти тоза оид ба Ҳиндустони муосир буд»».[1]

– Густариши пурвусъати ҷуғрофиёи зеҳнӣ ва маънавии шеъри тоҷик. Ҳамзамон дубора ҷаҳонӣ кардани шеъри форсии тоҷикӣ ва дар муколамаи ҷаҳонӣ аз раҳгузори шеъри худ бар сари масоили рӯз ворид кардани бузургони адаби форсии тоҷикӣ. Дар тавзеҳи ин манзур бояд гуфт, ки

[1] Шарафбону Пӯлодова. Ҳиндустон дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода//Садои Шарқ, 2011,№5. – с.143.

тақрибан дар ҳамаи ашъори дар мавзӯъҳои байналмиллалӣ сурудаи шоир ҳатман аз суханони бузургони адаби форсии тоҷикӣ бамавқеъ ёдоварӣ ва истифодаи бисёр муносибу муассир мешавад.

– Эҷоди ангеза дар густариши дубораи адабиёти форсизабон (бахусус адабиёти муосири форсизабон) дар яке аз маҳдҳои қадими ин адабиёт, яъне Ҳиндустон. Устод Мӯъмин Қаноат дар ин хусус мегӯяд: «Ин замоне буд, ки ҳануз дар қораи Ҳинд забони форсӣ зинда буд ва маҳфилҳои шеъри форсӣ гардон. Ин ҳам як омиле аст, ки боиси чунин самимӣ баромадани ин силсилаи шеърҳои устод Турсунзода шудааст. Устод Турсунзода дар маҳфилҳо ва маҷлисҳое дар Ҳиндустон шеъри худро ба форсӣ мехонданд ва ин чиз боиси болидани табъу илҳомашон мегашт, хушашон меомад».[1]

– Эҳёи вусъат ва жарфои фалсафии образҳо ва таъбирҳои шоирона. Адабиёти суннатии тоҷик ҳамеша бахши фаъоли тафаккури фалсафӣ буд, ва образҳои машҳур ва таъбирҳои маъмулии шоиронаи он камтар маҳдуд ба як мавриди зимнӣ ва гузаро мегардид, балки онҳо қаринаи адабии категорияҳои фалсафӣ буданд. Дар шеъри Турсунзода аз паймона ва мизони категорияҳои фалсафӣ назар кардан ба мафҳумҳое чун замон ва макон ва фазо (вақт, осмон, замин) ва ғайра ба сароҳат мушоҳида мешавад.

– Ба воситаи ҳифзи тамому камоли вижагиҳои милии шеър ба субут расондани ин ҳақиқат, ки миллият монеъ ва маҳдудкунандаи интишори адабиёт дар вусъати ҷаҳонӣ нест, балки баракс ба ин амр мусоидат ҳам мекунад. Устод Турсунзода бо он ҳама вусъати ҷаҳонии мавзӯъи ашъораш, ҳаргиз аз хурдтарин унсури ойин ва суннатҳои миллӣ қатъи назар намекард, балки намаки шеъри худро маҳз аз ин ҷо мегирифт. Масалан:

[1] Мӯъмин Қаноат. Андешаи истиқлол//Садои Шарқ, 2009, №9 – с.3.

*Гар намедӯшид модар шири худ дар чашми мо,*
*Кӯри модарзод дар айём мемондем мо.*

Бубинед, аз ин суннати мардумӣ, ки модари тоҷик қатраи шири худро дар чашми тифли навзод чун давои биноӣ мечаконад, чи фарзи пурмаънои шоирона эҷод шудааст.

– Пас аз сукути муваққат дубора эҳё намудани ормони (ё идеяи ё мавзӯъи) озодӣ ва тараққии Шарқи мазлум, ки дар ду садаи охир мавзӯъи меҳварии адабиёти пойдории форсизабон, аз ҷумла адабиёти тоҷик буд, ки дар осори устод Айнӣ, устод Лоҳутӣ ва Иқболи Лоҳурӣ ин мавзӯъ дурахши хос дорад. Ҳанӯз дар достони «Чароғи абадӣ», ки ба навъе баёни меросбарии маънавӣ ва адабии Мирзо Турсунзода аз устод Айнӣ мебошад, шоир маҳз аз дари ҳамин мавзӯъ вориди баҳс мешавад ва устод Айниро васии масоили Осиё ва Шарқ муаррифӣ мекунад:

*Ба рӯяш нур бинам, барқ бинам,*
*Ҳувайдо саргузашти Шарқ бинам.*
*Чу Айнӣ Шарқ асиру бенаво буд,*
*Ба зери чоҳи зиндон Осиё буд.*
*Кунун Шарқи куҳан бедор гаштаст.*
*Ба озодипарастон ёр гаштаст.*

Бисёре аз қитъаҳои осори ҳиндустонии устод Турсунзода имрӯз ҳам чандон наву ҷолиби таваҷҷӯҳ ба назар мерасанд, ким гӯё ҳамин соат гуфта шудаанд:

*Дар забон орад араб шодона Аттаҳрирро,*
*Нек бинад чеҳраиояндаи тақдирро.*
(«Садои Осиё»)

*Ҳиндӣ аз дасти мусулмон дар азоб,*
*Худ мусулмон аст бо ҳоли хароб…*
*Як ҳавову як замин як обро,*
*Як макон, як ҷойи хурду хобро,*

*Як ғаму андӯҳро, як дардро,*
*Як садои дил, як оҳи сардро*
*Ғайри бевиҷдон ба ду тақсим кард,*
*Мамлакатро ҷойи хавфу бим кард.*

(«Духтари муқаддас»)

*Хасм хоҳад замини Афғонро,*
*Ба саломат намебарад ҷонро.*
*Кишвари дӯстдори истиқлол,*
*Нагузорад касаш кунад помол.*
*Ҳар як афғон далер сарбоз аст,*
*Дар масофи шадид мумтоз аст.*

(«Аз Ганг то Кремл»).

Шояд дар мавзӯъи озодии Шарқ ва Осиёи мазлум, ки мавзӯъи асосии адабиёти форсизабон дар садаҳои 19 ва 20 буд, дар тамоми адабиёти форсизабон пас аз Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ҳеч шоири дигаре бештар ва муассиртар аз устод Турсунзода сухан нагуфта бошад.

– Бетардид, осори ба мавзӯъи озодии Шарқ бахшидаи устод Турсунзода дар бедории андешаи истиқлоли миллии тоҷикон ҳам бояд нақши муассир дошта бошад. Ин мавзӯъ ва дар маҷмӯъ мавзӯи андешаи истиқлоли миллӣ дар осори устод Турсунзода дар мақолаи алоҳидаи нигорандаи ин сатрҳо нисбатан муфассал ва мустақиман баррасӣ шудааст.[1]

– Симо ва маънои тоза додан ва аз ин тариқ дубора эҳё кардани образҳои машҳур, таркиби сувари хаёли суннатӣ ки дар матни шеърҳои устод Турсунзода гоҳо ба вузуҳу равшанӣ ва гоҳо таҳтонӣ ва дар зерматни зеҳнии шеър эҳсос мешавад.

Масалан, як образ ё устураи бисёр қадимӣ «пири муғон», ки дар шеъри классики мо як образи сирфан маънавӣ ва зеҳнӣ аст, дар шеъри Турсунзода зинда мешавад ва таҷассуми зебои табиъӣ меёбад.

[1] Рустами Ваҳҳобиён. Хонаи тоҷик равшантар шавад…//Адабиёт ва санъат, 25 июли 1991.

*Симу зар, сурмаву симоб диҳад кӯҳи Ҳисор,*
*Ташнагонро шабу рӯз об диҳад кӯҳи Ҳисор,*
*Чорзону зада дар майкада чун* ***пири муғон***
*Ҷоми саршори майи ноб диҳад кӯҳи Ҳисор.*

Ҳатто дар шеъри имрӯзи мо, ки тибқи иддаъо бо системаи образҳо ва сувари хаёли машҳури адабиёти классикӣ ва талмеҳоту устураҳо хеле маънустар гардидааст, камтар воқеъ мешавад, ки як образи комилан «классикӣ» ва ирфонӣ чун пири муғон ба ин ҳад ошно ва мушаххас тасвир ва тасаввур шавад ва симои азизтарин ва табиитарин намодҳои зиндагӣ ва муҳити мо қарор бигирад. Гоҳо равонӣ ва мусиқии масҳуркунандаи ашъори устод Турсунзода, табъи хонандаро ба осонӣ аз матои шеър гузор дода, боис мегардад, ки ба чунин зарофатҳои дохилии он чандон таваҷҷӯҳ нашавад.

Чунин зинда, мушаххас ва муосир кардани образҳои қадимӣ дар шеъри устод Турсунзода зиёд дучор мешавад. Ҳамчунин:

*Кард Да Гама ба рӯи баҳрҳо*
*Чун* ***ҳубоби хонабардӯше*** *шино.*

*Корвон мерафт, фарёди ҷарас*
*Мерасид аз кӯҳҳо бар гӯши кас.*
*Бехабар буданд аз мо Бомиён,*
***Сангпайкар, сангдил бутҳои он..***
*Боз шуд* ***дарвозаи Искандарӣ,***
*Бе дами шамшеру зарби ханҷаре.*

«Ҷони ширин»

*Рафт он давре, ки инсонро пур аз таҳқир буд,*
***Шабнишинро нуқли маҷлис донаи занҷир буд.***

«Садои Осиё»

Ҳамеша зеҳни шоир аз ин навъ образҳо ва тасвирҳо ва мазмунҳо саршор аст ва ба мавқеъ онҳоро чун нигин дар хонаи нав менишонад. Ба таври густурдатар ва якпорчатар шеъри машҳури «Тара-Чандри» аз ҳамин мазият бархурдор аст, ки гӯё қолии нақшинест аз се нах, ки яке дар дасти Ҳофиз, яке дар Бедил ва яке дар Турсунзода аст, бофта шудааст ва ба тавре, ки Ҳофизу Бедил мисли Турсунзода муосир шудаанд.

Аммо умқи суннатҳои адабӣ дар шеъри устод Турсунзода хеле бештар аз ин аст, ки гоҳо нишони андаки онро дар сатҳи болоии шеъраш мушоҳида мекунем. Ин суннатҳо ба масал чун обҳои зеризаминиест, ки барои сар кашидани гулу гиёҳи тозаи шеър бо рангу бӯйи хос дар боғи адаби Турсунзода мусоидат мекунад. Масалан, вақте ин қитъаро мехонем:

*Нақш бандад солҳо дар ёди кас*
*Дашти бепоёну фарёди ҷарас.*
*Раъду барқу гиряи абри баҳор,*
*Мавҷи баҳру фикри дурии канор –*

(«Дар ёди кас» 1948)

Бо мулоҳизаи вожаҳои хосе чун «ҷарас», «мавҷ», «баҳр» (дарё) ва «канор» (соҳил) маълум мегардад, ки шоир дар муҳити азими фикрӣ ва маънавие, ки Ҳофизро фаро гирифта буд, роҳ мепаймояд (Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил…) ва агар чизҳоеро аз ин муршиди худ вом гирифта, дар иваз аз назари физикӣ ва табиъӣ худ ин муҳитро озмудааст ва сайри анфуси Ҳофизро бо сайри офоқи худ пайвастааст.

Ё вақте мехонем:

*Шодам аммо мехурам ғамҳои халқи дигаре,*
*Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре –*

Беихтиёр аз қитъаи маснавии машҳури Саъдӣ ёд мекунем:

*Банӣ Одам аъзои як пайкаранд,*
*Ки дар офариниш, зи як гавҳаранд.*
*Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,*
*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.*

Таваҷҷӯҳ ба ҳамин суннатҳои дерпои гуманистии адабиёти форсии тоҷикӣ буд, ки устод Турсунзода, дар миқёси Шӯравӣ, то ҳадде ба сурати барномавӣ ҳам барои нашри афкори башардӯстонаи ин қудрати ҷаҳонии он рӯзгор интихоб гардид.

Хулоса, кохи мӯҳташам ва зебои назми Турсунзода таврест, ки аз дурдаст намои устодонаи он назаррабоӣ мекунад ва замоне, ки бинанда вориди он мегардад ва ҳарчи бештар зеҳн мемонад, мебинад, ки рӯйи ҳар хишти он бо нақшҳои дилкаш ва ҳакимона ороста шудааст.

Шинохти воқеии арзиш ва арҷи ашъори устод Турсунзода дар айни ҳол тасдиқи асолати миллӣ ва қимати воқеии осори насли баъдии адабиёти тоҷик аст, ки бо шурӯъи кори суханварӣ дар муҳит ва фазои ин ашъор дар масири камоли назми навини форсии тоҷикӣ роҳ паймудаанд ва ба офаридани осори қобили таҳсин даст ёфтаанд.

Соли 2011

# БОҚӢ РАҲИМЗОДА – ШОИРИ СУННАТГАРО ВА НАВОВАР

*Боқӣ Раҳимзода яке аз шоироне мебошад, ки беҳтарин анъанаҳои назми ҳазорсолаи тоҷикро давом дода, онро ба рӯҳи муосирони мо мутобиқ гардонидаанд.*

*Мирзо Турсунзода*

Тавре ки аксари муҳаққиқон ва донандагони шеъри устод Боқӣ Раҳимзода мӯътақиданд, шеъри ӯ аз чанд манбаъ нашъат гирифтааст:

Эҷодиёти халқ, шеъри классики тоҷик, шеъри муосири тоҷик ва шеъри муосири ҷаҳон (асосан форсизабон ва русзабон). Аз ин шумор нақши бештарро эҷодиёти халқ ва шеъри классики тоҷик ташкил медиҳад.

Ончи ба шеъри классикӣ марбут мешавад, иборат аз жанр ва таркибу қолаби шеър, забони шеър, системаи образҳо ва талмеҳот ва дар маҷмӯъ заминаи тафаккур ва андешаву завқи адабӣ мебошад. Дар ин замина метавон гуфт, ки дар эҷодиёти устод Боқӣ Раҳимзода тақрибан ҳамаи жанрҳо ва навъҳои назми суннатӣ, ба ҳадди зиёде таркибҳои забони адабиёти суннатӣ, образҳо ва талмеҳот ва анвоъи андешаи адабӣ ва равияҳои адабӣ ба мушоҳида мерасад.

Пайванди адабиёти классикӣ ва эҷодиёти халқ ба унвони ду манбаъи аслӣ дар шеъри устод Боқӣ Раҳимзода ба таврест, ки ин ду манбаъ ба якдигар идғом шудаанд. Ба таъбири дигар он навъ аз матнҳо ва маъниҳои адабиёти классикӣ ва то ҳадде ҳатто таркибҳои сохтории назми суннатӣ дар шеъри устод Боқӣ Раҳимзода ба назар мерасад, ки дар муҳити адабии мардумие, ки шоир аз овони тифлӣ ва мадрасахонӣ ба сар мебурд, ин матнҳо ва маъниҳо ва қолабҳо дар таркиби фарҳанги мардумӣ ҳал шуда, ҳатто аз баъзе осори мазкур вариантҳои халқӣ ба вуҷуд омада буд. Ин хусусияти таъсири адабиёти классикӣ, ки ба даврони мадрасагии шоир рабт дорад, то охир дар эҷодиёти ӯ боқӣ монда ва нақши асосӣ бозидааст.

Аз назари матлаби фавқ дар эҷодиёти устод Боқӣ Раҳимзода бештар таъсири каломи Мавлоно, Аҳмади Ҷомӣ, Ҳофиз ва Бедил мушоҳида мешавад. Яъне шоироне, ки дар муҳити даврони мадрасагии шоир нақши аз ҳама бештарро дошта, шеъри онҳо дар таркиби фарҳанги мардум ҳал шуда буд ва то ҷое бо эҷодиёти гуфтории мардум даромехта буд. Аз ин рӯ дар шеъри устод Раҳимзода, ҳамон тавре ки дар забони зиндаи мардуми муҳити ишон буд ва ҳаст, дар канори калимот ва ибороти сода, калимаҳо ва таъбирҳои дар назари аввал бисёр китобӣ, илмии мадрасагӣ, истилоҳоти ақидатӣ, мазҳабӣ ва ирфонӣ ба осонӣ ҷой мегиранд. Зеро воқеан агарчи ин калимаҳову таъбирҳо хеле китобӣ, истилоҳи мадрасагӣ ҳам бошанд, дар фарҳанги мардум ҳал шуда ва барои мардум мафҳум ҳастанд. Масалан:

*Корвони зиндагиро пеш мебурдем мо,*
*Борҳо мо рӯбарӯ гаштем бо хавфу риҷо.*

«Хавфу риҷо» (биму умед) матлаби комилан фалсафии мазҳабист, як мавзӯъи фалсафаи ислом аст ва агарчи зоҳиран бисёр китобист, ба воситаи омӯзишҳо ва таълимоти суннатӣ комилан мардумӣ ва барои мардум мафҳум аст ва бино бар ин шоир аз корбурди он ибо намекунад. Ин хусусият дар бештари ашъори шоир, бахусус дар ғазалиёти ӯ ба назар мерасад. Ба гуфти шоир ва муҳаққиқи эронӣ Ализо Қазва «Ба эътиқоди ман аз насли аввалиҳои ғазали имрӯзи Тоҷикистон, дастпарвардаи таҷрибиёти устод Айнӣ камтар ғазалсарое ба андозаи Боқӣ Раҳимзода нававарии забонӣ мубтанӣ бар мероси адабӣ доштааст. Ба баёни дигар нававариҳои решадор ва дар бистари суннатҳои адабии ин шоир бисёр қобили тааммул ва тақдир аст. Шояд ин нававариҳо дар чанд ғазал ва радифи тозаи ӯ хулоса шавад ва дар қиёс бо нававариҳои ғазалсароёни имрӯзи тоҷик талоши ӯ чандон ба чашм наёяд, аммо дар рӯзгоре, ки ба фурми ғазал ҷуз аз ноҳияи чанд шоир чун Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода нававарии ҷиддие мушоҳида намешуд, ҳамин мухтасар навгароӣ худ ғанимате буд, то дар наслҳои

баъд ба зуҳури чеҳраҳои матраҳ ва бузурге чун устод Лоиқ ва Бозор Собир ва Мӯъмин Қаноат ва… ин навоварӣ ба самти камол гом бардорад».

Суннат ва навоварӣ дар ҳамаи анвоъи ашъори устод Боқӣ Раҳимзода ҳамроҳи доимии якдигаранд. То ҷое, ки дар ҳеч як шеъри ишон наметавон бо итминон гуфт, ки як қолаби аз аввал қарордодӣ то охир ба як дастур риоят шавад. Метавонад ҳар лаҳза дар пайкари шеър дигаргуние ворид гардад. Ҳатто ғайриинтизор. Бештар ин хусусиятро метавонем дар мусамматот ва таркиббандҳо ва тарҷеъоти шоир, ки шуморашон зиёд аст, мушоҳида намоем. Гоҳе мебинем, ки дар ду банд як байти тарҷеъ омада ва дар банди сеюм тағйир кардааст, гоҳе таркиббанд бо як мисраъи такрор омада ва дар бандҳои баъдӣ он ду мисраъ шуда ва боз дар бандҳои дигар тағйир ёфтааст. Аз раванди таҳаввули шеъри нав маълум аст, ки мусамматоти навоварона яке аз роҳҳои аслии расидан ба арӯзи нав будаст. Ин равандро то арӯзи нав ба равшанӣ дар идомаи эҷодиёти Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собиру Гулрухсор ва шоирони дигари баъдӣ метавон мушоҳида кард. Пас, маълум мешавад, ки устод Боқи Раҳимзода ҳам дар ҳамин масир хеле пеш рафтааст. Устод Мӯъмин Қаноат дар сарсухане, ки барои куллиёти устод Боқӣ Раҳимзода навишта ёдоварӣ менамояд, ки ишон ба мо таъкид мекарданд, ки бояд шеъри нав бинависем ва худ ҳам бо ин таъкид маҳдуд нашуда, гоҳ-гоҳ намунаҳои навоварона нишон медоданд ва хеле муваффақ ҳам буданд. Аммо беҳтар медонистанд, ки аз ҳамон сабки сунатии худ убур накунанд.

Таҷрибаҳои навоваронаи устод Боқӣ Раҳимзода бештар дар сурудҳояш амалӣ гардидаааст. Бешубҳа ӯ дар даврони худаш беҳтарин сурудҳои тоҷикиро дар мавзӯъҳои ватандӯстӣ, васфи заҳматкашон, муҳаббати инсонӣ ва ғайра сурудааст. Таркиби нави қолаби назм ва хусусиёти барҷастаи вазну оҳанг дар ин сурудҳо муваффақияти онҳоро таъмин кардааст. Аз ин қабил метавон аз сурудҳои «Халқи бузургворам», «Дилоройи, Душанбе», «Тоҷикистонам», «Республикаи ман», «Дар лаби обе», «Гули садбарг», «Нигоҳе», «Фаҳмидамат», «Дигар марав».

Репертуари вазн ва ритми ашъори Боқӣ Раҳимзода бисёр ғанӣ аст. Шояд бештар аз ҳар шоири дигар вазнҳои гуногунро истифода кардааст ва дар ин истифода тақрибан ба иштибоҳе ва сактае роҳ надодааст. Зоҳиран, бештар рӯйи матни сурудҳо кор кардани шоир боиси ин танаввуъи авзон ва қолаби шеър дар эҷодиёти шоир гардидааст. Гоҳе вазнҳои нодире дар ашъор устод Боқӣ Раҳизода ба назар мерасад, ки назири онро дар дигар ҷо камтар пайдо мешавад. Масалан дар шеъри «Таронаи озодӣ»:

*Барқ шӯъла зад, раъд наъра зад, маҳв шуд саҳоб,*
*Бод шуд вазон, мавҷ шуд дамон, бар шуд офтоб.*

Минбаъд дар осори шогирдони ишон намунаи равшани пайравӣ аз вазнҳои бакорбурдаи вай мушоҳида мешавад. Мисол шеъри «Ҳосили умр» (Лоиқ «Баҳор мешавад» ва М. Қаноат «Бародарам») ва «Давоми мо» (М.Қаноат «Обшор», Б.Собир «Антигона», Лоиқ «Ғурури Рустам»), ки дар ин ашъор на танҳо шабоҳати вазну оҳанг, балки таркибҳо ва ибороти мушобеҳро метавон мушоҳида намуд ва ҳамчунин тавре ки худи устод Боқӣ Раҳимзода интизор дошт ва таъкид менамуд, пешрафти ҳунарии насли навини шоирон низ маълум мегардад. Шеъри «Давоми мо» аз чанд ҷиҳат қобили таваҷҷӯҳ ва бознамояндаи вижагиҳои маънавӣ ва шаклии шеъри устод Боқӣ Раҳимзода мебошад. Ин шеър баёнгари пайванди бисёр маънавӣ, отифӣ ва самимонаи шоир бо шеър ва дар маҷмӯъ муҳити фарҳанги суннатӣ ба воситаи Ҳофизи малакутӣ мебошад. Дар аввали ин шеър омадааст: «Ба ёдбуди Ҳазрати Ҳофиз». Ҳамин ибораи «Ҳазрати Ҳофиз» худ дар замони таълифи ин шеър шуҷоати адабиест, ки ба фазли табъи риндонае, ки муҳити адабӣ ҳаққи доштани онро ба ин шоири зарофатгӯ дода буд, муяссар гардидааст. Аммо барои худи шоир ин нишонаи боризи эҳтиром ва тамҷидест, ки нисбат ба Ҳофиз халқу миллати ӯ дорад. Ин ибораи мардумист. Ин шеър дар вазни хушоҳанг ва мӯҳташами музореъи мусаммани ахрабу макфуфи маҳзуф ва мақсур (мафъӯлу, фоилоту, мафоӣлу, фоилун ё фоилон) бар мабнои ғазали

Ҳофиз, ки мисраи охири он (Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо) мебошад, суруда шудааст. Нахустин ва беҳтарин шеърҳои навоваронаи адабиёти навини тоҷик ба ин вазн суруда шуда ва ба гуфти муҳаққиқон ривоҷи дигарбораи ин вазн дар адабиёти мо нишонаи боло рафтани маданияти каломи бадеъ буд. Дар мунтахаби ғазалиёти Ҳофиз беш аз 50 ғазал ба ин вазн мебошад ва ғолибан ин ғазалҳое ҳастанд, ки ҷанбаи ирфонии қавӣ доранд. Дар ин шеър, тавре ки дар шеъри устод Мӯъмин Қаноат бо тазмини мисрае аз Ҳофиз (ки ноз бар фалаку ҳукм бар ситора кунем) мушоҳида мегардад, шоир ба фазо ва муҳити мӯҳташам ва мамлу аз ҳиммати волои орифонаи Ҳофиз ворид мегардад ва бо эҳсоси қудрат сухан мегӯяд:

*Аз санги хора лаъли нигин кардаам бурун,*
*Аз умқи баҳр дурру гуҳар баркашидаам.*
*Аз хусравон гузаштаву дар кӯҳи Бесутун*
*Эҷоди нақши тешаи Фарҳод дидаам.*

Ин навъ баёни ҳиммат ба воситаи қаҳрамони воло ва салобату шукӯҳи сухан минбаъд дар шеъри «Ғурури Рустам»-и устод Лоиқ Шералӣ мушоҳида мешавад:

*Ман гардани адовати шайтон шикастаам,*
*Ман мӯҳраи сиёсати шоҳон шикастаам...*

Чунин табъозмоии риндона ва бозарофату самимона бо аслофи бузургвор яке аз рукнҳои маънавии ашъори устод Боқӣ Раҳимзода қарор мегирад. Агар арзи ҳиммат ва шуҷоат дар осори он бузургворон аз ноҳияи ирфон ва шӯру мастии орифона бошад, пас, шоири муосир гоҳе ба ҷид ва гоҳе бо зарофат ба мавқеияти волои иҷтимоии худ ва имконоте, ки гӯё замон дар ихтиёраш қарор дода, ишора мекунад. Беҳтарин намунаи ин навъ сабқати зарофатомезро дар ғазали шоир бо радифи «як табассум кун» метавон мушоҳида намуд:

*Фалакро баҳри лабханди ту таъмири дигар кардам,*
*Қамарро зери поят мегузорам, як табассум кун.*
*Табассум то ки дар гирди лабат маъво кунад умре*
*Димор аз рӯзгори ғам барорам, як табассум кун.*

Ин ғазал беихтиёр матлаи барҷастаи ғазали Ҳофизро ба ёд меорад:

*Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,*
*Фалакро сақф бишкофему тарҳе нав дарандозем.*
*Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад,*
*Ману соқӣ ба ҳам созему бунёдаш барандозем.*

Ва гӯё акнун шоир ба он ормон расида ва «бар мунтаҳои ҳиммати худ комрон» шудааст:

*Ба ҳифзи он табассум хасмро аз пой андозам,*
*Замон додаст ин сон иқтидорам, як табассум кун.*

Радифи тоза, таркиби нави ибораоройӣ ва эҳсосоти заминӣ имкон медиҳад, ки дар пайкари ғазали классикӣ рӯҳиёти нав эҷод шавад.

Ба ғайр аз ин устод Боқӣ Раҳимзода ғазалҳое низ дорад, аз нигоҳи таркиби таъбирҳо ва тафаккуру эҳсос гӯё комилан дар муҳит ва фазои адабиёти классикӣ (мутассир аз шеъри Бедил) эҷод шуда, мулоҳизаи онҳо дар муҳити воқеии замони шоир ғариб ба назар мерасад. Аз он ҷумла:

*Амиқандешаам, з-он гавҳару кон дар бағал дорам,*
*Муҳаббатпешаам, лаъли Бадахшон дар бағал дорам…*
*Нигористони шеърам, гулшани эҷоди маъноям,*
*Баҳористони шавқам, сад дабистон дар бағал дорам…*
*Фурӯғи анҷуманорои ёрон будаам умре,*
*Агар донанд, ман шамъи шабистон дар бағал дорам.*

Аммо шоир дар дар ин муҳит пойбанд нест, балки гоҳе вориди он мешавад, то табъозмоӣ кунад ва фазои доимии

эҷодиёти ӯ ҳамоно фазои рӯзу рӯзгори воқеии ӯст ва бахусус ашъори ғаноии ӯ сухан ва суруди рӯз аст. Ин фосиларо шоир ба воситаи танз ҳамвор мекунад ва танзгӯии ӯ дар матни шеъри нав гӯё як навъ узри малеҳест, ки фосила гирифтани ӯро бо шеъри мактабӣ ва классикӣ ҷуброн менамояд.

Ашъори ғиноии (лирики) шоир бо вуҷуди зарофат ва назокати эҳсосу авотиф, ҳамеша дорои ҳикмат ва панду андарз ҳам ҳаст. Ҳатто гоҳе ин дар ашъор дар пардаи танзу зарофат масоили ахлоқӣ ва эстетикиро ба миён гузошта мешавад. Аз ҷумла дар шеъре бо байти:

*Илтиҷо дорам, ки мӯятро мабур,*
*Кокулони мушкбӯятро мабур.*

Ва шеъри «Як илтимос» (Илтимос ин ки айнакатро гир) ва чунин мазмунҳо дар таркиби ашъори дигар.

Беш аз ин, дар осори Боқӣ Раҳимзода намунаҳоеро метавон мушоҳида кард, ки ишон ба сароҳат ба арзишҳои фаромӯшшудаи миллӣ ва суннатӣ арҷгузорӣ намуда, аз беэътиноӣ нисбат ба ин арзишҳо гила кардааст. Масалан, дар шеъре дар васфи Наврӯзи бостонӣ, ки аз мазмуни шеър пайдост он хеле қаблтар аз расмият пайдо кардани ин ҷашни суннатӣ суруда шудааст, мехонем:

*Гули бодом бӯи нози наврӯз,*
*Гилеми сабза пойандози наврӯз,*
*Ба роҳат абри найсон дур бипошад,*
*Ки тундар оварад овози наврӯз…*

*Агар як сол н-ойӣ, даҳр пир аст,*
*Ба номат сад қасам, дунё ҷазир аст.*
*Машав ғамгин, агар ҷашнат нагиранд,*
*Ки номат сархату туғрои шеър аст.*

Аммо дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки бо вуҷуди як шоири нисбатан суннатгаро будани устод Боқӣ Раҳимзода

тақрибан ҳар як шеъри ӯ ҳомили унсурҳои таҷрибаи навоварона аст ва ӯ мисли устод Турсунзода ҳамеша кӯшидааст, ки намуна бидиҳад ва пеш-пеш заминаи шеъри нави тоҷикро фароҳам созад. Албатта, ин кор ҳиммати эҷодӣ мехоҳад. Зеро ҳосили таҷриба кардан ва эҷодиёти худро дастхуши таҷрибаи ҳамешагӣ қарор додан дар батни амр чандон тазмини муваффақиятро ба ҳамроҳ надорад. Танҳо эҳсоси рисолати адабӣ буда, ки метавонист шоирро ба ин кор водорад. Дар матни адабиёти замон мавриди пажӯҳиши муфассал қарор додани навовариҳои воқеии устод Боқӣ Раҳимзода на танҳо барои беҳтар шинохтану шиносондани мақоми эҷодии ишон, балки барои равшан кардани масири тайшудаи таҳаввули назми муосири тоҷик бисёр боаҳаммият мебошад.

Ва дар маҷмӯъ адабиёти даврони шӯравии тоҷик имрӯз мавриди довариҳои нав қарор мегирад, ки ин як амри қонунӣ ва табиист. Ин довариҳо бештар бар мабнои ду ҷанба сурат мегирад: асолати адабӣ, бадеият ва ҷанбаи ақидатӣ ё идеологӣ. Бо як сухан адиби даврони шӯравӣ наметавонист ба куллӣ хориҷ аз чаҳорчӯби идеологии замони худ бошад, аммо имрӯз беҳуда аст, агар касе осори онҳоро барои тасдиқи дурустии идеологияи ҳокими гузашта васила қарор бидиҳад ё баракс танҳо маҳдуд ба ҳамин идеология дониста чун як ҷузъи он комилан инкор намояд. Балки бояд имрӯз арзиши ин осор аз он дидгоҳ ҷустуҷӯ шавад, ки онҳо бар тибқи суннатҳои дерини адабиёти оламшумули форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти ҷаҳон дар ҳудуди барои он рӯзгор имконпазир арзишҳои волои маънавӣ ва инсониро ситудаанд, шамъи адаби тоҷикро зинда нигоҳ доштаанд, забони адабии тоҷикро ҳифз кардаанд ва беш аз ин намунаҳои ҳунариеро ба вуҷуд овардаанд, ки бешубҳа шеъри асил ба шумор меояд.

Агар аз дидгоҳи гароишӣ ва меҳвари ақидатӣ ба ин нукта таваҷҷӯҳ шавад, ки насли навини адабиёти тоҷик ба кадом ҷанбаи маънавии эҷодиёти пешиниён бештар таваҷҷӯҳ кардааст, бешубҳа ин натиҷа ҳосил мегардад, ки ин нуктаи маънавӣ инсондӯстӣ ва ё гуманизм будааст. Инсондӯстӣ,

гуманизм ҳастаи аслии адабиёти оламгири форсии тоҷикиро ташкил медиҳад ва ҳамин амр боиси он гардид, ки масалан устод Турсунзода мунодии дараҷаи аввали паёмҳои башардӯстонаи низоми шӯравии собиқ дар олами он рӯз шинохта шавад.

Таваҷҷӯҳ ва таъкиди хоси шоирони тоҷик бар моҳияти инсонӣ ва башардӯстонаи шахсият ва осори пешкисватони ин адабиёт, аз ҷумла устод Боқӣ Раҳимзода, на танҳо гувоҳи садоқати онҳо ба ин шахсиятҳо, балки гувоҳи пойбандӣ ва садоқати самимии онҳо бар ин асли маънавии андешаи адаби форсии тоҷикӣ, яъне башардӯстӣ ё гуманизм буд. Шахсияти устод Боқӣ Раҳимзода пас аз даргузашти ишон василае қарор гирифт, ки шоирони тоҷик ин мавзӯъ ва ин маъноро, ки дар умқи рӯҳу равонашон буд, бо баландтарин ва самимонатарин оҳангҳо бисароянд. Ин сурудаҳо дар он рӯзгор як навъ қиёми маънавӣ ҳам буд.

Гуманизм, башардӯстӣ, ҳифзи кароматы инсон бешубҳа ҳамон меҳвари аслии адабиёти форсии тоҷикӣ аст, ки чун он «шамъи шабафрӯз» бо ҷоннисории пешиниён дар тӯфони ҳаводиси рӯзгори гузашта зинда нигоҳ дошта шуда то имрӯз расидааст ва имрӯз ҳам он нуктаи маънавӣ ва меҳвари ақидатие, ки ваҳдати андешаи адабиёти милии тоҷик ва эътибори онро дар дунёи муосир таъмин мекунад, ҳамин маъност.

*На нағмаи ҷонсӯзи ироқӣ монад,*
*На ҷому на бодаву на соқӣ монад.*
*Олам ба сад ойини дигар баргардад*
*В-он кас, ки накӯӣ кард, боқӣ монад.*

Соли 2010

# ФИДОИИ МАОРИФ ВА АДАБИЁТ

**Соли 2010 яке аз нахустин муаллимони мактаби навини тоҷикӣ, муаллифи чандин китоб ва дастурҳои дарсиву таълимӣ, журналист ва муҳаққиқи тоҷик, ширкаткунандаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ҳамид Бақозода 100 – сола шуд. Ӯ касест, ки нахустин бор масъалаи таҷлили ёдбуди сардафтари адабиёти форсии тоҷикӣ устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакиро бо қатъият матраҳ кардааст ва аз нахустин қаламбадастонест, ки барои дар як иттиҳод гирд овардани адибони тоҷик ҳам бо сухан ва ҳам бо фаъолиятҳои бевосита талош намудааст.**

**Ҳамид Бақозода танҳо 33 сол умр дидааст ва самараи умри мухтасари ӯ қобили таҳсину тақдир ва нақши дурахшонаш дар илму фарҳанги тоҷик носитурданист.**

Дар бораи иттифоқоти шигифтангези адабиёт ва осори адабӣ, бахусус, осори орифонаи бузургворони адабиёти классики форсу тоҷик нақлу ривоятҳо зиёд аст ва ин нақлу ривоятҳо ҳам бештар бо ном ва сарнавишти шахсиятҳое гиреҳ хурда, ки худ зиндагиашонро вақфи ҳамин адабиёт кардаанд. Яке аз ин иттифоқоти нодир бешак фарҷоми шаҳидонаи зиндагии кутоҳ, вале пурбаракати Ҳамид Бақозода мебошад.

Ҳикмат Раҳматуллоев яке аз шахсиятҳои маъруф ва ходими фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои шӯравӣ дар ёддоште дар бораи охирин мулоқоти худ дар майдони Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо Ҳамид Бақозода нависанда, рӯзноманигор, муҳаққиқ, мунаққид, устоди адабиёт ва забони тоҷикӣ, ки зиндагии худро дар солҳои барқарории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисори ватан ва миллат кардааст, менависад, ки бо мавсуф иттифоқан дар майдони ҷанг мулоқот кардааст. Дар ҳоле ки Ҳамид Бақозода савори аробаи мутааллиқ ба ҷабҳа барои иҷрои маъмурияте ба сӯи беша ҳаракат мекард: «Бақозода тозиёнаро ба ҳаво ҷавлон дод, чарххои

ароба ғиззосзанон ба ҳаракат омаданд. Мо аз паҳлуи ароба то беша қадамзанон ва сӯҳбаткунон рафтем…

*Бигзор, то бигирям чун абр дар баҳорон,*
*К-аз санг нола хезад рӯзи видоъи ёрон.*

Бақозода ин байти Саъдии Шерозиро ба ҳасрат хонда, аз ароба ба ақиб нигоҳ накарда, раҳсипор гардид. Таъсир ва таассуроти мулоқоти ғайричашмдошт ҳанӯз бартараф нашуда, ногоҳ аз ҷониби ғарб ғур-ғури гӯшкаркунанда ва нофорам торафт наздиктар шудан гирифт. Самолётҳо ба деҳа ва бешазор паси ҳам бомба меандохтанд. Пардаи ғализи чангу ғубор осмони деҳаро чун абри сиёҳ пӯшид…

Ба ҷониби бешазор рӯ овардаму ҳуш аз сарам парид, хун ба сарам зад. Аз бешазоре, ки ҳамагӣ чанд дақиқа пеш сабзу хуррам буд, фақат танаҳои урёну бешоху барги дарахтони бузург боқӣ мондаанд… Аз байни дуду оташи бешазор аспи бенухтаи ҳаросон гоҳ ба чап, гоҳ ба рост алвонҷ хурда девонавор ба тарафи мо медавид. Аспро шинохтам. Ин аспи аробаи Бақозода буд…».

Ин байти Саъдии Шерозӣ, ки яке аз намунаҳои барҷастаи ҳусни матлаъ мебошад, ҳусни мақтаъи ғазали зиндагонии ҷовидонаи марде гардид, ки танҳо баршумурдани осори ӯ, танаввуъи мавзӯъӣ ва аҳаммияти ин осор ва қиёси ин ҳама бо муддати кӯтоҳи зиндагонии ӯ ҳар касеро ба ҳайрат меорад.

Ишон рӯзи 5 майи соли 1910 дар Самарқанд дар хонаводаи зиёӣ ба дунё омадааст. Падараш Бақохоҷа бо устод Айнӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ҳамкорӣ кардааст. Ҳамид Бақозода дар донишкадаи омӯзгорӣ дар Тошканд ва Самарқанд таҳсил намуда, пас аз хатми донишкада дар омӯзишгоҳҳои тарбияти муаллими Самарқанд, Панҷакент ва Истаравшан дарс гуфтааст. Ҳамзамон дар сафаҳоти рӯзномаву маҷаллаҳои «Овози тоҷик» («Ҳақиқати Ӯзбекистон» ва имрӯзҳо боз «Овози тоҷик»), «Бедории тоҷик», «Раҳбари дониш» («Барои адабиёти сотсиалистӣ»,

имрӯза «Садои Шарқ») мақолаҳои таҳлиливу пажӯҳишӣ ва хабарҳои муҳимро ба чоп мерасонд. Мазмуну мӯҳтавои мақолаҳои мунташираи Ҳамид Бақозода аз як тараф шоҳиди дониши зиёд ва аз сӯи дигар гувоҳи эҳсоси баланди масъулияти миллӣ ва равшангарии ишон мебошад. Аз ҷумлаи навиштаҳои муҳимми мавсуф, ки дар ҳалли масоили сарнавиштсози миллати мо нақши мушаххасе доштаанд, метавон аз мақолаҳои «Дар арафаи мухторияти Тоҷикистон», «Барои маорифи тоҷикон», «Матбуоти тоҷикиро тавсиа мебояд дод!», «Тарбияти тоҷикон дар Ӯзбакистон», «Тоҷикон забони худро хоҳонанд», «Китобҳои тоҷикӣ», «Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» ва ғайра, ки дар давоми солҳои 1924-30 чоп шудаанд, ёдоварӣ намуд.

Ҳамид Бақозода дар муҳити он рӯзи илмиву адабии Самарқанд табиист, ки аз машварат ва ҳидоятҳои устод Садриддин Айнӣ бебаҳра набуд ва бо таваҷҷӯҳ ба мӯҳтавои бисёре аз мақолаҳои пажӯҳишӣ ва тарҳи масъалаҳои муҳимми забону адабиёт ва фарҳанги тоҷик намои ин ҳамкорӣ ва ҳамсӯии андешаҳо ва кору пайкори маорифпарварона ва равшангарона ошкор аст. Чунин иттифоқи барои он солҳо табиӣ ба сари Ҳамид Бақозода ҳам афтода, ки мухолифон ва интиқомҷӯён бар ӯ доғи мудҳиш ва сарнавиштсӯзи «душмани халқ»-ро задаанд, вале бо васотати шахсии устод Айнӣ аз ин мӯҳлика ҷон ба саломат бурдааст.

Аз назари замони шурӯъи фаъолияти эҷодӣ камтар касеро дар таърихи журналистика ва матбуоти тоҷик метавон пайдо кард, ки бо Ҳамид Бақозода қобили қиёс бошад. Нахустин мақолаҳои бисёр муҳимми таърихии ӯ дар замоне ба чоп расидаанд, ки муаллиф ҳамагӣ 14 сол доштааст. Ба шаҳодати фарзанди ишон адабиётшиноси маъруфи тоҷик Ҷӯрахон Бақозода вай дар ин синну сол он қадар ба шавқу шефтагӣ ба кори матбуот машғул будааст, ки ҳатто таваҷҷӯҳ намекардааст, ки барои чопи мақола бояд «ҳаққи қалам» бигирад ва пас аз чопи шумораи зиёде аз мақолоти

муҳим вайро ҳисобдори рӯзнома даъват мекунад ва ӯ дастмузди шояд яксолаи худро дар домани дарози пираҳани карбосиаш бардошта ба хона меорад ва дар фарши хона пеши пои модараш мерезад.

Аз вижагиҳои фаъолият ва шахсияти Ҳамид Бақозода яке ин буда, ки ишон ҳамеша талош мекардааст, то маҳфили адабӣ бо ҳузури устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ ва дигар аҳли қалами Самарқанд фаъол ва гардон бошад ва ғолибан ин маҳфилҳоро дар ҳавлии васеъ ва хушҳавои худ, дар маркази шаҳри Самарқанд баргузор мекардааст. Аз рӯйи баъзе шавоҳид ва далоил метавон ҳадс зад, ки Ҳамид Бақозода масъули аввали маҳфили адабии маъруф ба номи «Қалами сурх» низ будааст.

Адабиётшинос Боймурод Шарифзода дар мақолае, ки ба зиндагӣ ва фаъолияти Ҳамид Бақозода бахшидааст, (Омӯзгор//26 марти 2010) ӯро намояндаи насли севуми маорифпарварони тоҷик меномад. Дар ҳақиқат, мувофиқтарин таъбире, ки битавонад ҳовии ҳамаи ҷанбаҳои фаъолиятҳои рӯшангаронаи Ҳамид Бақозода бошад ва шахсияти илмиву адабӣ, иҷтимоиву маънавии ишонро ба дурустӣ бинамоёнад, ҳамин истилоҳи «маорифпарвар» аст. Зеро агар аз як сӯ маҳфили илмиву адабӣ ва рӯзноманигории Самарқанд бавижа бо ҳузури устод Айнӣ ва дигар собиқадорони мактаби ишон дар шароити нав аз тариқи матбуот ва адабиёт пайгирии бисёре аз масоил ва аҳдофи маорифпарваронаро идома мебахшид, аз сӯи дигар Ҳамид Бақозода ба таври бевосита ба фаъолияти муаллимӣ дар донишкадаҳои тарбияти муаллим ва таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимӣ машғул гардидааст. Ба тавре ки метавон гуфт, ҳам аз назари ҳаҷми ин осор ва ҳам аз нигоҳи аҳаммияти он шояд муҳимтарин бахши фаъолиятҳои ишон ҳамин фаъолиятҳои марбут ба маориф ва омӯзиш бошад. Шумораи китобҳои омӯзишии вай дар заминаи адабиёт ва забони тоҷикӣ беш аз сӣ номгӯйро ташкил медиҳад, ки аз он ҷумла китобҳои зайл мебошанд: «Машқҳои имлоӣ. Қисми 1. Барои синфҳои 1 ва 2-и мактабҳои ибтидоӣ. – Сталинобод, 1936; Хрестоматияи ада-

биёт. Барои синфҳои сеюми мактабҳои ибтидоӣ. Қисми 1, чопи 4. – Сталинобод, 1936, 1937, 1938, 1939; Забони тоҷикӣ барои мактабҳои чаласаводон. – Сталинобод, 1936, 1937, 1938; Сарф (бо ҳамқаламии Тӯрақул Зеҳнӣ). Барои синфи панҷуми мактабҳои миёна. – Сталинобод, 1935; Забони тоҷикӣ. Грамматика ва орфография (бо ҳамқаламии Ҳилол Каримов). Барои мактабҳои чаласаводон. – Сталинобод, 1941; Китоби дарсии забони тоҷикӣ. Грамматика ва имло, қисми 3. Барои синфи сеюми мактабҳои ибтидоӣ. – Сталинобод, 1940 …

Кутуби номбаршуда ва китобҳои дигари дарсиву омӯзишии ишон пас аз шаҳодати муаллиф ҳам то соли 1949 борҳо ба чоп расидаанд. Лозим ба ёдоварист, ки бо таваҷҷӯҳ бар аҳаммияти таърихӣ ва муосири китоби «Сарф» чопи муосири он ба анҷом расида, ки дар рӯзи таҷлили 100-мин солрӯзи муаллиф дар Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон ҳамзамон маросими рӯнамои ин китоб баргузор мегардад.

Ҳамид Бақозода шояд аз нахустин касоне ҳаст, ки ба забони илмии муосири тоҷик низ таваҷҷӯҳ намуда дар мавриди забони китобҳои тахассусии тоҷикӣ назари худро баён намудааст. Мақолаи вай бо унвони «Дар бораи забони китобҳои тиббӣ» (январи соли 1927) далели ин иддао мебошад.

Мидҳат Беҳбудӣ яке аз нахустин муаллимони мактаби навин мақолаи муфассале бо унвони «Поягузорони маорифи халқ» дар хусуси аввалин мактабҳои нав ва муаллимони ин мактабҳо хотироти худро навишта, дар зимн шахсият ва салоҳияти ин муаллимонро тавсиф намудааст. Бахши муҳимме аз ин мақола ба хотироти ӯ ва дигарон дар бораи Ҳамид Бақозода ихтисос дорад. Аз ҷумла дар ин мақола омадааст:

«…Он вақтҳо ҳамаи мактабҳои тоҷикзабони Самарқанд забони модариро аз рӯи китоби «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ» меомӯхтанд. Муаллифони он китоб Ҳамид Бақозода ва Тӯрақул Зеҳнӣ буданд…

Ҳамид Бақозода илова ба ҳамаи фазилатҳояш яке аз журналистҳои аввалин ва ба маънои том рӯзноманигори оташинқалам буд. Асосан мақолаҳои танқидӣ менавишт. Хонандагони рӯзномаҳои «Ҳақиқати Ӯзбекистон», ки он вақтҳо дар Самарқанд чоп мешуд, мақолаҳои Бақозодаро поида мегаштанд. Ҳамин ки мақолаи ӯ баромад, дар корхонаю мактабҳо, клубу чойхонаҳо гурӯҳ-гурӯҳ нишаста мехонданд… Мақолаҳояш нишонрас, фошкунанда, пурмазмун, ибратомӯз буданд. Тарзи навиштани хабару мақолаҳоро ба мо ёд медод».

Ҳамчунин аз ҳамин мақолаи Мидҳат Беҳбудӣ маълум мегардад, ки Ҳамид Бақозода ба шоири тавоно Ҳабиб Юсуфӣ, ки ҳамчунин ба коми оташи Ҷанги Бузурги Ватанӣ рафт, ҳаққи устодӣ доштааст.

Мутолиаи мухтасари фаъолиятҳои илмиву адабии Ҳамид Бақозода бори дигар ин ҳақиқатро ошкор месозад, ки адабиёт, маориф ва фарҳанги муосири тоҷик бар пояи фидокориҳои бедареғи шахсиятҳое устувор гардида, ки ҳанӯз бисёре аз онҳо ба таври лозим шиносоӣ ва тақдир нашудаанд. Албатта шахси онҳо аз ин кор бениёз аст, вале падидор кардани манзараи куллии адабиёт ва фарҳанг, шебу фароз ва таҳаввули он бидуни анҷоми ин муҳим муяссар намегардад.

Майи соли 2010

# ҲАМОСАИ ИРФОНӢ

***(Дар ҳошияи “Масъуднома”-и устод Мӯъмин Қаноат. – Садои Шарқ №3, 2007)***

Аз нахустин давраҳои фаъолияти шоирии Мӯъмин Қаноат дар офаридаҳои адабии ӯ ду ҷанбаи неруманди адабиёти форсии тоҷикӣ – рӯҳи ҳамосӣ ва рӯҳи ирфонӣ дар канори якдигар қарор доштаанд. Мӯъмин Қаноъат замоне вориди арсаи адабиёт гардид, ки жанрҳои назм ба унвони лирикӣ (ғаноӣ) ва эпикӣ (ҳамосӣ) ба ду бахш тақсим гардида, аввалӣ махсуси баёни эҳсосоту авотиф, тасвири пурэҳсоси манзараҳо ва ҳамчунин нуктагӯӣ ва дувумӣ махсуси нақлу баёни воқеаҳо ва саргузаштҳо буд. Тавре ки хоси он даврон буд, ҳама чиз мушаххас гардида, чаҳорчӯб ва таърифи он таъйин шуда буд. Аз ин рӯ буд, ки борҳо перомуни таъйини хусусиёти жанрии навиштаҳои Мӯъмин Қаноат баҳсу баррасиҳои пурдомана сурат мегирифт. Аз ҷумла баҳс дар хусуси жанри достони машҳури шоир “Сурӯши Сталинград” дар сафҳаҳои рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои адабии шӯравӣ ба солҳо тӯл кашид, ки ин достон лирикист (ғаноӣ) ё эпикӣ (ҳамосӣ)?

Вале ҳақиқати амр ин аст, ки дар назми суннатии форсии тоҷикӣ ҳеч гоҳ марзбандии қатъӣ миёни ин ду навъи каломи бадеъ вуҷуд надошта ва ғолибан ҷанбаи неруманди маънавӣ ба ҳадде тасвирҳо ва ривоятҳоро аз шарбати маънавият саршор намудааст, ки банду баст ва қолаби нақли ҳамосӣ дар ин таркиби маънавӣ маҳлул гардидааст.

Аз ин нигоҳ аст, ки адабиётшиносон «Маснавии маънавӣ»-ро ҳамосаи маънавӣ номидаанд. Зеро агар аз сӯе дар таркиби он нақлу ривоёти зиёд ба кор рафта бошад, аз сӯи дигар азамати маънавии ин шоҳасар рӯҳи қаҳрамононаеро ҷилвагар месозад, ки одат шудааст, онро аз ҳамоса биҷӯянд.

Бо эҳсос бар зарурати таъйини вижагиҳои «Масъуднома» аст, ки устод Мӯъмин Қаноат барои нахустин нашри он дар «Садои Шарқ» №3-2007 тавзеҳоти мухтасареро

овардааст: «Ин ҳамоса ҳафт номаи сарбамӯҳр, розҳои ботинии Аҳмадшоҳи Масъудро ба хонанда мерасонад. Дар ду давраи набарди ӯ, даврони ҷиҳод ва муқовимат шахсияти ӯ дугона таъриф ё таҳриф шудааст. Ман кӯшидаам ҷанбаҳои инсонӣ ва қаҳрамонии ӯро шоирона ҷилва диҳам. Ин асар ангораест аз чеҳраи нотакрори рустамона, орифона ва ошиқонаи Масъуд. Ӯ қаҳрамони марказии достон, симои бадеӣ ва ормонӣ аст».

Оре, шахсияти Аҳмадшоҳи Масъуд ҳам чунон аст, ки ҳамоса ва маънавият, мардонагиву қаҳрамонӣ ва эҳсосу отифаи олии инсониро дар пайкар ва пайкори худ таҷассум намудааст. Аз ин рӯ замоне ки шоир ба сабки достонҳои пешини хеш ин достонро иборат аз «Ҳафт номаи сарбамӯҳр» бастабандӣ мекунад, дар зеҳни хонандаи огоҳ аз шахсияти Аҳмадшоҳи Масъуд ҳеч суоле пайдо намешавад. Зимнан таваҷҷӯҳи шоир низ бар ин аст, ки шахсияти Аҳмадшоҳи Масъуд ҳатто дар даврони зиндагияш дар ҷомеъаи тоҷику афғон табдил ба як устураи ормонӣ гардида буд ва мардум аз кору пайкори вай хуб огоҳ буданд. Ва аз тарафи дигар, тавре ки шоир дар дебочаи достон таъкидро лозим донистааст, шахсияти фардии ин қаҳрамон, ки дугона «таъриф ё таҳриф» шудааст, чандон муроди шоир нест, балки чеҳраи маънавӣ ва ормонии ӯ муроди ғоии нигоранда мебошад. Чеҳрае, ки ҷомеъаи рӯз ба он ниёз дорад, зеро ҳамеша, тавре ки устод Бозор Собир гуфтааст, «орзуи рӯҳи волою тавоно мекунад». Аз ин назар устураи ҳамосӣ ва адабии Аҳмадшоҳи Масъуд аз шахсияти биюгрофӣ ва маъмулии вай камаҳаммияттар нест, балки метавонад накши муҳимтар ва мондагортаре дошта бошад. Шоир бо тавозӯъ ин достонро «ангора» номидааст, яъне чанд хате, ки наққош қабл аз чеҳранигории комил рӯи коғаз ё порчаи наққошӣ мекашад. Вале гоҳе ин хатҳо он қадар дақиқ ва пурмаъно воқеъ мешаванд, ки айни таҷассуми комили чеҳраи манзури нигоранда мегарданд.

Аз ин нигоҳ шоир ниёзе ба нақлу ривоят аз саргузашти қаҳрамонаш эҳсос наменамояд. Заруратро бештар дар боз кардани ҷанбаҳои маънавии ин қаҳрамон мебинад.

Шурӯъи достон ҷолиб аст:

*Қафасфурӯш садо мекунад, ки зуд биё,*
*Ки мехарӣ зи даруну бурун навои зиё.*
*Биё, ки кабки дариаш ба сони шоҳин аст,*
*Ки ин сарои сароянда аст, эмин аст.*
*Ва ман қафас харидаму рафтам.*

Аз нигоҳи марде, ки бар баландои қуллаҳои маърифат ва тавони инсонӣ мерасад, ҳам вуҷуди худаш ва ҳам дунёи ҳастӣ, ҳам тасаввури роиҷ аз ин ҷаҳон мисли қафас аст, таъйини ҳудуд ва марзҳои зарфияти хештан аст, ки бо ташхис додан ва шинохтани он инсон барои замоне дар худ эҳсоси амният ва ҳайсият мекунад, аз вазъи муаллақ будан берун меояд. Вале дар ниҳоят, замоне ки ба авҷи шинохти ин ҳама мерасад, дармеёбад, ки ҳама тасаввур ва пиндор ё худ деворҳои қафас аст ва ё ҳалқаҳои занҷир.

Аз ин нигоҳ Масъуди Мӯъмин Қаноат сарбози русро ҳам, ки зери чатр (парашут) ба хоки афғон поин меояд, дар қафас мебинад. Ин ҷо чатр ҳам қафас аст, даррае ҳам, ки сарбоз ба он фуруд меояд, вале қафаси аслӣ пиндори ин сарбоз аст, ки аз тору пуди идеологии як абарқудрат бофта шудааст ва мисли як ҳаваси ширин ба ин сарбози ҷавон тақдим шудааст:

*Чу олам манзили меъроҷи инсон аст,*
*Ба роҳи Ҳақ расидан роҳи имкон аст,*
*Ва як тайёра ин дам дар Ниёб афтод,*
*Зи роҳи осмонӣ дар сароб афтод.*

*Ва дидам сарнишинаш дар қафас омад,*
*Ба зери чатр бо боли ҳавас омад,*
*Ва дидам қаҳрамони рус буд, оваҳ,*
*Раҳо кардам, бирав аз раҳ, аё бераҳ!*

Дар ин пораҳо ва дар ҳама тӯли достон хонанда ба ёди шоҳасари шоир «Сурӯши Сталинград» меафтад, ки низ ҳамосаи бузурги маънавӣ ва корномаи рӯҳи инсон аст. Қиёси аҷибе даст медиҳад. Шоире, ки азамати маънавии

миллати русро дар дифоъ аз ватанаш бо наҷибтарин рангҳо ба тасвир кашида буд ва худ низ бо қаҳрамони тоҷикаш, ки ҳамчунин Аҳмад ном дошт, дар он набарди беамон ширкат намуда, қурбониҳо дода буд, ба ҳукми таърих водор гардида, то саҳнаи зидду нақиз бо он саҳнаи қаблиро ба тасвир бикашад, ки ин бор қаҳрамони миллии ӯ дар дифоъ аз хоки худ бо сарбози рус дар набард аст. Гумон меравад, ки ин таносуби зидду нақиз барои шоир мушкиле эҷод намояд ва ё ҳамин тазод унсури таинкунандаи мундариҷаи достони нави вай гардад. Аммо онгуна, ки дар достони «Сурӯши Сталинград» буд, ин бор ҳам шоир бар фарози он қуллаи баланди маънавӣ қарор дорад, ки аз ин бурҷ танҳо ду нуқта, ду қутбро метавон мушоҳида кард – хайр ва шар. Ҷузъиёти дигар дар ин миён нопадид мегардад. Қаҳрамони вай Аҳмадшоҳ низ дар ҳамин иртифоъ қарор дошт. Таҷовуз ва шарорат, хайр ва наҷобатро вобаста ба мансубиятҳои нажодӣ намедонист. Аз ин рӯ замоне, ки муваффақ ба қатъи шарорат мегардид, беҳтар медонист, ки омил ва асбоби онро тағйир бидиҳад, тарбият бикунад, на ин ки қасос ва маҳв намояд.

Боризтарин шоҳидони ин пирӯзии ҷовидони Аҳмадшоҳ ҳам он душманони собиқаш ҳастанд, ки пас аз асорат мактаби маънавии вайро тай карда, ба дӯстони содиқаш табдил шудаанд. Ин мактаби ҷавонмардӣ ва ирфонии куҳанбунёди миллӣ ва исломӣ аст, ки дар торихи миллии мо намунаҳои дурахшон дорад, агарчи, сад тассуф, ҳамеша бо маҳрумиятҳо ҳамроҳ будааст.

Риққати қалб ва маънавияти волои Аҳмадшоҳ замоне бо дурахш метобад, ки вай аз кафтароне, ки дар зери тирборони душман дар дарраи Панҷшер пар-пар шуданд, узр мепурсад, аз номи ҳамаи инсонҳо, ки гурӯҳе ҷон ба ҷонпаноҳ кашиданд ва дигарҳо бар сари ин мушти пар тир бориданд:

*Миёни тиру оташ селаи мурғон*
*Ба монанди фаришта мезанад ҷавлон.*
*Пари парранда меборид аз офоқ,*
*Фиғони булбулон аз синаи муштоқ.*

*Ва ин рақси самоъи хайли мурғон буд,*
*Нафири ҷони мурғони хушилҳон буд.*
*Гирифтам кафтари беҷони мискинро,*
*Ба чашмонаш бидидам ашки рангинро,*
*Ва пӯзиш хостам аз хайли кафтарҳо,*
*Ва нафрин хондаам бар хайли аскарҳо.*

Агар банда бо зиндагиномаи Аҳмадшоҳи Масъуд (нависанда Муҳаммади Регистонӣ) ошноӣ намедоштам, ин саҳна ва ин эҳсосотро танҳо марбут ба шоир мепиндоштам, ки эҷоди саҳнаҳои саршор аз драматизм сабки барҷастаи офаридаҳояш мебошад. Вале дар асл ин як саҳна ва эҳсосоти воқеист, ки аз қалби Аҳмадшоҳ гузаштааст. Вай гулу гиёҳ ва ҷонварони меҳанашро ҳам мисли мардумаш дӯст медошт ва ғами онҳоро мехӯрд.

Онгуна ки дар ҳамаи достонҳои Мӯъмин Қаноат ҳаст дар ин достони мӯҷаз ҳам бахше ба Модар бахшида шудааст, ки дар айни ҳол рамзи Меҳан аст ва чунин шурӯъ мешавад:

*Маро бигзор, то танҳо гузорам ман намозамро,*
*Ба модар мегузорам ин намозу ин ниёзамро.*

Намоз бурдан ва намоз гузордан ба ғайр аз маънои мусталаҳи он, маънои таъзим ва тамҷид (бузургдошт)-ро дорад. Замоне ки Модар – Ватан мазлум қарор мегирад, доди онро хостан ва ҳаққи одилонаи онро таъмин кардан табдил ба вазифаи ҳам фарзандӣ, ҳам инсонӣ ва ҳам имонӣ мегардад. Озодии меҳани ишғолшуда амри муқаддасе аст, ки ҳама ормонҳои дигар дар гарави он қарор мегирад. Бино бар ин дар кишвари ишғолӣ, то даме ки дар тасарруфи бегонагон аст, ҳеч навъ ихтилофи назарӣ, ақидатӣ ва идеологӣ миёни фарзандони он кишвар, ки дар роҳи озодсозии он халал ворид созад, раво нест. Аҳмадшоҳ бо басирати комил дар ҳамин мавзеъ буд ва дар ҳамин мавзеъ ҷон бохт:

*Ту, эй Меҳан, ки будам рафт охир аз пайи судат,*
*Вуҷудам об шуд дар ин набарди буду нобудат,*
*На ман тоҷи каён ҷустам,*
*На амволи ҷаҳон ҷустам.*
*Туро ҳамчун макони адл дар кавну макон ҷустам,*
*Туро дарёфтам чун ҷавҳари номусу виҷдонам...*

Яъне Ватан танҳо як маҳдудаи хокӣ ва миллат танҳо як маҷмӯъае аз инсонҳо нест, балки дар дунёе, ки – зери гардун одам одамро хӯрад – миллате бар миллати дигар чарад – Ватан ва миллат мисдоқ ва мисоқи паймонест миёни гурӯҳҳои башар барои таъмини адолат ва ҳифзи шоистагии барҳақи инсонии худ. Ин аст, ки имрӯз, масалан, мафҳумҳои муҷарраде чун адолат, ҳуқуқи башар ва ғайра дар сарзаминҳои ишғолӣ бо метр ва километр андозагирӣ мешавад ва таҳаққуқ меёбад ё тахаллуф мешавад. Яъне зӯргӯёни ҷаҳон агар инсонеро дар ҷое бо баҳонаи миллати ғайр ва ё шаҳрванди ғайр буданаш таҳқир ва таъқиб мекунанд, ин инсони бечора дар зери ин чарх бояд фазое ва пораи замине дошта бошад, ки дар он аз ин баҳонаҳои таҳқиру таъзир раҳо гардад. (Ин ормони инсон ҳатто дар ду бахш кардани майдони бозӣ ҳам бозтоб ёфтааст). Бавижа агар ин инсон зода ва парвардаи обу хоке бошад, ки масдари нахустин эъломияи ҳуқуқи башар будааст, ки танзимкунандаи он Куруши Кабир аст ва бар тибқи баъзе аз шавоҳиди таърихӣ Искандари Зулқарнайн, чорасози офати Яъҷуҷу Маъҷуҷ ҳамӯст ва ин хок сарзаминест, ки бар тибқи устураҳо нахустин пайғоми осмонӣ бар он (бар кӯҳи Фурӯш) фуруд омадааст:

*Эй фалак,*
*Гӯй пайғоми мусово аз Куруш.*
*Эй Худо,*
*Як сурӯше овар аз кӯҳи Фурӯш.*

Агар ин ҳамаро устура ангорем ҳам, дастикам ин воқеиятро наметавон нодида гирифт, ки рӯҳи инсони ин

сарзамин парвардаи ин навъ ҳикматҳои мутаъолист, ки ҷавҳари онро шоистагии инсонӣ, баробариву бародарӣ ва озодӣ ташкил медиҳад ва инсони ин сарзамин худро аз дидгоҳи таърихӣ муртакиби ҳеч ҷурму ҷинояте намебинад, то бархӯрди ғайриинсонӣ нисбат ба худро чун сазои аъмолаш таҳаммул кунад. Бинобар ин дар муқобили чунин бархӯрд лолу ҳайрон мемонад ва дар пайи ҷустуҷӯи рози сиришти башар мебарояд. Худои ин инсон Худоест, ки бо хилқати ӯ нозидааст ва ҳама неъмати ҷаҳонро ба хотири вай офаридааст, на аз он илоҳаҳои мустабидест, ки фарде аз башарро (Прометейро) – ро барои расонидани неъмати оташ ба инсонҳо ба азоби ҷовидонӣ маҳкум намудаанд. Бинобар ин, инсони ин устураҳо ва ин фарҳанг дар баробари некӣ чашмдори некӣ аст ва инсонро барои инсон бародар медонад, на гург. Бо андеша бар сари ин нуктаҳо аст, ки ин хок, ин марзу бум муқаддас эҳсос мешавад ва:

*Агар з-ин хок монад чун кафи пое,*
*Дар он бошам чу кӯҳи пойбарҷое.*
*Ва аз нав Панҷшеру марзу користон,*
*Ва Солангу Бадахшону Тахористон…*

Ин инсони қаҳрамон, парвардаи фарҳанги олимашраб, ҷӯёи камол ва тамомӣ аст, дигаронро маъзур ва худро мақсур медонад. Дар ниҳоят доду адлро аз вуҷуди худ ҷӯё мешавад ва агар намеёбад ё ноқис меёбад, гиребони худро мегирад:

*Чу нашнидем панди Балхи Бомиро,*
*Зи Мавлонои худ асли тамомиро,*
*Чу таркидем, гаштем аз дарун холӣ,*
*Зи даст афтод ҷоми сарнагун холӣ…*

*Ва барҷо монд девори валангоре,*
*Ва мо дар пои девори пурасроре.*
*Кӣ медонад, кӣ бошад дар паси девор,*
*Чу мо гаштем аз се пушти худ безор…*

Ва шикаст аз толибон шикаст аз дасти худ арзёбӣ мешавад. Дар ин мақтаъ аст, ки Масъуд ба устураи шукӯҳманди Хуросони Бузург паноҳ мебарад:

*Ман акнун менамоям такя бар Ҷайҳун,*
*Агарчи такя бар об аст аз афсун.*
*Зи дарё мебарояд шиҳаи аспони хатлонӣ*
*Ва аз дарёи даврон хест Исмоили Сомонӣ…*

Вале рисолат поён пазируфтааст. Боз ба он бурҷи баланди оғозгоҳи ирфонӣ, ки шоир ва қаҳрамон дар ин роҳ қадам ниҳода буданд, бармегардем. Қаҳрамон ба интиҳои олами асбоб расидааст ва рӯҳи осмонӣ толиби макони аслии худ аст. Қафас бояд бишканад:

*Марде, ки баст бори нахустин камар маро,*
*Имшаб занах бибаст, ситеғи ялон шикаст.*
*Суратгаре, ки зоҳири сурат ҳамегирифт,*
*Маъно гирифт, хонаи рӯҳу равон шикаст.*

Ин маъно низ танҳо маҳсули тахайюли шоир нест, балки як воқеъият аст. Нависандаи зиндагиномаи Аҳмадшоҳи Масъуд, ки яке аз наздиктарин ёронаш буд, аз забони ҳамсари ӯ нақл мекунад, ки Аҳмадшоҳ саҳаре ба васият пардохт, маҳалли мазорашро бар сари теппае васият кард ва гуфт: «Имшаб дар хоб дидам, он касе, ки дар аввали ҷиҳод маро сари пой гузошту камарамро бибаст, ин бор маро хобонид ва манаҳамро баст». Ин нависанда аз иртиботи мармузи Аҳмадшоҳ бо сӯфиён ва сӯфимашрабон хабар медиҳад, вале аз ҷузъиёти ин иртиботи маънавӣ изҳори беиттилоъӣ менамояд.

Имони беғашу маҳкам, маънавияти олӣ ва шуҷоате, ки аз ин сифот ва таваккули комил ба Ҳақ ҳосил мегардад, вуҷуди ин қаҳрамони беназир дар қарни 20-ро табдил ба як намоди муҷассами ҳамоса ва ирфон месозад. Мӯъмин Қаноат дар шеъре, ки қабл аз ин достон дар васфи Аҳмадшоҳ суруда буд, низ ба ин маънӣ иноят доштааст:

*Аҷаб бебасарҳо, аҷаб бехабарҳо,*
*Надиданд нури набӣ дар ҷабинаш.*

Агар бо чашми моҳиятбин ба тамоми офаридаҳои устод Мӯъмин Қаноат бингарем, дармеёбем, ки ишон аз оғоз то кунун бо пои қалам ба сӯи ин мазҳар ва намод роҳ кашида ва дар ниҳоят ба сарвақти он расидааст.

Шайх Саъдӣ нуктае дорад, ки:

*Мунтаҳои камол нуқсон аст,*
*Гул бирезад ба вақти серобӣ.*

Шахсияти Аҳмадшоҳи Масъуд дар он мақтаъи таърихӣ, ки ба поёни вуҷуди ҷисмонии вай мунтаҳӣ гардид, дар матни ҷиҳоди озодихоҳии миллӣ ба камол расида буд. Дар ягона сафари хориҷии худ, ки чанд соле қабл аз ин ҳодиса ба Фаронса иттифоқ уфтода буд, дар як –ду нишасти бози хабарӣ Аҳмадшоҳ ба забон ва баёни хеш ва бо ҳузури ёрони худ аз ҳама қавму қабоил ва фирқаҳои мавҷуд дар Афғонистон (ба ҷуз толибон) ин воқеиятро ба рӯшанӣ ба намоиш гузошт, ки шахсияти вай мазҳари зиндаи тамоми Афғонистони озодихоҳ аст. Ин шахсиятро намешуд ғайриисломӣ ҷилва дод ва исломгароёнро бар зидди вай барангехт, намешуд ғайримиллӣ ҷилва дод ва миллигароёнро бар зиддаш шӯронд, намешуд тоҷики нажодпараст ҷилва дод ва қавму қабоили дигарро ба хусумат ва душманӣ бо вай таҳрик кард, намешуд омили як кишвари хориҷӣ хонд ва меҳанпарастонро аз ӯ дилсард кард ва намешуд бо вуҷуди ӯ ба оташи низоъи мазҳабӣ ҳам доман зад, намешуд ӯро бо чизе харид, зеро ӯ чизе барои фурӯхтан надошт, ҳар чи дошт ба пои меҳанаш рехта буд. Ва бештар аз ин ҳама вуҷуди ӯ бар фарози қудрати Афғонистон парчами эҳёи дигарбораи Хуросони Бузург ва барқарории сулҳу субот дар ин густараи азими таърихӣ буд. Вале дунёдорон мехоҳанд ҷанг идома дошта бошад ва касе он ҷо бошад, ки бо ҳар баҳонае, масалан саркӯбии толибон, иҷозаи таҷовузи дигарбораро бидиҳад. Вале Аҳмадшоҳ чунин кас набуд, агарчи

танҳо ӯ дар рӯёрӯӣ бо толибон истода буд, ҳарфаш ин буд, ки толибон як омили хориҷист, мо як тақозо дорем: дахолати хориҷӣ ба Афғонистон қатъ гардад ва ҳамон соат ҳама масъалаҳо, аз ҷумла масъалаи толибон ҳам ҳал мешавад. Яъне ин шахсият ба камоли сиёсӣ ҳам расида буд ва барои майдонхоҳон дар Афғонистон танҳо як чора боқӣ монда буд. Он чораи сиёҳе, ки амалӣ гардид. Рӯҳе, ки ба камол расида буд, аз қафас берун шуд, дар ҳоле, ки дар осмон буд ва дигар маълум нест, ки ин тайёра бо ин шитоб чиро ба куҷо мебарад:

*Ҷайҳун ба зери шаҳпару тайёра дар ҳаво,*
*Ҳангоми ин убур ҳаме ҷои ҷон шикаст.*
*Тайёра мепарад ва киро мебарад?*
*Куҷо?*
*Ончи шикастанист, Худоро, ҳамон шикаст.*

Ин марги осмонӣ ҳам ҳусни хитоми зиндагии шукӯҳманди қаҳрамон аст, ки ҳамчунин як воқеияти болотар аз ҳар навъ рамзу маҷоз мебошад. Рост аст, ки мегӯянд, марги ҳар кас ба шоистагии зиндагонии ӯст. Дар ин доварии барҳақи Ҳақ ҳар навъ ваҳму гумон ва шакку тардид дар бораи ин шахсиятситурда мешавад:

*Он рӯҳи лоязол париду ба чарх рафт,*
*Дар ин уруҷ пояи ваҳму гумон шикаст.*

Мӯҷаз ва мухтасар будани ин достони маънавӣ монеъ аз он нашудааст, ки як ҷаҳон маъноро дар бар бигирад. Ҳақ бо шоира ва нависандаи хушсалиқаи эронӣ Ирфонназари Оҳорист, ки мегӯяд: «Инсон дар дунёи пурошӯби имрӯз чандон гирифтор аст, ки гӯӣ ман (шоир) аз пушташ метозам ва танҳо маҷоли онро дорам, ки чанд ҷумлаеро бо фарёд задан ба гӯшаш бирасонам ва он ҷумла ҳам бояд чандон гиро бошад, ки дар зеҳнаш биншинад».

Нависандаи ин достон ҳам мӯътақид аст, ки:

*Фиғони қарнҳо дар «оҳ» мегунҷад,*
*Замони бекарон дар гоҳ мегунҷад.*

Гоҳ, тавре ки шоир дар яке аз мусоҳибаҳои охири худ гуфтааст, хурдтарин воҳиди андозаи замон (вақт) аст.

Вале бо вуҷуди ниҳоят мӯҷаз будани достон, ҳанӯз шоир, тавре ки дар достонҳои пешинаш буд, дар фикри навозиши табъи хонанда ва таҷассуми ҳар чи муносибтари мавзӯъ, на танҳо аз тариқи забону баёни мувофиқ, балки вазну оҳанг ва мусиқии калом низ ҳаст. Аз ин ҷост, ки ин достони мӯҷаз иборат аз 9 бахш бо 5 вазн ва 5 қолаби шеърӣ: мусаммати мураббаъ, маснавӣ, мустазоди навоварона, қасида (ғазал) ва арӯзи нав суруда шуда, асари он дар зеҳн ба сурати як симфонияи чандпардагӣ боқӣ мемонад. Таъмини бадеияти баланд ба ин восита ва ба воситаи истеҳкоми каломи мамлу аз талмеҳоти барҷаста ва дархури ҳол ва саноеъи дигари шеърӣ мавзӯъест, ки албатта, фурсати дигареро мехоҳад.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки ин достони маънавии мӯҷаз як нуктаи дигари нуронӣ дар осмони табъи шоири тавоно устод Мӯъмин Қаноат мебошад.

*Соли 2007*

# ВАТАНДОРӢ ВА ЗАБОНИ МОДАРӢ

*Хомушнафасе, ки табъи мавзун дорад,*
*Сад нусха баҳор аз дили пурхун дорад.*
*Тасхири паризоди сухан осон нест,*
*Ин ҷо нафаси сӯхта афсун дорад.*
(Мирзо Бедил)

## Шеъри Равон

Аз ин ибора муроди мо таҷниси пурмаъноест, ки дар замири он ба сурати худомад, ки боз ба ҳамон тавсифи «равон» хулоса мешавад, нуҳуфтааст:

1. Шеъри мавзун, бесакта, хушоҳанг ва осонхон.
2. Шеъри равон, яъне шеъри ҷон. Шеъре ки аз жарфои ҷон пар кашидааст.

Обдорон барои тарғиби колои худ рӯйи шишаи об менависанд: «Оби артезианӣ». Ин обест, ки аз жарфои ҳарчи бештари рагаҳои замин кашида шудааст ва ба таъбири мардумӣ софи чароғ аст. Ҳеч ғуборе надорад, зеро аз сад пардаи ҷигари замин полидааст. Шеъри равон мисли ҳамин об аст, ки аз жарфтарин нуқтаи рӯҳу равони шоир берун меҷӯшад ва мисли гавҳар рушноӣ дар он мавҷ мезанад, мавзун, бесакта, беғубор ва бешикаст. Мисли бештари ашъори устод Бозор Собир ва аз ҷумла ин қитъа, ки нуктаи фавқро ба зебоӣ таҷассум мекунад:

*Бишкуфта лолаҳои лабатро баэҳтиёт*
*Ман аз миёни хӯшаи мӯ мекунам ҷудо.*
*Дар таҳти санги синаи ман мавҷ мезананд*
*Чун обҳои зери замин изтиробҳо.*

Ва идомаи шеър низ чунин аст. Мусиқӣ аст ва тасвирҳои нобу тоза дар он мавҷ мезанад. Мисли амвоҷи рангини рушноӣ дар оби равони зулол. Ин ҷо баҳси авлавияти тасвир ва ё вазну оҳанг ба ёд меояд. Посухаш ин аст, ки агар сухан поку зулолу равон ва бархоста аз умқи равон набошад, тасвирҳо дар он ҷилвагар намешаванд. Тасвирҳо

низ дар он жарфо ҳастанд. Барои ҳамин хос ва ноолудаанд. Масали Мавлоноро аз «Маснавӣ» дар бораи мусобиқаи румиён бо чиниён, сайқалгарии румиён ба ёд меоранд, ки чун ба замири ойинагуна мерасанд, дигар аз рангу равған бениёз мешаванд. Ба асл мерасанд ва аз араз мегузаранд.

Ин бозгӯйи эҳсоси даврони бачагӣ дар кӯҳистон аст, ки ҳини лола чидан, лолаи кӯҳӣ, лолаи нодир ва онро аз миёни гиёҳони дурушттар ба сад эҳтиёт ҷудо кардан, ва дар сари ҳар оташин барги нозуки он ларзидан даст медиҳад. Он обҳои зери замин, он изтиробҳо ҳамон эҳсоси пок, вале неруманди даврони наврасӣ аст, ки дар ҳоли илтиҳоби қалбу рӯҳ даст медиҳад ва марзҳои нисбии замону маконро мешиканад ва вуҷудро ба асолати худ ҳарчи наздиктар мебарад.

Мусиқии мусаввар дар идома бар сари овои ҳуруф мерасад:

***Фор**амта**р** аз на**с**ими на**ф**а**с**но**р**а**с**идаӣ,*
*Дар **р**ӯю мӯйи ту на**ч**а**р**идаст **ч**ашми ка**с**.*
*Дар **чор** **фас**ли **с**ол **саф**едӣ ҳамекунад*
*Ба**рф**и ба**р**и ду **р**ӯйи ту да**р** **с**ояи ҳава**с**.*

Ин мусиқӣ аст, ки калимаи тозаи «нафаснорасида»-ро ба шоир илҳом мекунад. Аз Афлотуни Юнонӣ то имрӯз суханварони тавонои ҳама марзу бум бар авлавияти «оҳанги софи осмонӣ» (таъбири устод Қаноат) дар тавлиди шеър таъкид доштаанд. Насириддини Тӯсӣ баракси арӯзиёни касбӣ вазни шеърро унсури зотӣ ва дарунӣ (на бурунии) шеър медонад ва баракси он фалсафиёне, ки тахайюлро аз вазн ҷудо ва дар шеър муқаддам бар вазн медонанд, вазнро унсури хаёлофарин медонад. Вазн, оҳанг, лаҳн ва дар маҷмӯъ мусиқии шеър (яъне забон) муҳимтарин унсури зотии он аст, ки маънои зоҳирии калимаҳоро бо шарбати худ сероб месозад ва аз ин ҷост, ки гӯё тарҳи лаҳнӣ ва оҳангии шеър аз қабл таъйин шудааст. Бино бар ин шоирон аз таҷрибаи худ ёд медиҳанд ва дар муқоисаи матншиносии мутуни гуногуни як шеър ҳам аён мегардад, ки дар бисёре аз мавридҳо, агар шоир барои

рафъи сактаи вазн як калимаро ба калимаи дигар иваз кардааст, ҳамзамон шеър аз назари маъно ҳам такмил шудааст. Яъне, аз ибтидо дар тарҳи вазн ва оҳанги шеър он ҷой ҷойи ҳамон калима буда ва барои муваққат калимаи дигаре ҷойгузини он шудааст. Чунин намунаҳо дар вариантҳои гуногуни ашъори устод Бозор Собир зиёд ба назар мерасад ва агарчи дар назари аввал хонанда гумон мекунад, ки шоир ашъори равони худро бадоҳатан суруда, вале дар асл ин ашъор пайваста дар сари дастгоҳи шоирии ӯ буда ва ҳар бор онро пероста, ба ҳамон асли аввалӣ ё «тарҳи илҳомӣ» наздиктар бурдааст.

Ин асл табиати забони модарии шоир аст, ки ҳар қадар шоир бештар таҷриба андӯхта ба сӯйи ин табиат бештар майл кардааст. Мусиқӣ ва лаҳне, ки хамири илҳоми шоир аст, аз сиришти ҳамин забон аст. Ҳар қадар калима бо асли табиат ва муҳити забонии шоир бештар фосила дошта бошад, ҳамон андоза дар таркиби ин хамир дуруштӣ мекунад ва мусиқии табиъии онро барҳам мезанад, дар чинии хушсадои он мӯй меандозад ва онро сокит мекунад. Шеъри Бозор Собир нозишу навозиши забони зиндаи модарӣ аст ва дар он калимаҳое, ки дар назари зоҳир, дурушту омиёнаанд, ба пораҳои як оҳанги мусаввар табдил мешавад:

*Боди Файзобод чун дар* ***пушта*** *гардон мешавад,*
*Хонаҳои чашмҳоям* ***чаппагардон*** *мешавад.*
***Байни кӯрак монда меборад*** *агар кӯҳи Мазор,*
*Хонаҳои чашмҳоям* ***мечакад*** *беихтиёр.*

*Ин замон гӯё ки ман дар* ***гардани Файзоваам****,*
*Дар таҳи* ***порисаи*** *як боми* ***беандоваам…***

Ва ё:
*Мулке, ки* ***мулкак*** *буд фақат* ***хурду хуроки*** *кӯдакаш,*
*Савганд мекарданд ёд мардум ба риши* ***тактакаш.***
*Камтар набуд аз ҳурмати* ***риши дарози*** *мардакаш*
*Дар пеши мардум ҳурмати риши дарози* ***тактакаш.***

Шеърҳои тозаи шоир, ки дар ғурбат эҷод шуда, шоҳиди ин ҳақиқат аст, ки шоир ҳар чи бештару бештар ба қалби ватани худ, яъне забони модарии худ наздиктар меравад ва бо забони модарӣ чун бо як инсони мӯнис, азиз ва ғамхор гуфтугӯ мекунад, дарди дил мегӯяд, менозад, онро навозиш мекунад, аҳволи наздикону азизони худро аз ӯ ҷӯё мешавад. Оре, содиқтарин ҳамроҳи Бозор аз ибтидо забони модарӣ будааст.

Оё метавон намунае барҷастатар чи аз назари ҳунарӣ ва чи аз назари самимият барои таҷассуми «ваҳдати вуҷуди шоир» бо фарҳанги миллӣ ва забони модарӣ дар баробари ин пораи шеър пайдо кард?:

*Муддате шуд модарам дар хона нест,*
*Модари ман дар забони модарист.*
*Пуштвори ман чу гӯри сабзи ӯ*
*Ҳарду ҷилди сабзи «Фарҳанги дарист».*

Мо ҳатто пас аз хондани ин шеър ба рамзи ранги сабзи ҷилди «Фарҳанги забони тоҷикӣ» таваҷҷӯҳ мекунем. Оре, устод Бозор Собир бо самимияти васфнашудание, ки дорад, на танҳо шахси худ, балки азизону наздикони худ, бародарони худро ном ба ном, деҳаи худро, гулу гиёҳ ва тамоми табиати зиндаи муҳити худро ба мазҳарҳои арзишманд ва ҷовидонии фарҳанги миллӣ табдил кардааст, балки ба он назр кардааст ва аз сӯйи дигар дарси меҳрварзӣ ва арҷ гузоштан ба онҳоро додааст.

«Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст…То забон дорад ватандор аст ӯ» – шиори миллии тоҷикон гардид ва сарнавишти соҳиби ин паём чунин шуд, ки бо қисмати худ ин ҳақиқатро ба субут бирасонад, дар он сӯйи уқёнус Сиёвушгирди тоҷикии худро бо сангу гили забони модарӣ бино кунад, ки дар он ҳамоно анҷумани Ёд боз ва гардон бошад:

*Зодгоҳам дар сари кӯҳи сафеди Ширбиёяш тӯтиё дорад,*
*Дар сари кӯҳи Зарафшон мӯмиё дорад,*
*Дар сари ҳар пушта аз рангинкамон чархофалак дорад,*
*Кӯзаи моҳи шабаш шири малак дорад,*

*Зодгоҳам оби гарму оби шӯрак дораду зарринги ё дорад.*
*Дар қатори фавҷи мӯраш ҳамқадам дорам,*
*Балки ман дар он қаламрав сад найистон ҳамқалам дорам.*

Метавон аз ин пора тасвирҳои тозае чун «чархофалаки рангинкамон», «шири малак», «зарринги ё», «сад найистон ҳамқалам (!)» – ро ҷудо ва ба хусус таъкид кард, ки воқеан нишони барҷастаи халлоқияти шоирист, вале муҳимтар аз инҳо оҳанги равону табиъии забони тоҷикист, ки ин тасвирҳои тоза бар қомати баланду мавзуни он муносиб афтодаанд.

Шоир чун дар ҳунари корбурди забон ба камол мерасад, дигар ягона мояи шеъри ӯ ҳамин забон аст, забони ҳар чи табиитар ва мӯнистар, бе ҳеч ороишу пироиши маснуъӣ ва аз ҳар чизе, ки камтарин осори сунъ ва сактаро дар ин забони равон метавонад ворид созад, парҳез мекунад, агарчи ба зоҳир бисёр зебо, санъаткорона ва бикру тоза бошад. Нодири Нодирпур, ин шоири тавоно ва, зимнан, дӯсти ғурбати Бозор, ки накдаш камтар аз шеъраш нест, мегӯяд: «... Шеъри форсӣ се давраро мумтоз медорад: Давраи интизоми музикӣ, давраи интизоми арӯзӣ, давраи интизоми табиӣ». Ҳар касе, ки насри Бозорро, хотироташро мутолиа кардааст, дар он ҷо низ ин табиатро эҳсос мекунад. Аммо дар шеъраш ҳам, бахусус дар ин охирҳо, гӯё марзи байни наср ва шеър бардошта мешавад ва муҳити густардаи забон, мусиқии табиъии забон дар ҳама навиштаҳояш яксон мавҷ мезанад. Бардоште, ки аз мутолиаи шеърҳои ахири Бозор дар зеҳн боқӣ мемонад, таврест, ки хонанда тафовут намекунад, ки он асаррро ба сурати наср мутолиа карда ва ё назм, ё ҳатто бидуни ҳеч навъ қолабе ба наҳви ҳаюлоии нахустин бевосита ба зеҳни ӯ интиқол ёфтааст. Бахусус ин шеър:

*Саги моро ту дида мегуфтӣ*
*Хирс, хирси сафеди Қутби Шимол,*
*– Саги мо буду барф дар дунё.*
*Аз ҳамон барфҳо, ки дар дили ман*
*Ҷойи пойи чаҳор додаракам,*
*Нақши попӯшии ду хоҳаракам,*

*Нақши попӯшҳои тифлона*
*Ва пайи пойи Чорчашма нишаст,*
*Ҳафт нақши нишастаам дар барф,*
*Ҳафт ҷойи қадам, ки об нашуд,*
*Чиқадарҳо, ки офтоб нашуд...*

Ҳоло ин тавр бинависем, бидуни зери ҳам қарор додани мисраъҳо: Саги моро ту дида мегуфтӣ хирс, хирси сафеди Қутби Шимол. Саги мо буду барф дар дунё. Аз ҳамон барфҳо, ки дар дили ман ҷойи пои чаҳор додаракам, нақши попӯшии ду хоҳаракам, нақши попӯшҳои тифлона ва пайи пойи Чорчашма нишаст, ҳафт нақши нишастаам дар барф, ҳафт ҷойи қадам, ки об нашуд, чи қадарҳо, ки офтоб нашуд…

Дар ин сурат ҳам чизе аз ин шеър кам намешавад, балки ҳатто дареғам меояд, ки маҷбурам дар ин матн ақаллан аломатҳои китобатро бигузорам. Аломатҳои китобат ҳам ин ҷо аслан ҳечкораанд, балки холҳои ноҷоянд бар чеҳраи маъсуми тифлона. Ин шеърро бояд бе ҳеч фосила дар як нафас хонд. Мисли сурудҳои мардумӣ, ки гоҳе калимаҳои матни онҳо ба ҷуз маънои зоҳирии худ, оҳанги сеҳромезе доранд, ки ба гунае ба каломи муқаддас шабоҳат пайдо мекунанд. Беҷо нест ба ёд биёрем, ки дар девонҳои қадими мо мисраъҳои як байт дар идомаи якдигар навишта мешуд, зеро ғолибан як байт як ҷумла аст. Вале ин ҷо як банд тақрибан як ҷумла аст. Ин мавридҳост, ки ба қатъият собит мегардад, ки арӯз дар жарфтарин пардаҳои забони модарии мо нуҳуфтааст, дарунмояи забони мо аст, чизе нест, ки аз берун оварда ва бар рӯйи он кашида бошад.

Комилан бовар дорам, ки ҳар як калимае, ки бар асари илҳом аз умқи хотироти мусаффои Бозор тоза сар бар мекунад, барояш мисли дӯсти ғамхорест, ки аз диёри ошно ба суроғаш омада ва аз дидори он бениҳоят шод мегардад, зеро ҳар як чунин калима як порае аз меҳанро ба армуғон меорад ва кохи Забони Модарии Бозорро мукаммалтар ва мустаҳкамтар мекунад.

## Яктана бо ҷаҳоне рӯёрӯй

Дӯсти ҳамдарси устод Бозор Собир устод Раҳими Мусулмониён боре аз Бозор Собир хотираеро нақл карданд, ки беҳтарин таҷассуми шахсияти шоир аст. Ишон фармуданд: «Мо даврони донишҷӯйӣ баройи кори тобистонӣ ба яке аз минтақаҳои дурдасти Шӯравӣ рафта будем. Ҳамаи донишҷӯён, писарон ва духтарон дар як сипанҷии саҳрой муқим будем. Ба мо хабар доданд, ки (намедонам ба чӣ далел) ҷавонони шаҳраки ҳошияи он саҳро мехоҳанд ба иқоматгоҳи мо ҳуҷум кунанд. Мо бачаҳо ҷамъ шудем ва ҳар касе бо чизе, ки дастрас буд, мусаллаҳ шудем ва ба марзи ҳар чи дуртари иқоматгоҳ ба самти он шаҳрак рафтем. Бозор як ходаи дароз дар дасташ пешопеши ҳама буд. Як вақт буд, ки гурӯҳи анбӯҳи шаҳракнишинҳо пайдо шуданд, сӯйи мо меомаданд. Онҳо омаданд ва рӯёрӯйи Бозор истоданд ва бо хандаи баланд аз вай пурсиданд. Ту, танҳо, бо ҳамин «силоҳат» чӣ кор мехоҳӣ бо мо бикунӣ? Бозор дар ҷавоб гуфт: «Чаро танҳо?» – Ва чун баргашта бо қафояш нигоҳ кард, касе он ҷо боқӣ намонда буд. Фавран баргашт ва гуфт: «Агар пас нагардед, меҷангем!». Он гурӯҳ ба нишони таҳсини шуҷоати Бозор пас гаштанду рафтанд. Бозор он чӯбро рӯи рег кашида ба иқоматгоҳ меомад ва аз пояш хате кашида мешуд, ки гӯё хатти аҳд буд: «Ҳолӣ ҳамин хат ин ҷо бимонад».

Наққоше мебояд, ки устод Бозор Собирро тасвир кунад бо асое, ки силоҳ ва қалами ӯст, дар биёбоне бекарон, рӯёрӯйи анбӯҳе аз муҳоҷимини таърих ва дар пушташ тарҳи намодҳои таърихӣ, тарҳи меҳан, девори Бухоро, китобхонаҳо, дарахтҳо, ки дар шохаҳошон лонаи қумрӣ доранд ва мазорҳо…

Эҳсоси худи Бозор Собир ҳамин будааст. Агарчи гоҳе аз танҳоии худ сӯҳбат мекунад, вале ин танҳоии ихтиёрист, ин яккатозист. Мисли ҳамаи қаҳрамонони устураӣ. Ин эҳсос чандон шадид аст, ки ҳатто масъулияти ҳамаи фоҷиаҳои таърихи миллиро бар дӯши худ мебинад:

*Бӯалиро аз Бухорои Шариф ман кардаам берун,*
*Тирмизиро ман фикандам дӯш дар дарёи Ҷайҳун,*
*Барҳадар хуни Низомулмулкро ман рехтам,*
*Балки хуни мулкро ман рехтам...*
*Вой бар ман, вой бар ман,*
*Ал-амон фарёд аз ман!*

Ин навъ «ҳулул дар таърих», ки намунаи онро дар беҳтарин ашъори устод Мӯъмин Қаноат, шодравон Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор ва дигарон мушоҳида мекунем, дар ашъори Бозор Собир зиёд чеҳранамоӣ мекунад ва ҳар лаҳза бояд омода буд, ки «ман»-и Бозор Собирро таъбири дигаре аз «миллат» (тавре ки дар иқтибоси боло ҳаст), бипазирем. Ин нигоҳ ба мо имкон медиҳад, ки ба моҳияти таънҳо ва талхгӯиҳои аҳён-аҳёни Бозор Собир бирасем. Дарёбем, ки ин сухани «табарвор» аз камоли дӯстӣ ва шафақати беҷавоб аст.

*Ҳар сари мӯйи маро бо ту ҳазорон кор аст,*
*Мо куҷоему маломатгари бекор куҷост!*

(Ҳофиз)

Дар маҷмӯъ дар адабиёти навини мо ҳанӯз намунаи адабиёти танқидӣ нисбатан тоза ва нодир аст. Мо аз шоирон ва нависандагони худ танҳо ситоиш ва ифтихорро интизор ва қабул дорем. Вале таҷрибаи адабиёти ҷаҳон ва ҳамчунин адабиёти қадими мо намунаҳои барҷастаи осори адабии танқидиро дорад, ки бешак, дар худшиносии воқеӣ ва пешрафти милали рушдкардаи дунё нақши босазое доштаанд. Ин навъ осор аз зери қалами саросупурдатарин ва дилсӯзтарин фарзандони ҳар миллате берун омадааст. Ҳаргиз иддаои он дар миён нест, ки масоили эътиқодии устод Бозор Собир ба миён кашида ва доварӣ шавад, ин кори фардии ҳар нафарест. Вале вақте ки банда бардоштҳои тозаи устод Бозорро аз қиёси ҷаҳони мо бо ҷаҳони хориҷ мехонам, сафарномаҳо ва ёддоштҳои маорифпарварон дар авоили садаи 20-ро дар назар меорам ва аз ин дидгоҳ бо онҳо нигоҳ мекунам. Ба ёдам меояд суханони Ҷамолиддини Афғонӣ, ки фармуда: «Ман

кишварҳои мусулмониро дар Шарқ дидам ва исломро дар Ғарб». Ин ҳарфро касе мегуфт, ки беш аз ҳама дар даврони худ барои Шарқи мусулмон ранҷ мебурд ва зиндагии худро вақфи эҳё ва ислоҳи тафаккури миллати худ карда буд. Ба ин тундӣ мегуфт, то дар мухотабонаш асар кунад. Албатта ҳар навъ қиёс комил нест. Аз ҷумла муқоисаи ин ду нафар мубоrизи миллӣ, вале ваҷҳи муштараке, ки дар миён аст, ҳамин аст, ки мо дар ҳарду маврид кӯшиши ба моҳият таваҷҷӯҳ карданро мебинем. Яъне, агар мо иддаъои бозгашт ба асолат миллиро дорем, пас, ин бояд дар амал сурат бигирад. Агар иддаъои истиқлолро дорем, пас, бояд ин истиқлоли мо воқеӣ бошад. Ин воқеият дар муносибат бо афроди ҷомеа, арзишҳои воқеии инсонӣ, рӯзгори одии инсонҳо ва муносибати ҳамин инсонҳои одӣ ҳам бо якдигар амалӣ мегардад. Яъне имрӯзи мо ва фардои мо бояд беҳтар аз гузаштае, ки онро инкор кардаем, бошад. На танҳо аз назари моддӣ, ки табъан якбора сурат намегирад, балки пеш аз он ва беш аз он аз назари маънавӣ. Вой бар мо, агар пас аз касби истиқлол ба ҳасрат он рӯзи беистиқлоли худро ба ёд биёрем, ки касоне аз хориҷ омада буданд, то моро водор кунанд, ки нисбат ба якдигар бо адолат ва эҳтиром рафтор намоем. Агар номаи гумоштаи шоҳи Рус, ки Бухороро ишғол карда буд, ба дастатон бирасад ва онро бихонед, буғз гулӯятонро мефишорад. Аз ин нома гӯё як навъ бӯйи пушаймонӣ ба машом мерасад. Хулосааш ин аст, ки шуданӣ шуд, акнун ин кишварро бо ҳар ҳазинае, ки ҳаст, бояд аз чанголи хунини фасоди молӣ наҷот дод, ин мардумро бояд аз ситами худашон нисбат ба худ ва нисбат ба якдигар наҷот дод, дар акси ҳол нобуд мешавад ва гуноҳаш дар гардани мо мемонад. Ин ҷост, ки суханони талхи Аҳмади Дониш дар бораи вазъи он рӯзгори аморати Бухоро барои мо бо сароҳати бештаре маълум мегардад ва дарду доғи ин меҳанпарастро эҳсос мекунем ва пешгӯйии ӯро, ки аз балои инқилоб хабар медод, ба ёд меорем. Вақте ки ситоишҳои Бозор Собирро аз миллати рус мехонем, чандон ҷойи таaҷҷуб нест, виҷдонан пеши худ қоил шавем, ки оё чи касе аз мо дар ин ё он мавриде аз ростқавлӣ ва инсоният ва эҳсоси масъулияти русҳо масал назадааст, вале албатта дар

ҳузури ом не, балки дар маҳфилҳои маҳдуд. Аммо Бозор Собир ҳамеша дар назди баландгӯ сухан мегӯяд:

*Нӯши ҷони кӯдаки сабзинаи ман шири рус,*
*Гурбаву саг сер аз нонрезаи кампири рус,*
*Ман мусулмонтар надидам дар ҷаҳон аз пири рус;*
*Мӯр ҳам дар зери по ҳаргиз надид озори рус.*

Агар шоир мегӯяд: «Ман мусулмонтар надидам дар ҷаҳон аз пири рус», муҳим ин аст, ки беҳтарин тавсиферо, ки шоир мехоҳад аз касе бикунад, ин таъбири «мусулмон» аст. Яъне калимаи «мусулмон» дар назари шоир калимаест, ки маҷмӯаи некиҳоро дар худ ҷой медиҳад. Шоир бо ҳамин эътиқод мехоҳад намунаи инсони накӯкор, беозор ва ростравишро бо калимае ки беҳтарин тавсиф аст, тақдир ва навозиш кунад. Дар айни ҳол таъкид кунад, ки чизи аз ҳама муҳим амал аст. Дигар ӯ ҳар чи мегӯяду намегӯяд, арзаи забони ҳол ин аст, калимаи шаҳодаташ ин аст, ки гили ӯ аз фарҳанги миллӣ сириштааст ва «то забон дорад ӯ», тоҷик аст ва мусулмон.

Ва оё чи касе мисли Бозор Собир дар тамоми тӯли умри шоирияш, дар муқобили таҷовузи бегонагон сухан гуфтааст ва агар имрӯз мегӯяд:

*Дар Шарқ, дар шаҳри Душанбе мурданам айб аст,*
*Ҷойе ки ман бояд бимирам оқибат, Ғарб аст.*
*Он барфи анбӯҳи баландаш ғайри мармар чист?*
*Чун санги лавҳ ин мармари барфаш маро кофист…*

Боз ҳам кинояи талх аст ва эълони бениёзӣ. Он чи мегӯяд, баройи ӯ воқеан айб нест, айб бар мо мемонад ва аз ин айб бояд барҳазар буд. Вагарна боз ҳам кадом шоире чун Бозор Собир дар қалби Амрико нишаста, бар алайҳи таҷовузи давлати ин кишвар ба Ироқ, дар як саф бо шаҳрвандони адолатхоҳи ин кишвар садо баланд кард.

Шоире, ки ҳама умр бениёз буд ба камоли бениёзӣ расидааст:

*Мӯҳтоҷи кафан наметавонам буд,*
*Хуш мӯйи сафеди ман кафанворист.*
*Ин ранги сафеду ҳар сари мӯяш*
*Ҷуз суфи сафеду тору пудаш нест.*

Ин суфи сафеди шоири суфиёнӣ ҳамеша бо ӯ буд. Либосаш буд, дафтараш буд, чодари хаёли рангину покизааш буд, матоъи дилаш буд ва парчами баланди бениёзияш. Аммо ниёзи ӯ дигар аст:

*Пазмонаму халқ нест пазмонам,*
*Муштоқаму халқ нест муштоқам.*

Ки хушбахтона чунин ҳам нест. Дар ин чанд муддате, ки рӯзномаҳои асосии ҷумҳурӣ барои таҷлили ҳафтодсолагии ишон гӯё ба мусобиқаи эълоннашуда пардохтаанд, ба сароҳат маълум гардид, ки ҷойгоҳи Бозор Собир дар дили миллати ӯ хос аст ва шахсияти вай рамзи фарҳанги миллӣ, бовари миллӣ ва худшиносии миллӣ гардидааст. Зеро ҳама умр ба забони мардум аз дили мардум сухан гуфтааст. Худ ин мақолро борҳо такрор кардааст: «Нони гандум надорӣ, забони мардум надорӣ?».

Сад албатта, таҷлили бошукӯҳи солрӯзи Шоир дар Тоҷикистон бо ҳузури ишон бояд баргузор гардад. Ин ҷашн ҷашни дигарбораи забони модарӣ, ҷашни фарҳанги миллӣ хоҳад буд. Шеъре ки ишон ба устод Турсунзода бахшида, имрӯз бо тағйире дархӯри ҳоли худи ӯст:

*Халқ бар шеъри тару бар гармии дидори ӯ*
*Чун ба иқлими ватан бисёр одат кардааст.*
*Ҳар куҷо Бозори Собир рафта, бо ӯ рафта халқ,*
*Ҳар куҷое Собири Бозор бошад, халқ ҳаст.*

*Октябри 2008*

# БЕДОРИИ ВИҶДОНИ ЗАМОН

***Ба муносибати даргузашти Чингиз Айтматов***

Корвони ғарибе иборат аз як заминков (экскаватор), як мошин ва як уштур ҷаноза бар дӯш дар биёбони нопайдоканор дар ҷустуҷӯи Она-Бейит – мазористони аҷдодии шахси марҳум ҳаракат мекунад ва дар тӯли ин ҷустуҷӯи бефарҷом, ки ҳамагӣ як рӯз идома дорад, рухдодҳои чанд қарн ҷое мисли навори садо ва ҷое мисли навори тасвир аз зеҳни қаҳрамонон ва офарандаи онҳо мегузарад ва саҳнаҳое саршор аз лаҳзаҳои фоҷиабор ва ба нудрат нишотангезро дар пеши чашми хонанда ҷилвагар месозад. Дар утоқаки мошин писари Қазонғопи раҳматӣ Собитҷон, ки ба ночор ба хотири раҳоӣ аз ғайбати мардум корҳои «ниҳоят муҳимм»-и давлатии худро раҳо намуда, ҷасорат ба харҷ дода, барои ин кор аз райиси калони худ иҷоза гирифта, ба ин маросим омадааст, мотамзада нишастааст ва ҳамвора менолад. На дар мотами падар ва на нолае барои падар, балки мотамаш аз он аст, ки ғайри тасаввури худаш маросим хеле ба тӯл кашида, ба корҳои зиёдӣ печида дар вақташ наметавонад сари корҳои муҳимми давлатии худ баргардад ва хидмати хоҷааш ҳозир шавад. Ӯ ҳамвора он қирғизи уштурсавор Едигейро, дӯсти ҷонии падарашро, дар дил носазо мегӯяд, ки чи хиёлҳое ба сараш омада мисли мазористони Она-Бейит, кафну дафну ҷанозаву дуо ва адои васиятҳои марҳум ва чизҳои нолозими дигар, ки дар қарни 20, дар қарни фатҳи кайҳон ва ҷойгузини инсон шудани роботҳои бошуур ин ҳама мисли як хоби бемаънои ваҳшатангез аст. Маҳалли тақрибии мазористони муқаддаси аҷдодии Она-Бейит симхор кашида шуда, убур мамнӯъ аст. Он ҷо космодром шудааст. Корвони ҷаноза баночор он ҷо таваққуф мекунад, гӯре мекобанд, ҷанозаро дафн мекунанд ва Едигей бо мазори дӯсташ хилват мекунад ва зери лаб чанд дуоеро ки дар ёдаш аз кадом давроне боқӣ монда, мехонад ва бо ин ҳаракат гӯё маросими ҷаноза ва ваъдаи худ, қарзи худро дар баробари рӯҳи дӯсти

марҳумаш адо мекунад ва ҳамзамон дар ин андеша аст, ки чун навбати ӯ бирасад, дигар чи касе ин чанд дуои мухтасарро ҳам метавонад бар ҷанозаи ӯ бихонад ва лаҳзае дигар пушти симхорҳое ки маҳалли мазористон – Она-Бейитро печондаанд, махлуқи оташафшоне бо садои мудҳиш боло меҷаҳад ва ин корвони ҷанозабардӯшро дар ҳоли ҷунунзадагӣ ба ҳошияи биёбон партоб мекунад ва дар пеши назари Едигейи шигифтзада аз пушти меҳи хиёлҳо он парандаи сапедболе, ки табдилшудаи сарандози сапеди Найман-она, он куштаи тири писари манкуртшудаи худаш – Жоламон буд, ба парвоз меояд бо ҳамон хитоби ҳушдордиҳанда: падари ту Донанбой буд, Донанбой, Донанбой…

Пас аз адои маросими бошукӯҳи видоъ бо нависандаи номвари қирғиз, офарандаи саҳнаҳои фавқуззикр, рӯзи 14 июни соли ҷорӣ (2008) ҳазорон нафар расми ҷанозаи марҳумро ба тамому камол адо карданд ва ӯро дар мазористони қурбониёни табъидот (репрессия) ки марҳум Чингиз Айтматов онро «Ота-Бейит» номида буд, дар канори мазори падараш ба расми мусулмонӣ ба хок супурданд. Миллати қирғиз бо камоли эҳтиром андӯҳ ва сипос ҳамроҳ бо фарзандони рашиди ин хирадсолори худ дар ин маросим ширкат кард ва бори дигар тавсифи бузургони ҷаҳонро дар бораи ишон, ки барояшон дигар як ҳарфи маъмулӣ шудааст, шунид.

Мазористони «Ота-Бейит» дар рустои Чон тош (Санги бузург) дар чандкилометрии Бишкек навъе таҷассуми воқеъии ормонҳои нависанда ва мутафаккири барҷаста Чингиз Айтматов дар масири худшиносии таърихӣ, миллӣ ва башарии қирғизҳо мебошад, ки пас аз истиқлоли Қирғизистон бо талоши вай ва дастгирии давлати Қирғизистон ба унвони оромгоҳи қурбониёни табъидот эҳё гардида, ҳар сол дар ин ҷо маросиме барои бузургдошти ёду хотири ин қурбониён, ки шаҳидони роҳи истиқлоли миллии Қирғизистон дониста мешаванд, барпо мегардад ва ин маросим ба навъе моҳияти дарси худшиносӣ ва савган-

ди миллиро ба хотири ҳушдор ва парҳез аз такрори иштибоҳоти таърихӣ касб намудааст. Воқеан, тавре ки бештари муҳаққиқони осори ин суханвари тавоно муътақиданд, романи «Рӯзест дарозтар зи қарне» баландтарин бурҷи эҷодиёти Чингиз Айтматовро ташкил медиҳад ва саҳнаи фавқуззикр қалби он роман аст, ки тамоми талошҳои нависандаро ба хотири эҳёи ҳофизаи миллӣ дар худ хулоса менамояд. Бино бар ин ин маросими ҷанозаи вай моҳиятан идомаи мустақими кору пайкори Чингиз Айтматов ва тантанаи ба самар расидани талошҳои якумрии вай дар ин роҳ гардид.

Осори Чингиз Айтматов ин нуктаро ба субут мерасонад, адабиёт маҳдудиятпазир нест ва суханвари тавоно дар ҳар сабку шевае метавонад осори мондагор ва ҷовидонӣ ва дорои ҷанбаи башариро ба вуҷуд биёрад. Вай дар чаҳорчӯби шеваи ба истилоҳ реализми сотсиалистӣ тавонист осореро ба вуҷуд биёрад, ки аз назари бадеият ба ҳар навъ завқу салиқае созгор аст ва метавонад фаротар аз густараи «қонунӣ»-и ин шева барои худ ҷойгоҳи муносиб пайдо намояд. Нахустин асаре ки барои нависандаи ҳанӯз ҷавон шӯҳрати байналмилалӣ овард, қиссаи комилан реалистии «Ҷамила» буд, ки аз сӯйи нависандаи маъруфи Фаронса Луи Арагон «Беҳтарин достони муҳаббат» унвон шуд ва ин баҳо буд, ки ба навъе санади тазмини салоҳият ва истеъдоди нависанда гардид ва ӯро аз фишорҳои эҳтимолии тангназарон ё нохайрхоҳон дар оянда то ҷое амон бахшид.

Агар реализми сотсиалистиро аз нигоҳи воқеънигарӣ ва воқеънигорӣ бипазирем, пас, дар асл муваффақияти ҳунарии нависанда низ бештар дар ҳамин нукта хулоса мешавад. Воқеияти рангин, ҷаззоб, ороста бо ҷузъиёти пурмаъно ва дилкаш ҳамроҳ бо андешаҳои воло ва ҳакимона осори реалистии ин нависандаро дар болотарин пояи ҳунарӣ қарор медиҳад ва бахусус дар муҳити ҷомеъаҳое, ки аз воқеънигарӣ фосила гирифта, адабиёт ва ҳунарро ба хаёлпардозиҳои муҷарради маҳз табдил кардаанд ва ё дар маҷмӯъ бо комилан санъатӣ ва маснӯъӣ шуда-

ни муҳити зисти худ аз табиат ва асолати табиъӣ гусаста шуда, дар тангнои сунъи башарӣ нафасгир шудаанд, мисли ҳавои тозаи куҳистон ва ё ҷангалу дарё гуворо ва лаззатбахш будааст. Вале на ба сурати он осори ороишӣ (сувенирҳо), ки танҳо ба хотири бадавияти завқии худ барои муштариёни хориҷӣ ҷаззобият доранд, балки ба сурати як паймонаи комилу ҷомеъи арзишҳои инсонӣ, ки ҳар ҷузъе аз он маънои башариро ҷилвагар месозад. Дар адабиёти мо низ беҳтарин осори ин даврон ҳамон осоре будааст, ки нависандагон дар тасвири ҷузъиёти воқеии пурмаъно муваффақ гардидаанд.

Ҳамзамон Чингиз Айтматов ба баракати салиқаи волои адабӣ тавонистааст бо истифода аз заминаҳои муҷози назарии адабиёти шӯравӣ (аз ҷумла ҷанбаҳои муҷози романтикӣ ва адабиёти тахайюлӣ ё фантастика) дунёи рангинеро мисли дунёи воқеии инсон, ки албатта орӣ аз ин ҷанбаҳо нест, биёфарад ва он ҳам ба сурате ки дар бофти матоъи асари воҳид ҳеч навъ ноҳамгунӣ ё ноҳамхонии ин нақшҳои гуногун ба назар нарасад ва табиияти он ҳама боз ҳам дар заминаи мустаҳками ҳамон реализм, ки асли асарро ташкил медиҳад, таъмин гардад ва барои такмили он хидмат намояд. Ҳамин тавр бисёр ба сурати табиӣ писараки қаҳрамони қиссаи «Киштии сафед» дар достони Момогавазни Чанбаршох сайр мекунад, ва ҳамин тавр ба сурати табиӣ ба як моҳии гӯшкалон табдил мешавад ва дар суроғи киштии сафеди ормонии худ ба паҳнои дарёҳо меравад.

Ҳамин тавр мо як чеҳраи воҳидеро дар романи «Рӯзест дарозтар аз қарне» мушоҳида мекунем, ки як нимрухи он Жоламони чанд қарн пеш аст ва нимрухи дигари он Собитҷони муосири мо; маслуберо дар пеши назари худ мебинем, ки намедонем тимсоли машҳури Масеҳ аст ва ё ҳақиқатҷӯи содалавҳ Авдий Каллистратов («Растохез» (Плаха).

Сӯзиши дил барои сарнавишти инсон, чи корҳое мекунад. Ҳама қолабҳоро мешиканад ва ё бидуни он ки зоҳиран бишканад, комилан онро дигаргун месозад ба сурате, ки ба

касе маҷоли хурда гирифтан ҳам намедиҳад ва ба таҳсини комил табдил мешавад. Дар як сухан, ҷавҳари ҳама офаридаҳои Чингиз Айтматовро талош барои шинохтан, шиносондан ва ба субут расондани арзиши волои инсон, беҳтарин ва баргузидатарин офаридаи Парвардгор ташкил медиҳад. Ин ҳақро барои инсон боз ҳам аз ҳамнавъи ӯ инсон тақозо мекунад. Инсони Айтматов инсони одӣ, чӯпон, кашоварз, донишҷӯ, хабарнигор ва ҳар касе ҳаст, бузургвор аст ва барои таъмини ҳаққи инсонии вай нависанда бо Замину Осмону Таърих гоҳ ҳамкору гоҳ ҳамнабард мешавад, пеши яке зориву тазарруъ мекунад, якеро бо сеҳри сухан талқин менамояд, ба яке ҳушдор медиҳад, аз гиребони дигаре мегирад, ҷирмҳо, гиёҳҳо, ҳайвонҳо ва махлуқоти ношинохтаи кайҳониро ба забон меорад, растохезе барпо мекунад, ки ҳама бар лаб доварӣ ё зикри азамати беҳтарин офаридаи Офаридгорро дорад. Ин азаматро ба худи ӯ талқин мекунад ва зорӣ мекунад, ки худро, арзиши худро, рисолати худро бишиносад.

Аз ин назар мавқеъе, ки дар бораи иртиботи эҳтимолии Айтматов бо адабиёти форсии тоҷикӣ суол мекунанд, ба назари инҷониб ин иртибот пеш аз ҳама дар ҳамин инсонмеҳварии барҷастаи офаридаҳои вай ва вусъати умумибашарии афкораш, пардохтан ба масоили ҷовидонӣ хулоса мешавад. Фарҳанги миллии Айтматов, ки худ дилбохтаи он аст, фарҳангест, ки ҳам аз назари эътиқодӣ, ҳам аз назари густараи забони адабӣ ва ҳам аз назари таърихиву омилҳои иҷтимоӣ ва инсонӣ бо фарҳанги мо муштаракоти хеле зиёд дорад. Аз ин рӯ аст, ки Айтматов барои хонандаи тоҷик ва ҷомеаи адабии тоҷик чун як нависандаи комилан худӣ пазируфта шудааст. Ин муштаракот ба ҳаддест, ки ниёзеро барои ҷустуҷӯи ҷузъиёти мушобеҳ дар осори адибони мо бо Айтматов боқӣ намегузорад. Заминаи ирсии тафаккури милии адабии мо муштарак аст. Агарчи марҳум Айтматов дар ин маврид зиёд ҳарф заданро намеписандид.

Боре як муҳаққиқи адабиёти форсӣ, ки ба русӣ ошноӣ надорад, аз банда хост, ки мӯҳтавои дар он солҳо тозата-

рин романи Айтматов «Тавро Касандра»-ро ба таври хулоса барояш тавзеҳ намоям. Ҳар қадр фикр кардам, посухе муносибтар аз ин рубоии Умари Хайём пайдо нашуд:

*Афлок, ки ҷуз ғам нафазоянд дигар,*
*Нанҳанд яке, то нарабоянд дигар.*
*Ноомадагон агар бидонанд, ки мо*
*Аз даҳр чӣ мекашем, н-оянд дигар.*

Он муҳаққиқ хитоб кард ки «Пас, андешааш хеле олист. Ба масъалаи ҷабру ихтиёр даст задааст!». Масъалае, ки дар адабиёти мо ҳамеша мавзӯъияти дараҷаи аввал дошта ва нисбат ба ҳаққи башар дар ихтиёри вуҷуд ё адам низ доварӣ шудааст. Ин роман дар дунё пеш аз ҳама ба ғаробат ва тозагии сужети худ шӯҳрат пайдо кард. Албатта ба фазли он ки нависанда бо таваҷҷӯҳ ба масоили муосир ва шеваи номаҳдуди фантастикӣ мавзӯъро шарҳу басти муносиб додааст ва як асари комилан нодирро ба вуҷуд овардааст. Вале ҳамоно асл он аст, ки сатҳи тафаккур олӣ ва мавзӯъ ҳамон мавзӯъи ҷовидонии ҳаққи башар, арзиш ва сарнавишти инсон аст.

Чингиз Айтматов ҳаройина парвардаи мактаб ва муҳити адабиёти шӯравист. Агарчи аёну ниҳон бо камбудҳои он низом ҳамеша дар ситез будааст, чаро ки ҷуз ҳама маҳдудиятҳои маълум ҷабри сангини нобудии ноодилонаи падарро дар солҳои табъидот аз ин низом таҳаммул кардааст, вале аз сӯйи дигар батамому камол аз имконот ва мазиятҳои ин низом бархурдор гардидааст, аз ҷумла ба воситаи забони русӣ, забони расмии ин абарқудрат осори мондагори худро офарида, дар ҷаҳон нашр кардааст ва зимнан ин забони ғаниву тавоно ҳаргиз монеъ аз таҷассуми нуҳуфтатарин ва нозуктарин ҷилваҳои авотиф ва аносири миллӣ дар осори вай нагардида, балки батамому камол онро бозтоб намудааст ва худи нависанда низ борҳо ба ин нукта ишора кардааст. Дилбастагии фарзандонаи Айтматов ба фарҳанг ва арзишҳои миллии мардуми худ, забони ру-

сиро ба забони ҳол ва забони дилу равони як қирғиз табдил кардааст.

Шояд интизор мерафт, ки пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ Айтматови машҳури ҷаҳон бо қиёми адабӣ дар муқобили Шӯравӣ беҳтарин истифодаро аз ин фурсат ба амал меорад ва бо маҳкумияти ошкоротари низоми азҳампошида мавҷи нави сиёсатҳои ҷаҳониро истиқбол менамояд. Вале Айтматов даст ба ин кор назад. Ҳамонгуна, ки дар даврони шӯравӣ пас аз расидан ба бартарин мартабаҳо ба вассофии ин қудрат напардохта буд, дар ин даврони навин ҳам бидуни таваҷҷӯҳ ба имтиёзоти барҷастае, ки аз сӯйи марокизи ҷадид ба шахси ишон эъто мегардид, мавқеият ва мавзеъи худро, бахусус дар адабиёт, ҳифз намуд ва посгоҳи дифоъ аз арзишҳои миллӣ ва ростини башариро тарк накард. Бо вуҷуди он ки ба воситаи шуғли сиёсӣ дар қалби ҷаҳони сиёсатҳои муосир шуҳрат ва мавқеияти ҷаҳонии худро вақфи хидмат барои мустаҳкам ва собит кардани истиқлоли кишвараш намуд, вале виҷдони ҳамеша бедори ӯ як лаҳза дар баробари равандҳои номатлуби ба истилоҳ «ҷаҳонгароӣ» хомӯш нагардид, балки эҳсос кард, ки дар рӯёрӯӣ бо як сели дигари бамаротиб азимтари ҳувият ва асолатбарандоз қарор гирифтааст ва аз мусоҳибаҳое, ки ахиран анҷом медод, нигаронии вай аз ин раванд ба рӯшанӣ ошкор мегардид. Ин нигарониҳо дар сурати маҷмӯътар дар охирин асари бузургҳаҷми ишон – романи «Вақте ки кӯҳҳо сукут мекунанд. (Аруси ҷовидон)» таҷассуми бадеӣ пайдо намуд.

Ин бор ҳам Айтматов чун ҳамеша мӯҷазтарин, гӯётарин ва ҳассостарин сужетро пайдо намуд, то дар чанд тасвир фоҷиаи азим дар сарнавишти инсони муосирро нишон бидиҳад. Қаҳрамони вай Арсен Саманчин хабарнигори бособиқа ки ба ҳошияи ҷомеаи мастонаи нухбагони муосир партоб шудааст, водор мегардад, ки барои амалӣ кардани охирин ормонҳои худ бо ҳамкории тағояш ба ёрии шикорчиёни пулдори хориҷӣ (албатта дар интихоби шахсияти онҳо нависанда мулоҳизоти маслиҳатие доштааст)

меравад ва дар ниҳоят ба сарнавишти муштараки фоҷиабори худ бо охирин бабри барфистон «Жообарс» дар зодгоҳаш мепайвандад.

Табиат ва ҷонварон дар таҳлилу таҳқиқи бадеӣ ва фалсафии воқеият дар осори Айтматов то ҷое нуфуз дорад, ки баъзе аз муҳаққиқони осораш дар ин замина зуҳуроти пантеизмро (ваҳдати вуҷуд дар табиат)-ро мушоҳида кардаанд.

Таваҷҷӯҳи ҳамешагии Чингиз Айтматов ба зиндагии ҷомеа ва рафтори инсонҳо ба ҳадде будааст, ки ин нависандаи дорои шуҳрати ҷаҳонӣ аз бархӯрд ба камтарин масоил ва падидаҳои ҷомеаи худ, ҷое ки ҳатто шояд як хабарнигори камобеш маъруф ибо намояд, худдорӣ наварзида ва мисли як мураббӣ ба истилоҳи «маъниҳои пешипофитода» таваҷҷӯҳ кардааст, то инсонҳоро ба ислоҳ ҳидоят намояд. Дар солҳои наздик як мақолаи вай дар рӯзномаҳои Қирғизистон мунташир шуда буд, ки дар он нависанда вазъи роҳравҳо (подъездҳо) дар хонаҳои чандтабақаро ба ҷиддияти тамом мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин мисол бетаваҷҷӯҳӣ ва бегонагии мардумро нисбат ба воҳидҳои мавриди истифодаи умум таъкид ва маҳкум карда буд. Ин мавридҳо ва чунин бархурдҳо ба як инсони одӣ, ботавозӯъ ва амалгаро будани вай шаҳодат медод.

Тавре ки пештар ишора шуд, пайвастани Айтматов бо ҷамъи хамӯшони мазористони «Ота-Бейит» ҳусни анҷоми зиндагони пурбор ва дурахшони вай буд. Ин маҳалли муқаддаси қирғизҳо бо вуҷуди Айтматов барои таъмини ҳофизаи таърихии миллӣ ва ваҳдати мардуми Қирғизистон нақши муассиртар хоҳад дошт.

Вале қаҳрамонони осори ҷовидонии вай садои виҷдони бедорашро барои ҳамеша дар дунё баланд хоҳанд кард.

*Июли 2008*

# БОЗГӮ АЗ ДОСТОНИ «МАНКУРТ»

***Аз романи Чингиз Айтматов***

***«Рӯзест дарозтар зи қарне»***

## Пешгуфтор

Романи «Рӯзест дарозтар зи қарне», бавижа достони «Манкурт» пас аз интишори он мавриди баҳсу баррасиҳои зиёд қарор гирифт. Бахусус ноқидон дар садади пайдо кардан достонҳои мушобеҳ аз адабиёт ҷаҳонӣ баромаданд ва ҳар касе ҳадсе дигар мезад, ки Чингиз Айтматов ин достонро аз кадом як нависанда ва ё осори мардумӣ ба орият гирифтааст. Албатта, ногуфта намонад, ки баъзе аз муҳаққиқини таърихи Қирғизистон вожаи «жувонжувон»-ро ки дар ин достон исми рақибони қирғизҳо мебошад, баракс яке аз вожаҳое медонанд, ки дар манобеъ чинӣ далолат ба қавмияти қирғизӣ мекунад. Чун ҳоло маҷоли ин баҳсҳо нест, ба асли матлаб бипардозем, ки оё дар адабиёти пурбори форсии тоҷикӣ устураеро мушобеҳ бо «Манкурт» суроғ дорем ё не? Қабл аз ҳама бояд ба «Шоҳнома» назар кард чаро ки он қомуси ҳофизаи миллӣ ва таърихии ақвоми эронист. Дар Шоҳнома дар достони Кайхусрав моҷарои ҷолиби байни Кайхусрав ва падарбузурги ӯ шоҳи Тӯрон Афросиёб нақл мешавад, ки то ҳадде мазмуни ин достонро ба ёд меорад. Чун Кайхусрав ба дунё омад, Пирон – ин марди танҳо бо рою бо тадбир дар дарбори Афросиёб ба ҳазор биму умед муждаи зода шудани фарзанди Сиёвушро ба Афросиёб дод, вале Афросиёб шадидан нигарон гардида ва дар ин андеша монд, ки чун ӯ бузург шавад, албатта ситонандаи кини падар аз Афросиёб ӯ хоҳад буд. Пас, Пирон ба хотири раҳоии ҷони ин тифли маъсум тадбири дигареро ба кор бурд ва ба Афросиёб пешниҳод намуд, ки ӯро барои парасторӣ ба дасти шубонон биспоранд ва дар миёни кӯҳ, «дур аз гурӯҳ» дар канори рамаи гӯспандон бузург шавад ва бад-ин васила бехабар аз ному нажоди худ бимонад, то хатари кини Сиёвуш низ аз миён рафъ гардад. Афросиёб ин тадбирро писандид ва Кайхусравро ба дасти шубонон супурданд.

Вале онгуна ки Ҳаким Фирдавсӣ ҳамеша муътақид аст, ин бор низ нажоди каёнӣ ниҳон намемонад, бо ҳунарҳо аз вуҷуди Кайхусрав сар бармекашад ва асолати ӯро ошкор месозад, бидуни ин ки худ огоҳ бошад:

*Чу шуд ҳафтсола гави сарфароз,*
*Ҳунар бо нажодаш ҳамегуфт роз.*
*Зи чӯбе камон кард в-аз рӯда зеҳ,*
*Зи ҳар сӯ барафканда зеҳро гиреҳ.*
*Абе парру пайкон яке тир кард,*
*Ба дашт омад, оҳанги нахчир кард.*
*Чу даҳсола шуд он ҷавони сутург,*
*Ба ҷанги гуроз омаду хирсу гург.*
*В-аз он ҷойгаҳ шуд ба шеру паланг,*
*Ҳам аз чӯби хамбида шуд сози ҷанг.*

Шубонон аз ин рафтори ӯ ба сутӯҳ меоянд ва аз парастории ӯ оҷиз ва ҳолро бо Пирон дар миён мегузоранд. Пирон боз ба хоҳишгарӣ ба назди Афросиёб меравад.

Ва ин ҳама ҷилваҳои гавҳари асл дар ҳолест, ки Кайхусрав худ аз асл воқеият хабар надорад ва худро як шубонзода медонад ва таъаҷҷуб мекунад, ки чаро бузургмарде чун Пирон ба ин ҳад бо ӯ изҳори меҳрубонӣ ва шафақат менамояд. Пирон низ намехоҳад ки Кайхусрав бехабар аз аслу насаби худ бошад, вале мушкил танҳо бо Афросиёб аст ва барои раҳоӣ аз шарри Афросиёб Кайхусрав бо машварати Пирони мудаббир ба бозӣ саҳнаеро иҷро менамояд, ки ба тамому камол ёдовари саҳнаи пурсишу посухи мардум бо «Манкурт» аст:

*Бад-ӯ гуфт: «Эй наврасида шубон,*
*Чи огоҳ дорӣ зи рӯзу шабон?*
*Ту бо гӯспандон чӣ кардӣ ҳаме?*
*Бузу мешро чун шумурдӣ ҳаме?»*
*Чунин дод посух, ки: «Нахчир нест,*
*Маро худ камону зеҳу тир нест».*
*Бипурсид бозаш зи омӯзгор,*
*Зи неку бади гардиши рӯзгор.*

*Бад-ӯ гуфт: «Ҷойе, ки бошад паланг,*
*Бидаррад дили мардуми тезчанг».*
*Се дигар бипурсидаш Афросиёб*
*Аз Эрону аз шаҳру аз мому боб.*
*Чунин дод посух, ки: «Дарранда шер*
*Наёрад саги корвонӣ ба зер».*
*Бипурсидаш: «Эдар ба Эрон шавӣ?*
*Ба наздики шоҳи далерон шавӣ?».*
*Чунин дод посух, ки: «Бар кӯҳу дашт*
*Саворе парандӯш бар ман гузашт».*
*Бихандид шоҳу чу гул баршукуфт,*
*Ба нармӣ ба Кайхусрав он гоҳ гуфт:*
*«Нахоҳӣ дабирӣ ту омӯхтан?*
*Зи душман нахоҳӣ ту кин тӯхтан?».*
*Бад-ӯ гуфт: «Дар шир рӯған намонд,*
*Шубонро бихоҳам ман аз дашт ронд».*
*Бихандид хусрав зи гуфтори ӯй,*
*Суйи паҳлавони сипаҳ кард рӯй.*
*Бад-ӯ гуфт: «Дил ин надорад ба ҷой,*
*Зи сар пурсамаш, посух орад зи пой.*
*Наёяд ҳамоно баду нек аз ӯй,*
*На з-ин сон бувад мардуми кинаҷӯй».*

Бад-ин тариқ, Афросиёб ба ин пиндор, ки Кайхусрав орӣ аз ҳофиза шудааст, даст аз домани ӯ бармедорад, вале агар дар асл чунин мебуд, чӣ паёмаде дар интизори кишвараш буд? Ҳамчунин достони фаҷеъи Рустам ва Сӯҳроб ба ёд мерасад ва мебинем, ки Афросиёб чӣ талошҳое ба харҷ медиҳад, то Сӯҳроб Рустамро нашиносад ва фарҷоми ғамангези ин достон ҳам ҳосили нашнохтан аст. Ба ғайр аз ин моҷарои дар чарм гирифтани асирро аз достони Шопури Зулактоф ҳангоми ба асорати Қайсари Рум афтодани вай («Шоҳнома») пайдо мекунем. Вале наметавон бо эътимод гуфт, ки марҳум Айтматов аз ин достон хабар дошта бошад. Дар ҳар ҳоле барои нависандагони ҳамосаҳо дар ҳар давру замоне ҳофизаи таърихиву милливу мазҳабӣ ва устураҳои таҷассумкунандаи чунин мавзӯъҳо аз унсурҳои аслӣ будааст, ки аз он кор гирифтаанд.

Достони бархӯрди жувонжувонҳо бо асирони ҷангии худ чунин буд, ки ононро бар дасту пой завлона зада, дар зери осмони гудохтаи биёбони сӯзон бар рӯйи рег менишонданд ва мӯйи сари онҳоро бо теғ пок метарошиданд. Пас аз он бо таваҷҷӯҳ ба шумораи асирон чанд уштурро сар зада пӯст мекананд ва ин пӯстро қитъа-қитъа карда, мисли кулоҳи танг бар сари асирон мекашиданд.

Ин кулоҳи танги пӯстӣ бар асари тобиши офтоб хушк мешуд ва мисли як чанбари оҳанӣ бар сари он бадрӯзҳо фишор меовард ва ин чарми хом мисли пӯлод сахт мегардид, то ҳадде ки мӯйи ба тозагӣ саркашида бар он чарм бархӯрда хам мешуд ва чун сӯзан дубора бар сари онҳо фурӯ мерафт. Дарди ҷонгудоз ва шиддати офтобу ташнагӣ дар маҷмӯъ пас аз муддате бисёре аз ин асиронро ба коми марг партоб мекард, вале агар аз ин гурӯҳ шумораи андаке ҳам зинда боқӣ мемонд, он барои жувонжувонҳо ғанимати бузург ба шумор мерафт, зеро як нафар чунин ғулом, ки минбаъд «манкурт» ном мегирифт, барои хоҷаи вай боарзиштар аз сад ғулому сарбози навъи дигар буд. Чаро?

Рози аҳаммияти асирони табдилшуда ба манкурт барои жувонжувонҳо он буд, ки ин асирон бар асари озору оломи шадиде, ки шарҳи он гуфта шуд, азизтарин гавҳари инсонии худ – ёду хотирот ва ё ба истилоҳ «ҳофиза»-и шахсиву иҷтимоъӣ ва қавмии худро аз даст медоданд. Вале ҳамзамон истеъдод ва малакаҳои касбиву ихтисосии худро батамому камол ҳифз менамуданд ва бо ин ҳол мисли як мошинодам (робот) ҳар ҳукму фармони хоҷаи жувонжувони худро бидуни ҳеҷ тардид ва даранг иҷро мекарданд. Ба масал, агар хоҷаи манкурт ханҷареро ба дасти ӯ медод ва аз ӯ мехост, ки онро ба синаи худ фурӯ бибарад, манкурт дарҳол ин корро анҷом медод. Вале моҷароеро, ки Чингиз Айтматов барои шарҳу басти ин нукта нақл мекунад, басо ҷонгудозтар аз фарзияи болост.

## Достони манкурт

Дар миёни қабоили қирғиз зани солманде буд, ки мардум бо такриму эҳтиром вайро «Найман-она» (яъне модари

қабилаи Найман) меномиданд. Вай пас аз марги шавҳараш дар миёни гурӯҳе аз қабоили пуршумори қирғиз мисли як мураббӣ ва носеҳ дар тамоми корҳо нақши доварӣ ва раҳнамоиро ӯҳдадор шуда буд. Вай чандин фарзанди худро дар коми хунин ҳаводиси рӯзгор қурбонӣ дода ва охирин ҷигарпораи худ Ҷоламонро мисли гавҳари чашмонаш азиз медошт. Ҷоламон ба тозагӣ ба балоғат расида буд, вале бар нерумандтарин паҳлавонони қабоили қирғиз сабқат мегирифт. Бавижа дар тирандозӣ «мардумакро аз чашми паланг мебурд».

Ин даврон буд, ки жувонжувонҳо бар қабоили қирғиз тохтанд ва Ҷоламон низ дар сафи мардони корозмуда ба ҷанги онҳо рафт. Найман-она ҳама шабҳои фироқро бо дуъои талаби пирӯзӣ ба сар мебурд ва орзу мекард, ки ягона фарзандаш аз майдон зинда баргардад ва дар ниҳонхонаи қалбаш нохудогоҳ аз Худой мехост, ки ба ҷуз ҳар сарнавиште ки мақдур ҳаст, ҳадди ақал Ҷоламон ба асорати душман гирифтор нашавад.

Пас аз чандин шабонарӯзи муқовимати шадид жувонжувонҳо шуморе кушта дар майдон боқӣ гузоштанд ва бо чанд тан аз асирони қирғиз фирор карданд. Мардони қирғиз куштаҳо ва захмиёни қабоили худ бар пушт аз майдони набард баргаштанд.

Найман-она пас аз он ки Ҷоламони худро дар миёни зиндаҳо пайдо накард, мисли мурғи нимбисмил дар миёни захмиён ва куштаҳо мегашт, онҳоро мебӯсид, мебӯйид ва фарзанди худро ҷустуҷӯ мекард.

Вале… ҳайҳот, асаре аз Ҷоламон пайдо намекард ва касе низ хабари ӯро намедод. Мардон бо сукути сангин сар ба зер меафканданд, зеро тоби нигоҳеро, ки фӯлодро мегудохт, надоштанд.

Пас аз муддате маълум гардид, ки Ҷоламон дар он ҷанг бо жувонжувонҳо шадидан захмӣ гардида, аз болои асп сарозер шудааст, вале як пояш дар рикоб банд шуда ва асп ҷисми захмии ӯро ба миёни жувонжувонҳо бурдааст. Албатта барои аспи омӯхта ин як иттифоқи нодир буд, зеро ки аспҳои бофаросати размӣ ҳамеша ҷанговарони захмӣ ё

наъши онҳоро аз майдони ҷанг ба сӯйи ҷиноҳи худ ва ё ба сӯйи меҳан мекашонанд. Вале асли қазия ин аст, ки инони ҳеч хинге берун аз панҷаи сарнавишт нест.

Занони қабилаи Найман мардонро сарзаниш мекарданд, ки ҳаргиз чунин ҳодисаи нангин ба суроғи қабилаи онҳо наёмада буд ва диловарони найманӣ ҳеч гоҳе ба асорати аъзои хонадони сарони қабилаи худ тан надода буданд, дар ҳар ҳоле ҳанӯз ҳеч кас ба дурустӣ намедонист, ки тақдири Ҷоламон чи тавр сурат гирифтааст. То он замоне ки боре туҷҷори ҷаҳонгарди Роҳи бузурги абрешим дар масири ҳаракати худ дар хаймаи сапеди Найман-она барои як дам осудан таваққуф карданд ва дар ҳоле ки Найман-она бо тавозӯъ дар поёни давра нишаста, барои онҳо чойи сабз таоруф мекард ва бидуни он ки аз саргузашти вай хабаре дошта бошанд, дар канори дидаву шунидаҳои хеш ба нақли мулоқоти худ бо ҷавони ғарибе дар дашти паҳновари Сари озек пардохтанд. Онҳо мегуфтанд, ин ҷавоне буд дар ғояти камолу ҷамол, тоза бар пушти лабаш хат сабз шуда ва шаборӯз галлаҳои бешумори жувонжувонҳоро бонӣ мекунад, вале ба ҳеч суоле посухи муносиб намедиҳад, ному нишони худро намедонад ва бо як даст ҳамеша кулоҳеро, ки танг бар сараш кашида шудааст, нигоҳ медорад ва агар касе оҳанги бардоштани он кулохро намояд, мисли аспи ваҳшӣ бо ҷасту хез фирор мекунад.

Бо шунидани ин ҳарфҳо гӯё теғи сӯзони баркe аз миёнаи қалби Найман-она гузашт, донист, ки ин достони кист, вале худро набохт, худро ба пойи ҷаҳонгардон наяндохт ва тафсилоти бештарро дархост накард. Хамӯшу мутафаккир гардид ва бар нақши намади фарши хайма чашм дӯхт. Ӯ аз ин лаҳза тасмим гирифта буд. Тасмиме, ки то кунун касе нагирифта буд, касе ба суроғи ҳеч манкурте нарафта буд, зеро ҳама медонистанд, ки манкуртро метавон ба сӯйи худ баргардонд, вале ҳеч кас то ба ҳанӯз натавонистааст ҳеч манкуртеро ба суйи хештани хеш, ба асли худаш баргардонад. Дар замири Найман-она гуфтугӯйи дарунӣ шурӯъ шуд: Гоҳе мегуфт, ки шояд он манкурт Ҷоламони ӯ набошад ва бо дарёфти ин ҳақиқат вай осӯда шавад ва гоҳе ме-

гуфт, ки ҳар чӣ бодо бод, бигзор фарзанди ӯ бошад, бигзор Ҷоламони бошад. Ӯро ба ҳар навъе аз асорати жувонжувонҳо мерабояд ва бо худ ба миёнаи қабила меорад ва мисли як санам шабу рӯз дар канори худ мепарварад ва дидаи ҷони худро бо дидори ӯ рӯшан месозад.

Найман-она боқии он рӯзро сарфи таҳияи асбоби сафар кард. Бахусус чанд машкро пури об кард, модиёншутури варзида ва зираки худ «Оқмоя»-ро ҳам барои сафари тӯлонӣ муҷаҳҳаз ва омода сохт ва маҳорашро бар гулмехи хайма баст. Ҳама шабро бо дуъову зорӣ ва ёди рӯҳи шавҳараш ба сар бурд ва субҳи содиқ бидуни он ки касе аз нияти вай хабар дошта бошад, ба оҳанги сафар аз хайма берун шуд, аз хилоли фазои гургумешии субҳи барвақт нигоҳе ба тарҳи паридаранги хаймаҳои қабилаи худ афканд, ашк дар чашмонаш ҷӯшид, қалбашро ларза фаро гирифт, вале пушти азмаш қавӣ буд. Даст бар кӯҳаи зини Оқмоя бурд, зери лаб калимаи шаҳодат гардонд: «Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳ!» ва бар пушти шутур нишаст, шутур аз ҷояш баланд шуд ва ба суроғи идомаи сарнавишти Найман-она қадам бардошт…

Модари маҳҷур пас аз паймудани фосилаи зиёде аз дашти сӯзони Сари озек ба маҳалле расид, ки нишонашро аз мусофирон шунида буд. Дергоҳе ҳеч галлаи шутур ба чашмаш нарасид ва сахт нигарон шуд, ки мабодо онҳоро ба ҷойи дигар бурда бошанд ва ё масалан, ҳамаи он шутуронро дар бозорҳои Хева ва Бухоро ба фурӯш гузошта бошанд! Баногоҳ дар дурдаст галлаи шутурро дар чаро дид ва пештар рафт. Инак, пайкари шутурбон низ дар нигоҳи вай падидор гардид ва дигар масҳуру музтариб пеш мерафт ва дар ҳар қадаме нақше ошнотару ошнотар аз ин пайкар дар наззораи ӯ ҷилва менамуд, то он ки дигар шакке боқӣ намонд, худро аз Оқмоя поин андохт ва бо фарёду зорӣ ба сӯйи ӯ давид:

– Оҳ, ҷигарбандам, ман дар ҷустуҷӯйи ту мегардам, ман модарат ҳастам!

Ва якбора ҳама чиз барои Найман-она маълум шуд. Дар ҷояш истод ва бо фиғон бар замин пой мекӯбид, инони ихтиёрро аз даст дода буд. То ин ки ба хок наяфтад даст бар

китфи писари бетафовути худ гузошта буд ва яксара мегиристу мегирист, андӯҳе ки чандин муддат мисли абри сиёҳи ситабр бар шонаи ӯ нишаста буд, акнун бо ханҷари озарахши ин дидори асафбор пора гардида, аз чашмони модари бечора хун меборид.

Модар аз миёни гиря бар чеҳраи писараш менигарист ва талош мекард, ки сари риштаи нигоҳи ӯро бо нигоҳи худ бипайвандад, то бошад ки аз ин роҳ бо меҳри дил ӯро эҳё намояд ва худро бишиносонад. Вале фарзанд мисли кӯҳе аз ях сарду сокит буд ва нигоҳи пурмеҳри модар ҳам аз пушти дари ҷовидона бастаи мардуми чашмони ӯ лағзиш мехӯрд.

Найман-она худро ба даст гирифт, нафаси амиқ кашид ва ба писараш гуфт: Бишин, гап бизанем ва онҳо рӯйи замин нишастанд:

– Ту маро мешиносӣ?

Манкурт ба нишони инкор сарашро ҳаракат дод.

– Номи ту чист?

– Манкурт – гуфт ӯ дар посух.

– Имрӯз аст, ки туро чунин меноманд. Вале номи қаблии худро дар ёд дорӣ? Номи аслии худро дар ёд дорӣ? Номи аслии худро ба ёд биёр.

Манкурт сукут кард. Модар медид, ки ӯ кӯшиш мекунад, то номи аслии худро ба ёд биёрад. Аз шиддати фикр дар ҷабини ӯ қатраҳои арақ пайдо шуд ва фазои чашмонашро пардаи меҳгун пӯшид. Вале дар муқобили ӯ гӯйӣ девори сангине қад барафрошта буд ва ӯ наметавонист аз ин девор убур намояд.

– Ва номи падари ту чӣ буд? Ту худат аслан аз куҷойӣ? Ақалан медонӣ ки дар куҷо таваллуд шудаӣ?

На, ӯ на чизеро дар ёд дошт ва на чизеро медонист.

– Инҳо бо ту чи коре карданд – гуфт зери лаб модар ва дубора бидуни ихтиёр лабони вай париданд ва аз фарти озурдагӣ ва хашму андуҳ дубора зад ба гиристан. Андӯҳи модар ҳеч асаре дар манкурт надошт.

– Метавон заминро рабуд, метавон сарватро рабуд, метавон ҷонро ҳам рабуд – мегуфт модар зери лаб – вале ба

зеҳни чӣ касе расида, ки ба ҳофизаи инсон сӯиқасд кунад?! Оё бидуни ин ҳам шарр дар рӯйи замин кам аст.

Пас аз он модар шурӯъ ба сурудани таронаи андӯҳбори худ кард, ки то имрӯз дар ёдҳо боқӣ мондааст:

– Ман модиёншутури пирам ва омадаам, то бӯваки[1] шутурбаччаи худро бибӯям.

Ва то дергоҳе каламоти дуъо ва зории ӯ аз умқи ҷонаш бархоста дар фазои бекарони дашти Сари озек беасар мегардид. Вале ҳеч чиз дар фарзанди манкурти ӯ кора намекард. Онгоҳ Найман-она тасмим гирифт, ки на аз тариқи суол, балки бо талқин ӯро бифаҳмонад, ки кист.

– Номи ту Ҷоламон аст. Ту мешунавӣ? Ту падаратро дар ёд дорӣ? Падари ту Донанбой ном дошт. Магар ту падаратро дар ёд надорӣ? Охир замоне, ки ту бача будӣ ӯ тирандозиро ба ту ёд дод. Ва ман модари ту ҳастам. Ту писари ман ҳастӣ. Ту аз қабилаи Найманҳо ҳастӣ, мефаҳмӣ? Ту Найманӣ…

Манкурт ба ин ҳарфҳо бо камтарин нишонаи таваҷҷӯҳ гӯш медод, онгуна ки гӯйӣ чир-чири малахеро мешунавад. Пас Найман-она аз писараш суол кард:

– Ва то замоне ки ба ин ҷо омадӣ чӣ буд?

– Ҳеч чиз набуд – гуфт ӯ дар посух.

– Шаб буд ё рӯз?

– Ҳеч чиз набуд – гуфт ӯ.

– Бо кӣ мехоҳӣ гуфтугӯ кунӣ?

– Бо моҳ, вале мо якдигарро намешунавем. Он ҷо касе нишастааст.

– Боз чӣ мехоҳӣ?

– Кокул дар сарам, мисли кокули хоҷаам.

– Ку, биё, бубинам, онҳо бо сари ту чӣ кор карданд – даст ёзид Найман-она.

Манкурт якбора ба ақиб ҷаст. Бо ду даст кулоҳашро маҳкам гирифт ва дигар ба сӯйи модараш нигоҳ намекард. Модар донист, ки ҳаргиз набояд дар бораи сари ӯ ҳарфе зад.

[1] Бӯвак – пӯсти бо коҳ анбоштаи баччаи ҳайвони ширдеҳ, ки бо бӯйидани он ором мегирад ва шираш ҷорӣ мешавад.

Ин замон буд, ки аз дур шабаҳи шутурсаворе пайдо гардид. Шутурсавор ба сӯйи онҳо меомад.

– Ин кист? – пурсид Найман-она.

– Ӯ барои ман хурок меорад – гуфт дар посух писар.

Найман-она музтариб гардид. Ҳар чӣ зудтар мебойист пинҳон шавад, то жувонжувон ӯро мушоҳида накунад. Ӯ шутурашро ба замин нишонд ва бар пушти зин нишаст.

– Ту ҳеч чиз нагӯ, ман ба зудӣ бармегардам – гуфт Найман-она.

Писараш посухе надод, барои вай аҳаммияте надошт.

Модар дар тӯли роҳи фирори худ эҳсос намуд, ки иштибоҳ карда, ки савори шутур шудааст. Мебойист аз маҳори шутур мегирифт ва аз миёни галла ба тавре ки жувонжувон натавонд вайро мушоҳида намояд, фирор мекард. Вале дигар кор аз кор гузашта буд. Ӯ ба ғоре расид ва худро ба коми ғор кашиду пинҳон шуд.

Аз шикофи ғор ду маротиба жувонжувонро дид, ки бар сар кулоҳи сиёҳи шикасталаб, дар даст тиру камон ва дар пушти сараш кокули дарози дубофта, пойҳояшро дар рикоб тир карда сарашро ба ҳар тараф мечархонад. Ӯ зоҳиран модарро ҷустуҷӯ мекард. Билохира, жувонжувон аз он ҷо дур шуд.

Модар чорае ҷуз ин надошт, ки то субҳ дар он ғор бимонад. Ва субҳи барвақт дубора ба назди Ҷоламон баргашт.

– Ҷоламон! Ҷоламон! Салом!

Писар баргашт ва ба модар нигоҳ кард. Модар аз шодӣ фарёд кашид. Вале онан дарёфт, ки писараш танҳо бар асари садо буда, ки ба сӯяш нигаристааст.

Модар дубора шурӯъ кард ба талқину тафҳим ва ёдоварии хотироти гузашта ва ҳатто сурудани «Алла»-е, ки писараш онро хеле дӯст медошт.

Ин дафъа ду нафар жувонжувоне, ки якбора босуръат ба сӯйи онҳо меомаданд модарро бо сароҳати бештар мушоҳида карданд. Жувонжувонҳо ба маҳзи онки ба сарвақти манкурт расиданд шурӯъ карданд ба лату кӯби вай ва ҳар суоле ки аз вай мекарданд дар посух инро мегуфт:

– Ӯ мегуфт, ки модари ман аст.

– Ӯ ҳеч навъ модари ту нест! Ту модар надорӣ! Медонӣ ӯ барои чӣ омада буд? Ӯ омада, то кулоҳро аз сари ту бардорад ва саратро бухор бизанад – бо таҳдид гуфтанд ба бечораи манкурт.

Бо шунидани ин ҳарфҳо ранг аз рӯйи манкурт парид, чеҳраи ӯ хокистарӣ гардид ва дар ниҳоят сиёҳ шуд. Ӯ кифтҳояшро ба даври гарданаш кашид ва дастонашро маҳкам бар кулоҳаш гузошт ва мисли доми ваҳшӣ ба атроф нигоҳ кард.

– Хуб, ту натарс! Ку, инро бигир! – Жувонжувони калонӣ тиру камонро ба дасти ӯ дод.

– Ку, нишон бигир! – Жувонжувони хурдӣ кулоҳи худро ба ҳаво баланд партоб кард. Тир кулоҳро шикофт. – Бубин! – бо таъаҷҷуб нидо кард соҳиби кулоҳ – ҳофиза дар даст боқӣ мондааст!

Найман-она мисли мурғи рамида аз ошёна дар дашти Сари озек давр мезад. Намедонист дигар чӣ кор кунад…

Дар ниҳоят тасмим гирифт, ки дубора ба сӯйи фарзандаш биёяд ва агар жувонжувонҳо ӯро бо худ набурда бошанд, ба наҳве ӯро розӣ кунад, ки шаб ҳамроҳи модар аз онҷо фирор намояд.

Офтоб дар пушти талҳои дашти паҳновари Сари озек ғуруб карда, охирин пораҳои домони нуронии худро аз пояш мекашид. Модар савор бар Оқмоя ба сӯйи писараш роҳӣ шуд. Аз миёни галлаи бузурги шутурон роҳ мепаймуд ва писари худро пайдо намекард…

– Ҷоламон, писаракам, Ҷоламон, дар куҷойӣ ту? – садо мекард Найман-она.

Ҳеч касе пайдо намешуд ва посухе намерасид. Ӯ намедид, ки писари манкурти ӯ дар паноҳи сояи шутур зону зада ва хадангро дар зеҳи камон кашида дар интизори фурсати муносиб аст.

– Ҷоламон! Писаракам! – Садо кард Найман-она, аз бими он ки ҳодисае рух дода. Дар рӯйи зин давр зад – Назан! – танҳо фурсати ҳамин фарёдро кард ва тир аз қавси камони писари манкурташ раҳо шуд ва дар паҳлӯйи чапи мо-

дар, дақиқан дар миёнаи дили модар фурӯ нишаст. Ин зарби ҷонситон буд.

Найман-она яксӯ хам шуда ва батадриҷ аз болои шутур суқут мекард ва дастҳояшро дар гардани шутур ҳалқа карда буд. Аммо қабл аз он, ки бияфтад рӯймоли сапед аз сараш боз шуд ва дар ҳаво табдил ба мурғе гардид, ки парвоз мекард ва ба фарёд ин садо аз минқораш берун меҷаст:

«Ба ёд биёр, аҳли кистӣ?! Номи ту чист? Падари ту Донанбой аст! Донанбой! Донанбой! Донанбой!».

То ба ҳанӯз, мегӯянд, он мурғ дар шаби даштҳои Сари озек парвоз мекунад ва ҳар раҳгузареро бо ин садоҳо истиқбол ва гусел менамояд…

Он ҷо ки Найман-онаро ба хок супурданд, дар Сари озек, гӯристони «Она байт» ном гирифт...

## Охирсухан

Дар поёни ин достони ҷигарсӯз нигоҳе ба имрӯз менамоем, зеро ногузир ба ёд мерасад, ки қирғизҳо имрӯз маҳалли муқаддасеро «Ота-байт» (оромгоҳи падар) номидаанд. Ин ҷо оромгоҳи садҳо тан аз аз нухбагон ва рӯшанфикрони қирғизистонӣ иборат аз милали мухталиф мебошад, ки дар даҳаи сивуҳафтуми асри 20 бо иттиҳоми «аносири зидди инқилоби болшевик» эъдом гардида ва дар як хандақ рӯйи ҳам рехта бидуни адои ҳеч навъ маросим зери хок карда шудаанд. Падари нависанда Чингиз Айтматов – Тӯрақул Айтматов низ тане аз онҳо будааст. Гуфтанист ки ин сарнавишти падар, дар тамомии тӯли зиндагии даврони бачагӣ ва балоғат бо ҳама аҳли хонавода таҳаммули иттиҳоми сангин ва монеъаофарини «фарзанди душмани халқ» дар рӯҳиёти Айтматов асари амиқе барҷой гузошта ва ангезаи неруманде гардидааст, ки ӯ тан ба заҳмати нависандагӣ биспорад ва табдил ба яке аз нерумандтарин сарояндагони достонҳои башардӯстонае гардад, ки оҳанги неруманди онҳо пояҳои режими худкомаи Шӯравиро дар остонаи бозсозии Горбачёвӣ мутазалзил карда буд ва ин нависанда низ дар ҳалқаи маҳдуди афроде буд, ки наздиктарин ҳамандешон ва мушовирони Горба-

чёвро ташкил медоданд. Аз достони «Манкурт»-и вай дар ин солҳо, ки солҳои ахири вуҷуди Иттиҳоди Шӯравӣ буд, истилоҳи «манкуртизм» муштақ гардид ва ба унвони ҷомеътарин ва маъруфтарин истилоҳ дар саросари Шӯравӣ барои шинохтан ва шиносондани афроде, ки мункири арзишҳои миллӣ ва мазҳабӣ ҳастанд, ба кор гирифта мешуд ва то ҳанӯз ин истилоҳ маъруф аст. Ба асоси ин достон дар тӯли муддати кӯтоҳе чандин филм ва намоишнома танзим гардид. Аз ҷумла дар Туркманистон аз ин достон филм сохтанд. Ҳамчунин гуфтанист, ки ҳамзамон нависанда бо сипосгузорӣ аз ғамхорӣ ва парвариши мактаби шӯравӣ ёдоварӣ менамояд ва дар маҷмӯъ ин шахсият, ки ҳам аз фоҷиаҳо ва ҳам аз мазиятҳои шӯравӣ дар ҳарду маврид ба ҳадди зиёде саҳм бурдааст, дар нафси худ як падидаи ҷомеъест, ки мутолиа ва таҳқиқи сарнавишти ӯ (ки сарнавишти садҳо тан аз аз нухбагон Шӯравӣ мебошад) барои шинохтани розу румузи ин систем бисёр муносиб аст. Вай ҳанӯз дар даврони авҷи қудрати Шӯравӣ барандаи муҳимтарин ҷоизаҳо адабӣ гардида ва дар даврони бозсозӣ ба узвияти порлумони Шӯравӣ интихоб шуда буд.

Албатта, ин нукта низ муҳим аст, ки дар даҳаи ҳафтод осори вай дигар шӯҳрати ҷаҳонӣ касб намуда ва ҳар асаре, ки аз зери қаламаш берун меомад, ба таври барқосо аз забони русӣ (забони аслии навиштаҳояш) ба забонҳои мухталифи дунё тарҷума мешуд. Бавижа ба олмонӣ, англисӣ ва японӣ.

Бо мурочиат ба романи «Рӯзест дарозтар зи қарне», бояд гуфт, ки достони «Манкурт» дар зимни достони дигаре аз воқеияти шӯравӣ шарҳу басти адабӣ меёбад ва аз ин тариқ «манкурт»-и муосир муаррифӣ мегардад. Ин шахсияти тозадаврон «Собитҷон» ном фардест, ки ӯро падари фақире – Қазонғопи қазоқ, коргари одии истгоҳи роҳи оҳан ба заҳмату машаққат ба камол мерасонад, то ҷойе, ки ӯ дар яке аз идороти муҳимми маркази кишвар соҳиби мансабу мақоми муовинат мегардад. Падари пир аз дунё мегузарад. Ба Собитҷон телегром мефиристанд ва аҳли шаҳраки фақири канори роҳи оҳан, ки муҳимтарин хатти ҳамлу

нақли кишвар аст, дар назди наъши марҳум дар дар интизори ташрифи Собитҷон ва бо ҳузури ӯ маросими суннатии такфину тадфин менишинанд. Вале ба маҳзи он, ки Собитҷон аз раҳ мерасад, фақат аз тангии фурсат ва нозарур будани анҷоми маросими суннатӣ сӯҳбат мекунад. Мегӯяд, ӯ бояд фавран «ба марказ» баргардад, зеро райисаш ба вай супоришҳои зиёд карда ва бахусус вай баракси васияти падараш мухолиф бо дафни вай дар маҳалли муқаддаси «Она-байт» – оромгоҳи Найман-она аст, ки дар фосилаи дуртаре воқеъ гардида ва ҳамчунин ташйиъи ҷанозаро хурофоти носозгор бо рӯҳиёти замони пешрафтаи шӯравӣ медонад ва низ аз он бим дорад, ки дар марказ вайро ба хурофотпарастӣ муттаҳам ва аз мансаби муҳимаш маҳрум месозанд. Дар ниҳоят дӯстони падараш аз ӯ ноумед мешаванд ва дигар бидуни эътино ба ҳарфи ӯ ҷанозаро ба Она-байт мебаранд ва дар наздикиҳои он ба хок месупоранд. Касе ҳам пайдо нест, ки маросими мазҳабиро ба тамому камол ба ҷо биёрад ва дӯсти наздиктарини марҳум – Эдигейи қирғиз чанд калимаеро, ки аз Қуръони маҷид дар ёд дорад, мехонад ва бо ӯ видоъ мекунад ва дар зимн бо гиря ба марҳум «дарди дил мекунад», ки чун ӯ худ аз дунё бигзарад, дигар чи касе ин чанд калимаи мухтасарро ҳам метавонад дар сари хоки ӯ бихонад.

Ин ҷост, ки бояд ба асли мавзӯъ мурочиат кард. Яъне таносуб ва ҳамбастагии ойинҳо ва арзишҳои милливу нажодӣ бо мазҳаб. Ин дар ҳолест, ки зиёиёни қирғиз ва беш аз ҳама Чингиз Айтматов ҳамеша таъкид мекарданд, ки қирғизҳо нисбат ба дигар ақвоми Осиёи Марказӣ нисбат ба ислом пойбандии камтаре доранд.

Бо ин ҳол, мавқеъе ки худи Чингиз Айтматов хостааст, то ба муассиртарин наҳве бар лузуми арзиш ва аҳаммияти ҳофизаи таърихии миллии мардуми худ таъкид намояд, ночор гардидааст, ки аз сунани исломӣ ёдоварӣ намояд. Маросими дафни Қазонғопи қазоқ ва чанд калимаи муқаддаси қуръониро дар ин маросим қироат кардани Эдигейи қирғиз дар ин тасвирсозиҳои Айтматов волотарин ва муассиртарин лаҳзаро аз намоишномаи таъйид ва таъкид

бар лузуми ҳифзи ҳофизаи таърихии миллӣ ва арзишҳои миллӣ ташкил медиҳад. Балки беш аз ин, агар мо бихоҳем нуқтаи авҷи ҳамаи офаридаҳои Айтматовро пайдо ва муаррифӣ намоем, он нуқта ҳамин саҳна ҳаст. Ин ҳукм на танҳо аз назари мост, балки беш аз он таъйиди асли хостаҳои худи нависанда мебошад.

Ҳамчунин наметавон аз ёдоварии ин нукта худдорӣ намуд, ки нависанда дар баробари зиндагии ормонии худ дар осораш ва дар миёни қаҳрамононаш, ҳамчунин зиндагии мушобеҳе бо ончи тасвир намудааст ба сар бурдааст ва сарнавиште чун сарнавишти қаҳрамононашро таҳаммул кардааст. Аз ҷумла муҳимтарин кор дар зиндагии Айтматов аз назари худи ишон ин буда, ки ҳамон мазори шаҳидони табъидотро, ки пештар аз он ёдоварӣ гардид, бо талошҳо ва пайгириҳои хастагинопазир эҳё ва ободон намуда, он маҳалро ба яке аз муқаддасоти миллӣ табдил додааст. Шояд бузургтарин ҷоизаи сарнавишташ ҳам ин буда, ки пас аз даргузашти ишон дар августи соли ҷорӣ (2008) ҷанозаи марҳумро тибқи васияташ дар ҳамин маҳал, яъне «Ота-байт» бо адои маросими исломӣ дар канори оромгоҳи падараш ба хок супурданд.

*Ноябри 2008*

# ҒАЛАТ НАНАВИСЕМ

Бо қабули тарҳи нави «Қонун дар бораи забони давлатӣ» (беҳтар буд «Қонуни забони давлатӣ» менавиштем), ки воқеан имконоти зиёдеро барои густариш ва рушди забони тоҷикӣ фароҳам месозад ва ин забонро ба яке аз муҳимтарин унсурҳои ҳувияти воқеии миллии мо табдил мекунад, бояд эҳсоси масъулияти мо дар баробари ҳифз ва беҳбуди забони модарӣ ва забони давлатиамон ба маротиб бештар гардад. Воқеият ин аст, ки ҳар яке аз мо бо забони модарии худ ифтихор мекунад ва ҳозир аст дар тавсифи он соатҳо суханронӣ намояд, саҳифаҳои зиёдеро сиёҳ кунад, вале мутаассифона, аксаран ин навъ сӯҳбатҳо ва ин навъ навиштаҳои ифтихоромез пур аз саҳву хато мебошад. Инро «танокуз» мегӯянд. Яъне ончи гуфта ва навишта мешавад, дар батни худ худро инкор мекунад.

Намунаи бисёр барҷастаи ин рафтор истифодаи мо аз ҳамон байти машҳури Тошхӯҷа Асирӣ аст, ки тақрибан ҳар касе дар бораи аҳаммияти донистани забони модарӣ сӯҳбат мекунад, аз он ёдоварӣ менамояд ва ин байт ба сурати шиор рӯи лавҳаҳои гуногунҳаҷм навишта ва дар бисёр ҷоҳо насб шудааст. Аммо тақрибан дар ҳамаи ин мавридҳо дар он иштибоҳ роҳ ёфтааст:

*Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,*
***Донистани сад забон осон гардад.***

Аввалин чизе ки ба зеҳн бармехӯрад, сактаи вазн дар мисраъи дуюм аст, ки як ҳиҷои кӯтоҳ кам дорад. Ин сакта мисли як пешпоӣ моро ҳушёртар мекунад ва вомедорад, ки ба сари байт баргардем ва дубора онро бихонем. Чун дубора мехонем, ба равшанӣ мебинем, ки мантиқи наҳвии ин навишта хароб аст. Бояд дар ёд дошт, ки ҳар навъ назме ва шеъре пеш аз ҳама забон аст, иборат аз калимаҳову ибораҳову ҷумлаҳо ва комилан тобеъ ба қонуну қоидаҳои забон. Агар истисное ҳаст, он истисно чизест, ки дар давоми асрҳо қабул шуда ва барои аҳли савод маълум мебошад. Дар ин байти сода ҳеч

навъ аз он истисноҳо нест. Он чи ҳаст, ғалат аст. Пас, агар ин як ҷумла аст, ки бо вергули байни мисраъҳо ба ду қисм ҷудо шуда, бубинем, ки байни ин ду қисми он чи рабте вуҷуд дорад? Дар ин тарзи навишт ҳеч рабте вуҷуд надорад. Агар мубтадои ин ҷумла «ҳар кас» бошад, пас, хабари он «сухандон гардад» аст. Бо ин ҳол барои саҳеҳ шудани ҷумла ду чиз лозим аст, ки агар яке ҳам бошад, кофист: ё пасоянди «-ро» ва ё замири (бандакҷонишини соҳибии) шахси сеюми ғоиб «-аш», то ки ду бахши ин ҷумла, ки дар айни ҳол ду мисраъ ҳам ҳастанд, бо якдигар васл шаванд. Хулоса, шакли саҳеҳи ин байт чунин аст:

***Ҳар <u>к-ӯ</u> ба забони худ сухандон гардад,***<br>
***Донистани сад <u>забонаш</u> осон гардад.***

Агар аз баҳри вазн бигзарем ва бихоҳем, ки ҷумлаи дуюмро дар ҳамон шакл боқӣ гузорем, фаразан метавонем чунин нависем:

«Ҳар кас**ро**, ки ба забони худ сухандон гардад, донистани сад забон осон гардад», ё «Ҳар кас, ки ба забони худ сухандон гардад, ӯро донистани (омӯхтани) сад забон осон гардад. Агар ба ҷои «кас» «к-ӯ» ҳам нанависем, ғалати фоҳиш намешавад, вале ғалати услубӣ мешавад.

Ин мисолро ба унвони «мушт намунаи хирвор» овардем ва ба ин хотир ин қадар муфассал шарҳ додем, ки камоли ноогоҳӣ ва беэътиноии мо нисбат ба забони модариамонро нишон медиҳад. Зеро ин байтро бо ин иштибоҳ борҳо аз касоне ҳам шунидаем ва хондаем, ки ҳаргиз дониши онҳо ин иҷозатро намедиҳад, ки ба чунин ғалат роҳ диҳанд, балки далели иштибоҳ аз сӯи онҳо танҳо бедиққатӣ ва беэътиноӣ нисбат ба забони модарии худ аст.

Ин мероси солҳоест, ки расман ва амалан забони тоҷикӣ дар дараҷаи дуюми аҳаммият қарор дошт ва забони аслии расмӣ забони русӣ ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин аз он замон то кунун ҳеч яке аз мо иштибоҳ кардан дар забони модариро чандон айбе намешуморад, ки кас барои он хиҷолат бикашад. Вале агар, Худо накарда, ҳар як тоҷик

ҳини сӯҳбат ба забони русӣ ногоҳ эҳсос мекард, ки дар нозуктарин мавриди тасриф ё корбурди луғот (ки худи русзабонҳо ҳам хеле ба иштибоҳ роҳ медиҳанд) хато кардааст, аз хиҷолат сурх мешуд ва ҳатман ба «бесаводӣ» маъруф мегардид. Албатта, ин эҳсос бад нест, бигзор бошад ва бигзор мо ба ҳар забоне, ки сӯҳбат мекунем ё менависем, саҳеҳ ва бидуни иштибоҳ бошад, вале беҳтар аст, ки чунин эҳсоси масъулиятро пеш аз ҳама ва беш аз ҳама дар баробари забони модарии худ дошта бошем.

Ин иштибоҳгӯӣ ва иштибоҳнависӣ як кори саросарӣ шудааст. Дар китобҳои дарсӣ, дар воситаҳои ахбори умумӣ, дар суханрониҳои маросимӣ, хулоса дар ҳама ҷо ғалатҳои фоҳиш ба чашм мерасад. Бахусус дар ҳини иқтибоси осори манзум хеле камтар мушоҳида мешавад, ки пораи иқтибосшуда бидуни иштибоҳ бошад. Тақрибан, дар ҳар як байт ғалат роҳ меёбад. Мушкил боз он аст, ки агарчи борҳо ба ин навъ иштибоҳот ишора мешавад, вале ба гӯши ҳуши касе намерасад ва боз ҳамон аҳвол идома меёбад. Масалан, борҳо дар бораи истифодаи бемавриди калимаи «бурдборӣ» (ки маънои «сабр»-ро дорад) тазаккур дода шудааст, вале боз дар поёни ҳар барномаи телевизионӣ муҷрӣ хитоб мекунад: «**ба** шумо **бурдбориҳои беназир** орзумандем!». Далели иштибоҳ аз он ҷост, ки ҷузъи «бурд» дар ин калима барғалат бо «бурд»-и мутазоди (антоними) «бохт» айният дода шудааст. Барои он ки ба асли ин калима бештар пай бибарем ва дар маънои он яқин ҳосил бикунем, ин байти Саъдӣ, ки дар он ҷузъҳои ин калима ба ҷудоӣ истифода шуда, вале асли ҳамин маънои «сабр» ва «таҳаммул» манзур дошта шудааст, ба мо ёрӣ мерасонад:

*Ятим ар бигиряд, кӣ нозаш харад?*
*В-агар хашм гирад, кӣ **бораш барад**?*

Зимнан, тавре ки дар мавриди мазкур ҳаст, бештари иштибоҳот аз истифодаи калимаҳо ва таъбирҳоест, ки гӯянда ва нависанда, маънои аслии онро намедонад ва дар зеҳни худ ба тақриб маъное барои он тасаввур карда ва ба-

рои «аз замона қафо намондан» онро ба кор мебарад. Манзур калима ва ибораҳои нисбатан тозаворид дар навиштор ва гуфтори мо мебошад. Аз ин ҳол беҳтар аст, ҳар кас аз ҳамон захираи луғавие истифода намояд, ки нисбат ба он дониши лозимро дорад. Масалан, агар ба ҷои истифодаи ғалати «бурдборӣ» аз калимаи «муваффақият», ки манзури гӯяндаро ифода мекунад ва бешак гӯянда маънои онро медонад, истифода мешуд, албатта беҳтар буд.

Чунин мисолҳо зиёданд. Масалан, ба наздикӣ дар як ҳафтанома мақолаеро хондам, ки саросар ба ҳамин услуби «шутурҳуҷра» иншо шуда буд. Аз ҷумла муаллиф менависад: «Дар ин ноҳия боз як воҳиди домдорӣ ба камбуди ғизои дом **мунҷар** шуд». Хуб, «домдорӣ» агарчи нав аст, саҳеҳ аст, калимаи форсӣ ва дар матнҳои куҳани тоҷикӣ зиёд дучор мешавад. Сарфи назар аз он ки имрӯз корбурди умумӣ надорад, иштибоҳ нест. Вале, охир, ин ҷо «мунҷар» чӣ кор мекунад? «Мунҷар шуд»-и камистеъмоли ним форсиву ним арабӣ дақиқан маънои калимаи тоҷикӣ ё худ форсии ноби «анҷомид» («анҷом ёфт»)-ро дорад. Пас, оё саҳеҳ аст, агар бинависем, ки «…воҳиди домдорӣ ба камбуди ғазои (саҳеҳаш хуроки) дом анҷомид»? Он чизе, ки муаллифро ба иштибоҳ андохтааст, калимаи дигари ба тозагӣ «мудшуда»-и «мувоҷеҳ шуд» (дучор шуд, рӯбарӯ шуд), мебошад, ки шабаҳи нофармони он ҳам дар зеҳни муаллиф вуҷуд дорад, вале чун лаҷомаш дар даст нест, худро пас кашида ва ба ҷояш «мунҷар»-ро фиристодааст.

Баръакси ин навъ тақлидҳои бефоидаи мо аз чандин сол пеш то кунун дар Эрон Фарҳангистони забони форсӣ ба кори бисёр судманди сара ва сода кардани забони форсӣ ва ҳамзамон истилоҳсозӣ бар асли калимаҳои решагии форсӣ (тоҷикӣ) машғул гардида ва натиҷаҳои бисёр арзишманде ба даст овардааст. Агар мо аз матбуот ва навиштаҳои форсии имрӯзи Эрон истифода мекунем, беҳтар аст, аз ин навъ истифода бикунем, на аз калимаҳое, ки худи нависандагони Эрон онро ба форсии сода иваз кардаанд. Масалан, муддате дар матбуоти Эрон калимаи «муштаракулманофеъ» (дар мавриди Иттиҳоди кишварҳои мустақил – СНГ) истифода шуд ва чанд

соле қабл муродифи он пайдо шуд, ки он калимаи содаи форсӣ ё худ тоҷикии «ҳамсуд» мебошад. Калимае, ки иборат аз ду ҷузъи тоҷикии барои ҳама маълум буда, хеле осоннавистар, осонхонтар ва хушоҳанг аст. Ҳамчунин дар баробари «вазъи тасҳилот» (упрощение, облегчение), ки ду калимаи барои хонандаи форсӣ ва тоҷикӣ чандон ошно нестанд, калимаи сода ва осони «осонсозӣ» ба ҷои «ҷилугирӣ» ё «ҷилавгирӣ» «пешгирӣ», ба ҷои «шуюъи амрози мусрӣ» «густариши бемориҳои вогир» ва аз ин қабил калимаҳову ибораҳои зиёди содаи тоҷикӣ дар матбуоти Эрон ҷорӣ гардид, вале мо кори баракс кардем. Масалан, ҳамон «пешгирӣ»-и содаи тоҷикиро, ки дар навиштору гуфтори худамон роиҷ буд, фаромӯш кардем ва даст ба «ҷилавгирӣ» задем ва бо ин ҳол дуруст нест бигӯем, ки таъсири матбуоти Эрон боиси печидагиҳо дар забони мо шудааст, балки мушкили мо ин аст, ки аз забони матбуоти Эрон истифодаи ноогоҳона ва интихоби нодуруст мешавад.

Онҷи гуфта шуд, ҳаргиз аз сари таассуб нест, балки мавзӯъ фаҳм ва корбурди саҳеҳи калимаҳост, ба тавре ки матлаб ҳам барои гӯяндаву нависанда фаҳмо бошад. Беш аз ин, бар мо лозим аст, ки бидуни ҳеч навъ таассуби нолозим одитарин қоидаҳои тасриф ва иштиқоқи калимаҳои арабиро, ки захираи азиме аз он дар забони мо барои ҳамеша ворид шудааст, ёд бигирем. Сарфу наҳви арабӣ ба мизоне, ки барои корбурди саҳеҳи ин калимаҳо ва ибораҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ донистани он ногузир буд, дар системаи омӯзиши суннатии мо ҳамеша ҷой доштааст ва ин амр дар давоми садҳо сол ҳаргиз боиси «арабӣ шудан»-и забони мо нагардидааст. Масалан, имрӯз дар навиштаҳо хеле зиёд чунин иштибоҳот ба назар мерасад: **эҳтиромона** (дурусташ-мӯҳтарамона, ё бо эҳтиром); **арзи вуҷуд доштанд** (арзи вуҷуд карданд, ё вуҷуд доштанд); **талаботро қаноат намекунад (**талаботро қонеъ намекунад); **ноадолатона** (ноодилона, ё беадолатона); **дар маъраз гузоштанд (**ба намоиш гузоштанд); **дар мадди аввал** (дар навбати (радифи) аввал); **ҳасудхур** (ҳасадхур, ё ҳасуд); **ғайриимкон** (ғайримумкин, номумкин); **маҳсуб**

**меёбад** (маҳсуб мешавад, ё ҳисоб меёбад); **муҳиммият** (аҳаммият); **боиси тазаккур, боиси ёдоварӣ** (қобили тазаккур, қобили ёдоварӣ, ё лозим ба ёдоварӣ); **фаъолият бурдан, кор бурдан** (фаъолият кардан, кор кардан); **ин гурӯҳ <u>ҳомили</u>…буд** (ин гурӯҳ ҳовии…буд, ё ин гурӯҳ иборат буд аз…); **тадрис гирифтан** (дарс гирифтан, тадрис кардан); **ин нуқтаро дар ёд бояд дошт** (ин нуктаро дар ёд бояд дошт: нукта-маъно, нуқта-аломати китобат); **таваҷҷӯҳ додан** (таваҷҷӯҳ кардан, ё таваҷҷӯҳ ихтисос додан), **ҳараҷу мараҷ ё харҷу марҷ** (ҳарҷу марҷ), **хатчадор** (хадшадор ё халалпазир, осебпазир), **хазина** (ба маънои хароҷот: ҳазина), **ҳаддалимкон** (ҳатталимкон, ё ба ҳадди имкон, ба қадри имкон), **хатоӣ, хатогӣ** (хато), **ризоият** (ризоят), **амалиёти ҷарроҳӣ** (амали ҷарроҳӣ), **шахсияти юридикӣ** (шахси ҳуқуқӣ), **шахсияти физикӣ** (шахси ҳақиқӣ) ва ғайра. Ҳатто гоҳе мушоҳида мешавад, ки ибора ва калимаҳои таоруфотии хосеро, ки маъмулан дар мавриди шахси дуюм ё сеюм ба кор бурда мешавад, (аз қабили лутфан, ё ташриф бурдан, овардан) гӯянда ё нависанда дар мавриди шахси худ ба кор мебарад. Масалан, **«ман лутфан хоҳиш мекунам»,** ё **«ман ташриф овардам»**, ки хандаовар аст. Монанди он аст, ки гуфта шавад: «Ман хуш омадам». Ё ин ки менависанд: **«Дар натиҷаи ин таҳрир ҳусну қубҳи китоб беҳтар шуд»**. Маълум аст, ки нависанда маънои «қубҳ» (қабоҳат, нақс, камбуд)-ро надониста, онро ба кор бурдааст ва фикр кардааст, ки он синоними (ҳаммаънои) «ҳусн» аст. Мисолҳое, ки оварда шуд, намунаи ночизе аз он иштибоҳоте ҳаст, ки дар матбуоти мо ҳамеша рух менамояд ва агар ин иштибоҳот як бору ду бор ба назар мерасид, онро қобили таъкид намедонистем.

Лозим ба ёдварист, ки барномаи омӯзиши матни классикӣ ва забони арабӣ, ки ахиран аз сӯи Вазорати маорифи кишвар барои мактабҳои миёна дар назар гирифта шудааст, дар сурати истиқболи шоиста ва ҳамкориҳои муваффақиятомез ин мушкилотро аз байн хоҳад бурд, вале дар айни ҳол ончи дар ҳадди тавони ҳар яки мост ва барои ба ҷой овардани эҳтироми забони модариамон, барои рио-

яи амалии Қонуни забон, дар ниҳоят барои эҳтироми хонандаи навиштаҳоямон воҷиб аст, аз ҷумла ин аст, ки:

– Дар навиштор ва гуфтор аз он калимаҳо ва ибораҳое истифода бикунем, ки худ аз тарзи талаффуз, навишт ва маънои онҳо огоҳии комил дорем.

– Дар тарҷумаи калимаҳо ва ибораҳои тозавориди хориҷӣ аз калимаҳои решагӣ ва ҳамафаҳми тоҷикӣ (форсӣ) истифода намоем.

– Дар мавриди иқтибос аз китобҳо ва матбуоти ҳамзабонон калимаҳо ва муродифҳоеро интихоб бикунем, ки дорои решаҳои тоҷикӣ ё арабии ҳазмшуда буда, агарчи таркиби нав доранд, решаи онҳо барои мо маълум аст. Масалан, вақте ки мо калимаҳое чун «донишгоҳ», ё «ҳавопаймо», ё «дандонпизишкӣ»-ро интихоб мекунем, ҳеч мушкиле пеш намеояд. Ин кор танҳо ба суди забони мост.

Масъалаи дигар масъалаи истилоҳот аст, ки мушкили мо дар ин замина ноҳамхонии истилоҳот мебошад. Яъне як маънои истилоҳӣ дар таълифоти мо ба чанд сурати навишторӣ меояд. Ҳол он ки муҳимтарин вижагии истилоҳот яксурат ва якмаъно будани он мебошад ва ин мавзӯъ бояд мавриди гуфтугӯи алоҳида қарор дода шавад.

*Декабри 2009*

## ҒАЛАТ НАНАВИСЕМ (2)

### **Қимати – қиматӣ**

Дар ибтидои мақолаи қаблӣ зери ҳамин унвон («Адабиёт ва санъат», 17 декабри 2009) кӯшиш шуд, то қабл аз ҳама таваҷҷӯҳ ба иштибоҳоте ҷалб гардад, ки мо дар навиштаҳои таблиғӣ ва тарғибии худ нисбат ба зарурати омӯзиш ва бузургдошти забони модарӣ содир мекунем, зеро дар чунин мавридҳо роҳ додан ба иштибоҳ чанд баробар бадтар ва номақбултар аз мавридҳои дигар аст. Бинобар ин зарур аст, ки катибаҳо, лавҳаҳо ва ҳама анвоъи дигари навиштаҳо дар ин мавзӯъ ба ҷиддияти тамом зери назорат қарор бигирад.

Ин бор низ аз ҳамин қабил як байти машҳури Ҳаким Носири Хусрав, ки мазмунан фармудаи ҳазрати Исо (а) буда, дар бузургдошти забони модарии мо ва ба нишони ситез нисбат ба мухолифон ва мункирони фарҳанги тоҷик гуфта шудааст, барои мулоҳиза пешкаш мегардад. Лавҳҳои ороста бо ин байти машҳур дар пештоқ ва сардари бисёре аз марказҳои фарҳангиву омӯзишӣ насб гардида ва аксаран бо чунин сурат навишта шудааст:

*Ман онам, ки дар пои хукон нарезам,*
*Мар ин <u>қимати</u> дурри лафзи дариро.*

Пайдост, ки аз назари наҳвӣ дар ин навишта ду ғалат роҳ ёфтааст. Аввалан, вергули охири мисраи аввал бемаврид аст, зеро идомаи ҷумла онро тақозо намекунад, магар ин ки ҳиссачаи таърихии «мар»-ро, ки маънои мустақиле надорад, аз ду тараф ба вергул ҷудо кунем, ки зарурате барои ин кор ҳам нест, зеро он дигар ҷузъи ҷонишини «ин» шудааст. Пас, барои маълум кардани шакли саҳеҳи байт таркиби наҳвии онро чун як ҷумла баррасӣ мекунем. «Ман касе ҳастам, ки дар пои хукон нарезам. Чиро? Қимати дури лафзи дариро». Дар ин сурат мебинем, ки бахши «мар ин» бемаврид мешавад, зеро ин ишораҷонишин аслан дар мавриди исмҳои му-

шаххаси моддӣ ва ё ташхисшуда (дар шеър ва каломи бадеъ) метавонад ба кор равад. Агарчи таъбири «рехтани қимат» дар шеър комилан бемаъно ва ноҷоиз нест, вале чунон ки маълум аст, таъбири дар пои касе симу зар ё дурру гуҳар рехтан машҳур мебошад. Зимни ин мулоҳизаҳо, ки вуҷуди калимаи «қимати»-ро зери суол мебарад, ба ёд мерасад, ки дар забони зиндаи гуфтории тоҷикӣ калимаи «қиматӣ» зиёд истифода мешавад. Масалан, мегӯянд «фалонӣ одами бисёр қиматӣ аст». Яъне арзишманд, боарзиш. Дар забони адабиёти қадими форсии тоҷикӣ низ ин калима маъмул аст:

*Хазонаи сухан аст аз қиёс синаи ман,*
*Ки андар ӯ гуҳари қиматӣ фаровон аст.*

Амир Муиззӣ

*Ассалом, эй қиматитар гавҳари дарёи ҷуд,*
*Ассалом, эй тозатар гулбарги саҳрои вуҷуд.*

Мавлоно Ҷомӣ

Ҳамчунин рубоии машҳури Умари Хаём бо мисраи охирини «Бас гавҳари қиматӣ, ки дар синаи туст» аксаран ба шакли ғалати «гавҳари қимате» навишта мешавад. Гузашта аз ин, дар нусхаҳои форсии осори Носири Хусрав дар ин байт ҳамеша калимаи «қиматӣ» бо ё-и форсӣ дар охир омада, ки ин баҳсро хулоса мекунад.

Ба ин қиёс, бо таваҷҷӯҳ ба забони зинда, забони адабиёти классикӣ ва форсии имрӯзи Эрону Афғонистон беҳтар аст дар мавриди «сангҳои қиматбаҳо» ибораи «сангҳои қиматӣ»-ро ба кор барем ва дар ин ҳол «полудрагоценные камни»-ро ҳам метавонем бомувафаққият «сангҳои нимақиматӣ» тарҷума кунем. Ҳамчунин «коғазҳои қиматӣ», «ашёи қиматӣ» ва ғ. бинависем. Агарчи «қиматбаҳо» дар асл ғалат аст, зеро калимаҳои «қимат» ва «баҳо» як маъно доранд, вале бар асари такрор роиҷ ва пазируфта шудааст. Дар ин маврид ҳам саҳеҳтар аст аз калимаҳои **гаронбаҳо, пурбаҳо, гаронқимат** ва **пурқимат** ва ҳамчунин **қиматӣ** истифода шавад.

Дар ниҳоят, шакли саҳеҳи байти ёдшудаи Носири Хусрав чунин аст:

***Ман онам, ки дар пои хукон нарезам***
***Мар ин қиматӣ дурри лафзи дариро.***

Аз он ки сифат пеш аз мавсуф (яъне «қиматӣ» пеш аз «дурр») омадааст, ҷои тааҷҷуб нест. Чунин тартиби сифату мавсуф дар забони мо, бахусус забони шеър роиҷ буда, таъкид ва таъсири бештареро нисбат ба тартиби баракс, яъне аввал мавсуфу баъд сифат, доро мебошад.

**Эъҷоз – эҷоз; мӯъҷаз – мӯҷаз**

Инҳо ду калимаи гуногунмаъно аст, ки аксаран ба якдигар иштибоҳ мешаванд ва ғолибан ба ҷои «мӯҷаз» мӯъҷаз менависем. Мӯҷаз баргирифта аз «эҷоз» ё «иҷоз» аст, ки дар мавриди баёни мухтасар, вале пурмаъно гуфта мешавад. Мӯъҷаз аз «эъҷоз» буда, бо калимаи «мӯъҷиза» ҳамреша мебошад. Бинобар ин, вақте ки дар бораи шахсе навишта мешавад, ки «каломи ӯ мӯъҷаз аст», бояд дар назар дошт, ки воқеан ё маҷозан ба ӯ мӯъҷиза нисбат дода мешавад. Баъзан эҷозро дар шумори саноеъи шеърӣ ҳам ёд кардаанд. Ин назар ҳам ба фарз гуфта мешавад, дар асл «мӯъҷаз» гуфта намешавад, балки ҳар ҷо дар форсиву арабӣ ҳафҳои миму ъайну ҷиму зе дар паҳлуи ҳам қарор гиранд, онро мӯъҷиз мехонанд, ки бо калимаи «мӯъҷиза» ҳаммаъност. Аммо «мӯҷаз» бидуни ъайн ва бо вов навишта мешавад. Ду калимаи зерини дигар ба ҳамин тақриб бо якдигар иштибоҳ мешаванд, ки ҳамчунин аз роҳ ёфтани ғалат дар навишти онҳост:

**Эҷоб – мӯҷиб; эъҷоб – мӯъҷиб**

Ин калима, ки дар навишти форсӣ бо алифу ё дар аввал навишта мешавад, тақрибан маънои зарурат ва ҳатмият бахшиданро дорад ва бо калимаи ошнотари «воҷиб» ҳамреша аст ва «мӯҷиб» аз ҳамин реша буда, фоили эҷоб, яъне исм ё сифати феълиест, ки эҷобро ба вуҷуд меорад.

Мисоли истифодаи саҳеҳ аз «эҷоб»: «Ин таъкид эҷоб мекунад, ки ба сухани ӯ гӯш бидиҳем». «Ин кор мӯҷиби (боиси) ташвиши зиёд гардид». Шоир Возеҳ калимаи таркибии «қабулэҷоб»-ро ба кор бурдааст, ки маънои мустаҳиқ ва воҷиби қабулро дорад:

*Чу соат бо саодат ҷуфт гардид,*
*Ба иқболи қабулэҷоб кӯшид.*

Аммо зиёд воқеъ мешавад, ки маънои ёдшударо манзур дошта, аммо калимаро ба сурати «эъҷоб» ва «мӯъҷиб» менависем, дар ҳоле, ки калимаи дигар бо маънои дигар ба миён меояд. «Эъҷоб» аз ъаҷаб (таъаҷҷуб) ва ъуҷб (такаббур) аст ва «мӯъҷиб» (дар асл «мӯъҷаб») низ аз ин реша сохта шуда, маънои мутакаббирро дорад. Ин калима бо ъайн ва «мӯҷиб» бо вов аст.

*Ало, эй абри наврӯзӣ, агар ошиқ наӣ бар кас,*
*Макун бе мӯҷибе гиря, ки гулро ханда меояд.*

(Амир Хусрав)

Эъҷоб ба ғайр аз ҷамъи аҷаб (аҷоибот) ва шигифтӣ ва такаббур, маънои хуш омадан ва тафохур карданро ҳам дорад, ки Фаррухии Систонӣ ба устодии эъҷобангез ҳамаи ин маъниҳоро дар як байт ҷой додааст:

*Зи лола боғ пур аз шамъи барфурӯхта буд,*
*Намуд боғ бад-он шамъҳои худ эъҷоб.*

Ҳамчунин дар бисёр мавридҳо калимаи «мӯбад» (рӯҳонии зардуштӣ)-ро ба сурати «мӯъбад» менависанд, ки ғалат аст.

**Гумоштан, гуморидан – гумон кардан**

Маънои гумоштан ва гуморидан касеро ба коре, маъмурияте мансуб кардан аст ва калимаи «гумошта» (агент, маъмур) аз ин ҷост. Баъзан ба пиндори он, ки «гумоштан»

шакли классикӣ ва адабитари «гумон кардан» аст, дар навиштаҳо ба ин маъно ба кор рафтааст. Масалан, «Ӯ чунин гуморид, ки...» ё «Ӯ чунин гумошт ки...». Эҳтимол меравад, мулоҳизаи таркиби «пиндоштан» ва «пиндор» низ ба ин иштибоҳ сабаб шуда бошад.

### Ангор, ангора – нигор, нигора

Дар баъзе навиштаҳо дар миёни ин калимаҳо низ иштибоҳ роҳ меёбад. Агарчи ин калимаҳо зоҳиран бе муносибати маъноӣ ба якдигар нестанд, вале маъноҳои гуногун доранд. Ангор, ба ҷои исми маънӣ, тасаввур, пиндор, фарз ва ба ҷои феъли амр «тасаввур бикун», «фарз бикун» аст:

*Ангор, ки ҳар чӣ ҳаст дар олам, нест,*
*Пиндор, ки ҳар чӣ нест дар олам, ҳаст.*

Абӯсаъиди Абулхайр

Ва аммо «ангора», ки аз решаи «ангор» омадааст, тарҳи хомакӣ, пешнавис (эскиз), нақши нотамомро ифода мекунад, ки баъзан ба иштибоҳ онро ба ҷои нигор (нақш) ва нигора истифода менамоянд. Масалан, «Деворҳои ин бинои қадимӣ бо ангораҳои зебо ороиш ёфтааст», ки албатта манзури нависандаи ин матлаб тарҳи хомакӣ ва эскиз не, балки деворнигораҳои таърихӣ мебошад.

### Ҳар ойина – ҳаройина

Замоне ин иштибоҳ ба назар расид, ки дар матни тарҷумаи як асари классикӣ тақрибан дар ҳар як саҳифа ибораи «каждое зеркало» мушоҳида шуд, дар ҳоле ки бо маънои матн ҳеч таносуби маълуме надошт. Вақте ба матни асл (дар ҳуруфи кирилӣ) муроҷиат шуд, тахмини мо дуруст баромад. Мутарҷим ҳар ҷое ки ибораи «ҳар ойина»-ро дидааст, онро «каждое зеркало» тарҷума кардааст ва дар ин маврид ба ӯ хурда гирифтан ҳам чандон аз рӯйи инсоф нест, зеро ин ибора ба таври мошинӣ чунон тарҷума ҳам мешавад. Аммо дар асл ин калимаи **«ҳаройина»**, яъне «ба ҳар ойин» аст, ки аз назари таркиб бо калимаҳои

«ҳархела», «ҳарранга» монанд буда анҷомаи «а» эҷоб мекунад, ки пешванди «ҳар» бо решаи калима пайваст навишта ва хонда шавад.

*Кунад ҳаройина ғайбат ҳасуди кӯтаҳдаст,*
*Ки дар муқобала гунгаш бувад забони мақол.*

Саъдӣ

Чи хуб аст, аз ин калимаи зебо ва пурмаъно, ки муродифи муносибе дар корбурди имрӯзии мо надорад, ҳарчи бештар истифода шавад, то он саросар роиҷ ва мафҳум гардад.

**Ҳанӯзам – ҳанӯз ҳам**

Сабаби ривоҷи иштибоҳи мазкур, яъне «ҳанӯзам» ба маънои «ҳанӯз ҳам» зоҳиран бардошти носаҳеҳ аз мавридҳоест, ки нависандаи пешин замири шахси аввалро бо калимаи «ҳанӯз» пайваста, ба ҷои «ҳанӯз маро» «ҳанӯзам» навиштааст. Ин навъ ҷойгузинии озоди замирҳо (-ам, – ат, – аш) дар забони адабиёти классикии мо хеле роиҷ аст, вале дар забони имрӯзи мо ин имкон хеле маҳдуд гардида, замир танҳо дар як ҷо ё ду ҷои муайяни ҷумла ба кор бурда мешаваду бас. Масалан, агар вазнро эътибор накунем, тибқи қоидаи забони адабиёти классикӣ замири шахси аввалро дар мисраи дувуми ин байти Аттор, ки мурочиат ба маъбуд аст, метавон дар чанд калима гузошт:

Бигдохта чун барфи тамӯзам аз ту,

Сад гуна ҳиҷоб аст ҳанӯзам аз ту. (Садам гуна ҳиҷоб аст ҳанӯз аз ту; сад гунаам ҳиҷоб аст ҳанӯз аз ту; сад гуна ҳиҷоб астам ҳанӯз аз ту; сад гуна ҳиҷоб аст ҳанӯз азам ту; сад гуна ҳиҷоб аст ҳанӯз аз туам) ва танҳо вазн (ҳамчунин ин ҷо қофия) аст, ки эҷоб карда замир (бандакҷонишин) бо калимаи ҳанӯз пайваст шавад ва агар вазн мехост он метавонист бо ҳар калимаи дигаре аз ин мисраъ, тавре ки нишон дода шуд, бипайвандад. Зимнан, эҳёи дубораи ин имкони наҳвӣ аз роҳи истифодаи ҳар чӣ бештар ба ғанои забони мо, бавижа дар назм бисёр ёрӣ хоҳад кард.

Аммо истифодаи «ҳанӯзам» ба маънои «ҳанӯз ҳам», ки ҳатто дар сарлавҳаҳои як нашрияи мӯътабари электронӣ мушоҳида шуд, ба ҳеч ваҷҳ аз назари наҳвӣ дуруст нест. Балки эҳтимол меравад, худи «ҳанӯз» аслан «нӯз» буда, (Нашуд пасту бар ҷои хеш аст нӯз. Фирдавсӣ) «ҳа»-и аввал, ҳамон кӯтоҳшудаи «ҳам» аст, яъне «ҳамнӯз». Он гуна, ки дар «ҳамэдун» ба ҳамин маъно боқӣ мондааст, чун баъди мим садоноки «э» омада, талаффузашро осон сохтааст. Ҳамчунин, қобили ёдоварист, ки баъзан форсизабонон ба тақлиди забони омиёна ва гуфтории маҳалли худ «ҳанӯзам»-ро ба маънои «ҳанӯз ҳам» ба кор бурдаанд, ки мутобиқ ба меъёр нест.

**Шураф – мушриф; шараф – мушарраф**

Дар мақолае дар хусуси зиндагӣ ва осори адиб ва донишманди маъруфи қарни 18, ки наздик ба 90 сол умр дидааст, омадааст: «Ӯ дар айёми тифлӣ ба далели бемории шадид мушарраф ба мавт шуд». Дар ҷои дигар омадааст, «Китобхонаи ӯ мушарраф ба боғча буд». Маълум аст, ки мантиқ халал ёфтааст, агарчи бузургони гузашта аз рӯи эътиқод ва имон метавонистанд, «мушарраф ба мавт» бинависанд, вале дар ин ҳол аз идомаи зиндагии мавсуф ҳоҷати сухан гуфтан боқӣ намемонд.

Аз қиёси ҷумлаи дувумӣ метавон ҳадс зад, ки ин ҷо «мушарраф» дар асл калимаи дигаре ба маънои «наздик» аст, ки дар навишти форсӣ бо мушарраф сурати ягона дорад. Ин калимаи «мушриф» аст, ки аз решаи «шураф» баргирифта шудааст ва мутаассифона ин калима ҳам дар матнҳои таҳияшуда бисёр вақт ба сурати «шараф» навишта шуда, аз таносуби маъноӣ бо боқии матн хориҷ мегардад.

Дар чунин мавридҳо масъала вобаста ба таваҷҷӯҳ нисбат ба таносуби маъноии матн аст, ки агар андаке диққат ба харҷ дода шавад, метавон аз иштибоҳ эмин монд.

**Рӯзгор – рӯзғор**

Албатта, маълум аст, ки ин як иштибоҳи омиёна буда, қобили тарҳ барои хонандаи огоҳ нест. Аммо бо вуҷуди ин

дар навиштаҷоте, ки дар мавзеъҳо ва маҳалҳои гуногун мушоҳида гардид, дар ҳама ҷо ин калима ба шакли ғалати «рӯзғор» навишта шудааст. Ҳатто барои он ривояте ҳам сохтаанд, ки гӯё чун зиндагӣ ҳама чизро мисли ғор фурӯ мебарад, онро «рӯзғор» номидаанд. Ин як танз аст, ки ҷои воқеиятро гирифтааст ва сурати як калимаи асили тоҷикиро тағйир додааст, вале ба ҳеч рӯй қобили пазириш нест.

Мулоҳизаи ончи ёдварӣ гардид ва боз намунаҳои зиёде, ки зери даст ҳаст, бештар ба ин натиҷа мерасонад, ки масъалаи аслӣ омӯзиши ҳар чӣ амиқтари матни классикӣ ва алифбои ниёгон мебошад. Агарчи ба хотири парҳез аз исрору илҳоҳи зиёд дар ин мавзӯъ мехоҳем, ки дигарбора бар зарурати ин кор таъкид нашавад, вале боз ҳам ба ночор мебинем, ки ҳанӯз ин масъала домангири забони мост. Шояд ҳалли ин масъала он гоҳ муяссар шавад, ки ҳар касе, бахусус мутахассисон, ин корро вазифаи хусусӣ ва воҷиби худ бидонанд.

*Сентябри 2010*

# МУНДАРИҶА

Пешгуфтор ........ 3
Нест коре беҳтар аз кори сухан ........ 7
Адабиёт ва масоили миллӣ ........ 9
Мавзӯъи май дар адабиёти тоҷик ........ 33
Низоми сухан ва низоми андеша ........ 63
Аз санг ойина созем ........ 74
Фарҳанги миллӣ ва рисолати рӯшанфикрӣ ........ 84
Ваҳдати фарҳангиён: зарурат ва имконият ........ 97
Бузургдошти Имоми Аъзам (р) ва аҳаммияти он ........ 106
Варо бузургиву неъмат зи Оли Сомон буд ........ 111
Нишонаҳое аз «сабки ҳиндӣ» дар шеъри Ҳофиз ........ 119
Лоҳутӣ ва Иқбол ........ 128
Пайрав Сулаймонӣ – шоири нававар ........ 133
Арзиши бадеии осори Мирзо Турсунзода. ........ 139
Боқӣ Раҳимзода – шоири суннатгаро ва нававар ........ 148
Фидоии маориф ва адабиёт ........ 157
Ҳамосаи ирфонӣ ........ 163
Ватандорӣ ва забони модарӣ ........ 174
Бедории виҷдони замон ........ 185
Бозгӯӣ аз достони «Манкурт» ........ 193
Ғалат нанависем ........ 208

**РУСТАМИ ВАҲҲОБ**

**АДАБИЁТ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ**


Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *М. Саидова*

Ба матбаа 04.05.2012 супорида шуд.
Чопаш 07.05.2012 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 14,0.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а